**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**Факултети ҳуқуқшиносӣ**
**Кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат**

**Ба истиқболи ҷашни 65-солагии таъсисёбии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида мешавад.**

# ТАФСИРИ ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ҲИМОЯИ ҲУҚУҚИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОН»

**Душанбе-2013**

**УДК: 347.121.2:366.5(470+571)(094.5.072)**
**ББК: 67.404(тоҷикӣ)**
**С-18**

**Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»/** Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сангинов Д.Ш. Душанбе: "Эр-граф", 2013. – 200с.

**Муҳаррири масъул:**
мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сангинов Д.Ш.

**Ҳайати муаллифон:**
Бобокалонов Ғ.М. н.и.ҳ., дотсент – моддаҳои 37-39.
Боев М.Ф. муаллими калон – моддаҳои 40-42.
Кабутов Э.Д. ассистент – моддаҳои 17, 21,22, 25, 29.
Мавлоназаров О.А. ассистент – моддаҳои 18,19,20,23,24.
Мирзоев П.З. н.и.ҳ. – моддаи 5-9.
Мирбобоева Р.В. н.и.ҳ. - моддаҳои 10, 11,13,14, 16.
Нодиров Ф.М. н.и.ҳ., дотсент – моддаҳои 26, 27, 28, 30, 31.
Ризоева С.К. ассистент – моддаҳои 12,15, 43, 44, 45.
Сангинов Д.Ш. н.и.ҳ., дотсент – моддаҳои 31-36.
Шонасридинов Н. н.и.ҳ., дотсент – моддаҳои 1-4.

**Муқаррризон:**
Ғаюров Ш.К. д.и.ҳ., профессор.
Раҷабов М.Н. н.и.ҳ., дотсент.
Ғафуров А.Д. н.и.ҳ., дотсент.

Бо қарори Шӯрои илмию методии ДМТ барои чоп тавсия шудааст

©Ҳайати муаллифон, соли 2013

# САРСУХАН

Дар ҳаёти ҳаррӯза ҳамаи мо доимо ба ҳайси истеъмолкунанда баромад мекунем, яъне мол ва маҳсулоти хӯроквории заруриро харидорӣ мекунем, ба ташкилотҳои хӯроки умум ташриф меорем, дар нақлиёт сафар мекунем, аз хизматрасонии коммуналӣ ва тиббӣ истифода мебарем ва ғайра. Дар баробари ин ҳолатҳое ҷой доранд, ки ҳуқуқи мо поймол карда мешавад ва ҳеҷ кас аз ин ҳолат суғурта карда нашудааст. Барои он ки худро ҳангоми амали намудани ҳуқуқҳоямон ҳимоя намоем, бояд ҳуқуқҳои худро донем.

Дар баробари ин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 апрели соли 2012 такид намуданд, ки «… хотирнишон месозам, ки бозори дохилӣ барои пешбурди соҳибкорӣ ва сармоягузории мустақим бояд ҷалбкунанда бошад ва дар он истеҳсолкунанда ва истеъмолкунандаи молу маҳсулот озодона фаъолият намуда, ба ҳар гуна монеаҳои сунъиву бюрократӣ ва фишори назорату тафтишоти маъмурӣ дучор нагарданд».

Аз лаҳзаи мавриди амал қарор гирифтани Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» (9 декабри соли 2004, №72 Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2004, №12, қ-1, мод. 699) нуҳ сол гузаштааст. Дар ин мӯҳлат судҳо ва мақомоти махсуси давлатии ваколатдори ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкуннадон таҷрибаи ғанӣ ба даст оварданд. Ин шаҳодати он аст, ки муқаррароти асосии Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» таъминкунандаи ҳимоя ва амалишавии ҳуқуқҳои заминавии истеъмолкунанда мебошанд: ҳуқуқ ба маърифатнокӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон; ҳуқуқ ба маълумот доир ба мол (кор, хизматрасонӣ) ва ҳамчунин доир ба истеҳсолкунандагони (иҷрокунандагони, фурӯшандагони) он; ҳуқуқ ба бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ); ҳуқуқ ба интихоби озоди мол (кор, хизматрасонӣ); ҳуқуқ ба сифати муносиби мол (кор, хизматрасонӣ); ҳуқуқ ба ҷуброни пурраи зараре (зиёне), ки бинобар нуқсони мол (кор, хизматрасонӣ) расидааст; ҳуқуқ ба ҳимояи ҳуқуқҳои худ; ҳуқуқ ба таъсис додани иттиҳодияҳои ҷамъиятии истеъмолкунандагон; ҳуқуқ ба пешниҳод кардани таклифу дархостҳо оид ба беҳтар кардани

сифати мол (кор, хизматрасонӣ) ба истеҳсолкунанда (фурӯшанда) ва ғайра.

Барои устувор намудан ва дар амал тадбиқ гардидани меъёрҳои Қонуни мазкур дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 июни соли 2005, №209 «Дар бораи чорабиниҳо оид ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон"» номгӯй ва қоидаҳои зерин тасдиқ карда шудааст: номгӯи намудҳои алоҳидаи мол (кор, хизматрасонӣ)ва тарзи расонидани маълумот ба истеъмолкунанда (замимаи 1); номгӯи молҳои аз нигоҳи техникӣ мураккабе, ки ҳангоми дар ин молҳо ошкор шудани камбудиҳои назаррас талаби истеъмолкунанда дар бораи иваз намудани онҳо бояд қонеъ гардонида шавад (замимаи 2); номгӯи молҳои истифодаашон дарозмӯҳлат, ки ба онҳо талаботи харидор дар бораи ба шакли бебозгашт ба ӯ пешниҳод намудани моли ба ҳамон монанд дар давраи таъмир ё ивазкунӣ дахл надорад (замимаи 3); номгӯи молҳои ғайрихӯрокворӣи хушсифате, ки ба моли ба ҳамон монанди дорои андоза, шакл, ҳаҷм, намуд, ороиш ва бастааш дигар иваз ё баргардонида намешавад (замимаи 4); номгӯи молҳое, ки дар маълумотномаи он норавоии истифодаи онҳо ҳангоми намудҳои алоҳидаи беморӣ зикр шуда бошанд (замимаи 5); қоидаҳои пешниҳоди хизматрасониҳо оид ба партовҳои дурушт ва моеи маишӣ (замимаи 6); қоидаҳои пешниҳод намудани хизматрасонии меҳмонхонаҳо (замимаи 7); қоидаҳои хизматрасониҳои хӯроки умумӣ (замимаи 8); қоидаҳои хизматрасониҳои коммуналӣ (замимаи 9); қоидаҳои хизматрасонии маишии аҳолӣ (замимаи 10).

Бо Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» муносибатҳои муҳим ва принсипиалии байни истеҳсолкунанда, фурӯшанда, иҷрокунанда, ташкилоти аз ҷониби истеҳсолкунанда ваколатдор ва ё соҳибкори инфиродӣ аз як тараф ва шаҳрванд-истеъмолкунанда аз тарафи дигар танзим карда мешавад. Мақсади асосии қонунгузорӣ дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон устувор намудани механизми таъминкунандаи ҳуқуқи шаҳрвандон дар бозори истеъмолӣ аст.

Тафсири мазкур ҳуқуқ ва уҳдадории истеъмолкунандаро доир ба харидории мол (кор, хизматрасони)-и сифати матлуб барои ҳаёт ва саломатии истеъмолкунанда бехатар, гирифтани

иттилоот дар бораи мол (кор, хизматрасонӣ) ва дар бораи истеҳсолкунандагони он (иҷрокунандагон, фурӯшандагон), ҳимояи давлатӣ ва ҷамъиятии манфиатҳои онҳо, инчунин механизми амалинамоии ин ҳуқуқҳоро шарҳ медиҳад.

Тафсир ба Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» барои шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқии дар муносибатҳо ҳангоми фурӯши мол, иҷрои кор, расонидани хизмат ширкаткунанда пешбинӣ гардида, метавонад ба ҳайси китоби рӯйимизии истеъмолкунанда дар ҳаёти ҳаррӯза хизмат кунад.

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ҲИМОЯИ ҲУҚУҚИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОН

**(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2004, №12, қ-1, мод. 699; соли 2008, №10, мод.817)**

**Маҷлиси намояндагон 17-уми ноябри соли 2004 қабул кардааст**
**Маҷлиси миллӣ 25-уми ноябри соли 2004 ҷонибдорӣ намудааст**

**Қонуни мазкур муносибатҳои байни истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон, иҷрокунандагон, фурӯшандагонро ҳангоми фурӯши мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) ба танзим даровარда, ҳуқуқи истеъмолкунандагонро барои харидани моли (кори, хизматрасонии) дорои сифати муносиб ва барои ҳаёту саломатии истеъмолкунандагон бехатар, гирифтани маълумот оид ба мол (кор, хизматрасонӣ) ва истеҳсолкунандагони (иҷрокунандагони, фурӯшандагони) он, ҳимояи давлатӣ ва ҷамъиятии манфиати онҳоро муқаррар ва тарзи татбиқи ин ҳуқуқҳоро муайян мекунад.**

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ

**Мафҳумҳои асосие, ки дар Қонуни мазкур истифода мешаванд:**

**истеъмолкунанда – шахсӣ воқеӣ ё ҳуқуқие, ки ният дорад мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) – ро фармоиш диҳад ё харидорӣ намояд, ё худ онҳоро танҳо барои эҳтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ, рӯзгор ва ғайра, ки бо анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошанд, истифода намояд;**

**истеҳсолкунанда – ташкилоте, ки новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқии он, инчунин соҳибкори инфиродие, ки молро ҷиҳати фурӯш барои истеъмолкунандагон истеҳсол мекунанд;**

**иҷрокунанда – ташкилоте, ки новобаста аз шакли моликият, инчунин соҳибкори инфиродие, ки корро барои истеъмолкунандагон тибқи шартномаи бемузд ё музднок иҷро мекунанд ё хизмати онҳоро ба ҷо меоваранд;**

**фурӯшанда - ташкилоте, ки новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқии он, инчунин соҳибкори инфиродие, ки молро тибқи шартномаи хариду фурӯш ба истеъмолкунанда мефурӯшанд;**

**чеки мол –талони хазинадорӣ бо суроғаи фурӯшанда ва сабти маблағ, ки ба мол, истеҳсол, нигоҳдорӣ ва хариду фурӯши он мансуб мебошад;**

**чеки хазинадорӣ – талони дар мошини назоратии хазина чопшуда бо зикри маблағи гирифташуда, санаи фурӯш, номи ташкилоте (соҳибкори инфиродие), ки молро барои фурӯш истеҳсол мекунад;**

**стандарт – стандарти давлатӣ, меъёру қоидаҳои санитарӣ, бинокорӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки тибқи қонун талаботи ҳатмиро ба сифати мол (кор, хизматрасонӣ) муқаррар менамояд;**

**сифати мол (кор, хизматрасонӣ) - маҷмӯи хусусиятҳои моле (коре, хизматрасоние), ки ба талаботи муқарраргардида ва ё эҳтимолии истеъмолкунанда (бехатарӣ, коршоямӣ, хусусиятҳои истифода, боэътимодӣ, камхарҷӣ, талаботи иттилоотии завқӣ ва ғайра) - ро қонеъ гардонидани он нисбат дорад;**

**муҳлати кафолат – муҳлати тақвимӣ (ба ҳисоби моҳ) ё кор (ба ҳисоби соат, давраи хизмат, километри гашт ва ҳоказо), ки дар ин муддат мол (натиҷаи кор, хизматрасонӣ) бояд ба тамоми талаботи сифате ҷавобгӯ бошад, ки бо тартиби муқарраргардидаи қонунгузорӣ муайян карда шудааст;**

**муҳлати коршоямӣ – даврае, ки баъди гузаштани он мол (натиҷаи кор) барои истифода кардан аз рӯи таъиноташ корношоям дониста мешавад;**

**муҳлати хизмат – даврае, ки дар ҷараёни он истеҳсолкунанда ӯҳдадор мешавад ба истеъмолкунанда имконияти аз рӯи таъинот истифода бурдани мол (натиҷаи кор)-ро муҳайё намояд ва бехатарии мол (иҷрои кор)-ро барои ҳаёт ва саломатии истеъмолкунанда ва ҳамчунин барои муҳити зист кафолат медиҳад;**

**муҳлати нигоҳдорӣ – даврае, ки дар рафти он мол (натиҷаи кор, ё хизматрасонӣ), дар сурати риоя шудани шартҳои муқарраргардидаи нигоҳдорӣ, хусусиятҳои дар ҳуҷҷати меъёрӣ ва ё дар шартнома зикршуда, ки талаботро нисбати мол (кор, хизматрасонӣ) муқаррар кардааст, нигоҳ медорад;**

**нуқсони мол (кор, хизматрасонӣ) ё худ моли дорои сифати номатлуб – номувофиқатии мол (кор, хизматрасонӣ) ба стандарт, ба шартҳои шартнома, ё худ ба талаботи оддии сифати мол (кор, хизматрасонӣ);**

**нуқсони ҷиддии мол (кор, хизматрасонӣ) – нуқсоне, ки истифодаи мол (кор, хизматрасонӣ) – ро мутобиқи таъиноташ номумкин ё нораво мегардонад ё онро бартараф кардан мумкин нест ва ё баъди рафъаш боз зоҳир мешавад, ки барои бартараф кардани он маблағи калон лозим аст ё худ бар асари он истеъмолкунанда ба андозаи зиёдтар аз баҳрае маҳрум мешавад, ки ҳангоми имзои шартнома ба он умед баста буд;**

**бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) – бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) барои ҳаёт, саломатӣ, амволи истеъмолкунанда ва муҳити зист ҳангоми истифода, нигаҳдорӣ, интиқол ва нобудкунии он, инчунин бехатарии ҷараёни иҷрои кор (хизматрасонӣ) вобастагӣ дорад.**

***Тафсир.*** *Дар санадҳои қонунгузорӣ ҷой додани моддаи алоҳида дар бораи мафҳумҳои (истилоҳоти) асосӣ комилан ҷавобгӯи талаботи техникаи қонунэҷодкунӣ буда, на танҳо аҳамияти маърифатӣ, инчунин аҳамияти амалӣ дорад.*

*Моддаи тафсиршаванда ба мафҳумҳои асосие бахшида шудааст, ки дар қонун мавриди истифодаи фаровон қарор дода шудаанд. Аз ин рӯ, дарку фаҳмиши амиқ, саҳеҳ ва якмаънои мафҳумҳои асосии дар ин модда дарҷшуда, аз як тараф ба истеъмолкунанда имкон медиҳад, ки аз ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ босамар истифода ва ҳимоя намояд, аз тарафи дигар ба мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда заминаҳои заруриро ҷиҳати татбиқи боэътимоду босамари қонун, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳифзи боэътимоди ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии истеъмолкунандагон фароҳам созад.*

*Мафҳуми истеъмолкунанда аввалин мафҳуми асосиест, ки дар моддаи тафсиршаванда оварда шудааст. Тибқи ин модда ба сифати истеъмолкунанда шахсӣ воқеӣ ва ҳуқуқӣ эътироф шудааст, ки ният дорад мол (иҷрои кор, хизматрасони)-ро фармоиш диҳад ё харидорӣ намояд, ё худ онҳоро танҳо барои эҳтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ, рӯзгор ва дигар эҳтиёҷоти ба анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд набуда, истифода намояд.*

*Таърифи дар моддаи тафсиршаванда овардашудаи мафҳуми «истеъмолкунанда», ноқис буда тамоми аломатҳои тавсифкунандаи ин мафҳумро инъикос накарда, бо номбар намудани танҳо чунин аломатҳо, аз қабили «ният дорад мол (иҷрои кор, хизматрасони)-ро фармоиш диҳад» ё «харидорӣ намояд», маҳдуд мешавад.*

*Аз ин рӯ, бояд ба якчанд ҷиҳат таваҷҷӯҳ зоҳир намуд: якум, вақте сухан аз боби шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ҳамчун истеъмолкунандагон меравад, набояд шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бетабаиятро аз доираи назар берун гузошт; дуюм, набояд доираи истеъмолкунандагонро бо ном бурдани танҳо шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии нияти фармоиш додани иҷрои кор, хизматрасонӣ ё нияти харидорӣ намудани мол дошта, молро харидорӣ намуда, маҳдуд намуд; сеюм зимни ба кор бурдани мафҳуми «истеъмолкунанда» ба чунин аломатҳои аслӣ ва муҳими ин мафҳум низ таваҷҷӯҳи зарурӣ бояд намуд: «молро харидорӣ намудааст», «молро мавриди истифода қарор додааст», «аз натиҷаи кор ё хизматрасонӣ баҳравар шуда истодааст».*

*Ба андешаи мо, ба сифати истеъмолкунанда шахсонеро низ бояд эътироф намуд, ки худашон нияти фармоиши кор, хизмат ва харидории молро надоштанд, кору хизматрасониро фармоиш надодаанд, молро харидорӣ накардаанд, аммо аз иҷрои кор, хизматрасонӣ ва моли барояшон аз тарафи дигар шахс фармоиш ва харидорӣ шуда, воқеан баҳрабардорӣ ва истифода менамоянд; чорум, нияти фармоиш намудани иҷрои кор, хизматрасонӣ ва харидории мол, воқеан харидорӣ шудани мол, истифодаи мол, баҳрабардорӣ аз иҷрои кор ва хизматрасонӣ бояд мутлақо ба мақсади шахсӣ, маишӣ, оилавӣ, пешбурди рӯзгор ва ғайра мақсадҳои ба анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд набуда, нигаронида шуда бошад.*

*Яке аз масъалаҳои дар назари аввал одӣ, вале дар асл мураккаб ва баҳсталаб, масъалаи мафҳумҳои «истеҳсолкунанда», «иҷрокунанда» ва «фурӯшанда» мебошад, ки ҳамчун мафҳумҳои асосӣ дар моддаи тафсиршаванда дарҷ шудаанд.*

*Тибқи моддаи мазкур ба сифати истеҳсолкунанда, иҷрокунанда ва фурӯшанда ташкилот новобаста аз шакли ташкилӣ – ҳуқуқӣ, инчунин соҳибкори инфиродӣе, ки мутано-*

*сибан ба истеҳсоли мол ҷиҳати фурӯш, иҷрои кор ва расонидани хизмат тибқи шартномаи бемузд ё музднок, фурӯши мол тибқи шартномаи хариду фурӯш ба истеъмолкунанда машғуланд, эътироф шудаанд.*

*Ба андешаи мо, дар ин маврид низ қонунгузор бе далелу асоси кофӣ ва боэътимод, доираи шахсони воқеии ба сифати истеҳсолкунанда, иҷрокунанда ва фурӯшанда эътирофшударо бо ёдрас намудани танҳо соҳибкори инфиродӣ, маҳдуд намудааст.*

*Чунин мавқеи қонунгузор ба ин масъала боиси баҳс мебошад.*

*Бояд тазаккур дод, ки ба истеҳсол ва фурӯши молу маҳсулот на танҳо соҳибкорони инфиродӣ, инчунин дигар шахсон низ бо шартҳо ва тартиби муқаррарнамудаи қонун машғул шуда метавонанд. Масалан, шаҳрвандоне, ки хоҷагии ёрирасони шахсиро пеш мебаранд ва фаъолияти онҳо дар бобати пешбурди чунин хоҷагӣ, фаъолияти соҳибкорӣ эътироф карда намешавад (банди 2 моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» аз 8-декабри соли 2003, №47 ), ҳуқуқ доранд на танҳо ба мақсади қонеъ гардонидани талаботи худ бо озуқаворӣ ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ машғул шаванд (банди 1 моддаи 3 Қонуни мазкур), инчунин ҳуқуқ доранд маҳсулоти зиёдатӣ истеҳсолнамудаи худро ба фурӯш бароранд (банди 4 моддаи 6 Қонуни мазкур). Зиёда аз он, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ метавонанд: якум, ташкилотҳои маҳаллии хариди маҳсулот барпо намоянд, ки маҳсулоти дар хоҷагии ёрирасони шахсӣ истеҳсолгардидаи кишоварзиро ба мақсади коркард, нигоҳдорӣ ё фурӯш қабул карда гиранд (банди 2 моддаи 14 Қонун); дуюм, ба аъзоёни хоҷагии ёрирасони шахсӣ, ки бо фурӯши маҳсулоти кишоварзии истеҳсолкардаашон машғуланд, дар ташкили ҷойҳои муҷаҳҳази савдо шароит муҳайё намоянд (банди 3 моддаи 14 Қонун). Ҳамзамон кам нестанд нафароне, ки молу маҳсулоти истеҳсолнамудаи кишоварзии шаҳрвандони ба пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ машғул бударо истифода ва истеъмол менамоянд.*

*Аз ин рӯ, расман ба сифати истеҳсолкунанда ва фурӯшанда эътироф накардани чунин шахсони воқеӣ, ки расман дорои мақоми соҳибкори инфиродӣ набуда, аммо амалан ба истеҳсол*

*ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ машғуланд, истеъмолкунандагонро дар назди чунин шахсон ба субъектони бепаноҳ табдил медиҳад.*

*Бо дарназардошти чунин ҳолат ба мақсад мувофиқ мебуд, агар зимни баррасии парвандаҳо оид ба ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии истеъмолкунандагон, шаҳрвандони пешбарандаи хоҷагии ёрирасони шахсӣ, ки ба истеҳсолу фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ машғуланд, ба ташкилотҳо ва соҳибкорони инфиродии тибқи қонунгузорӣ расман ба сифати истеҳсолкунанда, иҷрокунанда ва фурӯшанда эътирофшуда баробар дониста мешуданд.*

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон**

**Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, иборат мебошад.**

***Тафсир.*** *Дар моддаи тафсиршаванда мафҳуми қонунгузорӣ ба маънои васеъ истифода шудааст. Он на танҳо Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», инчунин дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, аз ҷумла санадҳои зерқонуниро дар назар дорад.*

*На танҳо қонуни мазкур, балки тамоми дигар санадҳои зерқонунии ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон таалluқдошта, бояд мутлақо ҷавобгӯи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон бошанд ва набояд мухолифате бо он дошта бошанд. Дар сурати ҷой доштани мухолифат байни меъёру муқаррароти онҳо, меъёру муқаррароти дахлдори Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди татбиқ қарор мегиранд.*

*Бояд тазаккур дод, ки Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дорои меъёру муқаррароте мебошад, ки истеъмолкунандагон метавонанд аз онҳо баҳри ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии хеш истифода намоянд, масалан муқаррароти қ.2 моддаи 1, қ.2 моддаи 5, моддаи 14,*

*моддаи 17, қ.1 моддаи 19, моддаи 21, қ.1 моддаи 30, қ.3 моддаи 32, қ.1 моддаи 38.*

*Дар силсилаи санадҳои меъёрию ҳуқуқии бахши ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон мавқеи марказӣ ва муайянкунандаро Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9 декабри соли 2004 №72 ишғол мекунад. Қонуни мазкур аз 4 боб, ки дар худ 45 моддаро дар бар гирифтаанд, иборат аст:*

*1) Боби 1- Муқаррароти умумӣ;*

*2) Боби 2- Ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ҳангоми фурӯши мол;*

*3) Боби 3- Ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ҳангоми иҷрои кор (хизматрасонӣ);*

*4) Боби 4- Ҳифзи давлатӣ ва ҷамъиятии ҳуқуқи истеъмолкунандагон.*

*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» гарчанде мавқеи марказӣ ва муайянкунандаро дар масъалаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ишғол менамояд, бо вуҷуди он ягона қонун дар ин ҷода намебошад. Кодекси граждании Тоҷикистон аз зумраи дигар қонунҳое мебошад, ки миқдори муайяни меъёру муқаррароти он бевосита ё ғайримустақим баҳри ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон равона шудаанд, чунончи: моддаи 12(Тарзи ҳифзи ҳуқуқи гражданӣ: моддаи 15(Рӯёнидани зарар); қ.4 моддаи 24 (Фаъолияти соҳибкории шаҳрвандон); моддаи 171 (Ҷуброни зиёни маънавӣ; моддаи 355 (Мафҳуми ноустуворона); моддаи 357 (Ноустуворонаи қонунӣ); моддаи 422 (Мафҳуми вайрон кардани ӯҳдадорӣ); қ.1,2,3 моддаи 423 (Товони зиёне, ки дар натиҷаи вайрон кардани ӯҳдадорӣ расонида шудааст); моддаи 324 (Зиён ва ноустуворона) ва ғайра.*

*Дар ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ё мусоидат ба он, ба ин ё он андоза қонунҳое низ нақш доранд, ки бевосита ба қонунгузории соҳаи мазкур мансуб нестанд, чунончи:*

*1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» аз 6 августи соли 2001 №40;*

*2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» аз 1 августи соли 2003, №34;*

*3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ» аз 5 марти соли 2007, №234;*

*4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот» аз 18 июни соли 2008, №11;*

*5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ» аз 19 майи соли 2009, №522;*

*6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартонӣ» аз 29 декабри соли 2010, №668;*

*7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ» аз 1 августи соли 2012, №890;*

*8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат» аз 1 августи соли 2012, №890;*

*9. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 №574.*

*10. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 №455 ва ғайра.*

*Дар ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон нақши санадҳои зерқонунӣ назаррас аст, масалан чунин номгӯй ва қоидаҳо:*

*- Номгӯи намудҳои алоҳидаи мол (кор, хизматрасонӣ) ва тарзи расонидани маълумот ба истеъмолкунанда (замимаи 1 ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 июни соли 2005, №209 «Дар бораи чорабиниҳо оид ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»);*

*- Номгӯи молҳои аз нигоҳи техникӣ мураккабе, ки ҳангоми дар ин молҳо ошкор шудани камбудиҳои назаррас талаби истеъмолкунанда дар бораи иваз намудани онҳо бояд қонеъ гардонида шавад (замимаи 2 ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 июни соли 2005, №209 «Дар бораи чорабиниҳо оид ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»);*

*- Номгӯи молҳои истифодаашон дарозмӯҳлат, ки ба онҳо талаботи харидор дар бораи ба шакли бебозгашт ба ӯ пешниҳод намудани моли ба ҳамон монанд дар давраи таъмир ё ивазкунӣ дахл надорад (замимаи 3 ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 июни соли 2005, №209 «Дар бораи чорабиниҳо оид ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»);*

- *Номгӯи молҳои ғайрихӯрокворӣи хушсифате, ки ба моли ба ҳамон монанди дорои андоза, шакл, ҳаҷм, намуд, ороиш ва бастааш дигар иваз ё баргардонида намешавад (замимаи 4 ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 июни соли 2005, №209 «Дар бораи чорабиниҳо оид ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»);*

- *Номгӯи молҳое, ки дар маълумотномаи он норавоии истифодаи онҳо ҳангоми намудҳои алоҳидаи беморӣ зикр шуда бошанд (замимаи 5 ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 июни соли 2005, №209 «Дар бораи чорабиниҳо оид ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»);*

- *Қоидаҳои пешниҳоди хизматрасониҳо оид ба партовҳои дурушт ва моеи маишӣ (замимаи 6 ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 июни соли 2005, №209 «Дар бораи чорабиниҳо оид ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»);*

- *Қоидаҳои пешниҳод намудани хизматрасонии меҳмонхонаҳо (замимаи 7 ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 июни соли 2005, №209 «Дар бораи чорабиниҳо оид ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»);*

- *Қоидаҳои хизматрасониҳои хӯроки умум (замимаи 8 ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 июни соли 2005, №209 «Дар бораи чорабиниҳо оид ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»):*

- *Қоидаҳои хизматрасониҳои коммуналӣ (замимаи 9 ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 июни соли 2005, №209 «Дар бораи чорабиниҳо оид ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»):*

- *Қоидаҳои хизматрасонии маишии аҳолӣ (замимаи 10 ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 июни соли 2005, №209 «Дар бораи чорабиниҳо оид ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»).*

**Моддаи 3. Ҳуқуқи истеъмолкунанда**

**Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад:**

**- ба маърифатнокӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон;**

**- ба маълумот доир ба мол (кор, хизматрасонӣ) ва ҳамчунин доир ба истеҳсолкунандагони (иҷрокунандагони, фурӯшандагони) он;**

**- ба бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ);**

**- ба интихоби озоди мол (кор, хизматрасонӣ);**

**- ба сифати муносиби мол (кор, хизматрасонӣ);**

**- ба ҷуброни пурраи зараре (зиёне), ки бинобар нуқсони мол (кор, хизматрасонӣ) расидааст;**

**- ба ҳимояи ҳуқуқҳои худ;**

**- ба таъсис додани иттиҳодияҳои ҷамъиятии истеъмолкунандагон;**

**- ба пешниҳод кардани таклифу дархостҳо оид ба беҳтар кардани сифати мол (кор, хизматрасонӣ) ба истеҳсолкунанда (фурӯшанда).**

***Тафсир.*** *Бояд тазаккур намуд, ки ба ҳар яке аз ҳуқуқҳои дар моддаи мазкур пешбинӣ шудаи истеъмолкунандагон, моддаҳои алоҳида дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» бахшида шудаанд (моддаҳои 4,9,8,5,6,13-15,17,42 ва ғайра).*

*Бо дарназардошти он, ки ҳар яке аз моддаҳои ишорашудаи ба ҳуқуқҳои мушаххаси истеъмолкунанда бахшида шуда аз ҷониби дигар муаллифон тафсири худро ёфтаанд, мо тафсири моддаи мазкурро зарур надонистем.*

**Моддаи 4. Таъмини ҳуқуқи истеъмолкунанда ба маърифатнокӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунанда**

**Ҳуқуқ доштани истеъмолкунанда ба маърифатнокӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон бо роҳи ба барномаи муассисаҳои таҳсили умумӣ дохил намудани масъалаҳо оид ба асосҳои дониши истеъмолӣ (матлуботӣ) ва ҳамчунин бо роҳи ташкили системаи огоҳонии истеъмолкунанда аз ҳуқуқҳояш ва амалҳои зарурии ҳимояи ин ҳуқуқҳо таъмин карда мешавад.**

***Тафсир.*** *Ҳуқуқ ба маърифатнокӣ дар бахши ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон яке аз ҳуқуқҳои асосӣ ва марказии онҳо маҳсуб мешавад.*

*Аз сатҳи маърифатнокӣ дар бахши ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, дар ниҳояти кор сатҳи риоя шудани ҳуқуқҳои онҳо дар ин самт вобаста аст. Сатҳи нокифоя ё пасти маърифатнокӣ дар бахши ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунанда бошад, яке аз омилҳои поймол гаштани ҳуқуқҳои онҳо дар ин бахш мегардад.*

*Амалия шаҳодат медиҳад, ки маърифатнокии аксарияти истеъмолкунандагон дар бахши ҳимояи ҳуқуқҳои онҳо дар сатҳи паст қарор дорад. Аз чунин вазъ истеъмолкунандагон ва фурӯшандагони пастҳиммат ва бевиҷдон сӯистифода намуда, ошкоро ё пардапӯш ҳуқуқи истеъмолкунандагонро поймол мекунанд.*

*Дар моддаи тафсиршаванда меъёру муқаррароте ҷой дода шудаанд, ки баҳри таъмини ҳуқуқ ба маърифатнокӣ дар бахши ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон равона шудаанд.*

*Яке аз роҳу усулҳои асосӣ ва босамари маърифатноккунонӣ дар бахши ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, дар стандартҳои давлатии таълим, нақша ва барномаҳои таълимии муассисаҳои таълимӣ (макотиби таҳсилоти ҳамагонӣ, омӯзишгоҳу коллеҷҳо, макотиби олӣ) пешбинӣ намудани таълиму тадриси курсҳои дахлдор оид ба асосҳои дониши матлуботӣ маҳсуб мешавад.*

*Нақши муҳим дар баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ дар бахши ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ва амалҳои баҳри ҳифзу ҳимояи ҳуқуқҳояшон дахлдор ва заруриро воситаҳои ахбори умум (радио, телевизион, рӯзномаю маҷаллаҳо) мебозанд.*

*Дар ҷодаи маърифатнок кардани истеъмолкунандагон саҳми иттиҳодияҳои ҷамъиятии онҳоро низ бояд зикр намуд. Иттиҳодияҳои мазкур метавонанд ва муваззафанд корҳои зиёдеро баҳри баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ дар бахши ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон анҷом диҳанд (вохӯрӣ, мусоҳиба ва суҳбатҳои рӯ ба рӯ бо истеъмолкунандагон, суҳбатҳо ва мусоҳибаҳо тариқи радио ва телевизион, мизҳои мудаввар, чопи мақолаҳо, лавҳа, китобчаҳо ва дигар корҳо).*

**Моддаи 5. Ҳуқуқи истеъмолкунанда ба интихоби озоди мол (кор, хизматрасонӣ)**

**Истеъмолкунанда дар вақти барояш муносиб бо назардошти тартиботи кори фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) ба интихоби озодонаи моли (кори, хизматрасонии) хушсифат ҳуқуқ дорад.**

**Фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) вазифадор аст ба истеъмолкунанда дар интихоби озодонаи мол (кор, хизматрасонӣ) ёрӣ расонад.**

**Ба баъзе гурӯҳҳои истеъмолкунандагон дар хизматгузории тиҷоратӣ, маишӣ ва дигар намудҳои хизматгузории истеъмолкунандагон бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон имтиёз ва бартарият дода мешавад.**

**Ба муқаррар намудани бартариятҳо, маҳдудиятҳои бевосита ё худ бавосита ҳангоми интихоби мол (кор, хизматрасонӣ), ғайр аз бартарӣ ё маҳдудиятҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, роҳ дода намешавад.**

***Тафсир.*** *Дар қисми аввали моддаи тафсиршаванда оиди ҳуқуқи истеъмолкунанда ба интихоби озодонаи моли (кори, хизматрасонии) хушсифат омадааст. Оиди ҳуқуқи истеъмолкунанда ба интихоби озодонаи мол дар як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ мустаҳкам карда шудаанд. Бамонанди қонуни ҶТ «Дар бораи стандартонӣ“ аз 29 декабри 2010 сол; қонуни ҶТ « Дар бораи таъмини ченаки ягона» 15 маӣ 1997 сол; қонуни ҶТ « Дар бораи сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ» 23 апрели 2002 сол; қонуни ҶТ «Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ» 19 маӣ 2009 сол; қонуни ҶТ « Дар бораи кооператсияи матлубот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» 13 марти 1992 сол; қонуни ҶТ « Дар бораи иттилоотони) аз 6 августи 2001 сол; қонуни ҶТ « Дар бораи иттилоот» аз 10 маӣ 2002 сол; қонуни ҶТ « Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 10 апрели 2002 сол; қонуни ҶТ « Дар бораи реклама» аз 1 августи 2003 сол; қонуни ҶТ «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ» аз 5 марти 2007 сол. Инчунин як қатор қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди ҳуқуқи истеъмолкунанда ба интихоби озодонаи моли (кори, хизматрасонии)хушсифати қабул гардидаанд. Ба монанди қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи чорабиниҳо оид ба татбиқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи*

*ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» (қарор аз 02.02.2009с.№89). Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи номгӯи намудҳои алоҳидаи мол (кор, хизматрасони) ва тарзи расонидани маълумот ба истеъмолкунанда аз 6 июни соли 2005 № 209. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи номгӯи молҳои аз нигоҳи техникӣ мураккабе, ки ҳангоми дар ин молҳо ошкор шудани камбудиҳои назаррас талаби истеъмолкунанда дар бораи иваз намудани онҳо бояд қонеъ гардонида шавад аз 6 июни соли 2005,№209. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи номгӯи молҳои истифодаашон дарозмуҳлат, ки ба онҳо талаботи харидор дар бораи ба шакли бебозгашт ба ӯ пешниҳод намудани моли ба ҳамон монанд дар давраи таъмир ё ивазкунӣ дахл надорад аз 6 июни соли 2005 № 229. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи номгӯи молҳои ғайрихӯроквории хушсифате, ки ба моли ба ҳамон монанди дорои андоза, шакл, ҳаҷм, намуд, ороиш ва бастааш дигар иваз ё баргардонида намешаванд аз 02.02.2009с. №89. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи номгӯи молҳое, ки дар маълумотномаи он норавоии истифодаи онҳо ҳангоми намудҳои алоҳидаи беморӣ зикр шуда бошанд аз 6 июни соли 2005 № 209. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи номгӯи молҳо (кор, хизматрасониҳо), ки бояд ҳатман сертификатсия карда шаванд аз 18 июни соли 2012, № 310. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимояи бозори истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз воридшавии молҳои бесифат (карор аз 26.01.2008 № 47).*

*Масалан мувофиқи қонуни ҶТ « Дар бораи иттилоот» - истеъмолкунандаи (баҳрабарандаи) хизматрасонии иттилоотӣ ва захирахои иттилоот - субъекте, ки ба системаи иттилоотӣ, ба молики захирахои иттилоот ё ба миёнарав барои гирифтани иттилооти зарурӣ муроҷиат менамояд ва аз ин иттилоот ба ҳадди муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳра мебарад; Истеъмолкунанда ҳақ дорад пардохти хизматрасониҳоро рад намояд, агар онҳо пардохт шуда бошанд, бозгардонидани маблағи пардохтшударо талаб кунад.*

*Ҳангоми вайрон кардани муҳлати иҷрои фармоиши пешакии хизматрасонӣ истеъмолкунанда ҳақ дорад аз рӯи интихоби худ:*

*- ба иҷрокунанда муҳлати нав таъин кунад;*

*- кам кардани нархи хизматрасониро талаб намояд;*

*- шартномаи расонидани хизматҳоро бекор созад.*

*Истеъмолкунанда инчунин ҳақ дорад ҷуброни пурраи зарари ба вай бинобар риоя накардани муҳлати хизматрасонӣ ворид-гардидаро талаб кунад.*

*Зарар дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои қонеъ сохтани талаботи дахлдори истеъмолкунанда ҷуброн мегардад.*

*Истеъмолкунанда ҳангоми мушоҳидаи камбудиҳои хизматрасонӣ ҳақ дорад, бинобар интихоби худ инҳоро талаб намояд:*

*- ба таври ройгон бартараф кардани камбудиҳои хизматрасонӣ, аз ҷумла маҳсулоти хӯроки умумӣ;*

*- ба таври дахлдор кам кардани нархи хизматрасониҳо, аз ҷумла маҳсулоти хӯроки умумӣ;*

*- ба таври ройгон дубора тайёр кардани маҳсулоти сифатан мувофиқи хӯроки умумӣ.*

*Истеъмолкунанда ҳақ дорад шартномаро дар бораи расонидани хизмат бекор кунад ва ҷуброни пурраи зарарро талаб намояд, дар сурате, ки дар муҳлати муқаррарнамудаи шартнома камбудиҳои хизматрасони аз тарафи иҷрокунанда бартараф карда нашаванд. Истеъмолкунанда ҳамчунин ҳақ дорад шартномаи хизматрасониро бекор кунад, агар вай дар хизматрасонӣ камбудиҳои ҷиддӣ ё дигар нуқсонҳои назаррасе, ки аз доираи шартҳои шартнома берун меравад, мушоҳида ва ошкор намояд.*

*Истеъмолкунанда ҳақ дорад ҷуброни пурраи зарари бинобар камбудиҳои хизматрасонӣ ба вай расонидашударо талаб намояд. Истеъмолкунанда ҳақ дорад, ки ҳар вақт аз хизматҳои фармудааш ба шарте, ки ба иҷрокунанда хароҷотҳояшро пардохта бошад, даст кашад.*

*Барои иҷро накардан ё ба таври зарури иҷро нашудани уҳдадориҳо ҳангоми расонидани хизмат, иҷрокунанда мутобиқи қонунгузории шаҳрвандӣ ва қонунгузорӣ дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.*

**Моддаи 6. Сифат ва микдори мол (кор, хизматрасонӣ)**

**Фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) вазифадор аст ба истеъмолкунанда моле фурӯшад (кореро иҷро намояд,**

**хизмате расонад), ки сифат ва микдори он ба шартнома мувофиқ бошад.**

**Ҳангоми дар шартнома мавҷуд набудани шартҳо оид ба сифати мол (кор, хизматрасонӣ), фурӯшанда (иҷрокунанда) вазифадор аст барои мақсадҳое, ки чунин мол (кор, хизматрасонӣ) одатан истифода мешавад, ба истеъмолкунанда мол фурӯшад (корро иҷро намояд, хизмат расонад).**

**Агар фурӯшанда (иҷрокунанда) ҳангоми бастани шартнома доир ба мақсадҳои мушаххаси харидории мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) аз ҷониби истеъмолкунанда огоҳ шуда бошад, фурӯшанда (иҷрокунанда) вазифадор аст ба истеъмолкунанда молеро диҳад (кореро иҷро намояд, хизмате расонад), ки он мувофиқи ин мақсадҳо барои истифода коршоям бошад.**

**Ҳангоми фурӯши мол аз рӯи намуна ва ё тавсиф фурӯшанда вазифадор аст ба истеъмолкунанда моли ба намуна ва ё тавсиф мувофиқро фурӯшад.**

**Агар бо стандарт нисбати сифати мол (кор, хизматрасонӣ) талаботи ҳатмӣ пешбинӣ шуда бошад, фурӯшанда (иҷрокунанда) вазифадор аст ба истеъмолкунанда молеро супорад (коре, хизматеро ба ҷо оварад), ки он мувофиқи ин талабот бошад.**

**Истеъмолкунанда фақат маблағи микдори муайяни моли гирифтааш (кори, хизмати ба ҷо овардааш) - ро пардохт менамояд.**

**Баҳисобгирии моли (кори, хизматрасонии) ҳаққонӣ гирифтаи истеъмолкунанда (кору хизмати ҳаққонӣ бароящ иҷрокарда) - ро фурӯшанда бо воситаҳои ченаке, ки мақомоти давлатии стандартизатсия ва метрология санҷида, тамға задаанд, таъмин менамояд. Ин асбобу анҷомҳо ва дигар асбобу анҷомҳои ҳисобгирии инфиродии микдори моли гирифтаи истеъмолкунанда (кору хизмати расонида) моликияти фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) буда, аз тарафи онҳо хизматгузорӣ мешаванд.**

**Агар фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) ба истеъмолкунанда назар ба микдори пешбинӣнамудаи шартнома камтар мол супурда (кору хизматро ба ҷо оварда) бошад, пас фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) вазифадор аст, ба шарте, ки дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, зарари аз ин кашидаи истеъмолкунандаро пурра ҷуброн намояд.**

**Дар шартнома пешбинӣ намудани шартҳое, ки ҳуқуқҳои истеъмолкунандаро нисбат ба ҳуқуқҳои муқарраркардаи қонунгузорӣ маҳдуд месозанд, манъ аст.**

***Тафсир.*** *Пеш аз он, ки моддаро тафсир мекунем бояд ба мафҳумҳои асосӣ рӯ овард. Сифати маҳсулоти хӯрокворӣ - маҷмӯи хусусиятҳои маҳсулоти хӯрокворӣ, ки қобилияти талаботи инсонро ба хӯрока дар сурати мувофиқати ҳатмии онҳо ба талаботҳои ҳуҷҷатҳои меъёрию техникӣ таъмин кардан доранд; бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ – ҳолати доштани боварии асоснок ба маҳсулоти хӯрокворӣ, ки истифодаи он дар шароити муқаррарӣ барои саломатӣ зарарнок нест ва ба саломатии наслҳои ҳозиpаву оянда хатар надорад; арзиши ғизоии маҳсулоти хӯрокворӣ - маҷмӯи сифатҳои маҳсулоти хӯрокворие, ки ба воситаи онҳо талаботи физиологии инсон ба моддаҳои зарурӣ ва энергия қонеъ гардонида мешавад; шаҳодатномаи сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот – ҳуҷҷате, ки дар он истеҳсолкунанда мутобиқати сифат ва бехатарии ҳар як миқдори маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуотро бо санадҳои меъёрӣ ва техникӣ тасдиқ мекунад; сертификатсия - фаъолиятест, ки мутобиқати маҳсулотро ба талаботи муқарраршуда тасдиқ менамояд;*

*Масалаи сифат ва миқдори мол асосӣ буда, зери назорати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад ва як қатор санадҳои зерқонунӣ қабул шудаанд. Ба монанди Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи номгӯи молҳо (кор, хизматрасониҳо), ки бояд ҳатман сертификатсия карда шаванд аз 18 июни соли 2012, № 310, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимояи бозори истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз воридшавии молҳои бесифат аз 26.01.2008 № 47.*

*Дар қ.2 ва 3 моддаи 458 КГ ҶТ оиди Шартномаи оммавӣ омадааст, ки асосҳои умумии бастани шартномаро муқарар менамояд.*

*Нархи мол, кор ва хизматрасонӣ, инчунин дигар шартҳои шартномаи оммавӣ ба истисноИ ҳолатҳое, ки қонун додани имтиёзҳоро барои категорияи алоҳидаи истеъмолкунандагон пешбинӣ менамояд, барои ҳамаи истеъмолкунандагон якхела мебошад.*

*Дар ҳолати мавҷуд будани имконияти бастани шартномаи оммавӣ ҷиҳати ба истеъмолкунандагон расонидани моли дахлдор, хизматрасонӣ ва барои онҳо анҷом додани кори дахлдор аз ҷониби ташкилоти тиҷоратӣ рад кардани бастани шартнома иҷозат дода намешавад.*

*Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар соҳаи тайёр кардан ва муомилоти маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот, хизматрасонӣ дар соҳаи савдои чаканаи маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот ва дар соҳаи хӯроки умумӣ фаъолият менамоянд, вазифадоранд ба харидорон ва истеъмолкунандагон, инчунин ба мақомоти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба назорат ва тафтиши сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот, риояи талаботи санадҳои меъёрӣ ҳангоми тайёр кардан ва муомилоти маҳсулоти хӯрокворӣ, маводу маснуот ва хизматрасонӣ маълумоти эътимоднок пешниҳод намоянд.*

*Мақомоти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба назорат дар соҳаи стандартизатсия, сертификатсия, метрология ва савдо, назорати санитарию эпидемиологӣ, назорати байторӣ ва назорати карантини растанӣ ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шахсони воқеию ҳуқуқӣ, иттилоотро дар бораи сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, маводу маснуот, дар бораи риояи талаботи санадҳои меъёрӣ ҳангоми истеҳсол ва гардиши маҳсулоти хӯрокворӣ, маводу маснуот, хизматрасонӣ дар соҳаи хӯроки умумӣ, дар бораи бақайдгирии давлатии маҳсулоти хӯрокворӣ, маводу маснуот, дар бораи тасдиқи онҳо мувофиқи талаботи санадҳои меъёрӣ ва тадбирҳо оид ба пешгирии фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣи пастсифат ва хатарнок, маводу маснуот таъмин менамоянд. Талабот оиди сифати маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот, таъмини бехатарии онҳо, борбандӣ, тамғазанӣ, назорати истеҳсолӣ ба сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот, тартиби баҳодиҳӣ ва тасдиқи мутобиқати онҳо ба санадҳои меъёрӣ, тариқи санҷиш ва мутобиқсозии онҳо, ҳамчунин нисбат ба ҳуҷҷатҳои техникӣ ва системаҳои сифат дар асоси стандартҳои давлатӣ таъин мегардад. Талабот оиди арзиши гизоии маҳсулоти хӯрокворӣ, бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот, бехатарии шароити коркард ва дар истеҳсолот ҷорӣ кардан, тайёркунӣ ва муомилоти онҳо, беха-*

*тарии хизматрасонӣ дар соҳаи савдои чаканаи маҳсулоти хӯрокворӣ, маводу маснуот ва соҳаи хӯроки умумӣ мутобиқи қоидаҳо ва меъёрҳои санитарӣ муайян карда мешавад.*

*Талаботи бехатарӣ аз нигоҳи байторӣ барои баъзе маҳсулоти хӯрокворӣ, ҷамъоварӣ, истеҳсол ва муомилоти он мутобиқи қоидаву меъёрҳои дахлдори байторӣ муайян мегардад. Стандартҳои давлатӣ, қоида ва меъёрҳои санитарию байторӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ оид ба назорат дар соҳаи стандартизатсия, сертификатсия ва метрология, назорати санитарию эпидемиологӣ ва байторӣ мутобиқи салоҳияти онҳо ва тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.*

*Талаботи сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуоте, ки тибқи стандартҳои давлатӣ, қоидаҳо ва нормаҳои санитарию байторӣ муқаррар гардидаанд, барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки машғули истеҳсол ва муомилоти маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот, хизматрасонӣ дар соҳаи савдои чаканаи маҳсулоти хӯрокворӣ, маводу маснуот ва соҳаи хӯроки умумӣ мебошанд, ҳатмист.*

*Назорати давлатӣ дар соҳаи таъмини сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ аз тарафи маркази ҷумҳуриявии назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ, хадамоти назорати давлатии байторӣ, хадамоти давлатии фитосанитарӣ, карантини растаниҳо ва назорати тухмӣ ва инчунин мақомоти назорати давлатӣ дар соҳаи стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.*

*Мақомоти сохторҳои вазоратҳои мудофиа, корҳои дохилӣ, амният, нақлиёт ва Кумитаи ҳифзи сарҳадот дар асоси салоҳияташон ба сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот, инчунин хизматрасонӣ дар соҳаи савдои маҳсулоти хӯрокворӣ, маводу маснуот ва хӯроки умумӣ назорат менамоянд.*

*Назорати давлатии фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, новобаста аз шакли моликият бо роҳи гузаронидани санҷиши иҷрои қонунгузории соҳаи таъмини сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» амалӣ карда мешавад.*

*Маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот бояд мутобиқи санадҳои техникӣ ҳангоми риояи талаботи стандартӣ, қоида ва меъёрҳои санитарию байторӣ истеҳсол карда шаванд. Барои истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ бояд маҳсулоти хӯроквории хоме истифода шавад, ки сифат ва бехатарии он ба талаботи санадҳои меъёрӣ мутобиқ бошад.*

*Ҳангоми истеҳсоли маҳсулоти хӯроки кӯдакон ва маҳсулоти хӯроки парҳезӣ истифодаи маҳсулоти хӯроквории бо иловаҳои хӯроки ҳайвонот, доруҳои гормондор барои афзоиши ҳайвонот, намудҳои ҷудогонаи дорувор, пестисидҳо, маводи агрокимиёвӣ ва дигар маводу пайвастагиҳои барои саломатии инсон зараровар истеҳсолгардида иҷозат дода намешавад. Маҳсулот ва маснуоте, ки дар рафти истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ истифода мешаванд, бояд ба талаботи санадҳои меъёрӣ оиди сифат ва бехатарии чунин маҳсулот ва маснуот мутобиқат дошта бошанд.*

*Мутобиқати маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот, ки ба феҳристи маҳсулоти хӯрокворӣ, маводу маснуот ва хизматрасонӣ (кор) ворид мешаванд, ба талаботи санадҳои меъёрӣ бо сертификати мутобиқат ва аломати мутобиқат тасдиқ карда мешавад.*

*Вазорати тандурустӣ ӯҳдадор аст дар муддати на камтар аз ҳар 5 сол меъёр ва дастурамалҳоро оиди сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот, аз ҷумла маҳсулоти хӯроки парҳезӣ, маҳсулоти хӯроки кӯдакон ва иловаҳои хӯрокворию биологӣ барои таъмини мувофиқати онҳо бо меъёрҳои байналмилалӣ аз нав дида бароад.*

**Моддаи 7. Ҳуқуқ ва ухдадориҳои истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) ҷиҳати муқаррар намудани мӯҳлатҳои хизмат, коршоямӣ ва кафолати мол (кор)**

**Барои моли (кори) истифодааш дарозмуддат истеҳсолкунанда (иҷрокунанда) ҳуқуқ дорад, ки муҳлати хизмат муқаррар намояд.**

**Истеҳсолкунанда (иҷрокунанда) вазифадор аст муҳлати хизмати моли (кори) истифодааш дарозмуддат, аз ҷумла маснуоти комплектӣ (ҷузъу қисмҳо, агрегатҳо) – ро, ки бо мурури замон барои ҳаёт, саломатии истеъмолкунанда хавфнок шуда,**

**ба амволи ӯ ё ба муҳити зист зарар расонда метавонад, муқаррар намояд.**

**Муҳлати хизмати мол (кор) бо воҳиди вақт ва ҳамчунин бо воҳидҳои дигари ченак (километр, метр ва ғайра) вобаста ба таъинот ва хусусияти мол ҳисоб карда мешавад.**

**Истеҳсолкунанда (иҷрокунанда) вазифадор аст ба маҳсулоти озуқа, ороишиву атриёт, доруворӣ, молҳои кимиёвӣ, рӯзгор ва ба дигар молҳои ҳаммонанд муҳлати коршоямӣ муқаррар намояд.**

**Фурӯхтани мол (иҷрои кор) баъди гузаштани муҳлати муқарраршудаи коршоямиаш ва ҳамчунин моле (иҷрои коре), ки бояд ба он муҳлати хизмат ё муҳлати коршоямӣ муқаррар карда шавад, вале муқаррар нагардидааст, манъ аст.**

***Тафсир.*** *Моддаи тафсиршаванда нисбати масъалаҳои оид ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) ҷиҳати муқаррар намудани мӯҳлатҳои хизмат, коршоямӣ ва кафолати мол муқарар шудааст. Муҳлати истифодаи маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот нисбати он маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуоте муқаррар мешавад, ки сифати онҳо бо гузаштани муҳлати муайян баъди истеҳсолашон бад гардида, хусусиятҳое мегиранд, ки барои саломатии инсон хатарнок шуда, қобилияти истеъмолии муайяншудаашонро гум мекунанд.*

*Нишондиҳандаҳои сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуоти нав, муҳлати истифодаи онҳо, талабот нисбати борбандӣ, тамғагузорӣ, маълумот оиди чунин маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот, шароити истеҳсол ва муомилоти ин маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот, барномаҳои назорати истеҳсолӣ ба сифат ва бехатарии онҳо, усулҳои санҷиш, роҳҳои истифодаи партовҳо ё нест кардани маҳсулоти хӯрокворӣ, маводу маснуоти бесифат ва хатарнок бояд ба санадҳои техникӣ дохил карда шаванд.*

*То пешкаш намудани маҳсулоти нави хӯрока барои фурӯш ва истеъмол истеҳсолкунанда ӯҳдадор аст ба мақомоти давлатӣ оид ба стандартизатсия, метрология ва сертификатсия барои ворид намудан ба феҳристи давлатӣ маҷмӯи ҳуҷҷатҳои тасдиқшудаи меъёрию техникиро, ки бо тамоми вазорату идораҳои манфиатдор пешакӣ мувофиқа гардидаанд, пешниҳод намояд.*

*Талаботи санадҳои техникии тасдиқшуда барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар соҳаи истеҳсол ва муомилоти навъҳои муайяни маҳсулоти хӯроквори, мавод ва маснуот фаъолият менамоянд, ҳатмӣ мебошад.*

*Барои истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ истифодаи ашёи хоми маҳсулоти ҳайвонот танҳо баъди аз экспертизаи байторию санитарӣ гузаронидан ва аз тарафи истеҳсолкунанда гирифтани хулосаи мақоми давлатии байтории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мутобиқати ашёи хоми аз маҳсулоти ҳайвонот тайёршударо ба талаботи қоидаҳову меъёрҳои байторӣ тасдиқ менамояд, имконпазир аст.*

*Истеҳсолкунанда вазифадор аст сифат ва бехатарии ҳар як миқдори маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуотро тафтиш карда, ба харидор якҷоя бо маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот шаҳодатномаи сифат ва бехатариро бидиҳад.*

*Фурӯшандаи маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот дар вақти аз истеҳсолкунанда қабул намудани маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот ҳуқуқ дорад ба сифат ва бехатарии онҳо назорат намояд.*

*Шаҳодатномаи сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот барои маҳсулоти хӯроки умумӣ тарғиб дода намешавад.*

*Мутобиқати маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот, ки ба феҳристи маҳсулоти хӯрокворӣ, маводу маснуот ва хизматрасонӣ (кор) ворид мешаванд, ба талаботи санадҳои меъёрӣ бо сертификати мутобиқат ва аломати мутобиқат тасдиқ карда мешавад.*

*Истеҳсолкунанда бояд бетаъхир истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣи бесифат ва хатарнокро дар мӯҳлате, ки барои бартараф кардани сабабҳои бавуҷудоии ин маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот зарур аст, қатъ намояд. Дар ҳолатҳое, ки бартараф кардани сабабҳо имконнопазир бошад, истеҳсолкунанда бояд тайёр кардани маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуоти бесифат ва хатарнокро қатъ намуда, онро аз муомилот ва аз харидорону истеъмолкунандагони чунин маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот баргардонида гирад ва мутобиқи тартиби муайянгардида онро аз экспертиза гузаронад, ҳамчун партов истифода барад ё нест намояд.*

*Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки нигоҳдорӣ ва боркашонии маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуотро амалӣ месозанд, бояд талаботи санадҳои меъёриро оиди шароити нигоҳдорӣ ва боркашонии маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот риоя намоянд ва иҷрои талаботро бо роҳи сабт намудан дар ҳуҷҷатҳои бо мол ҳамроҳ фиристодашаванда тасдиқ кунанд.*

*Нигоҳдории маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот дар биноҳои махсус таҷҳизонидашуда, иншоотҳое, ки ба талаботи қоидаву меъёрҳои сохтмонию санитарӣ ва байторӣ мутобиқанд, иҷозат дода мешавад.*

*Барои кашонидани маҳсулоти хӯрокворӣ бояд воситаҳои нақлиётие, ки махсус ба ҳамин мақсадҳо ҷиҳозонида шудаанд, мутобиқи тартиботи муайяншуда шиносномаҳои санитарӣ доранд, истифода бурда шаванд.*

*Дар ҳолатҳое, ки агар ҳангоми нигоҳдорӣ ва кашонидани маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот ба вайронкунӣ роҳ дода шуда бошад, ки боиси халалдор шудани сифати маҳсулоти хӯрокворӣ, маводу маснуот ва хосиятҳои хатарнок пайдо карданi онҳо гаштаанд, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки нигоҳдорӣ ва кашонидани маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуотро ба амал мебароранд, бояд ба соҳибон ва қабулкунандагони маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот хабар диҳанд.*

*Ҳангоми фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бояд талаботи санадҳои меъёриро риоя намоянд.*

*Фурӯши маҳсулоти баркашида когазпечнашуда ва борбандинашуда, ба истиснои намудҳои алоҳидаи маҳсулоти хӯрокворие, ки номгӯи онҳо аз тарафи мақоми ваколатдор дар соҳаи савдо бо мувофиқати мақоми ваколатдор оиди назорати санитарию эпидемиологӣ муқаррар гардидааст, иҷозат дода намешавад.*

*Фурӯши маҳсулоти хӯроквории истеҳсоли ғайрисаноатӣ дар бозорҳои хӯрокворӣ танҳо баъди гузаронидани экспертизаи санитарию байторӣ ва аз тарафи фурӯшандагон гирифтани хулосаи мақоми назорати давлатии байтории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мутобиқати чунин маҳсулоти хӯрокворӣро бо қоидаву меъёрҳои байторӣ тасдиқ мекунад, имконпазир аст.*

*Дар ҳолатҳое, ки агар ҳангоми фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот ба вайронкунӣ роҳ дода шуда бошад, ки боиси халал ёфтани сифати маҳсулоти хӯрокворӣ, ма-*

*воду маснуот ва пайдо кардани хосиятҳои хатарноки онҳо гардад, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот машғуланд, бояд ин маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуотро аз фурӯш гиранд, бозхоста гирифтани онҳоро аз истеъмолкунандагон таъмин намоянд, маҳсулоти хӯроквории пастсифат ва хатарнок, мавод ва маснуотро ба экспертиза равон карда, ҳамчун партов истифода ё нобуд кардани онҳоро таъмин намоянд.*

*Иҷрокунанда вазифадор аст, ки ба маълумоти истеъмолкунанда, ном (унвон)-и фирмавии корхона, мавқеи ҷойгиршавии он, нишонаи ҳуқуқӣ ва тартиби кори худро расонад.*

*Иҷрокунанда - соҳибкори инфиродӣ вазифадор аст, ки ба истеъмолкунанда дар бораи бақайдгирии давлатӣ бо зикри мақоми ӯ ба корхонаи бақайдгирифта маълумот пешниҳод намояд.*

*Дар ҳолати мувaққатан қатъ гардидани фаъолияти ташкилот барои гузаронидани корҳои санитарӣ, таъмирӣ ва дигар чорабиниҳо иҷрокунанда вазифадор аст ба истеъмолкунанда дар бораи таърихи боздоштан ва мӯҳлате, ки дар давоми он ташкилот фаъолият намекунад, маълумот диҳад.*

*Агар намуди фаъолияти аз тарафи иҷрокунанда татбиқшаванда ҳатман литсензия кунонида шавад, ба истеъмолкунанда бояд рақами литсензия, муҳлати амали он, инчунин оиди мақомоти литсензиядода маълумот пешниҳод намояд.*

*Иҷрокунанда вазифадор аст, саривақт ба истеъмолкунанда дар бораи хизматрасониҳо (корҳо)-е, ки ҳатман дорои мазмуни зайл ҳастанд, маълумоти боэътимоду зарурӣ пешниҳод кунад.*

*Иҷрокунанда вазифадор аст ба истеъмолкунанда барои шиносоӣ пешниҳод намояд:*

*- қоидаҳои мазкур;*

*- суроға ва рақами телефони муассиса оид ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, мақоми худидораи маҳаллӣ, агар чунин муассиса вуҷуд дошта бошад;*

*- нусхаи шартномаҳо (квитансияҳо, дигар ҳуҷҷатҳо) оид ба хизматрасониҳо (иҷрои корҳо);*

*- намунаи (модел) маснуоти истеҳсолшаванда, албомҳо ва маҷалла бо моделҳои маснуот ва ғайраҳо;*

*- номгӯи гурӯҳҳои истеъмолкунандагоне, ки ҳуқуқи гирифтани имтиёз доранд, инчунин номгӯи имтиёзҳое, ки дар вақти хизматрасонӣ (иҷрои корҳо) мутобиқи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд;*

*- маълумот бояд дар ҷои намоён ва мувофиқ ҷойгир карда шавад.*

*Иҷрокунанда вазифадор аст, ки ба истеъмолкунанда дар бораи ташкилоти худ ва дар бораи хизматрасониҳои пешниҳодшаванда (корҳои иҷрошаванда) ба тарзи аёнӣ ва фаҳмо саривақт маълумот пешниҳод намояд, инчунин дар ҳолатҳое, ки хизматрасонӣ дар маҳалли доимии ташкилот сурат мегирад, яъне дар утоқҳои муваққатӣ, нуқтаҳои қабули сайёр, бригадаҳои саиёр ва ғайра.*

*Иҷрокунанда вазифадор аст китоби арзу шикоят ва пешниҳодҳо дошта бошад, ки он бо дархости истеъмолкунанда ба ӯ пешниҳод мегардад.*

*Як нусхаи шартнома аз тарафи иҷрокунанда ба истеъмолкунанда дода мешавад.*

*Шартнома оид ба расонидани хизмат (иҷрои корҳо), ки дар ҳузури истеъмолкунанда иҷро мешавад, инчунин тариқи пешниҳоди чеки хазинавӣ, чипта ва ғайраҳо ба қайд гирифта мешавад.*

*Иҷрокунанда вазифадор аст, хизматро (иҷрои корро) босифат ба иҷро расонад, ки он ба шартнома мутобиқ бошад. Ҳангоми набудани шартҳо оид ба сифатнокии хизматрасониҳо (корҳо) дар шартнома иҷрокунанда вазифадор аст, ки хизматро (иҷрои корро) ҳамон тавр анҷом диҳад, ки онҳо барои мақсадҳои одатан барои чунин хизматҳо (корҳо) истифодашаванда мувофиқ бошанд.*

*Агар иҷрокунанда дар вақти бастани шартнома аз ҷониби истеъмолкунанда аз мақсади мушаххаси хизматрасони (иҷрои кор) огоҳ шуда бошад, пас иҷрокунанда вазифадор аст, ки хизматрасониро (иҷрои кор) ҳамон тавре анҷом диҳад, ки он ба мақсади гузошташуда мувофиқ бошад.*

*Иҷрокунанда ҳангоми ошкор сохтани камбудиҳо вазифадор аст, ки зуд истеъмолкунандаро огоҳ намояд ва то аз ӯ гирифтани супоришҳо иҷрои кор (расонидани хизмат)-ро қатъ намояд.*

**Моддаи 8. Ҳуқуқи истеъмолкунанда ба бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ)**

**Истеъмолкунанда ҳангоми риояи шартҳои муқарраршуда истифодабарӣ, нигоҳдорӣ, интиқол ва нобудкунии мол (кор, хизматрасонӣ), ки барои ҳаёт, саломатии истеъмолкунанда, муҳити зист бехатар бошад, инчунин ба амволи ӯ зиён нарасонад, ҳуқуқ дорад.**

**Талаботе, ки бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) – ро барои ҳаёту саломатии истеъмолкунанда, муҳити зист таъмин месозад, инчунин расидани зарарро ба амволи истеъмолкунанда пешгирӣ менамояд, ҳатмӣ буда, тибқи қонун муқаррар карда мешавад.**

**Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад бо воситаҳои ахбори умум дар бораи моле (коре, хизматрасоние) , ки барои ҳаёт, саломатӣ, амвол ва муҳити зист хавфу хатар дорад, аз ҳисоби фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) иттилоот дошта бошад.**

**Истеҳсолкунанда (иҷрокунанда) вазифадор аст дар давоми муҳлати муқаррарнамудаи кафолат ё муҳлати коршоямии мол (кор) бехатарии мол (кор) - ро таъмин намояд.**

**Зараре, ки дар натиҷаи таъмин накардани бехатарии мол (кор) ба ҳаёт, саломатӣ ё амволи истеъмолкунанда расонида шудааст, бояд мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн карда шавад.**

**Агар барои бехатарии истифодаи мол (кор, хизматрасонӣ) нигоҳдорӣ, интиқол ва нобудкунии он риояи қоидаҳои махсус (минбаъд – қоидаҳо) зарур бошад, истеҳсолкунанда (иҷрокунанда) вазифадор аст ин қоидаҳоро дар ҳуҷҷатҳои ҳамроҳикунандаи мол (кор, хизматрасонӣ) дар тамғакоғаз, зикр намояд, нишонагузорӣ кунад ё ба дигар тарз зикр намояд ва фурӯшанда (иҷрокунанда) вазифадор аст, ки ин қоидаҳоро ба маълумоти истеъмолкунанда расонад.**

**Агар ба мол (кор, хизматрасонӣ) тибқи қонунҳо ё бо стандартҳо талаботи ҳатмӣ муқаррар шуда бошад, ки бехатарии онро барои ҳаёт, саломатии истеъмолкунандагон, муҳити зист ва пешгирии зарарро ба амволи истеъмолкунанда таъмин мекунанд ва ҳамчунин воситаҳое, ки бехатарии ҳаёт ва саломатии истеъмолкунандаро таъмин менамоянд, бояд бо тартиби пешбинӣнамудаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатман сертификатсия карда шавад.**

**Номгӯи мол (кор, хизматрасонӣ), ки бояд ҳатман сертификатсия карда шаванд, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.**

**Фурӯши мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ), аз ҷумла моли (кори, хизматрасонии) воридотӣ, бидуни маълумоти сертификати ҳатмӣ ва дар мавриди зарурат бо хулосаҳои санитарию эпидемиологӣ ва мутобиқати он ба талаботи зикргардидаи қисми шашуми ҳамин модда, инчунин бидуни маълумоти алифбои рақамӣ ва хатҳои рамзӣ манъ мебошад.**

**Агар муқаррар карда шавад, ки ҳангоми аз ҷониби истеъмолкунанда риоя гардидани қоидаҳои муқаррарнамудаи истифода, нигоҳдорӣ ё интиқоли мол (кор) он ба ҳаёт, саломатӣ ва амволи истеъмолкунанда, муҳити зист зарар мерасонад ё расонда метавонад, истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) вазифадор аст, истеҳсоли (фурӯши) онро то бартараф намудани сабабҳои зарар фавран ва дар ҳолатҳои зарурӣ барои аз муомилот ва аз истеъмолкунанда (истеъмолкунандагон) бозпас гирифтани он тадбирҳо андешад.**

**Агар бартараф кардани сабабҳои зарар ғайриимкон бошад, истеҳсолкунанда (иҷрокунанда) вазифадор аст, истеҳсоли чунин мол (кор, хизматрасонӣ)-ро қатъ намояд. Ҳангоми аз ҷониби истеҳсолкунанда ( иҷрокунанда) иҷро нашудани ин уҳдадориҳо бо супориши мақомоти босалоҳияти идоракунии давлатӣ, ки сифат ва бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) - ро назорат мекунанд, истеҳсоли ин мол (кор, хизматрасонӣ) қатъ гардида, аз истеҳсолот, муомилот ва аз истеъмолкунандагон бозпас гирифта мешавад.**

**Зараре, ки ба истеъмолкунанда дар натиҷаи бозпас гирифтани мол (кор, хизматрасонӣ) расидааст, бояд аз тарафи истеҳсолкунанда (иҷрокунанда) пурра ҷуброн карда шавад.**

**Агар муқаррар карда шавад, ки фурӯшанда (иҷрокунанда) молеро мефурӯшад (кореро иҷро менамояд), ки барои ҳаёт, саломатӣ ва амволи истеъмолкунанда зараровар мебошад, чунин мол (кор) бо тартиби муқаррарнамудаи қонун аз фурӯшанда (иҷрокунанда) бозпас гирифта мешавад.**

***Тафсир.*** *Бо мақсади иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи баъзе тадбирҳо ҷиҳати ҳимояи бозори истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 20 ноябри соли 1998 таҳти №1111 ва бо мақсади пурзӯр намудани назорат ва*

*тафтиши давлатӣ ба сифати маҳсулоти фурӯхташаванда, ҳимояи бозори дохилӣ аз воридшавии молҳои бесифат, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор қабул намуд:*

*1. Вазорату идораҳо, мақомоти ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ (Ҳукуматҳо), ташкилоту корхонаҳо риояи ҳатми Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз 20 ноябри соли 1998 №1111, ки бо он аз 1 январи соли 1999 воридот ва фурӯши маҳсулоти озука, ки маълумоти дахлдори тавлиди ва сифатӣ надоранд ва дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шудааст, таъмин намоянд.*

*Ашхоси ҳуқуқӣ ва воқеӣ сарфи назар аз шакли моликият, вазифадор карда шаванд, ки ҳангоми воридот, истеҳсол, муомилоти молҳои озуқа ва дигар молҳо мавҷудияти сертификати мутобиқат, сертификати пайдоиш, маълумот бо нишон додани номи мамлакат, фирмаи тавлидкунанда, рамзи штрихӣ, аломати мутобиқат, тамга, вазн, ҳаҷми маҳсулот, таркиб, арзиши ғизо, муҳлати истеъмол, шартҳои нигаҳдори, муҳлати истифода, аз ҷумла барои бемориҳои алоҳида ғайриқобили истеъмол буданро таъмин намоянд.*

*Маҳсулоти хӯрокворӣ барои фурӯш пешбинӣшуда бояд зарурати физиологии инсонро ба моводи зарурӣ ва энергия қонеъ гардонад, ба талаботи маъмул нисбати маҳсулоти хӯрокворӣ аз назари нишондиҳандаҳои органолептикӣ ва физикию кимиёвӣ ҷавобгӯ бошад ва ба талаботи санадҳои меъёрии муқарраршуда ҷиҳати мавҷудияти миқдори имконпазири моводи кимиёвӣ (аз ҷумла радиоактивӣ), биологӣ ва пайвастагиҳои онҳо, микроорганизму мавҷудоти биологии зинда, ки барои саломатӣ хатар доранд, мутобиқат намояд. Маҳсулоти хӯрокворӣ парҳезӣ бояд дорои хусусиятҳое, бошад, ки имкони истифодаи он барои истеъмоли муоличавӣ ва тадбирҳои пешгирӣ аз касалиҳо мутобиқи талаботи муқарраркардаи мақомоти ҳокимияти иҷроия дар соҳаи тандурустӣ оиди ташкили хӯроки парҳезӣ мувофиқат намояд ва барои саломатии инсон безарар бошад.*

*Ҳангоми коркарди маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуоти нав, просессҳои нави технологии истеҳсол, борбандӣ, нигоҳдорӣ, боркашонӣ, тамғазанӣ ва фурӯши онҳо, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бояд талаботро оиди сифат ва бехатарии чунин маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот асоснок намоянд. Маълумотро оиди нигоҳдории сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод*

*ва маснуот ҳангоми истеҳсол ва муомилот таъмин намуда, барномаи назорати истеҳсолиро ба сифат ва бехатарӣ таҳия ва муҳлати коршоямии ин гуна маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуотро муайян намоянд.*

*Лоиҳаҳои санадҳои техникӣ ва намунаҳои таҷрибавии маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуоти нав бояд аз экспертизаи санитарию эпидемиологӣ гузаронида шаванд. Лоиҳаҳои санадҳои техникӣ ва намунаҳои таҷрибавии маҳсулоти нави хӯрокворӣ, ки аз ашёи хоми маҳсулоти ҳайвонот истеҳсол шудаанд, бояд инчунин аз экспертизаи байторию санитарӣ гузаронида шаванд.*

*Лоиҳаҳои мазкур аз тарафи истеҳсолкунанда танҳо ҳангоми гирифтани хулосаи мақоми давлатии санитарию эпидемиологии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақоми давлатии байтории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мутобиқати ин маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуотро ба талаботи қоидаву меъёрҳои санитарӣ ё байторӣ, инчунин бехатарии онҳоро ба саломатии инсон шаҳодат медиҳанд, тасдиқ карда мешаванд.*

*Маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот бояд мутобиқи санадҳои техникӣ ҳангоми риояи талаботи стандартӣ, қоида ва меъёрҳои санитарию байторӣ истеҳсол карда шаванд. Барои истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ бояд маҳсулоти хӯрокворӣи хоме истифода шавад, ки сифат ва бехатарии он ба талаботи санадҳои меъёрӣ мутобиқ бошад.*

*Ҳангоми истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣи хом истифодаи иловаҳои хӯроки чорво, омехтаҳо барои афзоиши ҳайвонот, аз он ҷумла доруҳои гормондор, дорувор, пестисидҳо, моводи агрокимиёвӣ, ки аз экспертизаи санитарию эпидемиологӣ, экспертизаи байторию санитарӣ ва фитосанитарӣ (ё экспертизаи агрокимиёлабораторӣ) ва мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қайди давлатӣ гузаронида шудаанд, имконпазир аст.*

*Ҳангоми истеҳсоли маҳсулоти хӯроки кӯдакон ва маҳсулоти хӯроки парҳезӣ истифодаи маҳсулоти хӯрокворӣи бо иловаҳои хӯроки ҳайвонот, доруҳои гормондор барои афзоиши ҳайвонот, намудҳои ҷудогонаи дорувор, пестисидҳо, моводи агрокимиёвӣ ва дигар моводу пайвастагиҳои барои саломатии инсон зараровар истеҳсолгардида иҷозат дода намешавад.*

*Маҳсулот ва маснуоте, ки дар рафти истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ истифода мешаванд, бояд ба талаботи санадҳои меъёрӣ оиди сифат ва бехатарии чунин маҳсулот ва маснуот мутобиқат дошта бошанд.*

*Маҳсулоти хӯрокворӣ бояд тавре баркашида коғазпеч ва борбандӣ карда шавад, ки сифат ва бехатарии он ҳангоми нигаҳдорӣ, боркашонӣ ва хариду фурӯш таъмин гардад. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба баркашида коғазпечкунӣ, борбандӣ ва тамғагузории маҳсулоти хӯрокворӣ машғуланд, бояд талаботи санадҳои меъёриро риоя намоянд.*

*Дар тамғакоғазҳо ё тамғаи бор ва ё тавсиякоғазҳои маҳсулоти хӯроквории борпечшуда ғайр аз маълумоте, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон муайян мегардад, бо назардошти навъҳои маҳсулоти хӯрокворӣ бояд маълумоти зерин нишон дода шавад:*

*оиди арзиши хӯрокворӣ (калориянокӣ, миқдори сафедаҳо, чарбнокӣ, ангиштобҳо, витаминҳо, макро - ва микроэлементҳо);*

*оиди қоида ва шароити истеъмол (барои маҳсулоти хӯроки кӯдакон, маҳсулоти хӯроки парҳезӣ ва иловаҳои фаъоли биологӣ);*

*оиди тарз ва шароити тайёр кардани хӯрокҳои тайёр ( нисбати маҳсулоти хӯроквории консентратӣ ва нимтайёр);*

*оиди шароити нигоҳдорӣ (нисбати маҳсулоти хӯрокворие, ки барои нигоҳдории онҳо шартҳои зарурӣ муайян гардидаанд);*

*оиди санаи истеҳсол, санаи коройӣ ва санаи борбандии маҳсулоти хӯрокворӣ.*

*Сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуоте, ки ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда мешаванд, бояд ба талаботи санадҳои меъёрии Ҷумҳурӣ мутобиқат намоянд.*

*Уҳдадориҳои истеҳсолкунандагон, молрасонҳо оиди риояи талаботи санадҳои меъёрӣ нисбати маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуоте, ки ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда мешаванд, талаботи асосии шартномаҳои расонидани онҳо мебошанд.*

*Дар гузаргоҳҳои сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нуқтаҳои ба расмиятдарории гумрукӣ маҳсулоти хӯрокворӣ,*

*мавод ва маснуоте, ки ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мегарданд, аз тарафи мансабдороне, ки назорати давлатӣ оид ба стандартизатсия, сертификатсия ва метрология, назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ, назорати давлатии байторӣ ва назорати давлатии карантини растаниро амалӣ мегардонанд, дар доираи салоҳияташон чунин маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуотро аз назар гузаронида, санҷиши ҳуҷҷатҳои бо мол ҳамроҳ фиристодашавандаро баҷо меоранд ва оиди имконоти ба расмият даровардани воридшавии чунин маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор қабул мекунанд.*

*Дар ҳолате, ки шахсони мансабдори мақомоти назорати давлатӣ дар соҳаи стандартизатсия, сертификатсия ва метрология, назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ, назорати давлатии байторӣ ва назорати давлатии карантини растаниро ба зимма дошга, ба бехатарии чунин маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот шубҳаи асоснок дошта бошанд, оиди муваққатан ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъ кардани ба расмиятдарории воридкунии чунин маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва масунот қарор қабул мекунанд. Номгӯи маҳсулоти хӯрокворӣ, маводу маснуот ва мухлати муваққатан боздориро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.*

*Дар ҳолате, ки маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуоти ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда хатарнок дониста мешаванд, шахсони мансабдори назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ, назорати давлатии байторӣ ва назорати давлатии карантини растаниро ба зиммадошта ворид кардани чунин маҳсулоти хӯрокворииро ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ менамоянд ва дар ҳуҷҷатҳои бо мол ҳамроҳ фиристодашаванда оиди саломатии инсон хатарнок будан ва қобили фурӯш набудани чунин маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот қайд мекунанд.*

*Соҳиби маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуоти хатарнок ӯҳдадор аст, ки дар давоми 10 рӯз онро аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон барорад.*

*Дар ҳолате, ки маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуоти хатарнок мутобиқи мухлати нишондодашуда аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бароварда нашаванд, онҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷкистон экспертиза карда шуда, дар*

*асоси натиҷаҳои он бо қарори суд мусодира мешаванд ва ҳамчун партов истифода ё нобуд карда мешаванд.*

*Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ҷиҳати истеҳсол ва муомилоти маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот фаъолият мекунанд, вазифадоранд назоратро ба сифат ва бехатарии он, риояи талаботи санадҳои техникӣ ва меъёрӣ нисбати шароити истеҳсол ва муомилоти маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот ташкил ва иҷро намоянд.*

*Кормандоне, ки ба истеҳсол ва муомилоти маҳсулоти хӯрокворӣ, хизматрасонӣ дар соҳаи савдои чаканаи маҳсулоти хӯрокворӣ, маводу маснуот ва дар соҳаи хӯроки умумӣ машғуланд, ҳангоми иҷрои кор бо маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот муносибати мустақим доранд, бояд ҳатман пешакӣ ҳангоми ба кор қабул шудан ва ба таври даврӣ ҳангоми кор бо тартиби Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайяннамуда, аз муоинаи тиббӣ, инчунин омӯзиши гигиенӣ гузаранд.*

*Шахсоне, ки ба касалиҳои сирояткунанда гирифторанд, шахсоне, ки нисбати онҳо оиди гирифтор будан ба ин касалиҳо шӯбҳа мавҷуд аст, шахсоне, ки бо бемориони касалиҳои сирояткунанда алоқа доштанд, шахсоне, ки паҳнкунандаи барангезандагони касалиҳои сирояткунанда мебошанд ва вобаста ба хусусиятҳои хӯроктайёркунӣ ва муомилоти маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот хатари паҳнкунии ин касалиҳоро доранд, инчунин кормандоне, ки аз омӯзиши гигиенӣ нагузаштаанд, ба корҳое, ки ҳангоми иҷрои онҳо бевосита бо маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот алоқа доранд, роҳ дода намешаванд.*

*Маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуоти бесифат ва хатарнок бояд аз муомилот гирифта шаванд. Молики маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуоти бесифат ва хатарнок бояд мустақилона ё дар асоси пешниҳоди мақомоти назорати давлатӣ онҳоро аз муомилот гирад.*

*Дар ҳолатҳое, ки агар молики маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуоти бесифат ё хатарнок онро аз муомилот нагирад, чунин маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот мутобиқи тартибе, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст, бо қарори суд мусодира карда мешаванд.*

*Маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуоти бесифат ва хатарноке, ки аз муомилот гирифта шудаанд, аз тарафи*

*мақомоти назорати давлатӣ бо мақсади муайян кардани имконоти истифода ҳамчун партов ё нобуд кардани маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот бояд дар доираи салоҳияташон аз экспертиза (санитарию эпидемиологӣ, байторию санитарӣ, молшиносӣ ва ғайра) гузаронида шаванд.*

*Маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуотеро, ки молики он макони истеҳсолӣ онро тасдиқ карда наметавонад ва нишонаҳои равшани бесифатиро дошта, бинобар ин ба ҳаёт ва саломатии инсон хатарноканд, бе гузаронидани экспертиза бояд ҳамчун партов истифода ё нобуд карда шаванд.*

*То лаҳзаи ҳамчун партов истифода ё нобуд кардани чунин маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот молики он бояд дар ҳузури намояндаи мақоми назорати давлатӣ хосияти чунин маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуотро бо роҳҳои имконпазир ва эътимоднок тағйир диҳад, то ки имконияти истифодаи он мутобиқи таъинот аз байн бурда шавад.*

*Маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуоти бесифат ва хатарнок дар мӯҳлате, ки барои гузаронидани экспертизаи онҳо ва ҳамчун партов истифода ё нобуд кардан лозим аст, барои нигоҳдории муваққатӣ фиристода мешаванд, то ки имконияти дастрас кардани ин маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот имконпазир набошад.*

*Маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуоте, ки муваққатан нигоҳдорӣ мешаванд, бояд аниқ ба ҳисоб гирифта шаванд. Масъулияти нигоҳдории чунин маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуотро молики он ба ӯҳда дорад. Дар асоси натиҷаҳои экспертизаи маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуоти бесифат ва хатарнок мақоми дахлдори назорати давлатӣ оиди ҳамчун партов истифода ва ё нест кардани он қарор қабул мекунад.*

*Молики маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуоти пастсифат ё хатарнок воситаю шароитҳои ҳамчун партов истифода ё нобуд кардани онро мутобиқи талаботи санадҳои меъёрӣ ё техникӣ интихоб намуда, бо мақоми назорати давлатӣ, ки оиди ҳамчун партов истифода намудан ё нобуд кардани маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот, воситаю шароитҳои ҳамчун партов истифода ё нобуд кардани он қарор баровардааст, мутобиқ месозад.*

*Имконияти истифодаи маҳсулоти хӯрокворӣи бесифат ё хатарнок барои хӯрокаи чорво бо мақоми назорати давлатии байтории Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа кунонида мешавад.*

*Хароҷоти экспертиза, нигоҳдорӣ, боркашонӣ, ҳамчун партов истифода ё нобуд кардани маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуоти бесифат ва хатарнок аз ҳисоби молики он пардохта мешавад.*

*Молики маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуоти бесифат ва хатарнок бояд ба мақоми назорати давлатӣ, ки оиди ҳамчун партов истифода ё нобуд кардани чунин маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуот қарор баровардааст, ҳуҷҷат ё нусхаи мутобиқи муқаррарот тасдиқшудаи онро, ки воқеияти ҳамчун партов истифода ё нобуд кардани чунин маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуотро тасдиқ мекунад, пешниҳод намояд.*

*Мақомоти назорати давлатӣ, ки оиди ҳамчун партов истифода ё нобуд кардани маҳсулоти хӯрокворӣ, мавод ва маснуоти бесифат ва хатарнок қарор қабул кардаанд, бо сабаби хатари пайдо ва паҳншавии бемориҳо ва заҳролуд шудани одамон ва ҳайвонот, инчунин ифлосшавии муҳити зист вазифадоранд ҳангоми ҳамчун партов истифода ё нобуд кардани онҳо назорат намоянд.*

*Дар асоси модаи тафсиршаванда қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июни соли 2012, № 310 дар бораи номгӯи молҳо (кор, хизматрасонӣ), ки бояд ҳатман сертификатсия карда шаванд, мавҷуд мебошад ва мувофиқи он чунин омадааст:*

*1. Номгӯи молҳо (кор, хизматрасонҳо), ки бояд ҳатман сертификатсия шаванд, тасдиқ карда шавад.*

*2. Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ, ки сифат ва бехатарии мол (кор, хизматрасонҳо)-ро назорат менамоянд, ба зиммаи Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шавад.*

*3. Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи тартиби муқарраргардида ташкил ва гузаронидани корҳоро оид ба тасдиқи мутобиқати ҳатмии мол (кор, хизматрасонӣ) таъмин намояд.*

*4. Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мақомоти амалкунанда ва навтаъсиси аккредитатсияшудаи ваколатдори сертификатсионӣ доир ба сертификатсияи маҳсулоти дорои хусусияти шабеҳ, ки ба системаи миллии сертификатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шудаанд, бо зикри гурӯҳи маҳсулот ва номгӯи моли ба доираи аккредитатсияи онҳо таллуқдошта ба Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот диҳад.*

*5. Мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муомилоти озод баровардани маҳсулоти воридотии ҳатман сертификатсияшавандаро дар қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом диҳад.*

*6. Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи тартиби муқарраргардида оид ба тағйир додани номгӯи молҳо (кор, хизматрасонӣ), ки бояд ҳатман сертификатсия шаванд, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таклиф пешниҳод намояд.*

*Мувофиқи қарори маскур номгӯи пурраи молҳо (маҳсулот), ки бояд ҳатман сертификатсия шаванд оварда шудаанд, ки ба мисоли онҳо дохил мешавад: Гӯшти чорвои калони шохдор, гӯшти мургҳои хонагӣ, гӯшти намаккарда, хушккарда, моҳӣ ва харчангшаклон, шир ва маҳсулоти ширӣ, тухми мург, асали табиӣ, маҳсулоти хӯроквории аз ҳайвонот истеҳсолшуда, сабзавоти тару тоза, сабзавоти консервашуда ва ғайра.*

**Моддаи 9. Маълумот дар бораи мол (кор, хизматрасонӣ)**

**Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад талаб намояд ва истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) вазифадор аст сари вақт ба истеъмолкунанда дар бораи мол (кор, хизматрасонӣ) маълумоти зарурӣ ва боэътимоде пешниҳод намояд, ки имконияти интихоби дурусти онро таъмин созад. Номгӯи намудҳои алоҳидаи мол (кор, хизматрасонӣ) ва тарзи расонидани маълумот ба истеъмолкунанда аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.**

**Маълумоти дар қисми якуми ҳамин модда зикршуда рӯшану возеҳ ва фаҳмо ба маълумоти истеъмолкунандагон ҳангоми бастани шартномаҳои хариду фурӯш ва қарордодҳои**

иҷрои кор (хизматрасонӣ) бо тарзҳои маъмули баъзе соҳаҳои хизматрасонӣ ба истеъмолкунандагон ба забонҳои давлатӣ ва русӣ расонида мешавад.

Маълумот оид ба мол (кор, хизматрасонӣ) ба таври ҳатмӣ бояд ҳолатҳои зеринро дар бар гирад:

- зикри стандартҳое, ки мол (кор, хизматрасонӣ), нишони мол ё нишони хизматии ба қайд гирифташуда (патент кардашуда) бояд ба талаботи ҳатмии ин стандартҳо мувофиқат намояд;

- маълумот оид ба хусусиятҳои асосии истеъмоли мол (кор, хизматрасонӣ), нисбати озуқа – маълумот оид ба таркиб (аз ҷумла номгӯи дигар маводи хӯрок ва иловаи хӯрок, ки дар ҷараёни тайёр кардани онҳо истифода шудаанд), вазн ва ҳаҷми мавод, калорияи (қувваи) озуқа, таркиби моддаҳои барои саломатӣ зарарнок дар муқоиса бо талаботи стандартҳо, инчунин қобили истеъмол набудани истеъмоли он дар мавриди баъзе бемориҳо. Номгӯи моле (коре, хизматрасоние), ки маълумот дар хусуси он дар мавриди баъзе бемориҳо бояд дорои нишондоди ғайри қобили истифода бошад, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад;

- нарх ва шартҳои ба даст овардани мол (кор, хизматрасонӣ);

- муҳлати кафолат, агар он муқаррар шуда бошад;

- қоида ва шартҳои истифодаи самаранок ва бехатари мол (кор, хизматрасонӣ);

- муҳлати хизмат ва муҳлати коршоямии мол (кор, хизматрасонӣ), ки мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст ва ҳамчунин маълумот дар бораи амали зарурии истеъмолкунанда баъди гузаштани муҳлати мазкур ва оқибати имконпазир дар сурати иҷро накардани чунин амал, ба шарте, ки мол (кор, хизматрасонӣ) баъди гузаштани муҳлати зикршуда барои ҳаёт, саломатӣ ва амволи истеъмолкунанда хавфу хатар пеш оварад ё худ барои истифода аз рӯи таъинот корношоям шавад;

- ишораи тарзи тайёр кардани маводи хӯроквории зудтайёршаванда (нимтайёр) дар борҷомаи онҳо;

- маҳалли ҷойгиршавӣ (суроғаи ҳуқуқӣ), номи фирмавии (номи) истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) ва маҳалли ҷойгиршавии ташкилот (ташкилотҳо), ки барои қабули шикоятҳои истеъмолкунандагон, таъмиркунандагон ва хизмат-

**расонии техникии мол (кор) аз ҷониби истеҳсолкунанда (фурӯшанда) ваколатдор карда шудаанд;**

**- маълумот оид ба сертификати ҳатмии мувофиқати мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ), инчунин дар мавриди зарурат маълумот оид ба хулосаҳои санитарию эпидемиологӣ;**

**- маълумот дар бораи қоидаҳои фурӯши мол (кор, хизматрасонӣ);**

**- зикри шахсӣ мушаххасе, ки кор (хизматрасонӣ) - ро иҷро мекунад ва агар ин аҳамият дошта бошад, маълумот дар хусуси ӯ бо назардошти хусусияти кор (хизматрасонӣ);**

**- зикри истифодаи фонограммаҳо ҳангоми хизматрасонии фароғатӣ аз ҷониби иҷрокунандагони асарҳои мусиқӣ.**

**Агар моли харидаи истеъмолкунанда истифода шуда бошад ё нуқсони (нуқсонҳои) он бартараф шуда бошад, бояд дар ин хусус ба истеъмолкунанда маълумот дода шавад.**

**Истеъмолкунанда аз маълумоти пешбинӣнамудаи моддаи мазкур дар ҳуҷҷатҳои замимашавандаи техникии мол (кор, хизматрасонӣ) дар тамғакоғазҳо, нишонагузорӣ ё ба тарзи дигари барои намудҳои алоҳидаи мол (кор, хизматрасонӣ) қабулгардида огоҳонида мешавад.**

**Маълумот дар бораи сертификати мувофиқати мол (кор, хизматрасонӣ) дар шакли нишонагузории мол (кор, хизматрасонӣ) бо тартиби муқаррарнамудаи аломатҳои мувофиқат ба қайди маълумот дар ҳуҷҷати техникӣ оид ба гузаштани сертификат, рақами сертификат, муҳлати амали он ва доир ба ташкилоте, ки онро додааст, иборат мебошад.**

**Агар ҳуҷҷатҳои техникии мол (шиносномаи техникӣ, дастурамали истифода ва ғайра) ба забони хориҷӣ тартиб дода шуда бошанд, тарҷумаи онҳо ба забони давлатӣ ё ба забони русӣ ҳатмист.**

**Маводи хӯрокворӣи дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бастабандӣ ё дар қуттиҳо ҷойгир кардашуда бояд дорои маълумоти маҳалли истеҳсоли он бошад.**

***Тафсир.*** *Моддаи мазкур маълумоти зарурӣ ва боэътимод, имконияти интихоби дурусти мол аз тарафи истеъмолкунанда, номгӯи намудҳои алоҳидаи мол (кор, хизматрасонӣ) ва тарзи расонидани маълумот ба истеъмолкунанда аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин аз тарафи истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) муқаррар карда мешавад.*

*Маълумотнома дар бораи мол бояд ҳатман мавзӯъҳои зеринро фаро гирад:*

*- номи мол (кор, хизматрасонӣ);*

*- номи фирмавӣ (ном) ва маҳалли ҷойгиршавии (нишонии ҳуқуқӣ) истеҳсолкунандаи мол, маҳалли ҷойгиршавии ташкилот (ташкилотҳо)-е, ки барои қабули шикоятҳои истеъмолкунандагон ва анҷом додани таъмиру хизматрасонии техникии мол аз ҷониби истеҳсолкунанда (фурӯшанда) ваколатдор карда шудааст;*

*- нишон додани стандартҳое, ки бояд мол (кор, хизматрасонӣ) ба талаботи ҳатмии онҳо мувофиқат кунад;*

*- маълумот дар бораи қоидаҳои фурӯши молҳои (корҳо, хизматрасониҳои) номнависшуда, ки дорои (патент) нишонагузории мол ё нишонагузории хизматрасони ҳастанд;*

*- зикри шахсӣ мушаххасе, ки кор (хизматрасони)-ро иҷро мекунад ва агар ин аҳамият дошта бошад, маълумот дар хусуси ӯ бо назардошти хусусияти кор (хизматрасонӣ);*

*- зикри истифодаи фонограммаҳо ҳангоми хизматрасонии фароҷатӣ аз ҷониби иҷрокунандагони асарҳои мусиқӣ;*

*- қоидаву шартҳои истифодаи самаранок ва бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ);*

*- муҳлати кафолат, агар он барои мол (кор, хизматрасонӣ) муқаррар шуда бошад,*

*- муҳлати хизмат ё муҳлати коршоямии мол (кор, хизматрасонӣ), ки мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст ва ҳамчунин маълумот дар бораи амали зарурии истеъмолкунанда баъди гузаштани муҳлати мазкур ва оқибати имконпазир дар сурати иҷро накардани чунин амал, ба шарте, ки мол (кор, хизматрасонӣ) баъди гузаштани муҳлати зикршуда барои ҳаёт, саломати ва амволи истеъмолкунанда хавфу хатар пеш оварад ё худ барои истифода аз рӯи таъинот корношоям шавад;*

*- нарх ва шарти харидани мол (кор, хизматрасонӣ);*

*- таърих (сана)-и истеҳсоли мол (кор, хизматрасонӣ);*

*- уҳдадориҳои кафолатии истеҳсолкунанда (иҷрокунанда);*

*- маълумот бо роҳи коди хаткашида (штрихӣ) аз рӯи алифбо ва рақамгузорӣ.*

*- номи ингредиентҳои ба таркиби маҳсулоти хӯрокворӣ дохилшаванда, бо шумули иловаҳои ғизоӣ;*

*- маълумот дар бораи арзиши энергетикӣ ва ғизоӣ (калориянокии маҳсулот, сафеданокӣ, равғаннокӣ, карбогидратҳо, витаминнокӣ, микроэлементҳо) вазн ё ҳаҷм;*

*- соҳаи истифода (барои ғизои кӯдакон, табобатию профилактикӣ ё парҳези иловаҳои ғизоӣ);*

*- усулҳо ва шартҳои тайёр кардан (барои консентратҳо ва маҳсулоти нимтайёр) ва истифода (барои ғизои кӯдакон, табобатию профилактикӣ ва парҳезӣ);*

*- шартҳои нигоҳдорӣ (барои молҳое, ки барои онҳо талаботи ҳатмии шароити нигоҳдорӣ муқаррар гардидаанд);*

*- таърихи истеҳсол;*

*- аломати манъи истеъмол дар ҳолатҳои гирифтори ба навъҳои алоҳидаи бемориҳо (барои молҳое, ки маълумот дар бораи онҳо бояд ҳатман аломати манъи истеъмол дар ҳолати гирифторӣ ба навъҳои алоҳидаи бемориҳоро дошта бошад).*

*Маълумотҳои дар номгӯи мазкур пешбинӣшуда дар ҳуҷҷатҳои техникии бо молҳо замимашаванда, дар барномаҳо, тамғаҳо ё ба воситаҳои дигаре, ки барои навъҳои алоҳидаи молҳо қабул шудааст, ба маълумоти харидор расонида мешавад.*

*Ҳуҷҷатҳои техникӣ инҳоро дар бар мегиранд:*

*- шиносномаи техникӣ:*

*- дастури истифодабарӣ.*

*Маълумоти барнома мазмуни зеринро дар бар мегирад:*

*- номи умумии маҳсулот;*

*- вазн, ҳаҷм, андоза, пуррагӣ, қад;*

*- таркиби ашёи хом, нисбат ба маводи ғизоӣ бошад, номгӯи маҳсулоти истифодашаванда, иловаҳои ғизоӣ, рангдиҳандаҳо, такмилдиҳандаҳо ва ғайра;*

*- калориянокӣ;*

*- таърихи истеҳсол;*

*- муҳлати коршоямӣ;*

*- шартҳои нигоҳдорӣ;*

*- ному нишони истеҳсолкунанда (тайёркунанда).*

*Тамға бояд дорои маълумоти зерин бошад:*

*- номи маҳсулот;*

*- миқдори номиналии маводи ғизоӣ дар воҳидҳои ченаки муқарраршуда (вазн, ҳаҷм);*

*- андоза, пурраги, қад, ҳаҷм, навъ ва ғайра;*

*- таркиби ашёи хом, нисбат ба маводи ғизои бошад, агар онҳо аз якчанд тартибдиҳандагон тайёр карда шуда бошанд, бо нишон додани номгӯи номҳои дар ҷараёни тайёр кардани дигар маводи ғизоӣ, иловаҳои ғизоӣ, рангдиҳандаҳо, моддаҳо ё пайвастагиҳои химиявии дигари истифодашуда:*

*- қувватнокӣ (ғизонокӣ) (барои маводи ғизое, ки онро доранд);*

*- таърихи истеҳсол;*

*- муҳлати истеъмолбоб будан ё таърихи гузаштани муҳлати коршоями ва истеъмол;*

*- шартҳои нигоҳдорӣ;*

*- нишон додани ҳуҷҷати меъёрӣ:*

*- ному нишони истеҳсолкунанда, ҷои истеҳсол;*

*- шартҳои истифода, агар онҳо пешбинӣ шуда бошанд;*

*- фоизи иловаҳои дигари синтетикию сунъӣ.*

**Моддаи 10. Маълумот дар бораи истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда)**

**Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад доир ба истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) маълумоти зарурӣ ва боэътимод талаб намояд.**

**Ҳангоми бастани шартномаҳои хариду фурӯш ва шартномаҳои иҷрои кор (хизматрасонӣ) бо тарзҳои қабулнамудаи соҳаҳои алоҳидаи хизматрасонии истеъмолкунандагон, маълумоти мазкур дар шакли аёнӣ ва дастрас бо забони давлатӣ ва бо хоҳиши истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) ба таври илова бо забони русӣ ва дигар забонҳо ба маълумоти истеъмолкунандагон расонида мешавад.**

**Истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) ҳамчунин вазифадор аст, ки номи фирмавии (номи) ташкилоти худ, маҳалли ҷойгиршавӣ, суроғаи ҳуқуқӣ ва низоми кори онро ба маълумоти истеъмолкунанда расонад.**

**Агар намуди (намудҳои) фаъолияте, ки истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) анҷом медиҳад литсензия карда шавад, бояд ба истеъмолкунанда оид ба рақами литсензия, муҳлати амали он, инчунин доир ба мақоме, ки ин литсензияро додааст, маълумот пешниҳод намояд.**

**Маълумотҳои пешбинигардидаи қисмҳои сеюм ва чоруми моддаи мазкур бояд ба маълумоти истеъмолкунанда ҳамчунин ҳангоми тиҷорат, хизматрасонии маишӣ ва дигар намудҳои**

**хизматрасонӣ дар биноҳои муваққатӣ, ярмаркаҳо, дӯконҳо ва дигар ҳолатҳо, расонида шавад, ба шарте, ки тиҷорат, хизматрасонии маишӣ ва дигар намудҳои хизматрасонии истеъмолкунандагон берун аз маҳалли доимии мавҷудияти фурӯшанда (иҷрокунанда) анҷом дода шаванд.**

***Тафсир.*** *Моддаи тафсиршаванда ӯҳдадории истеҳсолкунандагон, иҷрокунандагон, фурӯшандагонро дар бораи пешниҳоди маълумоти зарурӣ ва боэътимод оид ба маълумот дар бораи номи фирмавии (номи) ташкилоти худ, маҳалли ҷойгиршавӣ, сурогаи ҳуқуқӣ ва низоми кори он, рақами литсензия, мӯҳлати амали он, инчунин доир ба мақоме, ки ин литсензияро додааст, муқаррар менамояд. Ин ӯҳдадорӣ навобаста аз бастан ва ё набастани аҳди мушаххас ҷой дорад. Яъне истеъмолкунанда бояд дорои имконияти гирифтани маълумоти дахлдор то бастани аҳд ва ё умуман то арзи бастани чунин аҳд дошта бошад. Ин маълумотҳо бояд дар шакли аёнӣ ва дастрас бо забони давлатӣ ва бо хоҳиши истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) ба таври илова бо забони русӣ ва дигар забонҳо ба маълумоти истеъмолкунандагон расонида мешавад (мукаммалтар нигаред ба тафсири моддаи 9, Қонуни мазкур).*

**Моддаи 11. Тартиби кори фурӯшанда (иҷрокунанда)**

**Тартиби кори ташкилотҳои давлатии савдо, хизматрасонии маишӣ ва дигар намудҳои хизматрасонӣ бо қарори мақомоти дахлдори ҳокимияти иҷроияи маҳалҳо муқаррар карда мешавад.**

**Тартиби кори ташкилотҳое, ки дар соҳаҳои савдо, хизматрасонии маишӣ ва дигар намудҳои хизматрасонӣ фаъолият мекунанд ва дар қисми якуми моддаи мазкур зикр нагардидаанд, инчунин соҳибкорони инфиродӣ аз ҷониби онҳо дар мувофиқа бо мақомоти ҳокимияти иҷроияи маҳалҳо муайян карда мешавад.**

**Тартиби кори фурӯшанда (иҷрокунанда) ба маълумоти истеъмолкунанда расонида мешавад ва бояд ба тартиби муқарраршуда мувофиқат кунад.**

**Барои вайрон кардани тартиби кори корхонаи давлатии савдо, хизматрасонии маишӣ ва дигар намудҳои хизматрасонӣ шахсони соҳибмансаб мувофиқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд.**

***Тафсир.*** *Тартиби кори ташкилотҳои давлатии савдо, хизматрасонии маишӣ ва дигар намудҳои хизматрасонӣ бояд чунин маълумотҳоро дар бар гиранд: оғоз ва анҷоми кор; вақти танаффуси нисфирӯзӣ; танаффусҳои техникӣ; рӯзҳои истироҳат ва санитарӣ ва ҳ.к.*

*Вазифаи истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) аз ба истеъмолкунандагон дастрас намудани маълумот оиди тартиби кор, аз ҷумла тағйиротҳое, ки дар тартиби кор ба амал меоянд, иборатанд. Чунин маълумотҳоро фурӯшанда ба тариқи навиштаҷот дар лавҳа, дар шишаи витринаи даромадгоҳ, лавҳаи реклама, инчунин, дар дигар ҷойҳои ба истеъмолкунанда дастрас мебошанд, нишон дода мешаванд. Имконияти расонидани маълумот оиди тартиби кори корхона (тағйиротҳо оиди тартиби кор) тавассути воситаи ахбори умум имконпазир аст. Инчунин, истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) вазифадор аст, тартиби кори муқарраршудаи корхонаро вобаста ба тартиби кори воқеан мавҷудбуда таъмин намояд.*

*Низоми кории иҷрокунанда - ташкилоти давлатӣ бо қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муқаррар мегардад.*

*Низоми кории иҷрокунанда - ташкилоти дорои шакли дигари ташкилию ҳуқуқӣ, инчунин соҳибкори инфиродӣ ба таври мустақилона аз ҷониби худашон бо мувофиқаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муқаррар мегардад.*

*Дар сурати муваққатан боздоштани хизматрасониҳо (барои гузаронидани рӯзҳои санитарӣ аз рӯи нақша, таъмир ва ҳолатҳои дигар) иҷрокунанда вазифадор аст, ки саривақт ба истеъмолкунанда дар бораи таърих ва мухлати боздоштани фаъолияти худ маълумот диҳад.*

*Фарз кардем, дар лавҳа нишон дода шудааст, ки мағоза аз соати 8.00 то 20.00 ҳар рӯз бе истироҳат кор мекунад. Дар ҳолати аз тарафи мағоза риоя накардани тартиби кори муқарраршуда мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, ки вазифадоранд қоидаҳои савдоро назорат намоянд, ҳуқуқи ба ҷавобгарӣ кашанди корхонаро дар мавриди қонунвайронкунӣ доранд.*

*Дар баробари ин, истеъмолкунанда, ки дар натиҷаи аз тарафи фурӯшанда риоя накардани тартиби кор ба ӯ зиён расонида мешавад, ҳуқуқи талаби ҷуброни зиёнро дорад (масалан, агар ӯ дар асоси эълони реклама, ки дар тартиби кор нишон дода шудааст аз як шаҳр ба шаҳри дигар меояд, аммо муайян мекунад,*

*ки корхона кор намекунад). Агар зиёни расонидашуда ба андозаи калон бошад пас истеъмолкунанда омода аст барои ҷуброни он далелҳои мушаххас пеш оварад. Инҳо нишондоди шоҳидон, санаде, ки бо намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ё ин, ки бо намояндаи умури дохила тартиб дода шудааст, мебошанд.*

**Моддаи 12. Масъулияти истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) барои маълумоти нодуруст доир ба мол (кор, хизматрасонӣ) ва оид ба истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда)**

**Агар ҳангоми бастани шартнома ба истеъмолкунанда оид ба мол (кор, хизматрасонӣ) имконияти фавран ба даст овардани маълумот муҳайё карда нашуда бошад, вай ҳуқуқ дорад аз фурӯшанда (иҷрокунанда) товони зарареро талаб намояд, ки дар натиҷаи саркашӣи беасос аз бастани шартнома расидааст ва агар шартнома баста шуда бошад, онро дар муҳлати муносиб бекор кунад ва баргардонидани маблағи барои мол (кор, хизматрасонӣ) пардохташуда ва ҷуброни дигар зарарҳоро талаб намояд.**

**Ҳангоми бекор кардани шартнома истеъмолкунанда вазифадор аст мол (натиҷаи кор, хизматрасонӣ) - ро, агар аз рӯи хусусияташ он имконпазир бошад, ба фурӯшанда (иҷрокунанда) баргардонад.**

**Фурӯшандае (иҷрокунандае), ки оид ба мол (кор, хизматрасонӣ) ба харидор маълумоти пурра ва боэътимод пешниҳод накардааст, мутобиқи Қонуни мазкур ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нуқсони мол (кор, хизматрасонӣ), ки баъди ба истеъмолкунанда фурӯхтани он ба сабаби дар дасти вай мавҷуд набудани чунин маълумот пайдо гардидааст, ҷавобгар мебошад.**

**Бо сабаби пешниҳод накардани маълумоти пурра ва боэътимод оид ба мол (кор, хизматрасонӣ), ки дар натиҷаи он ба ҳаёт, саломатӣ ва амволи истеъмолкунанда зарар расидааст, вай ҳуқуқ дорад ҷуброни чунин зарари пешбинӣнамудаи Қонуни мазкурро, аз ҷумла ҷуброни пурраи зарарҳои ба иншоотҳои табиӣ расидаро, ки моликияти (дар ихтиёри) истеъмолкунанда мебошанд, талаб намояд.**

***Тафсир.*** *Иттилоот яке аз элементҳои асосӣ доир ба мол, кор ва хизмат мебошад, ки тавассути он истеъмолкунанда доир*

*ба моли лозимӣ маълумот пайдо менамояд. Танҳо тавассути иттилооти лозимӣ ва пурра истеъмолкунанда бо мол шинос шуда, онро харидорӣ менамояд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Иттилоотонӣ" аз 6.08.2001 муқаррар менамояд, ки иттилоот - маълумот дар бораи шахс, ашё, объект, воқеиёт, рӯйдоду ҳодисот (падидаҳо) ва равандҳо сарфи назар аз шакли пешниҳоди онҳо мебошпд. Аз ин рӯ, маълумоте, ки истеъмолкунанда мегирад, бояд дуруст ва оммафаҳм бошад, то ки ба ӯ зарар нарасонад. Оммафаҳм будани иттилоот маънои онро дорад, ки истеъмолкунанда бевосита моҳияти иттилоотро нисбати мол ва худи истеъмолкунандаи он бе донишҳои махсус дарк намояд. Қонунгузори амалкунанда як қатор номгӯи маълумотро муқаррар намудааст, ки барои истеъмолкунанда ҳатман бояд пешниҳод карда шаванд, ки онҳоро шартан ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:*

*1. Маълумот дар бораи истеъсолкунанда, ки ба он дохил мешавад; номи фирмавии ташкилот, маҳалли ҷойгиршавии он, реҷаи кории ташкилот, маълумот дар бораи фурӯшанда. маълумот дар бораи иҷозатнома(агар барои чунин намуди фаъолият иҷозатнома лозим бошад) ва ғайраҳо.*

*2. Маълумот дар бораи мол (кор ва хизмат). Нақши асосиро маълумот дар бораи мол ташкил медиҳад, ки ба истеъмолкунанда лозим мебошад. Ба чунин маълумот пеш аз ҳама дохил мешавад: тартиби истифодабарии мол, таркиби мол, муҳлати истифодабарӣ ва ғайраҳо.*

*3. Агар маълумотҳои дар боло зикршуда нодуруст бошанд, истеъмолкунанда метавонад молро баргардонида, шартномаро бекор намуда, зарари расонидашударо талаб намояд.*

*4. Қонунгузори амалкунанда ҳуқуқҳои истеъмолкунандаро аз иттилооти бардурӯғ ҳифз намудааст. Ҳифзи иттилоот гуфта – маҷмӯи чорабиниҳоро меноманд, ки бо мақсади пешгирӣ намудани ихроҷӣ, дуздӣ, гумкунӣ, нобудсозии беиҷозат, ғалат маънидодкунӣ, тағйирдихӣ (сохтакорӣ), нусхабардории беиҷозат ва бастани роҳи паҳншавии иттилоот гузаронида мешаванд.(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҳифзи иттилоот" 2.12.2002). Ҷавобгарии фурӯшанда дар ҳолате ба вуҷуд меояд, агар маълумот бардурӯғ бошад ва аз ин рӯ фурӯшанда ӯҳдадор аст, зарари ба истеъмолкунанда расонидашударо баргардонад.*

*5. Бо сабаби пешниҳод накардани маълумоти пурра ва боэътимод оид ба мол (кор, хизматрасонӣ), ки дар натиҷаи он ба ҳаёт, саломатӣ ва амволи истеъмолкунанда зарар расидааст, вай ҳуқуқ дорад ҷуброни чунин зарари пешбинӣнамудаи Қонуни мазкурро, аз ҷумла ҷуброни пурраи зарарҳои ба иншоотҳои табиӣ расидаро, ки моликияти (дар ихтиёри) истеъмолкунанда мебошанд, талаб намояд. Қонуни Ҷумҳури Тоҷикистон "Дар бораи Иттилоотонӣ муқаррар намудааст, ки аз роҳ надодан барои дастрас кардани иттилооти ошкоро ё аз дидаву дониста пешкаш намудани иттилооти барғалат (нодуруст) ба суд шикоят кардан мумкин аст. Дар ҳар ҳолат шахсоне, ки онҳоро аз дастрас намудани иттилоот маҳрум гардонидаанд ва шахсоне, ки иттилооти барғалат гирифтаанд, ба товони зарар ҳуқуқ доранд. Тарафҳо барои иҷро накардан ё худ номатлуб иҷро кардани уҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯш, пешкаш намудани захираҳои иттилоот тибқи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон масъуланд.*

*Суд баҳсҳоро оиди беасос нисбат додани иттилоот ба категорияи иттилоотии дастрасаш маҳдуд ва даъвоҳоро оиди ҷуброни зиён дар ҳолатҳои беасос ба истифодабарандагон пешкаш накардани иттилоот ё ки барои ҳуқуқвайронкуниҳо нисбати истифодабарандагон ва уҳдадориҳои шартнома дида мебарояд.*

**Моддаи 13. Масъулияти фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) барои вайрон кардани ҳуқуқи истеъмолкунандагон**

**Фурӯшанда барои вайрон кардани ҳуқуқи истеъмолкунанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) тибқи Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шартнома ҷавобгар мебошад.**

**Агар тибқи қонун тартиби дигар муқаррар нагардида бошад, зарари ба истеъмолкунанда расида дар ҳаҷми пурра, бо замми ноустуворонаи (пушаймонаи) муқаррарнамудаи қонун ё шартнома ҷуброн карда мешавад.**

**Пардохти ноустуворона ва ҷуброни зарар фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда)-ро дар асл аз иҷрои уҳдадориҳои дар назди истеъмолкунанда доштааш озод намекунад.**

**Агар фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) исбот намояд, ки уҳдадориҳояшро бинобар қувваи рафънопазир иҷро накардааст ё номатлуб иҷро кардааст ва дар ин бобат ӯ гуноҳе надорад, аз ҷавобгарӣ озод карда мешавад.**

**Талаботи истеъмолкунанда оид ба пардохти ноустуворонаи (пушаймонаи) пешбинӣнамудаи қонун ё шартнома аз ҷониби фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) ихтиёрӣ қонеъ гардонида мешавад.**

**Дар сурати аз ҷониби суд қонеъ гардонидани талаботи тибқи қонун муқарраршудаи истеъмолкунандагон, суд ҳуқуқ дорад аз фурӯшандае (истеҳсолкунандае, иҷрокунандае), ки ҳуқуқи истеъмолкунандагонро поймол кардааст, барои риоя накардани тартиби ихтиёран қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунанда дар хусуси рӯёнидани ҷарима ба андозаи арзиши даъво қарор барорад.**

***Тафсир.*** *Фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) барои вайрон кардани ҳуқуқи истеъмолкунанда тибқи Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шартнома ҷавобгар мебошад.*

*Тибқи қонуни мазкур ҷавобгарии фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) муқаррар нагардидааст ва ин ҷавобгарӣ бо дигар санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешаванд.*

*Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ намудҳои ҷазоро барои вайрон кардани ҳуқуқи истеъмолкунандагон муқаррар мекунад. Масалан дар м. 624 «барои риоя накардани қоидаҳои савдо ва хизматрасонӣ дар корхонаю ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият, инчунин аз ҷониби шахсони воқеӣ, - ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз се то ҳафт, ба шахсони мансабдор аз даҳ то бист ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз сад то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад». Моддаи 625 ҷавобгариро барои истеҳсол, фурӯш, бориш, таҳвил, истифодаи маҳсулот, иҷрои кор ва хизматрасонӣ, ки ҷавобгӯйи талаботи стандартҳои давлатӣ ва шартҳои техникӣ нестанд пешбинӣ намудааст. Моддаи 627 ҷавобгариро барои фиреб додани истеъмолкунандагон муқаррар намудааст. Моддаи 628 ҷавобгариро барои риоя накардани талаботи стандарт ва шартҳои техникӣ, қоидаҳои сертификатсия ва хизматрасонӣ барои шахсони воқеӣ ба андозаи аз панҷ то даҳ, ба шахсони мансабдор аз бист то си ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз сад то дусад*

*нишондиҳанда ва барои дар давоми як соли баъди таъини ҷазои маъмурӣ такроран содир намудани кирдор ба шахсони воқеӣ аз понздаҳ то бист ва ба шахсони мансабдор аз чил то панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо мусодираи ашёи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷарима таъйин карда шудааст.*

*Муқаррароти умумии ҷуброни зарари ба истеъмолкунанда дар натиҷаи камомади мол, кор ва хизматрасонӣ расонидашуда инчунин, ашхосе, ки барои зарари дар натиҷаи норасогиҳои мол, кор, хизматрасонӣ ҷавобгаранд, мӯҳлатҳои ҷуброн ва асосҳои озод намудани фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) оиди масъулияти муайяншуда дар м. 13 ва 14 Қонуни мазкур аз ҷумла дар моддаҳои 1011-1014 Кодекси граждании ҶТ муқаррар гардидааст.*

*Тибқи м. 423 КГ ҶТ қарздоре, ки уҳдадориро вайрон кардааст, вазифадор аст ба кредитор товони зиёни дар натиҷаи вайрон кардани ӯҳдадорӣ расидаро пардозад (моддаи 15 ҳамин Кодекс). Инчунин ҳангоми муайян кардани зиён нархҳои маҳалле, ки ӯҳдадорӣ мебоист дар он ҷо ба иҷро расонда шавад, дар рӯзи ихтиёран қонеъ намудани талаби кредитор аз ҷониби қарздор ба эътибор гирифта мешавад, вале агар талабот ихтиёран қонеъ карда нашуда бошад - нархҳои дар рӯзи арз шудани даъво амалкунанда ба инобат гирифта мешаванд. Бо назардошти ҳолатҳо, суд метавонад талаби товони зиёнро бо ба инобат гирифтани нархҳое, ки дар рӯзи баровардани қарор амал мекунанд ё дар рӯзи пардохти воқеӣ ҷорӣ мебошанд, қонеъ намояд.*

*Мувофиқи қ.2 м. 15 КГ ҶТ таҳти мафҳуми зиён хароҷоте фаҳмида мешавад, ки шахсӣ ҳуқуқаш вайронгардида масраф намудааст ё бояд барои барқарор намудани ҳуқуқи вайронгардида масраф намояд, аз даст рафтан ё хароб гардидани амволи е (зиёни воқеӣ), инчунин даромади ба даст наомадае, ки ин шахс, агар ҳуқуқаш вайрон намегардид, дар шароити муқаррарии аҳдҳои гражданӣ метавонист ба даст оварад (фоидаи аз дастрафта).*

*Масалан, товони зиён дар чунин ҳолатҳои зерин пешбинӣ шудааст:*

*-сари вақт ба истеъмолкунанда дар бораи мол (кор, хизматрасонӣ) маълумоти зарурӣ ва боэътимод ва нокифоя пешниҳод накардан м. 9 ҳамин қонун;*

*-вайрон намудани ҳуқуқ барои интихоби озоди мол м. 5 ҳамин қонун;*

*-фурӯши моли бадсифат м. 33.*

*Тибқи м. 1111 КГ ҶТ муқаррар карда мешавад, ки барои зараре, ки ба ҳаёт, саломатӣ ё амволи шаҳрванд ё амволи шахсӣ ҳуқуқӣ дар натиҷаи камбудиҳои конструктивӣ, дастурӣ (ретсептурӣ) ё дигар норасоии мол (кор, хизматрасонӣ) расонида мешаванд, бояд аз ҷониби фурӯшанда пурра ҷуброн карда шавад.*

*Ҷавобгарии амволии фурӯшанда сарфи назар аз гуноҳи онҳо ва он, ки ҷабрдида бо онҳо муносибатҳои шартномавӣ дошт ё на, ҷуброн карда мешавад (қ.1 м. 1111 КГ ҶТ).*

*Инчунин барои вайрон кардани ҳуқуқи истеъмолкунандагон фурӯшанда ӯҳдадор аст ғайр аз зарари амволӣ зарари маънавиро низ ҷуброн намояд.*

*Андозаи товони зарари маънавӣ дар қонун муқаррар карда нашудааст. Аммо он вобаста ба характер ва андозаи ба истеъмолкунанда расонидани ранҷу азоби ҷисмонӣ ва маънавӣ, аз ҷониби суд муқаррар карда мешавад.*

*Ҷуброни зарари маънавӣ новобаста ба ҷуброни зарари амволӣ, ки ба истеъмолкунанда зиён расонида шудааст, ҷуброн карда мешавад. Дар сурати қонеъ нагардидани талаботҳои бо асоси истеъмолкунанда бо розигии ӯ фурӯшанда (истеҳсолкунанда иҷрокунанда) гирифтори ҷарима мешавад.*

*Зарари маънавие, ки ба истеъмолкунанда дар натиҷаи аз ҷониби фурӯшанда вайрон кардани ҳуқуқҳои ӯ расонида шудааст, ҳангоми мавҷуд будани гуноҳ аз ҷониби шахсе, ки зарар расондааст, ҷуброн карда мешавад. Андозаи ҷуброни зарари расонидашуда, агар дар санадҳои қонунгузорӣ тартибе дигаре пешбинӣ нагардида бошад, аз ҷониби суд муқаррар карда мешавад. (Муфассалтар нигаред ба тафсири моддаи 15).*

**Моддаи 14. Ҷавобгарии амволӣ барои зараре, ки дар натиҷаи нуқсони мол (кор, хизматрасонӣ) расидааст**

**Зарари ба ҳаёт, саломатӣ ё амволи истеъмолкунанда расонидашуда дар натиҷаи нуқсони сохт, истеҳсолӣ, дастурӣ ва дигари мол (кор, хизматрасонӣ) пурра ҷуброн карда мешавад.**

**Ҳар як ҷабрдида, сарфи назар аз он ки бо фурӯшанда (иҷрокунанда) муносибатҳои шартномавӣ дошта буд ё не, барои талаб кардани ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи нуқсони мол (кор, хизматрасонӣ) расонида шудааст, ҳуқуқ дорад.**

**Агар зарар дар муҳлати муқарраршудаи хизмат ё коршоямии мол (кор, хизматрасонӣ) ба ҳаёт, саломатӣ ва амволи истеъмолкунанда расида бошад, он ҷуброн карда мешавад.**

**Агар мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мол (кор) аз ҷониби истеҳсолкунанда (иҷрокунанда) бояд муҳлати хизмат ё муҳлати коршоямӣ муқаррар карда мешуду вале он муқаррар карда нашуда бошад, ё худ истеъмолкунандае, ки мол ба ӯ фурӯхта (кораш ба ҷо оварда) шудааст, аз иҷрои амалҳои зарурии баъди гузаштани муҳлати хизмат ё муҳлати коршоямӣ ва аз оқибати эҳтимолии иҷро накардани ин амалҳо огоҳонида нашуда бошад, товони зиён, қатъи назар аз вақту соати расиданаш, бояд пардохта шавад.**

**Агар мутобиқи ҳамин Қонун истеҳсолкунанда (иҷрокунанда) ба мол (кор) муҳлати хизмат муқаррар накарда бошад, дар сурати зарар дидан он бояд дар давоми даҳ соли ба истеъмолкунанда супурдани он ва агар рӯзи супурдани мол (кор) - ро муқаррар кардан ғайриимкон бошад, аз рӯзи тайёр намудани мол (анҷоми иҷрои кор) бояд ҷуброн карда шавад.**

**Зарари бинобар нуқсони мол расида аз ҷониби фурӯшандаи мол ҷуброн карда мешавад.**

**Зарари дар натиҷаи нуқсони кор ё хизматрасонӣ расидаро иҷрокунанда ҷуброн менамояд.**

**Истеҳсолкунанда (иҷрокунанда) барои зараре, ки дар натиҷаи истифодаи маводу таҷҳизот, асбобҳо ва дигар воситаҳои зарурии истеҳсоли мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) ба ҳаёт, саломатӣ, муҳити зист ё амволи истеъмолкунанда расидааст, сарфи назар аз он ки дараҷаи дониши илмию техникиаш барои ошкор намудани хусусиятҳои хоси онҳо имконият медод ё не, ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.**

**Агар истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) исбот намояд, ки мол (кор, хизматрасонӣ) дар натиҷаи таъсири қувваи рафънопазир ва ё аз тарафи истеъмолкунанда бинобар вайрон кардани қоидаҳои истифодабарӣ, нигоҳдорӣ ё интиқоли он зарар дидааст, ӯ аз ҷавобгарӣ озод карда мешавад.**

***Тафсир.*** *Қонун муайян мекунад, ки зарари расонидашуда ба ҳаёт, саломатӣ ё моликияти истеъмолкунанда, ки дар натиҷаи камбудҳои коструктивӣ, истеҳсолӣ ё дигар камбудиҳои мол (кор ва хизматрасонӣ) аз ҷониби фурӯшанда ё истеҳсолкунандаи мол ва ё иҷрокунандаи хизматрасониҳо ново-*

*баста аз гуноҳашон ва аз он, ки ҷабрдида бо онҳо шартнома баста буд ё не, ҷуброн карда мешавад. Дар бисёр мавридҳо мол (кор ва хизматрасонӣ) ба шахсоне зарар мерасонанд, ки ба истеҳсолкунандаи ин мол ягон иртибот надоранд (масалан, дар ҳолати оташ гирифтани телевизор зарар на танҳо ба моли соҳиби он, балки ба мол ва ҳатто ба моли шахсони дигар расонида мешаванд).*

*Қонунгузорӣ чунин ҳолатҳоро низ пешбинӣ намуда, имкон медиҳад, ки ҷуброни зарар комилан ба ҳар як ҷабрдида новобаста аз он, ки бо шахсӣ зараррасонида шартнома ба имзо расонида буд, ё не талаб карда мешавад.*

*Чи тавре, ки қаблан зикр карда будем, ҷавобгарии истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) барои маҳсулоти истеҳсолшуда (кор, хизматрасонӣ), бо муҳлати хизмат ё истифодабарии мол (кор, хизматрасонӣ) маҳдуд карда мешаванд. Аммо дар сурати муқаррар набудани мӯҳлат, истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) ӯҳдадор аст бехатарии молро (кор, хизматрасонӣ) дар муддати 10 сол аз рӯзи ба истеъмолкунанда додани он таъмин намояд. Дар сурати муқаррар кардани санаи супоридани мол ғайриимкон будан бехатарии он аз рӯзи санаи истеҳсолшавӣ ҳифз карда мешавад.*

*Мутобиқи моддаи 1113 КГ ҶТ зарар ҷуброн карда мешавад, агар он дар санаи муҳлати муқарраршудаи коршоямӣ ва муҳлати хизматии истеҳсоли маҳсулот (кор, хизматрасонӣ) рух дода бошад. Дар сурати муқаррар набудани муҳлати истифодабарӣ ё санаи истеҳсоли маҳсулот, дар муддати 10 сол аз рӯзи истеҳсол шудани маҳсулот (кор ё хизматрасонӣ) ва новобаста аз он, ки ин зарар кай расонида шудааст: - дар ҳолати риоя накардани талаботҳои Қонун оиди муҳлати истифода ё муҳлати хизмати он; - истеъмолкунанда аз тамомшавии муҳлати истифодабарӣ ё хизматрасонӣ ва ё оқибатҳои эҳтимолии он ҳангоми иҷро накардани амалҳои нишондодашуда огоҳ карда нашуда буд ё ин, ки ба ӯ маълумоти муфассал оид ба мол (кор, хизматрасонӣ) дастрас карда нашудаанд.*

*Зери мафҳуми муҳлати коршоямӣ, чи хеле ки дар қисми 10 моддаи 1 Қонун бармеояд, даврае фаҳмида мешавад, ки баъди гузаштани он мол (натиҷаи кор) барои истифода кардан аз рӯи таъиноташ корношоям дониста мешавад. Чунин санаҳо барои маҳсулоти озуқа, маводҳои ороишиву атриёт, доруворӣ, молҳои кимиёвӣ ва ғайра муқаррар карда мешаванд. Мутобиқи банди 1*

*моддаи 7 Қонун барои моли (кори) истифодааш дарозмуддат истеҳсолкунанда (иҷрокунанда) ҳуқуқ дорад, ки муҳлати хизмат муқаррар намояд.*

*Истеҳсолкунанда (иҷрокунанда) вазифадор аст муҳлати хизмати моли (кори) истифодааш дарозмуддат, аз ҷумла маснуоти комплектӣ (ҷузъу қисмҳо, агрегатҳо) – ро, ки бо мурури замон барои ҳаёт, саломатии истеъмолкунанда хавфнок шуда, ба амволи ӯ ё ба муҳити зист зарар расонда метавонад, муқаррар намояд.*

*Барои ҷуброни зарари расонидашуда ба кӣ бояд муроҷиат кард ба истеҳсолкунанда ё ба фурӯшанда ин кори истеъмолкунанда аст. Аммо барои зараре, ки дар натиҷаи камбудиҳои кор ва ё хизматрасониҳо расидааст, аз ҷониби иҷрокунанда ҷуброн карда мешавад.*

*Ба он таваҷҷӯҳ намоед, ки фурӯшанда дар сурате аз ҳама гуна ҷавобгарӣ озод карда мешавад, агар ӯ исбот намояд, ки зарар дар натиҷаи як қувваи номуайяни бартарафнашаванда ё бо гуноҳи истеъмолкунанда, ки қоидаи истифодабарӣ, нигоҳдорӣ, кашонидан, ё ин ки ба дигар ҷой бурдани маҳсулотро риоя накардааст, содир шудаанд.*

**Моддаи 15. Ҷуброни зарари маънавӣ**

**Зарари маънавие, ки истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) дар натиҷаи риоя накардани ҳуқуқҳои бо қонунгузорӣ пешбинӣнамудаи истеъмолкунанда ба ӯ расондааст, аз ҷониби гунаҳкор ҷуброн карда мешавад.**

**Зарари маънавӣ сарфи назар аз пардохти товони зиёни амволӣ ҷуброн карда мешавад. Зарари маънавӣ бо пул ҷуброн карда мешавад.**

**Ҳаҷми ҷубронпулии зарари маънавиро суд муайян мекунад.**

***Тафсир.*** *Моддаи 171 Кодекси граждании муқаррар намудааст, ки агар ба шаҳрванд дар натиҷаи амалҳои вайронкунандаи хуқуқи шахсии ғайримоддие ё ба неъматҳои дигари ғайримоддии шаҳрванд таҳдидкунанда зиёни маънавӣ (азобу шиканҷаи ҷисмонӣ ё рӯҳӣ) расонида шуда бошад, инчунин дар ҳолатҳои дигари пешбинӣнамудаи қонун суд метавонад шахсӣ ҳуқуқвайронкардаро вазифадор созад, ки ин зиёнро ҷуброн намояд.*

*Ҳангоми муайян намудани андозаи ҷуброни зиёни маънавӣ суд дараҷаи гуноҳи шахсӣ вайронкардаи ҳуқуқ ва ҳолатҳои ди-*

*гари қобили таваҷҷуҳро ба назар мегирад. Суд ҳамчунин бояд дараҷаи азобу шиканҷаи ҷисмонӣ ва рӯҳии марбут ба хусусиятҳои инфиродии шахсӣ ҷабрдидаро ба назар гирад. Қонунгузор муайян менамояд, ки зарари маънавӣ бо пул ҷуброн карда мешавад.*

*Ҳуқуқи шахсӣ ғайри молу мулкиро суд бо тартиби пешбинӣнамудаи қонунҳои мурофиаи гражданӣ муҳофизат менамояд. Ҳуқуқи шахсии ғайри молу мулкӣ сарфи назар аз гуноҳи шахсӣ вайроннамудаи ҳуқуқ ҳифз карда мешавад.*

**Моддаи 16. Беэътибор донистани шартҳои шартномае, ки ҳуқуқи истеъмолкунандагонро маҳдуд месозад**

**Шартҳои шартномае, ки ҳуқуқи истеъмолкунандаро маҳдуд месозанд ва хилофи меъёру қоидаҳое мебошанд, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон муқаррар карда шудаанд, беэътибор дониста мешаванд.**

**Агар дар натиҷаи иҷрои шартҳои шартнома ҳуқуқи истеъмолкунанда маҳдуд карда шавад ва ба ӯ зарар расад, истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) онро дар ҳаҷми пурра ҷуброн мекунад.**

**Зимни харидории як мол гузоштани шарти ҳатман харидани моли дигар манъ аст. Зараре, ки дар натиҷаи вайрон кардани ҳуқуқи интихоби озоди мол (кор, хизматрасонӣ) ба истеъмолкунанда мерасад, аз ҷониби фурӯшанда (иҷрокунанда) дар ҳаҷми пурра ҷуброн карда мешавад.**

**Фурӯшанда (иҷрокунанда) ҳуқуқ надорад, ки бе розигии истеъмолкунанда кору хизматрасонии иловагии музднокро иҷро намояд. Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад аз пардохти чунин кор (хизматрасонӣ) даст кашад ва агар он пардохта шуда бошад, истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад аз фурӯшанда (иҷрокунанда) баргардонидани маблағи пардохташударо талаб намояд.**

***Тафсир.*** *Мутобиқи моддаи 452 ҶТ шартнома созиши ду ё якчанд шахс барои ба вуҷуд овардан, тағйир додан ё қатъи ҳуқуқ ва уҳдадории гражданӣ мебошад. Ҳамзамон баробарии комили тарафҳо яке аз шартҳои асосии муносибати онҳо дар шартнома маҳсуб меёбад. Ин модда муайян мекунад, ки шароити шартномае, ки барои поймол гардидани ҳуқуқи истеъмолкунанда дар муқоиса бо муқарраároти дигари ҳуқуқӣ ё дигар санадҳои меъёри ҳуқуқии ҶТ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои ис-*

*теъмолкунанда равона карда шудааст, беэътибор ҳисобида намешавад.*

*Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад, ки озодона маҳз он маҳсулоте, ки мавриди ниёзи ӯ мебошад, харидорӣ намояд. Чунин муқаррарот маънои онро дорад, ки дилхоҳ маҳсулоте, ки дар мағоза мавҷуд аст, бояд фурӯхта шавад ва дилхоҳ хизматрасоние, ки вобаста ба касби фурӯшанда аст, бояд мувофиқи талаби истеъмолкунанда расонида шавад. Интихоб дар ин ҳолат бидуни ягон дахолати иҷбории бавосита ё бевосита озод аст.*

*Риоя нагардидани ҳуқуқи истеъмолкунанда метавонад дар иҷрои корҳои иловагӣ (хизматрасониҳо) тариқи пардохти иловагӣ бидуни розигии истеъмолкунанда инъикос гардад. Дар сурате, ки истеъмолкунанда барои пардохти корҳои (хизматрасониҳо) иловагӣ розигӣ надодааст ё аз пардохти он баъди иҷрои кор саркашӣ кардааст, вай ҳуқуқ дорад аз пардохти маблағ худдорӣ кунад ва агар ин корҳо (хизматрасониҳо) пардохт карда шуда бошанд, ҳуқуқ дорад аз фурӯшанда маблағи пардохтшударо бозпас гирад.*

*Ҳолати дигари риоя нагардидани ҳуқуқи истеъмолкунанда метавонад шароити аз ҷониби фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) пешниҳод гардидани пардохт барои хизматрасониҳои иловагӣ мебошад, ки фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) бояд бе пул ба иҷро расонад. Инчунин қоидаҳои номгӯи намудҳои алоҳидаи мол, ки мутобиқи Қарори Ҳукумати ҶТ аз 2 феврали соли 2009 №89 пешбинӣ гардидааст, ки дар сурати хариди маҳсулоти бузургҳаҷм ба истеъмолкунанда барои бо нақлиёт таъмин кардани он маҳсулот мусоидат карда шавад. Дар сурати иҷро нагардидани ӯҳдадорӣ оид ба таъмини нақлиёт истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад, ки аз ҳисоби худаш ин амалро ба анҷом расонад, аммо фурӯшанда хароҷоти ӯро бояд, ки пардохт кунад.*

*Мутобиқи моддаи 16 Қонун зарари дар ҳолати риоя нагардидани ҳуқуқҳои ӯ барои интихоби озод аз ҷониби иҷрокунанда дар шакли пурра ҷуброн карда мешавад. Ғайр аз ин, чӣ хеле ки қаблан зикр кардем, ҳангоми расонидани хизматрасониҳои иловагӣ бидуни мувофиқа бо истеъмолкунанда, истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад аз пардохти маблағ худдорӣ кунад ва агар маблағ пардохт шуда бошад, онро пас гардонад.*

**Моддаи 17. Ҳимояи судии ҳуқуқи истеъмолкунандагон**

**Ҳуқуқҳои дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣгардидаи истеъмолкунандагонро суд ҳимоя мекунад.**

**Даъвоҳо ба суди маҳалли зисти даъвогар ё маҳалли ҷойгиршавии ҷавобгар ва ё маҳалли зарари расида пешниҳод карда мешаванд.**

**Мақомоти давлатии ваколатдор (раёсати минтақавии онҳо), ки ба сифат ва бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) назорат мекунанд, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятии истеъмолкунандагон (иттифоқҳо ва ассотсиатсияҳои онҳо) доир ба даъвоҳое, ки ба манфиати истеъмолкунандагон, гурӯҳи истеъмолкунандагон, гурӯҳи номуайяни истеъмолкунандагон пешниҳод мекунанд, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз пардохти боҷи давлатӣ озод карда мешаванд.**

***Тафсир.*** *Мувофиқи моддаи 19 Конститутсияи ҶТ ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ дорад. Ва дар ҳамин замина қисмати аввали моддаи тафсиршаванда муқаррар менамояд, ки ҳуқуқҳои поймолгаштаи истеъмолкунандагон на танҳо тариқи маъмурӣ, инчунин тариқи судӣ низ ҳимоя карда мешавад. Инчунин аз моддаи 11 КГҶТ ва моддаи 4 КМГҶТ бар меояд, ки ҳифзи ҳуқуқҳои гражданин аз он ҷумла истеъмолкунандагони вайронгардида ё мавриди баҳс қарордошта тибқи мансубияти бо қонунҳои мурофиави муқарраршудаи парвандаҳо аз ҷониби суд, суди иқтисодӣ ё суди ҳакамӣ (минбаъд суд) ба амал бароварда мешавад.*

*Қисмати дуюми моддаи тафсиршаванда муқаррар менамояд, ки дар ҳолати поймол гаштани ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ва ё мавҷуд будани баҳс онҳо метавонанд ба суди маҳалли зисти худ ё маҳалли ҷойгиршавии ҷавобгар ва ё маҳалли зарари расида даъво пешниҳод намоянд.Ҳамчунин дар қисми 7 -8 моддаи 31КМГҶТ муқаррар шудааст, ки даъво оид ба ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон мумкин аст ҳамчунин ба суди маҳалли истиқомати даъвогар ё маҳалли бастани шартнома ё иҷро намудани он пешниҳод карда мешавад.Даъвое, ки аз шартнома бармеояд ва дар он маҳалли иҷро зикр шудааст, мумкин аст ҳамчунин ба суди маҳалли иҷрои шартнома пешниҳод шавад.*

*Дар ин ҷо маҳали зисти даъвогар ва ё ҷавобгор мутобиқи моддаи 21 КГ ҶТ маҳалле эътироф мегардад, ки шаҳрванд доими ё бештар дар он истиқомат мекунад. Маҳалли бастани*

*шартнома агар дар шартнома муқаррар карда нашуда бошад, пас дар асоси моддаи 476 КГҶТ маҳалли зисти шаҳрванд ё маҳалли буду боши шахсӣ ҳуқуқӣ дониста мешавад, ки аферта фиристода шудааст.*

*Дар қисмати сеюми моддаи тафсиршаванда муқаррар шудааст,ки мақомоти давлатии ваколатдор, ки сифат ва бехатарии мол (кор, хизматрасониро) назорат мекунанд, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятии истеъмолкунандагон доир ба даъвоҳое, ки ба манфиати истеъмолкунандагон, гурӯҳи истеъмолкунандагон, гурӯҳи номуайяни истеъмолкунандагон пешниҳод мекунанд, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз пардохти боҷи давлатӣ озод карда мешаванд.*

*Ба сифати яке аз мақомоти давлатиии ваколатдор, ки сифат ва бехатарии молро назорат мекунанд, ин Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад мекунад(муфассал нигаред дар бораи пешниҳод намудани даъво аз ҷониби мақомотҳои номбаршуда ба тафсир моддаҳои 39, 42 Қонуни мазкур).*

# БОБИ 2. ҲИМОЯИ ҲУҚУҚИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОН ҲАНГОМИ ФУРӮШИ МОЛ

## Моддаи 18. Оқибати фурӯши моли дорои сифати номатлуб

Истеъмолкунандае, ки ба ӯ моли дорои сифати номатлуб фурӯхтаанд ва ӯро фурӯшанда пешакӣ аз он огоҳ накардааст, ҳуқуқ дорад бо хости худ талаб намояд, ки:

- он ба моли дигари ҳамин хел тамға (модел, артикул) ё ба ҳамон хел моли тамғаи (модели, артикули) дигар бо ҳисобу китоби дахлдори нархи хариди мол иваз карда шавад;
- нуқсони молро бемузд бартараф намуда ё маблағе, ки бароиислоҳи он аз ҷониби истеъмолкунанда ё шахсӣ сеюм харҷ шудааст, ҷуброн карда шавад;
- шартномаи хариду фурӯш бекор карда шавад;
- нархи хариди мол мутобиқан кам карда шавад.

Ҳамзамон истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад ҷуброни пурраи зарари дар натиҷаи фурӯхтани моли дорои сифати номатлуб ба ӯ расидаро талаб намояд.

Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад иваз кардани молҳои мураккаби техникӣ ва гаронбаҳоро дар сурати ошкор шудани нуқсони ҷиддӣ (ҷиддан риоя нашудани талабот нисбати сифати мол) талаб намояд. Номгӯи молҳои мураккаби техникиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад.

Талаботи дар қисми якуми ҳамин модда зикргардидаро истеъмолкунанда ба фурӯшанда ё ташкилоте, ки вазифаи фурӯшандаро дар асоси шартномаи хариду фурӯш иҷро мекунад, пешниҳод менамояд.

Дар сурати ошкор шудани нуқсони мол, ки хусусияти он имкон намедиҳад ин нуқсон бартараф карда шавад, истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад бо хости худ чунин молро ба моли дигари сифатнок иваз намояд ё қимати фурӯши онро мутаносибан паст намояд, шартномаро бекор кунад.

Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад моли дорои сифати номатлубро ба истеҳсолкунанда баргардонад ва маблағи барои он пардохташударо талаб намояд. Ҳангоми ба истеъмолкунанда баргардонидани пули мол фурӯшанда ҳақ надорад аз ӯ маблағеро, ки арзиши мол дар натиҷаи пурра ё қисман истифода кардан ба ин андоза паст шудааст, ҳуснаш коҳидааст ё худ бинобар ҳолатҳои дигари ба ин монанд дошта гирад.

**Ҳуҷҷати тасдиқкунандаи харидории молро надоштани истеъмолкунанда барои қонеъ нагардонидани талаботи ӯ асос шуда наметавонад.**

**Барои тасдиқи харидории мол шаҳодат, нишонаҳои унсурҳои маводи борпечонӣ (зарф), ки аз ҳамин фурӯшанда харида шудани молро тасдиқ менамоянд ва ҳамчунин ҳуҷҷатҳо ва дигар воситаҳои исботкунандае ки аз ҳамин фурӯшанда харидорӣ шудани молро нишон медиҳанд, истифода шуда метавонанд.**

**Фурӯшанда (истеҳсолкунанда) ё ташкилоте, ки вазифаи фурӯшанда (истеҳсолкунанда) - ро ба ҷо меоварад, дар асоси шартномаи байни худ вазифадоранд моли дорои сифати номатлубро аз истеъмолкунанда қабул карда гирад ва дар мавриди зарурӣ сифати молро бисанҷад.**

**Дар сурати сар задани баҳс доир ба ошкор гардидани нуқсони мол фурӯшанда (истеҳсолкунанда) ё ташкилоте, ки вазифаи фурӯшанда (истеҳсолкунанда)-ро иҷро менамояд, дар асоси шартномаи байни худ вазифадоранд молро аз ҳисоби худ экспертиза кунанд. Истеъмолкунанда бояд аз ҷой ва рӯзу соати гузаронидани экспертизаи мол хаттӣ огоҳонида шавад. Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад дар санҷиши (экспертизаи) сифати мол шахсан ё намояндааш иштирок намояд. Истеъмолкунанда ҳақ дорад доир ба хулосаи чунин экспертиза бо эътироз ба суд муроҷиат намояд.**

**Хароҷоти экспертизаро фурӯшанда (истеҳсолкунанда) медиҳад. Агар дар натиҷаи экспертиза муқаррар гардад, ки мол баъди харидани истеъмолкунанда бинобар риоя накардани қоидаҳои истифода, нигоҳдорӣ ё интиқол нуқсондор шудааст, хароҷоти гузаронидани экспертиза ва ҳамчунин хароҷоти ба сабаби гузаронидани он интиқол додани молро ба фурӯшанда (истеҳсолкунанда) бояд истеъмолкунанда ҷуброн намояд.**

**Фурӯшанда (истеҳсолкунанда) ва ё ташкилоте, ки вазифаи фурӯшанда (истеҳсолкунанда)-ро ба ҷо меоварад, дар асоси шартномаи байни худ барои нуқсони моле, ки барояш муҳлати кафолат муқаррар нашудааст, ба шарте, ки истеъмолкунанда исбот намояд, ки мол то замони ба истеъмолкунанда супурда шуданаш ва ё худ ба сабабҳои то ин лаҳза нуқсондор шудааст, ҷавобгар мебошад.**

**Агар фурӯшанда (истеҳсолкунанда) ё ташкилоте, ки дар асоси шартномаи байни худ вазифаи фурӯшанда**

**(истеҳсолкунанда)- ро иҷро мекунад, исбот карда натавонад, ки моли дорои муҳлати кафолат баъди фурӯхтан ба истеъмолкунанда бо сабаби қоидаҳои истифодабарӣ, нигоҳдорӣ ё интиқоли онро риоя накардани истеъмолкунанда ва бинобар, амалҳои шахсони сеюм ва ё қувваи рафънопазир нуқсон пайдо кардааст, ҷавобгар мебошад.**

**Дар ҳолати аз ду сол камтар будани муҳлати кафолати дар шартнома пешбинӣгардида ва нуқсони молро баъди гузаштани муҳлати кафолат ошкор кардани истеъмолкунанда, ба шарте ки нуқсони мол дар давоми ду соли ба истеъмолкунанда супурда шуданаш ошкор шуда бошад ва харидор исбот кунад, ки нуқсони мол пеш аз супурдани он ба истеъмолкунанда ва ё бо сабабҳои то ин лаҳза ошкор гардидааст, фурӯшанда ҷавобгар мебошад.**

**Моли калонҳаҷм ва моли вазнаш зиёда аз панҷ килограмм барои таъмир, паст кардани нарх, иваз намудан ва баргардониդан ба истеъмолкунанда бо қувва ва аз ҳисоби фурӯшанда (истеҳсолкунанда) ё ташкилоте, ки дар асоси шартномаи байни худ вазифаи фурӯшанда (истеҳсолкунанда) - ро иҷро мекунад, интиқол дода мешавад. Агар ин вазифа иҷро нагардад, инчунин ҳангоми набудани фурӯшанда (истеҳсолкунанда) ё ташкилоте, ки дар асоси шартномаи байни худ вазифаи фурӯшанда (истеҳсолкунанда) - ро иҷро мекунад, худи истеҳсолкунанда метавонад молро ба маҳалли истеъмолкунанда расонад ва аз он ҷо баргардонад. Ҳамзамон фурӯшанда (истеҳсолкунанда) ё ташкилоте, ки дар асоси шартномаи байни худ вазифаи фурӯшанда (истеҳсолкунанда) - ро иҷро, мекунад вазифадоранд хароҷоти истеъмолкунандаро барои интиқол ва баргардонидани моли мазкур ҷуброн намоянд.**

***Тафсир.*** *Моддаи тафсиршаванда ҳуқуқҳои истеъмолкунандагонро дар сурати дастрас намудани моли дорои сифати номатлуб муқаррар намудааст. Қисми якум банди 1, 2, 3, 4, 5 Мувофиқи моддаи 511КГ ҶТ танзим карда мешаванд, ки мувофиқи он агар норасоиҳои мол аз ҷониби фурӯшанда қайду шарт нашуда бошад, харидоре, ки ба ӯ моли сифатан номатлуб дода шудааст, ҳуқуқ дорад бо интихоби хеш аз фурӯшанда талаб намояд, ки ба андозаи муносиб нархи фурӯшро паст кунад, ройгон дар мӯҳлатҳои мувофиқ норасоиҳои молро бартараф намояд, хароҷоти вобаста ба рафъи норасоиҳои молро ҷуброн намояд. Қисми 3 моддаи тафсиршаванда талаб менамояд, ки*

*шартномаи хариду фурӯш бекор карда шавад. Аз ин рӯ, ҳангоми радди қабули молҳои навъ (ассортимент)-ашон ба шартҳои шартномаи хариду фурӯш номувофиқ ё пешниҳоди талаб оид ба иваз намудани молҳое, ки ба шарти навъ (ассортимент) мувофиқ намебошанд, харидор ҳамчунин ҳуқуқ дорад аз пардохти онҳо даст кашад ва агар арзиши онҳо пардохта шуда бошад, баргардонидани маблаги пардохташударо талаб намояд. Агар харидор аз молҳои навъ (ассортимент)-ашон ба шартҳои шартномаи хариду фурӯш номувофиқ даст накашад, ӯ вазифадор аст арзиши онҳоро тибқи нархи бо фурӯшанда мувофиқашуда пардозад. Банди панҷум муқаррар менамояд, ки истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад ҷуброни пурраи зарари дар натиҷаи фурӯхтани моли дорои сифати номатлуб ба ӯ расидаро талаб намояд. Яъне, ҳангоми радди қабули молҳои навъ (ассортимент)-ашон ба шартҳои шартномаи хариду фурӯш номувофиқ ё пешниҳоди талаб оид ба иваз намудани молҳое, ки ба шарти навъ (ассортимент) мувофиқ намебошанд, харидор ҳамчунин ҳуқуқ дорад аз пардохти онҳо даст кашад ва агар арзиши онҳо пардохта шуда бошад, баргардонидани маблаии пардохташударо талаб намояд(ниг қ 3 мод КГ ҶТ). Банди 4, 5, 6, 7, 8, 9, 10, 11, 12 , 13, 14, 14, 15 нигаред ба боби 29 Кодекси Гражданин Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

**Моддаи 19. Муҳлати пешниҳоди талаботи истеъмолкунандагон нисбати нуқсони мол**

**Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад нисбати нуқсони мол талаботи пешбинӣнамудаи моддаи 18 Қонуни мазкурро, ба шарте, ки он дар давоми муҳлати кафолат ё муҳлати коршоямии мол, ки истеҳсолкунанда муайян кардааст, ошкор гардида бошад, ба фурӯшанда ё истеҳсолкунанда пешниҳод намояд.**

**Нисбати моле, ки муҳлати кафолат ё муҳлати коршоямиаш муқаррар нагардидааст ва агар нуқсони мол дар муҳлати мувофиқ, вале дар давоми ду соли фурӯхта шуданаш ошкор гардида бошад ва агар Қонун ё шартнома муҳлати дарозеро пешбинӣ накарда бошанд, истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад талаботи мазкурро пешниҳод кунад.**

**Агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, муҳлати кафолати мол аз рӯзи ба истеъмолкунанда фурӯхта шуданаш ҳисоб карда мешавад. Агар рӯзи фурӯхтани**

**молро муайян кардан ғайриимкон бошад, он аз рӯзи истеҳсоли мол ҳисоб карда мешавад.**

**Барои моли мавсимӣ (пойафзол, либос ва ғайра) ин мӯҳлатро аз лаҳзаи фаро расидани мавсими дахлдор, ки муҳлати фарорасӣ бо назардошти шароити иқлимии маҳалли будубоши истеъмолкунанда муайян мегардад, ҳисоб мекунанд.**

**Ҳангоми фурӯхтани мол аз рӯи намуна, ба воситаи почта, инчунин дар ҳолатҳое, ки рӯзи бастани шартномаи хариду фурӯш ва рӯзи ба истеъмолкунанда фурӯхтани мол мувофиқ наояд, он аз рӯзи ба дасти истеъмолкунанда расидани мол ҳисоб карда мешавад. Агар истеъмолкунанда ҳангоми ҳолати вобаста ба фурӯшанда аз имконияти истифодаи мол маҳрум бошад, (чунончӣ, агар молро насб, пайваст ё васл кардан лозим бошад), муҳлати кафолат аз рӯзи чунин ҳолатҳоро бартараф намудани фурӯшанда шурӯъ мегардад. Агар рӯзи расонидан, насб, пайваст, васл кардани мол ва бартараф сохтани ҳолатҳои ба фурӯшанда вобастаро, ки дар асари онҳо истеъмолкунанда наметавонад молро тибқи таъинот истифода намояд, муайян кардан ғайриимкон бошад, ин мӯҳлатҳо аз рӯзи бастани шартномаи хариду фурӯш ҳисоб карда мешавад.**

**Ба маснуоти комплектӣ ва қисмҳои таркибии мол низ муҳлати кафолат муқаррар карда мешавад. Ба маснуоти иловагӣ ва қисмҳои таркибӣ муҳлати кафолат аз рӯи тартиби муҳлати кафолати барои моли асосӣ муқарраргардида ҳисоб карда мешавад.**

**Муҳлати кафолат ба маснуоти комплектӣ ва қисмҳои таркибии мол, агар дар шартнома тартиби дигар муқаррар нагардида бошад, баробари муҳлати кафолати маснуоти асосӣ ҳисоб карда мешавад.**

**Агар дар шартнома барои маснуоти комплектӣ ё қисми таркибии мол нисбат ба муҳлати кафолати маснуоти асосӣ муҳлати кӯтоҳтари кафолат муқаррар шуда бошад, истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад ҳангоми дар давоми муҳлати кафолати маснуоти асосӣ ошкор гардидани нуқсони маснуоти комплектӣ ё қисми таркибии мол талабот пешниҳод намояд, ба шарте ки дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.**

**Агар барои маснуоти комплектӣ нисбат ба муҳлати кафолати моли асосӣ муҳлати дарозтар муқаррар гардида бошад, истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад нисбати нуқсони мол, ба шарте ки нуқсони маснуоти комплектӣ дар давоми муҳлати кафолати ин**

**маҳсулот ошкор шуда бошад, сарфи назар аз гузаштани муҳлати кафолати моли асосӣ, талабот пешниҳод намояд.**

**Дар ҳолатҳое, ки тибқи шартномаи пешбинигардида муҳлати кафолат на камтар аз ду солро ташкил диҳад ва нуқсони мол бо гузаштани муҳлати кафолат, вале дар давоми ду сол аз ҷониби истеъмолкунанда ошкор гардида бошад, истеъмолкунанда, агар исбот намояд, ки мол пеш аз фурӯхта шуданаш ба истеъмолкунанда ё бо сабабҳои то ин лаҳза фаророасида нуқсондор шудааст, ҳуқуқ дорад ба фурӯшанда (истеҳсолкунанда) талаботи дар моддаи 18 Қонуни мазкур пешбинигардидаро пешниҳод намояд.**

**Дар сурати ошкор шудани нуқсони ҷиддии мол, аз ҷумла нуқсонҳои истеҳсолӣ, сохтӣ, дастурӣ ва нуқсонҳои дигаре, ки бо фарсуда, кӯҳна шудани мол ва дигар равандҳои физикии он алоқаманд нестанд, истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад ба истеҳсолкунанда талаботи пешбининамудаи моддаи 18 ҳамин Қонунро пешниҳод кунад, ба шарте, ки исбот намояд, ки он мол то рӯзи ба истеъмолкунанда фурӯхта шуданаш ва ё ба сабабҳои то ин лаҳза нуқсондор шуда бошад. Агар нуқсони мол баъди ба истеъмолкунанда фурӯхта шудан дар давоми муҳлати хизмати дар мол муқарраргардида ва ё дар давоми даҳ соли фурӯхта шуданаш ошкор гардида бошаду муҳлати хизматаш муқаррар карда нашуда бошад, ин талаботро пешниҳод кардан мумкин аст.**

***Тафсир.*** *Қисми якуми моддаи тафсиршаванда ҳангоми ошкор шудани нуқсони дар мол истеъмолкунанда ҳуқуқ медиҳад, ки истеъсолкунандаро огоҳ намояд. Дар зери мафҳуми нуқсони мол камбудӣ ё норасоие дар назар дошта мешавад, ки ҳангоми аз ҷониби харидор гирифтани он ошкор карда мешавад. Аз ин рӯ, истеъмолкунанда наметавонад моли мазкурро истеъмол ё истифода барад ва худи сифати мол бошад, ба талабот ҷавобгӯ буда наметавонад. Агар истеъмолкунанда моли мазкурро мувофиқи талаботаш истифода набарад ва нуқсонии мол бо гуноҳи худи ӯ дар рафти истеъмол ба вуҷуд ояд, дар ин ҳолат истеҳсолкунанда ҷавобгар шуда наметавонад.*

*Банди 2, 3, 4, 5 моддаи мазкур муқаррар намудааст, ки агар истеъсолкунанда нисбат ба моле, ки барои он кафолат додааст, агар исбот карда натавонад, ки норасоиҳои мол баъди ба харидор додани он дар натиҷаи аз ҷониби харидор риоя накардани қоидаҳои истифодаи мол ё нигаҳдошт ё таъсири ашхоси сеюм ё*

*қувваи рафънопазир ба миён омадааст, ҷавобгар мебошад. Мутобиқи моддаи 506 Кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурате ки агар дар шартномаи хариду фурӯш аз ҷониби фурӯшанда додани кафолати сифати мол пешбинӣ гардида бошад, фурӯшанда вазифадор аст ба харидор молеро диҳад, ки ба талаботи дар шартнома муқаррар гардида (муҳлати кафолат) мувофиқат намояд. Кафолати сифат, агар дар шартномаи хариду фурӯш тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, инчунин барои ҳамаи ҷузъҳои таркиби он (асбобу анҷом) дода мешавад. Агар дар шартномаи хариду фурӯш тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, фурӯшанда ӯҳдадор аст ҳамзамон бо додани мол ба харидор асбобу анҷоми марбути он, инчунин ҳуҷҷатҳои ба он тааллуқдошта (паспорти техникӣ, сертификати сифат ва ғайра)- ро, ки қонун ё дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ё шартнома пешбинӣ намудааст, диҳад.*

*Дар баробари ин агар дар шартномаи хариду фурӯш тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, муҳлати кафолат ба асбобу анҷоми таркибӣ ба муҳлати кафолат ба асбобу анҷоми асосӣ баробар дониста шуда, ҳамзамон аз рӯзи муҳлати кафолати асбобу анҷоми асосӣ ҷараён мегирад. Аз ин рӯ Кодекси Гражданӣ низ муқаррар намудааст, ки ҳангоми иваз намудани мол (асбобу анҷоми таркибӣ) ҷараёни муҳлати кафолат аз нав оғоз меёбад.*

*Бандҳои 6, 7, 8, 9 ҳолати ҳуқуқии моли маснуоти комплектӣ ва қисмҳои таркиби онро муайян намудааст. Зери мафҳуми маснуоти комплексӣ мукаммалии мол дар назар дошта мешавад. Аз ин рӯ КГ ҶТ муқаррар менамояд, ки агар шартномаи хариду фурӯш уҳдадории фурӯшандаро ба харидор дар маҷмӯъ (комплект) додани номгӯи муайяни мол пешбинӣ карда бошад, ӯҳдадорӣ аз лаҳзаи ба харидор додани ҳамаи моле, ки ба маҷмӯъ (комплект) дохил гардидаанд, иҷрошуда ба ҳисоб меравад.*

*Дар ҳолатҳое, ки тибқи шартномаи пешбинӣгардида муҳлати кафолат на камтар аз ду солро ташкил диҳад ва нуқсони мол бо гузаштани муҳлати кафолат, вале дар давоми ду сол аз ҷониби истеъмолкунанда ошкор гардида бошад, истеъмолкунанда, агар исбот намояд, ки мол пеш аз фурӯхта шуданаш ба истеъмолкунанда ё бо сабабҳои то ин лаҳза фарорасида нуқсондор шудааст, ҳуқуқ дорад ба фурӯшанда (истеҳсолкунанда) талаботи дар моддаи 18 Қонуни мазкур*

*пешбинӣгардидаро пешниҳод намояд.(ниг ба тафсири мод 18 Қонуни мазкур)*

*Қисми 11 моддаи тафсиршаванда муқаррар менамояд, ки дар сурати ошкор шудани нуқсони ҷиддии мол, аз ҷумла нуқсонҳои истеҳсолӣ, сохтӣ, дастурӣ ва нуқсонҳои дигаре, ки бо фарсуда, кӯҳна шудани мол ва дигар равандҳои физикии он алоқаманд нестанд, истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад ба истеҳсолкунанда талаботи пешбинӣнамудаи моддаи 18 ҳамин Қонунро пешниҳод кунад, ба шарте, ки исбот намояд, ки он мол то рӯзи ба истеъмолкунанда фурӯхта шуданаш ва ё ба сабабҳои то ин лаҳза нуқсондор шуда бошад. Агар нуқсони мол баъди ба истеъмолкунанда фурӯхта шудан дар давоми муҳлати хизмати дар мол муқараргардида ва ё дар давоми даҳ соли фурӯхта шуданаш ошкор гардида бошаду муҳлати хизматаш муқаррар карда нашуда бошад, ин талаботро пешниҳод кардан мумкин аст. Мумкин аст нуқсони истеҳсолӣ, сохтӣ, дастурӣ ва дигар ҳолатҳо пеш аз фурӯхтанашон ба вуҷуд омада бошанд ва худи истъмолкунанда ё фурӯшанда ба он аҳамият надода бошанд, аз ин рӯ, барои моли фурӯхтаашон ҷавобгар мебошанд ва истеъмолкунанда ҳуқуқ пайдо мекунад, ки нисбати моли мазкур талабот пешниҳод намояд. Дар баробари ин қонуни мазкур муқаррар менамояд, ки дар сурати дар муҳлати хизматӣ агар мӯҳлат нишон надода шуда бошад ва истеъмолкунанда исбот намояд, ки нуқсони мол пешакӣ вуҷуд дошт, аз ин рӯ, ҳақ дорад нисбати мол талабот пешниҳод намояд.*

**Моддаи 20. Аз ҷониби истеҳсолкунанда (фурӯшанда) бартараф намудани нуқсони мол**

**Нуқсони ошкоргардидаи молро истеҳсолкунанда (фурӯшанда) ё ташкилоте, ки дар асоси шартномаи байни худ вазифаи истеҳсолкунанда (фурӯшанда) - ро иҷро мекунад, агар тибқи созишномаи тарафҳо муҳлати дигари бартараф сохтани нуқсони мол муайян нашуда бошад, бояд фавран бартараф созад. Муҳлати ниҳоии бартараф намудани нуқсони мол аз рӯзи бартараф намудани онро талаб кардани истеъмолкунанда аз чаҳордаҳ рӯз дарозтар буда наметавонад.**

**Нисбати моли истифодааш дарозмуддат истеҳсолкунанда (фурӯшанда) ё ташкилоте, ки дар асоси шартномаи байни худ вазифаи истеҳсолкунанда (фурӯшанда) - ро иҷро мекунад, вазифадор аст ҳангоми аз ҷониби истеъмолкунанда пешниҳод**

**гардидани талабот дар давраи таъмир моли ҳаммонандро ба истеъмолкунанда бемузд пешниҳод намуда, дар муддати се рӯз аз ҳисоби худ ба ӯ расонад Номгӯи молҳои истифодаашон дарозмуддатро, ки талаботи мазкур ба онҳо дахл надоранд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.**

**Дар ҳолати бартараф намудани нуқсони мол мухлати кафолати он ба андозаи давраи истифода нагардиданаш дароз карда мешавад. Ин давра аз рӯзе, ки истеъмолкунанда барои бартараф намудани нуқсони мол муроҷиат намудааст, то рӯзи додани он пас аз анҷоми таъмир ҳисоб карда мешавад.**

**Ҳангоми бартараф намудани нуқсони мол бо роҳи иваз намудани маснуоти комплектӣ ё қисми таркибии моли асосие, ки ба он муҳлати кафолат муқаррар карда шудааст, барои маснуоти комплектии нав ё қисми таркибии маснуоти асосӣ муҳлати кафолат ба ҳадди маснуоти комплектии ивазшуда ё қисми таркибии моли асосӣ муқаррар карда мешавад, агар мутобиқи шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад ва муҳлати кафолат аз рӯзи ба истеъмолкунанда баъди таъмир додани ин мол ҳисоб карда мешавад.**

***Тафсир.*** *Яке аз тарзҳои амалигардонии ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон дар моддаи 18 қонуни мазкур муқаррар карда шудааст. Фурӯшанда, ташкилоти ваколатдоркунанда ё ин ки соҳибкори инфиродӣ дар сурати бастани шартномаи хариду фурӯш бо истеъмолкунанда, уҳдадор мешавад номгӯи хизматрасониҳои худро оиди норасоии мол тавассути иттилоот пешниҳод намоянд. Иттилооти мазкур дар бештари ҳолатҳо дар ҳуҷҷатҳои номгӯи мол мавҷуд аст(масалан, шаҳодатномаи техникӣ, чиптаи кафолатӣ). Бо гирифтани маълумот дар бораи мол, истеъмолкунанда ҳуқуқ пайдо менамояд, ки дар сурати норасоии мол талабот пешниҳод намояд.*

*Қонунгузории амалкунанда муҳлати фавран додани молро муқаррар накардааст. Мумкин молҳое мавҷуд бошанд, ки барои бартараф кардани нуқсони онҳо муҳлати фавран лозим бошад, лекин номгӯи моле вуҷуд дорад, ки муҳлати фавран бартараф кардани ҳолати физикии онҳо ғайриимкон аст. Масалан яхдон, телевизор ва г.Муҳлати мазкур аз 14 рӯз зиед буда наметавонад, дар сурати аз муҳлати мазкур анҷом додани хизматрасонӣ ё бартараф кардани нуқсони мол истеъсолкунанда ё фурӯшанда ӯҳдадор аст, зарари ба ӯ расонидаро пардохт намояд.*

*Вобаста ба истифоданамоӣ молҳоро ба молҳои истифодаашон кӯҳтомуддат ва дарозмуддат ҷудо менамоянд. Аслан молҳои муҳлати истифодаашон дарозмуддат арзишашон баландтар буда, муҳлати кафолат низ дарозтар дода мешавад. Аз ин рӯ, дар сурати пайдо шудани нуқсони дар мол истеҳсолкунанда барои таъмир кардан на ин ки аз истеъмолкунанда арзиши онро талаб кунад, балки ӯҳдадор аст. онро бе музд таъмир намояд, агар муҳлати мазкур ба чиптаи додашудаи кафолати мувофиқ ояд.*

*Дар ҳолати бартараф намудани нуқсони мол муҳлати кафолати он ба андозаи давраи истифода нагардиданаш дароз карда мешавад. Ин давра аз рӯзе, ки истеъмолкунанда барои бартараф намудани нуқсони мол мурожиат намудааст, то рӯзи додани он пас аз анҷоми таъмир ҳисоб карда мешавад. Аз ин рӯ, КГ ҶТ муқаррар менамояд, ки агар фурӯшанда ба харидор додани моли фурӯхтаашро рад намояд, харидор ҳуқуқ дорад аз иҷрои шартномаи хариду фурӯш даст кашад ва ҷуброни зарарро талаб намояд. Дар баробари ин харидор вазифадор аст дар мӯҳлатҳои муқаррар намудаи қонунҳо ё шартномаи хариду фурӯш ва агар чунин мӯҳлат муқаррар нагардида бошад дар мӯҳлатҳои мувофиқи минбаъда, ки чунин вайрон кардани шартҳои дахлдори шартнома вобаста ба хусусият ва таъиноти мол бояд ошкор гардад, фурӯшандаро дар мавриди вайрон кардани шартномаи хариду фурӯш вобаста ба теъдод, навъ (ассортимент), сифат, мукаммалӣ, зарф ва (ё) борпеч огоҳ созад.*

*Қисми 4 моддаи тафсиршаванда муқаррар менамояд, ки мол мумкин аст пурра иваз карда шавад ва инчунин мумкин аст аз нав таъмир карда шавад. Дар амалияи ҷамъияти дар бештари ҳолатҳо мол аз ҷониби истеҳсолкунанда ё фурӯшанда таъмир карда шуда ба истеъмолкунанда баргардонида мешавад. Дар сурати таъмир кардани моли мазкур муҳлати кафолати муқаррар гардида аз нав ҳисоб карда мешавад, яъне аз лаҳзаи аз ҷониби истеҳсолкунанда ба ҷониби истеъмолкунанда супоридани мол ҳисоб карда мешавад. Дар баробари ин истеъмолкунанда ӯҳдадор аст моли ба ӯ додашударо, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки ӯ ҳуқуқ дорад иваз намудани молро талаб кунад ё аз иҷрои шартномаи хариду фурӯш даст кашад, қабул кунад. Дар ҳолатҳое ки харидор бо вайрон кардани қонунҳо ё шартномаи хариду фурӯш молро қабул намекунад ё қабули онро рад менамояд, фурӯшанда*

*ҳуқуқ дорад аз харидор қабули молро талаб кунад ё аз иҷрои шартнома даст кашад.*

**Моддаи 21. Иваз намудани моли дорои сифати номатлуб**

**Дар ҳолати нуқсони молро ошкор кардани истеъмолкунанда ва пешниҳод намудани талабот оид ба ивази чунин мол, фурӯшанда (истеҳсолкунанда) вазифадор аст ин молро фавран ва дар сурати зарурати тафтиши иловагии сифати чунин мол аз тарафи фурӯшанда (истеҳсолкунанда) дар давоми 14 рӯзи тақвимӣ пешниҳод кардани талаботи зикргардида иваз намояд.**

**Агар фурӯшанда (истеҳсолкунанда) дар рӯзи пешниҳод намудани талаботи мазкур моли ивазшаванда надошта бошад, чунин молро бояд дар давоми як моҳи пешниҳод намудани талаботи мазкур иваз намояд.**

**Дар сурати моли чунин намуна (тамға, хел, артикул) – ро надоштани фурӯшанда (истеҳсолкунанда), ки ин ба ӯ вобаста нест, ӯ вазифадор аст дар давоми як моҳи аз ҷониби истеъмолкунанда пешниҳод шудани талабот ба вай ин гуна моли намунаи (тамғаи, хели, артикули) дигарро бо розигии истеъмолкунанда пешкаш намояд.**

**Моли дорои сифати номатлуб бояд ба моли нав, яъне ба моли истифоданагардида иваз карда шавад.**

**Ҳангоми иваз намудани мол муҳлати кафолат аз нав, аз рӯзи ба истеъмолкунанда фурӯхтани мол ҳисоб карда мешавад.**

***Тафсир.*** *Фурӯшанда вазифадор аст ба истеъмолкунанда молеро фурӯшад, ки он ба талаботҳои қонунгузорӣ ва шартнома мувофиқ бошад. Дар ҳолати ба истеъмолкунанда фурӯхта шудани моли сифатан номатлуб истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад бо интихоби худ талаб кунад:*

*- моли сифатан номатлубро ба моли хушсифат иваз намояд;*

*- бидуни таъхир, ройгон норасоиҳоро бартараф созад;*

*-ҷуброни хароҷоти вабаста ба бартараф намудани норасоиҳоро пардозад;*

*- мутаносибан нархи харидро паст кунад(қ 1. м. 537 КГҶТ).*

*Дар ҳолати ошкор гардидани номатлубии сифати мол мувофиқи моддаи 18 қонуни мазкур истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад талабот оид ба иваз намудани моли сифаташ номатлубро ба чунин намуна ё ин, ки ба ин гуна моли намунаи дигар пешкаш*

*намояд , аммо ҳангоми амалӣ намудани чунин ҳуқуқи истеъмолкунанда ҳатман бояд чунин хусусиятҳо ба назар гирифта шавад:*

*1. Талабот оид ба иваз намудани молҳои аз ҷиҳати техникӣ мураккаб ва қиматбаҳо танҳо дар ҳолати мавҷудияти камбудии ҷидди пешниҳод карда мешавад;*

*2. Дар ҳолати муроҷиат кардан ба фурӯшанда (истеҳсолкунанда) истеъмолкунанда наметавонад ивази ҳамин гуна молро ба намунаи дигар талаб намояд (мисол дар ҳолати ошкор намудани сифати номатлуби телефони Самсунг вай ба Нокия иваз карда шавад);*

*3. Дар ҳолати пешниҳод намудани талабот оид ба иваз намудани моли сифаташ номатлуб ба моли намунааш дигар бояд фарогири ҳамон як мол бошад (мисол ҳангоми ошкор намудани нуқсон дар магнитафон истеъмолкунанда наметавонад талабнамояд, ки вай ба телевизор иваз карда шавад).*

*Дар мавриди ошкор гардидани номатлубии сифати мол ва аз ҷониби истеъмолкунанда пешниҳод гардидани талабот оид ба иваз намудани чунин мол фурӯшанда вазифадор мешавад фавран ё дар ҳолатҳои муқарраршуда, яъне дар сурати тафтиши иловагӣ(тафтиши иловагӣ барои муаян намудани сабаби нуқсони мол гузаронида мешавад муфассал нигаред ба тафсири моддаи 18 қонуни мазкур) дар мудати 14 рӯзи тақвимӣ моли сифати номатлубро ба моли хушсифат иваз намояд. Дар ҳолате, ки агар фурӯшанда имконияти иваз намудани моли сифаташ номатлубро бо сабаби мавҷуд набудани ин гуна мол надошта бошад пос дар асоси қисми ду моддаи тафсиршаванда мухлати ивазнамоӣ ба як моҳ дароз карда мешавад.*

*Инчунин, дар мавриди чунин намуди молро надоштани фурӯшанда , ки ин аз ӯ вобаста нест, ӯ вазифадор аст дар давоми як моҳи пешниҳод шудани талабот аз ҷониби истеъмолкунанда ба вай ин гуна моли намунаи (тамгаи, хели, артикули) дигарро бо розигии истеъмолкунанда пешкаш намояд. Ҳамчунин истеъмолкунанда метавонад моли сифатан номатлубро ба фурӯшанда баргардонад ва додани маблағи пардохшуда ва ҷуброни дигар зарарро талаб кунад.Ҳангоми баргардониданимаблағи истеъмолкунанда, ки барои мол пардохтшуда буд, фурӯшанда ҳуқуқ надорад аз он маблағеро, дар натиҷаи пурра ё қисман истифода шудани мол, аз даст додани сифати молӣ ва*

*ғайра, ки боиси паст гардидани он гаштааст, нигоҳ дорад(қ 3 м. 537 КГ ҶТ).*

*Қисмати чорум ва панҷуми моддаи тафсиршаванда муқаррар менамояд, ки моли сифати номатлуб бояд ба моли хушсифати истифоданашуда иваз карда шавад ва дар ҳолати иваз кадани мол мӯҳлати кафолат аз нав аз рӯи ба истеъмолкунанда фурӯхтани мол ҳисоб карда мешавад.*

**Моддаи 22. Муҳлати қонеъ гардонидани талаботи алоҳидаи истеъмолкунанда**

**Талаботи истеъмолкунанда оид ба мутаносибан кам кардани нархи хариди моли дорои сифати номатлуб, ҷуброни хароҷот аз тарафи истеъмолкунанда ё шахсӣ сеюм барои рафъи нуқсони мол, инчунин ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи бекор кардани шартномаи хариду фурӯш (ба истеҳсолкунанда баргардонидани моли дорои сифати номатлуб) ба истеъмолкунанда расидааст, аз ҷониби фурӯшанда (истеҳсолкунанда) бояд фавран қонеъ гардонида шавад. Муҳлати ниҳоии қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунанда аз рӯзи пешниҳод намудани талаботи дахлдор аз ҳафт рӯз ва ҳангоми зарурати гузаронидани экспертиза аз чаҳордаҳ рӯзи тақвимӣ зиёд буда наметавонад.**

***Тафсир.*** *Дар моддаи тафсиршаванда сухан дар атрофи талаботи истеъмолкунанда оид ба мутаносибан кам кардани нархи хариди моли дорои сифати номатлуб, ҷуброни хароҷот аз тарафи истеъмолкунанда ё шахсӣ сеюм барои рафъи нуқсони мол, инчунин ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи бекор кардани шартномаи хариду фурӯш ба истеъмолкунанда расидааст, меравад, ки он дар навбати ҳуд ҳамчун воситаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунанда баромад мекунад.*

*Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад дар ҳолати ошкор гардидани номатлубии сифати мол дар асоси моддаи мазкур талаботи алоҳидаро оид ба мутаносибан кам кардани нархи хариди моли сифати номатлуб пешниҳод намояд. Ва дар ин ҷо саволе ба миён меояд, ки зери мафҳуми мутаносибан кам кардан чӣ фаҳмида мешавад ва чӣ миқдор маблағ ба истеъмолкунанда пардохт карда шавад? Ба истеъмолкунанда мумкин аст чунин миқдор маблағ пардохт ва кам карда шавад:*

*- ҳадди миёнаи нарх оид ба бартараф намудани камбудии мол, ки аз ҷониби ташхисгар ё аз чониби тарафҳо бо роҳи санҷидани нарх, ки дар маҳалли истиқоматии истеъмолкунанда*

*барои иҷрои корҳои таъмирӣ мқаррар шудааст, пардохта мешавад;*

*- ҳангоми аз ҷониби истеъмолкунанда пешниҳод намудани талабот оид ба мутаносибан кам кардани нархи хариди мол он дар лаҳзаи пешниҳод намудани чунин талабот оид ба паст кардани нарх ба ҳисоб гирифта мешавад ё ин ки агар он ба таври ихтиёрӣ қонеъ нагардида бошад, дар лаҳзаи баровардани қарори суд оид ба мутаносибан паст намудани нархи харид ба ҳисоб гирифта мешавад (м. 24 Қонуни мазкур );*

*-дилхоҳ нархе, ки тарафҳо ихтиёрона барои ҷуброни хароҷотҳои бартарофкунии камбудии мол муқаррар менамоянд (муфассал дар бораи ҳисоббаробаркунӣ бо истеъмолкунанда ба тафсири моддаи 24 Қонуни мазкур ва моддаи 538 КГҶТ нигаред).*

*Бояд гуфт, ки барои қонеъ гардонидани талаботҳо оид ба ҷуброни хароҷоте,ки дар натиҷаи бартарафкунии камбудии мол ба вуҷуд омадааст, ҳатман бояд ду ҳолат ба назар гирифта шавад:*

*1.дар мол камбудӣ аниқ ҷой дошта буд(ин ҳолат бо тасдиқи шоҳидон, гузаронидани санҷиши ташхисӣ ва ғайра муқаррар карда мешавад);*

*2.ҳангоми бартараф намудани камбудии мол хароҷотҳо ба вуҷудомада бошанд(ин ҳолат бояд то ҳадди имкон ҳуҷҷати тасдиқ карда шавад аз қабили пешниҳод намудани чипта оиди пардохти маблағи таъмир ва ғайра).*

*Тарафи дигари масъалае, ки дар моддаи тафсиршаванда муқаррар карда шудааст, ин қонеъ намудани талаботи истеъмолкунанда оиди ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи бекор кардани шартномаи хариду фурӯш расидааст, мебошад. Моддаи 485 қисми 5 КГҶТ муқаррар менамояд, ки «агар аз ҷониби яке аз тарафҳо бо тарзи назаррас вайрон кардани шартнома барои тағийр додан ё бекор кардани шартнома асос шуда бошад, тарафи дигар ҳақ дорад товони зиёни аз тағир додан ва бекор кардани шартнома расидаро талаб намояд» Дар асоси моддаи 15 КГ ҶТ «зиён хароҷоте фаҳмида мешавад,ки шахсӣ ҳуқуқаш вайронгардида масраф намудааст ё бояд барои барқарор намудани ҳуқуқи вайронгардида масраф намояд,аз даст рафтан ё харобгардидани амволи ӯ, инчунин, даромади ба даст омадае, ки ин шахс, агар ҳуқуқаш вайрон намегардид, дар шароити муқаррарии аҳдҳои граждани метавонист ба даст оварад.*

*Дар моддаи тафсиршаванда инчунин муқаррар шудааст, ки дар ҳолати аз ҷониби истеъмолкунанда пешкаш шудани яке аз талаботҳои номбаршуда фурӯшанда (истеҳсолкунанда) уҳдадор мешавад, фавран талаботҳои пешкашшударо қонеъ гардонад. Муҳлати ниҳоии қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунанда аз рӯзи пешниҳод намудани талаботи дахлдор аз ҳафт рӯз ва ҳангоми зарурати гузаронидани экспертиза аз чаҳордаҳ рӯзи тақвимӣ зиёд буда наметавонад.*

**Моддаи 23. Масъулияти фурӯшанда (истеҳсолкунанда) барои таъхири иҷрои талаботи истеъмолкунанда**

**Фурӯшанда (истеҳсолкунанда) ё ташкилоте, ки дар асоси шартномаи байни худ вазифаи фурӯшанда (истеҳсолкунанда) - ро иҷро мекунад, барои риоя накардани муҳлати пешбининамудаи моддаҳои 20, 21 ва 22 Қонуни мазкур, инчунин барои иҷро накардани (боздоштани иҷрои) талаботи истеъмолкунанда, ки бояд моли ҳаммонандро дар давраи таъмир (иваз) кардан ба ӯ пешниҳод намоянд, барои ҳар рӯзи таъхир ба андозаи як фоизи нархи мол ноустуворона мепардозад.**

**Агар талабот ихтиёран қонеъ гардонида нашуда бошад, нархи мол бо назардошти нархи дар рӯзи ноустуворонаро пардохтани фурӯшанда (истеҳсолкунанда) ё худ дар рӯзи баровардани қарори суд мавҷудаи моли намуна (тамға, хел, артикул ва ғайра) муайян карда мешавад. Агар дар рӯзи ба истеъмолкунанда фурӯхтани мол нархаш назар ба чунин моли дар рӯзи пардохти ноустуворонаи он дар рӯзи баровардани қарори суд баландтар бошад, пас андозаи ноустуворона бо назардошти нархи рӯзи ба истеъмолкунанда фурӯхта шудани мол муайян карда мешавад.**

**Агар талаботи истеъмолкунанда дар мӯҳлатҳои пешбининамудаи моддаҳои 20, 21 ва 22 Қонуни мазкур иҷро нагардад, истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад бо хости худ дигар талаботи муқаррарнамудаи моддаи 18 Қонуни мазкурро пешниҳод намояд.**

***Тафсир.*** *Моддаи тафсиршаванда масъулияти фурӯшанда (истеҳсолкунанда)-ро барои таъхири иҷрои талаботи истеъмолкунандаро муқаррар менамояд ва дар сурати дар вақти муайяншуда қонеъ карда натавонистани талаботи истеъмолкунанда оиди бартараф кардани норасоии мол ноустуворона муқаррар карда мешавад. Мутобиқи моддаи 355 Кодекси Граж-*

*дании Ҷумҳурии Тоҷикистон ноустуворона (ҷарима, пеня) маблаге мебошад, ки тибқи қонун ё шартнома муайян гардидаast ва қарздор вазифадор аст ҳангоми иҷро накардан ё иҷрои номатлуби ӯдадорӣ, аз ҷумла дар ҳолати гузаронидани мӯҳлати иҷро, онро ба кредитор пардозад. Тибқи талаби пардохти ноустуворона кредитор ба исботи зиёни ба ӯ расонидашуда вазифадор намебошад. Андозаи ноустуворона дар маблағи пули аниқ ё дар фоиз ба маблағи иҷрокарданашуда ё ин ки ба таври номатлуб иҷрокардашуда муайян карда мешавад. Лекин қонуни мазкур муқаррар менамояд, ки ноустуворона дар шакли фоиз муқаррар карда мешавад.Аз ин рӯ, саволе ба миен меояд, ҳангоми ба таъхир мондани иҷрои талаботи истеъмолкунанда фоиз бо чӣ тавр ҳисоб карда мешавад? Дар сурати талаботи истеъмолкунанда ки ба таъхир гузошта шуд, ноустуворона аз рӯи нархи мол дар рӯзи қонеъгардонии талабот ҳисоб карда мешавад. Мисол, истеъмолкунанда 1 феврал оид ба иваз намудани мол талабот пешниҳод намуд. Мувофиқи қонун бошад, талабот бояд дар муддати 14 рӯз қонеъ карда шавад, яъне то 14 феврал. Лекин талаботи Истеъмолкунанда дар рӯзи 20 феврвл қонеъ карда шуд, муҳлати таъхир оиди ивази мол 6 рӯзро ташкил дод. Аз ин рӯ, барои истеъмолкунанда бояд 6% бо нархи моли бозори дар рӯзи 20 феврал ноустуворона пардохт карда шавад.*

*Дар баъзе ҳолатҳо дар амалияи ҷамъиятӣ ҳолатҳое ба вуҷуд меоянд, ки фурӯшанда талаботи истеъмолкунандаро қонеъ намекунад, аз ин рӯ истеъмолкунанда маҷбур мешавад, ки ба суд муроҷиат намояд, Суд дар асоси қарори баровардаи худ талаботи истеъмолкунандаро қонеъ менамояд, аммо фурӯшанда баъди қарори баровардаи суд низ талаботи истеъмолкунандаро ба таъхир мегузорад. Дар чунин ҳолат фоизи пардохти ноустуворона меафзояд.*

*Оид ба тафсири қисми сеюми моддаи мазкур нигаред ба тафсири моддаҳои 18, 20, 21, 22-и Қонуни мазкур.*

**Моддаи 24. Ҳисоббаробаркунӣ бо истеъмолкунанда ҳангоми харидани моли дорои сифати номатлуб**

**Ҳангоми ба моли тамғаи ҳаммонанд (модел, артикул) иваз намудани моли дорои сифати номатлуб арзиши он аз нав ҳисоб карда намешавад.**

**Дар мавриди ба ҳамон хел моли тамғаи дигар (модел, артикул) иваз намудани моли дорои сифати номатлуб, ба шарте, ки**

**нархи моли ивазшаванда аз нархи моли бар ивазаш пешниҳодгардида пасттар бошад, истеъмолкунанда фарқи нархҳоро мепардозад. Агар нархи моли ивазшаванда аз нархи моли бар ивазаш пешниҳодшаванда баландтар бошад, фарқи нархҳо ба истеъмолкунанда пардохта мешавад.**

**Ҳангоми аз ҷониби истеъмолкунанда пешниҳод намудани талабот оид ба мутаносибан кам кардани нархи хариди мол он дар лаҳзаи пешниҳод намудани чунин талабот оид ба паст кардани нарх ба ҳисоб гирифта мешавад, ё ин ки агар он ба таври ихтиёрӣ қонеъ нагардида бошад, дар лаҳзаи баровардани қарори суд оид ба мутаносибан паст намудани нархи харид ба ҳисоб гирифта мешавад.**

**Дар сурати бекор намудани шартномаи хариду фурӯш истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад баргардонидани пули барои мол додааш ва ҳамчунин ҷуброни фарқи байни нархи моли тибқи шартнома муқаррargardида ва нархи моли дахлдорро дар лаҳзаи ба таври ихтиёрӣ қонеъ гардонидани чунин талабот, ё ки агар талабот ба таври ихтиёрӣ қонеъ гардонида нашуда бошад, дар лаҳзаи баровардани қарори суд талаб намояд.**

**Ба истеъмолкунандагоне, ки мол ба қарз фурӯхта шудааст, дар ҳолати бекор намудани шартномаи хариду фурӯш маблағ ба андозаи қарзи дар рӯзи баргардонидани мол пардохташуда баргардонида мешавад, инчунин маблағи пешниҳоднамудаи қарз ҷуброн карда мешавад.**

***Тафсир.*** *Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол" молҳои баҳамивазшаванда- гурӯҳи молҳоанд, ки аз рӯи таъинот, тарзи истифодабарӣ, тавсифи сифатӣ ва техникӣ, нарх ва дигар хусусиятҳояшон қиёспазиранд ва харидор аслан онҳоро бо ҳамдигар дар ҷараёни истеъмол ( аз ҷумла истеҳсолӣ) иваз карда метавонад. Дар ин хусус қисми дуюми моддаи тафсиршаванда ба истеъмолкунанда аввалан ҳуқуқ муқаррар намудаст,(яъне иваз намудани мол) баъдан бошад ӯҳдадорӣ (агар нархи моли ивазшаванда баландтар бошад),яъне маблағи он пардохта шавад. Дар баробари ин нисбати истеъмолкунанда низ принсип фарқи нархҳоро муқаррар намудааст, ки худи ӯ ӯҳдадор карда мешавад, ки меъёри мазкурро иҷро намуда маблағи пулиро ё пардозад ё аз истеъмолкунанда талаб намояд.*

*Дар қисми мазкур аслан нархгузории такрорӣ аз ҷониби истеъмолкунанда пешниҳод карда мешавад. Нархгузории такрорӣ*

*гуфта,- муайян намудани арзиши бозорӣ ва ё арзиши дигари объектҳои нархгузорӣ дар натиҷаи пайдоиши баҳс байни нархгузору фармоишгар аз як тараф ва шахсони сеюм аз тарафи дигарро меноманд. Аз ин рӯ, меъёри қонуни мазкур муқаррар намудааст, ки дар сурати тарафҳо яъне харидору фурӯшанда нисбати масъалаи нархгузорӣ ба созиш наоянд, ҳақ доранд мустақилона доир ба масъалаи мазкур ба суд муроҷиат намоянд ва суд бегаразона метавонад дар асоси қарори қабулнамудаи худ талаботи ҷонибҳоро қонеъ намояд.*

*Дар сурати аз ҷониби ҳар ду тараф ё яке аз ҷонибҳо бекор кардани шартнома, шартнома қатъгардида ҳисоб карда мешавад. Кодекси гражданӣ бошад, муайян менамояд, ки агар фурӯшанда ба харидор додани моли фурӯхтаашро рад намояд, харидор ҳуқуқ дорад аз иҷрои шартномаи хариду фурӯш даст кашад ва ҷуброни зарарро талаб намояд.Дар сурати қатъ гардидани шартнома истеъмолкунанда, ки маблаги пулии муайянро барои мол додааст, ҳуқуқ дорад онро бевосита талаб намуда гирад. Дар сурати норозигии байни тарафҳо тибқи тартиботи муқаррар намудаи қонунгузорӣ ҳаллу фасл карда мешавад. Дар баробари ин қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ (нархгузорӣ)» аз 28.07.2006 муқаррар менамояд, ки баҳсҳои байни нархгузор ва фармоишгар е исеъмолкунанда дар рафти иҷрои шартнома оид ба нархгузорӣ ва (ё) дар бораи боваринокии андозаи арзиши бозорӣ ё арзиши дигари объекти нархгузории дар ҳисобот муқарраршуда, аз ҷумла бинобар мавҷудияти ҳисоботи дигари дар бораи нархгузории ҳамин объект ба миёномада, бо тартиби судӣ баррасӣ карда мешавад.*

*Дар ҳолате ки тибқи шартномаи хариду фурӯш пардохти мол пас аз муддати муайяни баъди додани он ба харидор (фурӯши мол ба кредит) пешбинӣ шудааст, харидор бояд пардохтро дар муҳлати дар шартнома пешбинӣгардида пардозад. Дар сурате ки агар харидор молро гирифта ӯдадориашро вобаста ба пардохти арзиши мол иҷро нанамояд, фурӯшанда ҳуқуқ дорад пардохти мол ё баргардонидани молҳои пардохташудаоро талаб намояд. Агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, дар ҳолатҳои дар муҳлати муайянгардида аз ҷониби харидор иҷро накардани ӯдадориҳо оид ба пардохти моли додашуда, аз рӯзе, ки мол мебоист пардохта шавад, то рӯзи пардохти он аз ҷониби харидор, ба маблаги мӯҳлаташ гузаронидашуда бояд фоиз супурда шавад. Фурӯши мол ба кредит тибқи*

*нархҳои дар рӯзи фурӯш амалкунанда анҷом дода мешавад. Тағйирёбии минбаъдаи нарх ба молҳои ба кредит фурӯхташуда, агар дар қонун тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, боиси ҳисобу китоби нав намегардад.*

**Моддаи 25. Ҳуқуқи истеъмолкунанда барои иваз намудани моли дорои сифати матлуб**

**Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад дар давоми чаҳордаҳ рӯзи тақвимии ба ӯ супурдани моли ғайриозуқавӣ, ба шарте, ки фурӯшанда муҳлати аз ин дарозтарро таъкид накарда бошад, моли харидаашро дар ҷои харидааш ё худ дар ҷойҳои дигари таъкиднамудаи фурӯшанда ба чунин моли андоза, сохт, хурд ё калон, дӯхту шакл, ранг ва ё комплекти дигар иваз намуда, дар сурати фарқ кардани нархаш онро бо фурӯшанда аз нав ҳисобу китоб кунад.**

**Талаби харидор дар бобати иваз кардан ё баргардонидани мол бояд қонеъ гардонида шавад, ба шарте, ки мол мавриди истифода қарор нагирифта, хосиятҳои истеъмолиаш осеб надида, далеле дар даст бошад, ки он маҳз аз ҳамин фурӯшанда харидорӣ шудааст.**

**Номгӯи молҳоеро, ки тибқи асосҳои зикргардидаи моддаи мазкур иваз карда намешаванд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.**

**Агар моли ҳаммонанд дар рӯзи ба фурӯшанда муроҷиат намудани истеъмолкунанда дар фурӯш набошад, истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад моли харидаашро ба фурӯшанда баргардонда, маблағи барои моли мазкур пардохташударо талаб кунад.**

***Тафсир.*** *Дар моддаи тафсиршаванда Қонун ҳуқуқи истеъмолкунандаро дар бораи иваз намудани моли ғайриозуқавории сифаташ матлуб ба моли андоза, сохт, хурд ё калон, дӯхту шакл, ранг ва ё комплекти дигар муқаррар намудааст.*

*Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.02.2009с. №89) Дар бораи «Номгӯи молҳои ғайрихӯроквории хушсифате, ки ба моли ба ҳамон монанди дорои андоза, шакл ҳаҷм, намуд ороиш ва бастааш дигар иваз ё баргардонида намешавад » номгӯи молҳоеро муқаррар намудааст, ки онҳо хусусияти ғайриозуқаворӣ доранд ва онҳо иваз карда намешаванд, аз қабили:*

*1. Молҳо барои пешгирӣ ва табобати бемориҳо дар шароити хона (ашёҳои санитария ва гигиена аз фулузот, резин, кешбофӣ ва маводи дигар, асбобу анҷом, таҷҳизоти тиббӣ, воситаҳои тозагии даҳон, линзаи (шишаи) айнак, ашё барои нигоҳубини кӯдак, доруворӣ).*

*2. Ашёи гигиенаи шахсӣ(мисвок, шона, мӯқаппак, бигуди барои мӯй, парикҳо, шинёнҳо ва дигар молҳои ба инҳо монанд).*

*3. Молҳо барои пардоз.*

*4. Молҳои бофандагӣ (матоъҳои пахтагин, катонӣ, абрешимӣ, пашмӣ ва синтетикӣ, молҳо аз маводи ғайриматоии навъи матоъ - лента, тасма, тӯр ва ғайра); маснуоти кабели (симҳо, шнурҳо, кабелҳо); маводи сохтмонӣ ва пардозу ороиши (линолеум, плёнка, қолинҳо ва ғайраҳо) ва молҳои дигаре, ки бо метраж фурӯхта мешаванд.*

*5. Маснуоти дӯзандагии либоси таг ва кешбофии либоси таг, ашёи ороиши занона, ашёи ороиши мардона (ба ғайр аз галстук ва регатҳо), маснуоти ҷӯробу пайпоқ.*

*6. Маснуот ва маводе, ки бо маводи ғизоии аз материалҳои полимери тайёршаванда алоқамананд, аз ҷумла барои истифодаи якдафъаина (зарфу анҷоми ошхона, зарфҳо ва борҷомаҳо барои нигоҳдорӣ ва интиқоли маводи ғизоӣ).*

*7. Молҳои кимиёии маишӣ, пеститситҳо ва агрохимикатҳо.*

*8. Хориҷ карда шуд (Қарор аз 02.02.2009с. №89).*

*9. Маснуот аз металҳои қиматбаҳо бо сангҳои қиматбаҳо, аз металҳои қиматбаҳо бо руфуи сангҳои нимқиматбаҳо ва синтетики, сангҳои қиматбаҳои суфташуда.*

*10. Молҳои аз нигоҳи техники мураккаби таъминоти маиши, ки дар онҳо муҳлати кафолат муқаррар шудааст (дастгоҳҳои маишии оҳанбурӣ ва коркарди чӯб, асбобу анҷомҳои маишии электрикӣ, техникаи маишии ҳисоббарори таҷҳизоти маишии радиоэлектронӣ, асбобҳои мусиқавии барқӣ, бозичаҳои электронӣ, таҷҳизоту асбобҳои маишии газ).*

*11. Яроқи гражданӣ, қисмҳои асосии яроқи оташфишони гражданӣ ва хизматӣ, тирҳои онҳо.*

*12. Ҳайвонот ва наботот.*

*13. Нашриёҳои даврӣ ва ғайридаврӣ (китобу брошюраҳо, албомҳо, нашриёҳои картографӣ ва нотавӣ, варақаҳо, тақвимҳо, буклетҳо, нашриёҳои маълумоти тавассути воситаҳои техники барқароршуда).*

*Инчунин бояд қайд намуд, ки дар моддаи тафсиршаванда якчанд талаботҳо муқаррар шудааст, ҳангоми иваз намудани мол ҳатман онҳо бояд риоя карда шавад, аз ҷумла:*

*-дар давоми чаҳордаҳ рӯзи тақвимӣ иваз намудани моли ғайриозуқавӣ, ба шарте ки фурӯшанда муҳлати аз ин дарозтарро муқаррар накарда бошад;*

*-моли харидашуда дар ҷои харидааш ё худ дар ҷойҳои дигари таъкиднамудаи фурӯшанда ба чунин мол иваз карда шавад;*

*-дар ҳолати фарқ кардани нархи мол он бояд ба фурӯшанда аз нав ҳисобу китоб карда шавад;*

*-дар ҳолати иваз намудани мол он бояд мавриди истифода қарор нагирифта, хосиятҳои истеъмолиаш осеб надида, далеле дар даст дошта бошад ва он маҳз аз ҳамин фурӯшанда харидорӣ шуда бошад.*

*Дар ҳолати ба фурӯшанда муроҷиат намудани истеъмолкунанда оиди иваз намудани мол агар моли ҳаммонанд дар фурӯш набошад, пас истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад моли харидаашро ба фурӯшанда баргардонда, маблағи барои моли мазкур пардохташударо талаб кунад.*

## БОБИ 3. ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОН ҲАНГОМИ ИҶРОИ КОР (ХИЗМАТРАСОНӢ)

### Моддаи 26. Муҳлати иҷрои кор (хизматрасонӣ)

**Иҷрокунанда вазифадор аст кор (хизматрасонӣ) – ро дар муҳлати муқаррарнамудаи шартномаи иҷрои намуди кор (хизматрасонӣ) ба ҷо оварад.**

**Муҳлати иҷрои кор (хизматрасонӣ) мумкин аст бо санае (даврае), ки бояд иҷрои кор (хизматрасонӣ) ба анҷом расанд (ва) ё санае (даврае), ки иҷрокунанда бояд ба иҷрои кор (хизматрасонӣ) шурӯъ намояд, муайян карда мешавад.**

**Агар кор (хизматрасонӣ) қисм ба қисм (расонидани нашриёҳои матбуоти даврӣ, хизматрасонии техникӣ) дар давоми амали шартномаи иҷрои кор (хизматрасонӣ) ба иҷро расад, бояд муҳлати (давраи) дахлдори иҷрои чунин кор (хизматрасонӣ) пешбинӣ карда шавад.**

***Тафсир.*** *Тартиби муқаррар намудани муҳлатро, агар аз қонун барнамеоянд, ҷонибҳо тибқи шартҳои шартнома муқаррар менамоянд, ки он мумкин аст барои иҷрои кор ба ба анҷом расад ё санае, ки иҷрокунанда бояд ба иҷрои кор шурӯъ намояд. Мутобиқи муқаррароти моддаи 720 КГ ҶТ дар шартномаи пудрат муҳлати ибтидоӣ ва ниҳоии иҷрои кор зикр мегардад. Бо мувофиқаи байни тарафҳо дар шартнома метавонад, инчунин муҳлати хотимаи давраҳои алоҳидаи кор (муҳлатҳои мобайнӣ) пешбинӣ шуданаш мумкин аст. Агар дар қонунҳо ё шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, пудратчӣ барои вайрон кардани ҳам муҳлати ибтидоӣ ва ҳам муҳлати ниҳоӣ, инчунин муҳлатҳои мобайнии иҷрои кор масъулият дорад. Мӯҳлатҳои ибтидоӣ, ниҳоӣ ва мобайнии иҷрои корҳо, ки дар шартнома зикр гардидаанд, тибқи ҳолат ва тартиби пешбинӣнамудаи шартнома метавонад тағйир дода шаванд.*

*Агар кор (хизматрасонӣ) қисм ба қисм (расонидани нашриёҳои матбуоти даврӣ, хизматрасонии техникӣ) дар давоми амали шартномаи иҷрои кор (хизматрасонӣ) ба иҷро расад, бояд муҳлати (давраи) дахлдори иҷрои чунин кор (хизматрасонӣ) пешбинӣ карда шавад. Иҷро намудани кор агар қисм ба қисм шуда бошад, муҳлати он бояд нишон дода шавад, ки ба муҳлати шартнома мувофиқояд. Ҳангоми ба кор шурӯъ намудани иҷрокунанда мӯҳлат аз рӯи иҷрои кори воқеӣ, яъне рӯз ё соат ҳисоб карда мешавад.*

**Моддаи 27. Оқибати аз ҷониби иҷрокунанда риоя нашудани муҳлати ичрои кор (хизматрасонӣ)**

Агар иҷрокунанда муҳлати иҷрои кор (хизматрасонӣ) – муҳлати оғоз ва анҷоми кор (хизматрасонӣ) ва муҳлати мобайнии иҷрои кор (хизматрасонӣ) – ро вайрон карда бошад ё ҳангоми ичрои кор (хизматрасонӣ) маълум гардад, ки он дар муҳлати муайян иҷро намешавад, истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад:

- барои иҷрокунанда муҳлати нав таъин кунад, ки дар давоми он иҷрокунанда бояд ба иҷрои кор (хизматрасонӣ) шурӯъ кунад ва ё ичрои кор (хизматрасонӣ) – ро анҷом диҳад ва пасттар кардани нархи иҷрои кор (хизматрасонӣ) – ро талаб намояд;

- иҷрои кор (хизматрасонӣ) – ро ба шахсони сеюм супориш диҳад ё бо қувваи худ анҷом диҳад ва аз иҷрокунанда ҷуброни зарари расидаро талаб намояд;

- пасттар кардани нархи иҷрои кор (хизматрасонӣ) - ро талаб намояд;

- шартномаи иҷрои кор (хизматрасонӣ) - ро бекор кунад.

Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад ҷуброни пурраи зарари дар натиҷаи риоя накардани муҳлати иҷрои кор (хизматрасонӣ) ба вай расидаро талаб намояд.

Муҳлати нави иҷрои кори (хизматрасонии) таъинкардаи истеъмолкунанда дар шартномаи ичрои кор (хизматрасонӣ) зикр карда мешавад.

Ҳангоми гузаштани муҳлати нав истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад ба иҷрокунанда дигар талаботи муқарраргардидаи қисми якуми моддаи мазкурро пешниҳод намояд.

Ҳангоми бекор кардани шартномаи иҷрои кор (хизматрасонӣ), инчунин дар сурати паст кардани нархи ичрои кори (хизматрасонии) ба инобат гирифташаванда, музди ба истеъмолкунанда баргардонидашаванда кори (хизматрасонии) иҷрогардида мутобиқи қисми сеюми моддаи 24 Қонуни мазкур муайян карда мешавад.

Дар мавриди бекор кардани шартномаи ичрои кор (хизматрасонӣ) иҷрокунанда ҳуқуқ надорад ҷуброни хароҷоти худро, ки дар ҷараёни иҷрои кор (хизматрасонӣ) анҷом дода шудаанд, инчунин пардохти иҷрои кор (хизматрасонӣ) - ро ба истиснои ҳолате, ки истеъмолкунанда кори (хизматрасонии) иҷрогардидаро қабул карда бошад, талаб намояд.

**Дар сурати риоя нашудани муҳлати муқарраргардидаи иҷрои кор (хизматрасонӣ) ё мӯҳлати нави дар асоси қисми якуми моддаи мазкур таъиннамудаи истеъмолкунанда иҷрокунанда ба истеъмолкунанда барои ҳар рӯзи (соати, агар мӯҳлат бо соат муайян гардида бошад) гузаштани муҳлати ноустуворона месупорад, ба андозаи як фоизи кор (хизматрасонӣ) ва агар нархи иҷрои кор (хизматрасонӣ) дар шартномаи иҷрои кор (хизматрасонӣ) муайян карда нашуда бошад, нархи умумии супоришро пардохт мекунад. Бо шартномаи иҷрои кор (хизматрасонӣ) дар байни истеъмолкунанда ва иҷрокунанда метавонад андозаи хеле баландтари ноустуворона муқаррар карда шавад.**

**Агар иҷрокунанда исбот намояд, ки кор (хизматрасонӣ) дар натиҷаи қувваи рафънопазир ё бо гуноҳи истеъмолкунанда ба иҷро нарасидааст, талаботи дар қисми якуми моддаи мазкур пешбинӣшудаи истеъмолкунанда қонеъ гардонида намешавад.**

***Тафсир.*** *Моддаи тафсиршаванда нисбати муҳлати оғоз ва анҷоми кор ё хизматрасониро, ки иҷрокунанда вайрон менамояд, ба истеъмолкунанда ҳуқуқ муқаррар менамояд. Аслан дар қонунгузории амалкунанда муҳлатҳо вобаста ба иҷрои кор ва хизматрасонӣ ҳар гуна муқаррар карда мешаванд. Дар бештари ҳолатҳо мӯҳлатҳо аз шартнома бармеоянд. Масалан, мутобиқи моддаи 720 КГ ҶТ муқаррар менамояд, ки дар шартномаи пудрат муҳлати ибтидоӣ ва ниҳоии иҷрои кор зикр мегардад. Бо мувофиқаи байни тарафҳо дар шартнома метавонад, инчунин муҳлати хотимаи давраҳои алоҳидаи кор (мӯҳлатҳои мобайнӣ) пешбинӣ шавад.*

*Банди дуюми моддаи мазкур ба манфиатҳои истеъмолкунанда ҳуқуқ муқаррар менамояд, ки дар сурати ба талабот мувофиқ набудани сифати кор он аз сари нав иҷро карда шавад. Кори анҷомдода бояд ба шартҳои шартнома мутобиқат намояд ва дар сурати мавҷуд набудани шарт ё комилан пурра набудани он ба талаботе, ки одатан ба чунин кори навъи дахлдор пешниҳод мегардад, ҷавобгу бошад. Агар дар қонунҳо ё шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, иҷрои кор бояд: дар лаҳзаи супурдан ба истеъмолкунанда дорои хосиятҳои дар шартнома пешбинӣгардида ё ба талаботи муайяни одатан пешниҳодшаванда ҷавоб диҳад. Дар баробари ин давоми давраи қобили қабул барои истифода тибқи таъиноти дар шартнома пешбинӣшуда коршоям бошад ва агар он дар шартнома пешбинӣ*

*нагардида бошад, барои истифодаи чунин навъи корҳо муносиб бошад.*

*Банди 3, 4, 5, 6 моддаи мазкур асосан аз рӯи шартҳои шартномаҳо татбиқ карда мешавад. Бахусус мутобиқи моддаи 735 КГ муқаррар менамояд, ки агар кор аз ҷониби пудратчӣ бо риоя накардани шартнома анҷом дода шуда бошад, ки боиси бад шудани кор гаштааст ё бо камбудиҳои дигаре анҷом ёфтааст, ки истифодаи онро барои мақсади дар шартнома пешбинӣгардида ношоям сохтааст ё ҳангоми дар шартнома мавҷуд набудани чунин шартҳо барои истифодаи оддӣ ғайриимкон аст, азбаски дар қонун ё шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардидааст, фармоишгар ҳуқуқ дорад тибқи интихоби худ аз пудратчӣ талаб кунад, ки: дар мухлати муносиб камбудиҳои корро ройгон рафъ намояд; мутаносибан нархҳои барои кор муқарраргардидаро паст кунад; хароҷоташро барои рафъи камбудиҳо, дар сурате ки агар дар шартнома ҳуқуқи фармоишгар оид ба рафъи камбудиҳо пешбинӣ гардида бошад, ҷуброн намояд. Дар сурати бартараф накардани чунин камбудиҳо истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад ҷуброни зиёнро талаб намояд ва шартномаро бекор намояд.*

*Оид ба банди 7 нигаред ба тафсири моддаи 26 Қонуни мазкур.*

*Банди 8 ба иҷрокунанда ҳуқуқ медиҳад, ки ба иҷрокунанда талаботи дигарро пешниҳод намояд. Талаботи дигар мумкин аст шартҳои дигари шартномаро фаро гирад. Масалан, вобаста ба иҷрои кор ё бо дигар роҳ иҷро намудани он ва ғайраҳо.*

*Банди 9 ҳангоми бекор кардани шартномаи иҷрои кор (хизматрасонӣ), инчунин дар сурати паст кардани нархи иҷрои кори (хизматрасонии) ба инобат гирифташаванда, музди ба истеъмолкунанда баргардонидашаванда кори (хизматрасонии) иҷрогардида мутобиқи қисми сеюми моддаи 24 Қонуни мазкур муайян карда мешавад (мукаммал нигаред ба тафсири моддаи 24 Қонуни мазкур).*

*Дар баробари ин қонунгузор нисбати иҷрокунанда талабот муқаррар менамояд, ки дар мавриди бекор кардани шартномаи иҷрои кор (хизматрасонӣ) иҷрокунанда ҳуқуқ надорад ҷуброни хароҷоти худро, ки дар ҷараёни иҷрои кор (хизматрасонӣ) анҷом дода шудаанд, инчунин пардохти иҷрои кор (хизматрасонӣ) - ро ба истисноӣ ҳолате, ки истеъмолкунанда*

*кори (хизматрасонии) иҷрогардидаро қабул карда бошад, талаб намояд, яъне агар шуду ба манфиатҳои истеъмолкунанда зарар расида бошад ва ба истиснои коре ки ӯ (истеъмолкунанда) қабул намудааст.*

*Дар сурати риоя нашудани муҳлати муқarrargardidai иҷрои кор (хизматрасонӣ) ё муҳлати нави дар асоси қисми якуми моддаи мазкур таъиннамудаи истеъмолкунанда иҷрокунанда ба истеъмолкунанда барои ҳар рӯзи (соати, агар мӯҳлат бо соат муайян гардида бошад) гузаштани муҳлат ноустуворона месупорад, ба андозаи як фоизи кор (хизматрасонӣ) ва агар нархи иҷрои кор (хизматрасонӣ) дар шартномаи иҷрои кор (хизматрасонӣ) муайян карда нашуда бошад, нархи умумии супоришро пардохт мекунад. Бо шартномаи иҷрои кор (хизматрасонӣ) дар байни истеъмолкунанда ва иҷрокунанда метавонад андозаи хеле баландтари ноустуворона муқаррар карда шавад. ( муфассал нигаред ба тафсири моддаи 18 қонун).*

*Агар иҷрокунанда исбот намояд, ки кор (хизматрасонӣ) дар натиҷаи қувваи рафънопазир ё бо гуноҳи истеъмолкунанда ба иҷро нарасидааст, талаботи дар қисми якуми моддаи мазкур пешбинӣшудаи истеъмолкунанда қонеъ гардонида намешавад. Яъне агар аз иродаи иҷрокунанда вобастагӣ набошад. Мумкин аз ҳолатҳои форс мажорӣ ба вуҷуд омада бошад.*

**Моддаи 28. Ҳуқуқи истеъмолкунанда ҳангоми ошкор гардидани камбудии иҷрои кор (хизматрасонӣ)**

**Истеъмолкунанда ҳангоми ошкор гардидани камбудии иҷрои кор (хизматрасонӣ) ҳуқуқ дорад бо хости худ талаб намояд, ки:**

**- камбудии кори иҷрошуда (хизмати расонида) бе музд бартараф карда шавад;**

**- нархи иҷрои кор (хизматрасонӣ) мутаносибан паст карда шавад;**

**- моли дигар бемузд тайёр намуда ё кор (хизматрасонӣ) такроран бемузд иҷро карда шавад;**

**- хароҷоти бартараф намудани камбудии кори иҷрогардида (хизмати расонида) бо қувваи худ ё шахсӣ сеюм ҷуброн карда шавад.**

**Қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунанда оид ба бемузд бартараф намудани камбудӣ, оид ба тайёр намудани моли дигар ё оид ба иҷрои такрории кор (хизматрасонӣ)**

**иҷрокунандаро барои риоя накардани муҳлати иҷрои кор (хизматрасонӣ) аз пардохти ноустуворона озод намекунад.**

**Агар камбудии иҷрои кор (хизматрасонӣ) дар муҳлати муқарраркардаи шартномаи мазкур аз ҷониби иҷрокунанда бартараф нашуда бошад, истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад шартномаи иҷрои кор (хизматрасонӣ) - ро бекор кунад ва ҷуброни пурраи зарарро талаб намояд. Агар истеъмолкунанда камбудии ҷиддии иҷрои кор (хизматрасонӣ) ё худ риоя нашудани шартҳои дигари шартномаро ошкор намояд, ҳамчунин ҳуқуқ дорад шартномаи иҷрои кору (хизматрасонӣ) - ро бекор кунад.**

**Истеъмолкунанда низ ҳуқуқ дорад пурра ҷуброн намудани зарари аз камбудии иҷрои кор (хизматрасонӣ) ба ӯ расидаро талаб намояд. Зарар дар муҳлати муқарраргардидаи қонеъ гардонидани талаботи дахлдори истеъмолкунанда ҷуброн мешавад.**

**Талабҳое, ки бо камбудии иҷрои кор (хизматрасонӣ) вобаста мебошанд, метавонанд ҳангоми қабули иҷрои кор (хизматрасонӣ) ё дар ҷараёни иҷрои кор (хизматрасонӣ) ва ё агар ҳангоми қабул намудани иҷрои кор (хизматрасонӣ) камбудиро ошкор намудан имконнопазир бошад, дар давоми муҳлати муқарарнамудаи қисми шашуми моддаи мазкур пешниҳод карда шаванд.**

**Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад талаботи ба камбудии иҷрои кор (хизматрасонӣ) вобастаро, ки дар муддати муҳлати кафолат ошкор шудааст ва агар он ошкор нашуда бошад, дар давоми ду соли қабул намудани иҷрои кор (хизматрасонӣ) ё панҷ сол дар нисбати камбудии биноҳо ё дигар молу мулки ғайриманқул пешниҳод намояд.**

**Агар истеъмолкунанда исбот намояд, ки ин камбудӣ пеш аз корро қабул кардани ӯ ё бо сабабҳои то ин лаҳза рух додааст, иҷрокунанда барои камбудии кор (хизматрасонӣ), ки барои он муҳлати кафолат муқаррар нагардидааст, ҷавобгар мебошад.**

**Агар иҷрокунанда исбот карда натавонад, ки камбудии кори (хизматрасонии) дорои муҳлати кафолат баъди кор (хизматрасонӣ) – ро қабул намудани истеъмолкунанда, бинобар риоя накардани қоидаҳои истифодаи натиҷаи кор (хизматрасонӣ), амали шахсони сеюм ё қувваи рафънопазир рух додааст, ҷавобгар мешавад.**

**Дар ҳолатҳое, ки муҳлати кафолати тибқи шартнома пешбинӣгардида камтар аз ду сол (панҷ сол барои амволи ғайриманқул) бошад ва истеъмолкунанда камбудии кор**

**(хизматрасонӣ) - ро бо гузаштани муҳлати кафолат, вале дар давраи ду сол (панҷ сол барои амволи ғайриманқул) ошкор намояд ва агар исбот намояд, ки чунин камбудӣ то қабул намудани кор (хизматрасонӣ) ё бо сабабҳои то ин лаҳза рух додааст, истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад талаботи дар қисми якуми моддаи мазкур пешбинӣшударо пешниҳод намояд.**

**Дар мавриди ошкор шудани камбудии ҷиддии кор (хизматрасонӣ), агар истеъмолкунанда исбот карда тавонад, ки ин камбудӣ то қабул намудани натиҷаи кор (хизматрасонӣ) ё бо сабабҳои то ин лаҳза рух додааст, ҳуқуқ дорад ба иҷрокунанда талаботи бемузд бартараф намудани камбудиро пешниҳод намояд. Агар бо гузаштани ду сол (панҷ сол барои амволи ғайриманқул) аз рӯи қабули натиҷаи кор (хизматрасонӣ), вале дар доираи барои натиҷаи кор (хизматрасонӣ) муқаррар намудани муҳлати кафолат ё дар давоми даҳ соли аз ҷониби истеъмолкунанда қабул гардидани натиҷаи кор (хизматрасонӣ), агар муҳлати коршоямӣ муқаррар нагардида бошад, чунин камбудӣ ошкор гардида бошад, ин талабот метавонад пешниҳод карда шавад. Агар талаботи мазкур дар муҳлати бо Қонуни мазкур муқарраргардида қонеъ гардонида нашавад ё камбудӣ бартарафшаванда бошад, истеъмолкунанда бо хости худ ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки:**

**- нархи иҷрои кор (хизматрасонӣ) мутаносибан паст карда шавад;**

**- хароҷоти бартараф намудани камбудии кор (хизматрасонӣ) бо қувваи худ ё шахсони сеюм ҷуброн карда шавад;**

**- шартномаи иҷрои кор (хизматрасонӣ) ва ҷуброни зарар бекор карда шавад.**

***Тафсир.*** *Истеъмолкунанда ҳангоми ошкор гардидани камбудии иҷрои кор (хизматрасонӣ) ҳуқуқ дорад бо хости худ талаб намояд, ки: камбудии кори иҷрошуда (хизмати расонида) бе музд бартараф карда шавад; нархи иҷрои кор (хизматрасонӣ) мутаносибан паст карда шавад;моли дигар бемузд тайёр намуда ё кор (хизматрасонӣ) такроран бемузд иҷро карда шавад; хароҷоти бартараф намудани камбудии кори иҷрогардида (хизмати расонида) бо қувваи худ ё шахсӣ сеюм ҷуброн карда шавад.( ниг: ба тафсири моддаҳои 18, 19 ва 27 Қонун)*

*Қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунанда оид ба бемузд бартараф намудани камбудӣ, оид ба тайёр намудани моли*

*дигар ё оид ба иҷрои такрории кор (хизматрасонӣ) иҷрокунандаро барои риоя накардани муҳлати иҷрои кор (хизматрасонӣ) аз пардохти ноустуворона озод намекунад. Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад бар ивази рафъи камбудиҳои коре, ки барои онҳо иҷрокунанда ҷавобгар мебошад, ройгон, бо ҷуброни зараре, ки вобаста ба гузаронидани муҳлати иҷрои кор расонида шудааст, аз нав корҳоро иҷро кунад. Дар сурате ки муҳлати корро иҷрокунанда дароз менамояд, истеъмолкунанда ҳуқуқи талаб кардани ноустуворонаро пайдо менамояд.*

*Агар камбудии иҷрои кор (хизматрасонӣ) дар муҳлати муқарраркардаи шартномаи мазкур аз ҷониби иҷрокунанда бартараф нашуда бошад, истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад шартномаи иҷрои кор (хизматрасонӣ) - ро бекор кунад ва ҷуброни пурраи зарарро талаб намояд. Агар истеъмолкунанда камбудии ҷиддии иҷрои кор (хизматрасонӣ) ё худ риоя нашудани шартҳои дигари шартномаро ошкор намояд, ҳамчунин ҳуқуқ дорад шартномаи иҷрои кору (хизматрасонӣ) - ро бекор кунад. Дар сурати дар муҳлати муқарраргардидаи шартнома камбуди бартараф карда нашавад, истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад шартномаро қатъ намуда, зарари расидашударо талаб намояд. Бекор намудани шартнома дар ҳолати мазкур аслан яктарафа бекор карда мешавад.*

*Истеъмолкунанда низ ҳуқуқ дорад пурра ҷуброн намудани зарари аз камбудии иҷрои кор (хизматрасонӣ) ба ӯ расидаро талаб намояд. Зарар дар муҳлати муқарраргардидаи қонеъ гардонидани талаботи дахлдори истеъмолкунанда ҷуброн мешавад. Дар баробари ин истеъмолкунанда ҳуқуқи пурра ҷуброн кардани зарарро пайдо менамояд.*

*Талабҳое, ки бо камбудии иҷрои кор (хизматрасонӣ) вобаста мебошанд, метавонанд ҳангоми қабули иҷрои кор (хизматрасонӣ) ё дар ҷараёни иҷрои кор (хизматрасонӣ) ва ё агар ҳангоми қабул намудани иҷрои кор (хизматрасонӣ) камбудиро ошкор намудан имконнопазир бошад, дар давоми муҳлати муқаррарнамудаи қисми шашуми моддаи мазкур пешниҳод карда шаванд. Агар дар кор сарфи назар кардани шарти шартнома ё дигар камбудиҳои кор муҳим ё рафънопазир бошанд, ё дар муҳлати мувофиқи муқаррарнамудаи истеъмолкунанда норасоиҳои ошкоргардида бартараф карда нашуда бошанд, фармоишгар ҳуқуқ дорад аз шартнома даст кашад ва ҷуброни зарари расонидашударо талаб намояд.*

*Мутобиқи моддаи 736 КГ ҶТ дар сурате ки агар барои натиҷаи кор муҳлати кафолат муқаррар нагардида бошад, талаботи вобаста ба камбудиҳои натиҷаи кор аз ҷониби фармоишгар ба шарти дар муҳлатҳои мувофиқ ошкор намудани онҳо, вале дар доираи ду сол аз рӯзи супурдани натиҷаи кор, агар дар қонунҳо, шартнома ё анъанаҳои муомилоти корӣ муҳлати дигаре муқаррар нашуда бошад, пешниҳод шуданаш мумкин аст. Фармоишгар ҳуқуқ дорад вобаста ба камбудиҳои натиҷаи коре, ки дар натиҷаи ҷараёни муҳлати кафолат ошкор гардидааст, талабот пешниҳод намояд.*

*Бандҳои 7, 8, 9-и қонуни мазкур ба масъалаи исботкунии камбудии мол ва муҳлати кафолатиро муқаррар менамоянд.(ниг: Ба тафсири моддаи 26 ва банди моддаи мазкур)*

*Агар иҷрокунанда исбот карда натавонад, ки камбудии кори (хизматрасонии) дорои муҳлати кафолат баъди кор (хизматрасонӣ) – ро қабул намудани истеъмолкунанда, бинобар риоя накардани қоидаҳои истифодаи натиҷаи кор (хизматрасонӣ), амали шахсони сеюм ё қувваи рафънопазир рух додааст, ҷавобгар мешавад.*

*Дар ҳолатҳое, ки муҳлати кафолати тибқи шартнома пешбинӣгардида камтар аз ду сол (панҷ сол барои амволи ғайриманқул) бошад ва истеъмолкунанда камбудии кор (хизматрасонӣ) - ро бо гузаштани муҳлати кафолат, вале дар давраи ду сол (панҷ сол барои амволи ғайриманқул) ошкор намояд ва агар исбот намояд, ки чунин камбудӣ то қабул намудани кор (хизматрасонӣ) ё бо сабабҳои то ин лаҳза рух додааст, истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад талаботи дар қисми якуми моддаи мазкур пешбинӣшударо пешниҳод намояд.*

*Дар мавриди ошкор шудани камбудии ҷиддии кор (хизматрасонӣ), агар истеъмолкунанда исбот карда тавонад, ки ин камбудӣ то қабул намудани натиҷаи кор (хизматрасонӣ) ё бо сабабҳои то ин лаҳза рух додааст, ҳуқуқ дорад ба иҷрокунанда талаботи бемузд бартараф намудани камбудиро пешниҳод намояд. Агар бо гузаштани ду сол (панҷ сол барои амволи ғайриманқул) аз рӯи қабули натиҷаи кор (хизматрасонӣ), вале дар доираи барои натиҷаи кор (хизматрасонӣ) муқаррар намудани муҳлати кафолат ё дар давоми даҳ соли аз ҷониби истеъмолкунанда қабул гардидани натиҷаи кор (хизматрасонӣ), агар муҳлати коршоямӣ муқаррар нагардида бошад, чунин камбудӣ ошкор гардида бошад, ин талабот метавонад пешниҳод*

*карда шавад. Агар талаботи мазкур дар мӯҳлати бо Қонуни мазкур муқарраргардида қонеъ гардонида нашавад ё камбудӣ бартарафшаванда бошад, истеъмолкунанда бо хости худ ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки: нархи иҷрои кор (хизматрасонӣ) мутаносибан паст карда шавад; хароҷоти бартараф намудани камбудии кор (хизматрасонӣ) бо қувваи худ ё шахсони сеюм ҷуброн карда шавад; шартномаи иҷрои кор (хизматрасонӣ) ва ҷуброни зарар бекор карда шавад (мукаммал нигаред ба тафсири моддаи 27 Қонуни мазкур).*

**Моддаи 29. Мӯҳлати бартараф намудани камбудии кор (хизматрасонӣ)**

**Камбудии кор (хизматрасонӣ) бояд аз тарафи иҷрокунанда дар давоми чаҳордаҳ рӯзи тақвимӣ бартараф карда шавад, ба шарте ки дар созишномаи тарафайн мӯҳлати дарозтар муқаррар карда нашуда бошад.**

**Барои риоя накардани мӯҳлати пешбинӣнамудаи моддаи мазкур ҷиҳати рафъи камбудии иҷрои кор (хизматрасонӣ) иҷрокунанда ба истеъмолкунанда барои ҳар рӯзи гузаштани мӯҳлат ба андозаи як фоизи арзиши иҷрои кор ноустуворона мепардозад.**

**Дар ҳолати риоя накардани ин мӯҳлат истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад ба иҷрокунанда дигар талаботи пешбинӣнамудаи Қонуни мазкурро пешниҳод намояд.**

***Тафсир***. *Дар моддаи тафсиршаванда суҳан дар борои мӯҳлати бартараф намудани камбудии кор (хизматрасонӣ) аз ҷониби иҷрокунанда меравад. Дар моддаи 736 КГҶТ мӯҳлатҳои ошкор намудани сифати номатлубии натиҷаҳои кор муқаррар карда шудааст. Ва дар асоси он агар дар қонунҳо ё шартномаи пудрат тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, фармоишгар ҳуқуқ дорад вобаста ба сифати номатлуби кор ба шарти дар мӯҳлати муқаррарнамудаи моддаи мазкур ошкор гардидани онҳо талабот пешниҳод кунад. Дар сурате ки агар барои натиҷаи кор мӯҳлати кафолат муқаррар нагардида бошад, талаботи вобаста ба камбудиҳои натиҷаи кор аз ҷониби фармоишгар ба шарти дар мӯҳлатҳои мувофиқ ошкор намудани онҳо, вале дар доираи ду сол аз рӯзи супурдани натиҷаи кор, агар дар қонунҳо, шартнома ё анъанаҳои муомилоти кори мӯҳлати дигаре муқаррар нашуда бошад, пешниҳод шуданаш мумкин аст. Фармоишгар ҳуқуқ дорад вобаста ба камбудиҳои*

*натиҷаи коре, ки дар натиҷаи ҷараёни муҳлати кафолат ошкор гардидааст, талабот пешниҳод намояд.Дар ҳолатҳое, ки муҳлати кафолати пешбинӣнамудаи шартнома аз ду сол камтар бошад ва норасоиҳои натиҷаи кор аз ҷониби фармоишгар пас аз гузашти муҳлати кафолат, вале дар доираи ду сол аз лаҳзаи ҷараёнёбии муҳлати кафолат ошкор гардидааст, агар фармоишгар исбот карда тавонад, ки камбудиҳо то супурдани натиҷаи кор ба фармоишгар ё бо сабабҳое, ки то ин лаҳза рух додаанд, ба миён омадаанд, пудратчӣ масъулиятро ба зимма дорад.*

*Ҷараёни муҳлати кафолат, агар дар шартномаи пудрат тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, муҳлати кафолат аз лаҳзае, ки натиҷаи иҷрои кор қабул гардида буд ё мебоист аз ҷониби фармоишгар қабул гардад, огоз меёбад (қисми 1 моддаи 734 КГҶТ) .*

*Бояд гуфт, ки муқаррарот оид ба мӯҳлатҳои ошкор намудани сифати номатлубии натиҷаҳои кор инчунин нисбати химатрасонӣ низ татбиқ мегардад. Зеро дар моддаи 803 КГҶТ муқаррар шудааст, ки «муқаррароти умумӣ оид ба пудрат (моддаҳои 714 - 741) ва муқаррарот оид ба пудрати маишӣ (моддаҳои 742 -754), агар онҳо хилофи қоидаҳои ҳамин боб, инчунин мушаххасоти мавзӯи шартномаи хизматрасонии пулакӣ набошанд, нисбат ба шартномаи хизматрасонии пулакӣ татбиқ карда мешаванд».*

*Дар ҳолати дар муҳлатҳои муқарраршуда ошкор гардидани сифати номатлубии кор (хизматрасонӣ), иҷрокунанда вазифадор мешавад,ки камбудии ҷойдоштаро агар дар созишнома муҳлати дарозтар муқаррар нашуда бошад, бартараф намояд. Агар кабудии ҷойдошта дар муҳлати 14 рӯзи тақвимӣ бартарф карда нашавад, пас дар ин маврид дар асоси қисми дуюми моддаи тафсиршаванда ҷиҳати рафъи камбудии иҷрои кор (хизматрасонӣ) иҷрокунанда ба истеъмолкунанда барои ҳар рӯзи гузаштани мӯҳлат ба андозаи як фоизи арзиши иҷрои кор ноустуворона мепардозад.*

*Инчунин дар асоси қисми 3 моддаи мазкур ҳангоми риоя накардани муҳлати муқарраршудаи моддаи тафсиршаванда аз ҷониби иҷрокунанда истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад ба иҷрокунанда дигар талаботи пешбинӣнамудаи Қонуни мазкурро аз қабили: нархи иҷрои кор (хизматрасони) мутаносибан паст карда шавад; моли дигар бемузд тайёр намуда ё кор*

*(хизматрасонӣ) такроран бемузд иҷро карда шавад; хароҷоти бартараф намудани камбудии кори иҷрогардида (хизмати расонида) бо қувваи худ ё шахсӣ сеюм ҷуброн карда шавад ва ғайраро пешниҳод намояд (муфассал оид ба талаботҳои истеъмолкунанда ва муҳлати амалӣ гардидани онҳо нигаред ба моддаҳои 28 ва 30 Қонуни мазкур).*

**Моддаи 30. Муҳлати қонеъ гардонидани талаботи алоҳидаи истеъмолкунанда**

**Талаботи истеъмолкунанда ҷиҳати паст кардани нархи иҷрои кор (хизматрасонӣ), ҷуброни хароҷоти рафъи камбудии кор (хизматрасонӣ) бо қувваи худ ё шахсӣ сеюм, инчунин ҷуброни зарари дар натиҷаи бекор кардани шартномаи иҷрои кор (хизматрасонӣ) расида, ки дар қисми якуми моддаи 27 ва қисмҳои якум ва чоруми моддаи 28 Қонуни мазкур пешбинӣ гардидаанд, бояд аз рӯзи пешниҳоди талаботи дахлдор дар муҳлати даҳ рӯз қонеъ гардонида шавад.**

**Талаботи истеъмолкунанда ҷиҳати бемузд тайёр намудани ашёи дигар аз маводи ҳаммонанди сифаташ якхела ё иҷрои такрории кор (хизматрасонӣ) бояд дар муҳлати барои иҷрои фаврии кор (хизматрасонӣ) муқарраргардида ва агар ин мӯҳлат муқаррар нагардида бошад, дар муҳлати пешбинӣнамудаи шартномаи иҷрои кор (хизматрасонӣ), ки ба таври матлуб иҷро нагардида буд, қонеъ гардонида шавад.**

**Барои риоя накардани муҳлати қонеъгардонии талаботи алоҳидаи истеъмолкунанда, ки дар моддаи мазкур пешбинӣ гардидааст, иҷрокунанда ба истеъмолкунанда барои ҳар рӯзи гузаштани мӯҳлат ба андозаи як фоизи иҷрои кор (хизматрасонӣ) ноустуворона мепардозад. Ба шартномаи иҷрои кор (хизматрасонӣ) байни истеъмолкунанда ва иҷрокунанда фоизи зиёдтари ноустуворона муқаррар шуда метавонад.**

**Дар ҳолати риоя накардани муҳлати мазкур истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад ба иҷрокунанда дигар талаботи дар Қонуни мазкур пешбинӣгардидаро пешниҳод намояд.**

***Тафсир.*** *Талаботи истеъмолкунанда ҷиҳати паст кардани нархи иҷрои кор (хизматрасонӣ), ҷуброни хароҷоти рафъи камбудии кор (хизматрасонӣ) бо қувваи худ ё шахсӣ сеюм, инчунин ҷуброни зарари дар натиҷаи бекор кардани шартномаи иҷрои кор (хизматрасонӣ) расида, ки дар қисми якуми моддаи 27 ва қисмҳои якум ва чоруми моддаи 28 Қонуни мазкур пешбинӣ гар-*

*дидаанд, бояд аз рӯзи пешниҳоди талаботи дахлдор дар муҳлати даҳ рӯз қонеъ гардонида шавад(ниг. ба тафсири моддаи 27 ва 28-конуни мазкур).*

*Банди дуюми моддаи тафсиршаванда муқаррар менамояд, ки талаботи истеъмолкунанда ҷиҳати бемузд тайёр намудани ашёи дигар аз маводи ҳаммонанди сифаташ якхела ё иҷрои такрории кор (хизматрасонӣ) бояд дар муҳлати барои иҷрои фаврии кор (хизматрасонӣ) муқараргардида ва агар ин мӯҳлат муқаррар нагардида бошад, дар муҳлати пешбинӣнамудаи шартномаи иҷрои кор (хизматрасонӣ), ки ба таври матлуб иҷро нагардида буд, қонеъ гардонида шавад. Яъне, мумкин аст, ки худи моли барои истеъмолкунанда пешниҳодгардида ё аз ҷониби худи ӯ гирифташуда фаври лозим бошад, дар ин холат аз ҷониби фурӯшанда ё иҷрокунанда ба моли ҳаммонанд ё иваз карда шавад ё камбудии ҷойдошта фавран бартараф карда шуда талаботи истеъмолкунанда қонеъ гардонида шавад.*

*Барои риоя накардани муҳлати қонеъгардонии талаботи алоҳидаи истеъмолкунанда, ки дар моддаи мазкур пешбинӣ гардидааст, иҷрокунанда ба истеъмолкунанда барои ҳар рӯзи гузаштани мӯҳлат ба андозаи як фоизи иҷрои кор (хизматрасонӣ) ноустуворона мепардозад. Ба шартномаи иҷрои кор (хизматрасонӣ) байни истеъмолкунанда ва иҷрокунанда фоизи зиёдтари ноустуворона муқаррар шуда метавонад.(ниг:Ба тафсири моддаи 29 Қонуни мазкур).*

*Дар ҳолати риоя накардани муҳлати мазкур истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад ба иҷрокунанда дигар талаботи дар Қонуни мазкур пешбинӣгардидаро пешниҳод намояд. Дар зерт мафҳуми дигар талаботҳо он талаботҳое дар назар дошта мешаванд, ки барои истеъмолкунанда барои иҷрои кор ё хизматрасонӣ мувофиқ меоянд. Талабоҳои мазкурро ҳатман бояд қонуни мазкур пешниҳод намуда бошад, ки ба онҳо дохил мешаванд: нархи иҷрои кор,ҷуброни зарар, иваз намудани мол ба моли ҳаммонанд ва гайраҳо.*

**Моддаи 31. Сметаи иҷрои кор (хизматрасонӣ)**

**Барои иҷрои кори (хизматрасонии) пешбинӣнамудаи шартномаи иҷрои кор (хизматрасонӣ) метавонад сметаи устувор ё тахминӣ ё ин ки нархгузорӣ тартиб дода шавад.**

**Бо талаби истеъмолкунанда ё иҷрокунанда тартиб додани чунин смета ҳатмӣ мебошад.**

**Иҷрокунанда ҳуқуқ дорад дар мавриди баланд шудани арзиши мавод ва таҷҳизоти аз ҷониби иҷрокунанда пешниҳодшаванда, ҳамчунин арзиши хизмати аз ҷониби шахсони сеюм дар рафти иҷрои шартнома расонидашаванда, ки дар мавриди бастани шартнома пешбинӣ карданашон ғайриимкон буд, зиёд кардани сметаи устуворро талаб намояд. Дар мавриди даст кашидани истеъмолкунанда аз иҷрои ин талабот иҷрокунанда ҳуқуқ дорад шартномаро бо тартиби судӣ бекор кунад.**

**Агар зарурати иҷрои кори (хизматрасонии) иловагӣ пеш ояд ва ба ин сабаб сметаи тахминиро хеле зиёд кардан зарур шавад, иҷрокунанда вазифадор аст истеъмолкунандаро дар ин хусус сари вақт огоҳ намояд. Агар истеъмолкунанда барои баланд шудани арзиши сметаи тахминӣ розӣ набошад, вай ҳуқуқ дорад аз иҷрои шартнома даст кашад. Дар ин ҳолат иҷрокунанда метавонад аз истеъмолкунанда пардохти музди кори иҷрогардида (хизмати расонида) - ро талаб намояд.**

**Иҷрокунандае, ки истеъмолкунандаро аз зарурати баланд шудани арзиши сметаи тахминӣ сари вақт огоҳ накардааст, вазифадор аст шартномаро иҷро кунад, ки дар ин ҳолат ҳуқуқи дар доираи сметаи тахминӣ пардохтани музди кор (хизматрасонӣ) барояш боқӣ мемонад.**

**Дар сурати сарф нашудани воситаҳои пулии пардохташуда, ки бо смета пешбинӣ шудаанд ё калкулятсияи беасоси иқтисодӣ тартибдодашуда барои кори иҷрошуда (хизмати расонидашуда), фарқияти ошкоршудаи нарх бояд ба истеъмолкунанда баргардонида шавад.**

***Тафсир.*** *Банди якуми моддаи тафсиршаванда муқаррар менамояд, ки барои иҷрои кори (хизматрасонии) пешбинӣнамудаи шартномаи иҷрои кор (хизматрасонӣ) метавонад сметаи (харҷномаи)устувор ё тахминӣ, ё ин ки нархгузорӣ тартиб дода шавад. Харҷнома дар бештари ҳолатҳо даромаду хароҷотро дар бар мегирад, ки бо талаби истеъмолкунанда пешниҳоди он хатмӣ мебошад. Дар баробари ин ҳуҷҷатҳои лоиҳавию харҷномавӣ мавҷуданд. Мутобиқи муқаррароти моддаи 759 КГ ҶТ пудратчӣ вазифадор аст сохтмон ва корҳои вобаста ба онро тибқи ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ, ки ҳаҷм ва муҳтавои корҳо ва дигар талаботи ба кор алоқаманд ва харҷномае, ки арзиши корро муайян менамояд, анҷом диҳанд. Пудратчие, ки дар ҷараёни сохтмон корҳои дар ҳуҷҷатҳои лоиҳавию сметавӣ зикрнагардида*

*ва вобаста ба ин зарурати корҳои иловагӣ ва зиёд кардани арзиши сметавии сохтмонро ошкор менамояд, бояд дар ин маврид ба фармоишгар маълумот диҳад.*

*Иҷрокунанда ҳуқуқ дорад дар мавриди баланд шудани арзиши мавод ва таҷҳизоти аз ҷониби иҷрокунанда пешниҳодшаванда, ҳамчунин арзиши хизмати аз ҷониби шахсони сеюм дар рафти иҷрои шартнома расонидашаванда, ки дар мавриди бастани шартнома пешбинӣ карданашон ғайриимкон буд, зиёд кардани харҷномаи устуворро талаб намояд. Дар мавриди даст кашидани истеъмолкунанда аз иҷрои ин талабот иҷрокунанда ҳуқуқ дорад шартномаро бо тартиби судӣ бекор кунад. Банди мазкур муқаррар менамояд, ки харҷномаи ичрои кор дар сурати баланд шудани арзиши мавод ё таҷҳизот мумкин аст тағйир ёбад, яъне нархгузории сметавӣ мумкин аст кам шавад ё зиёд гардад. Тағйир додани ҳуҷҷатҳои лоиҳавию сметавӣ, ки хароҷоти иловагии истеъмолкунандаро талаб мекунад, аз ҳисоби ичрокунанда дар асоси харҷномаи иловагии аз ҷониби тарафҳо мувофиқашуда анҷом дода мешавад.*

*Агар зарурати иҷрои кори (хизматрасонии) иловагӣ пеш ояд ва ба ин сабаб сметаи тахминиро хеле зиёд кардан зарур шавад, иҷрокунанда вазифадор аст истеъмолкунандаро дар ин хусус сари вақт огоҳ намояд. Муҳлати огоҳкуниро мумкин аст, ки ҷонибҳо бевосита худашон муайян намоянд. Агар истеъмолкунанда барои баланд шудани арзиши сметаи тахминӣ розӣ набошад, вай ҳуқуқ дорад аз иҷрои шартнома даст кашад. Дар ин ҳолат иҷрокунанда метавонад аз истеъмолкунанда пардохти музди кори иҷрогардида (хизмати расонида) - ро талаб намояд. Мутобиқи моддаи 446 КГ ЧТ Уҳдадорӣ бо созишномаи байни тарафҳо дар мавриди ивази уҳдадории ибтидоии байни онҳо мавҷудбуда бо дигар уҳдадории дигари байни ҳамон ашхосе, ки предмети дигар ва усули дигари (новатсия) иҷрои уҳдадориро талаб мекунад, қатъ мегардад.*

*Иҷрокунандае, ки истеъмолкунандаро аз зарурати баланд шудани арзиши сметаи тахминӣ сари вақт огоҳ накардааст, вазифадор аст шартномаро иҷро кунад, ки дар ин ҳолат ҳуқуқи дар доираи сметаи тахминӣ пардохтани музди кор (хизматрасонӣ) барояш боқӣ мемонад. Моддаи 802 КГ ЧТ муқаррар кардааст, ки фармоишгар ҳуқуқ дорад дар ҳолати аз тарафи иҷрокунанда пардохтани арзиши ҳақиқии хизматрасонӣ аз шартномаи хизматрасонии пулакӣ даст кашад. Иҷрокунанда*

*бошад, ҳуқуқ дорад танҳо баъди пурра ҷуброн кардани зарари вобаста ба бекор кардани шартнома ба фармоишгар расонидашударо, ба истиснои ҳолатҳое, ки он бо гуноҳи фармоишгар рух додааст ва аз иҷрои шартнома хизматрасонии пулакӣ бармеоянд, талаб намояд.*

*Банди 5 муқаррар менамояд, ки агар шуду аз рӯи сметаи пешбинӣшуда ё асосҳои иқтисодӣ тарафҳо ҳисоб намуда муқаррар намоянд, ки маблаги муайян сарф нашудааст, он гоҳ аз ҷониби иҷрокунанда ё фурӯшанда ба истеъмолкунанда ин маблаг баргардонида мешавад.*

**Моддаи 32. Иҷрои кор аз масолеҳи иҷрокунанда**

**Агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, иҷрокунанда вазифадор аст кори тибқи шартномаи иҷрои кор муайянгардидаро аз масолеҳ ва маблаҒи худ иҷро намояд.**

**Иҷрокунандае, ки барои иҷрои кор масолеҳ пешниҳод намудааст, барои сифати номатлуби он аз рӯи қоидаҳои масъулияти фурӯшанда барои моли дорои сифати номатлуб ҷавобгар мебошад.**

**Пули масолеҳи иҷрокунанда ҳангоми бастани шартномаи мазкур аз ҷониби истеъмолкунанда пурра ё дар ҳаҷме пардохта мешавад, ки дар шартномаи иҷрои кор бо шарти ҳисоби ниҳоӣ кардан ҳангоми кори баҷоовардаи иҷрокунандаро қабул карда гирифтани истеъмолкунанда зикр гардидааст, ба шарте, ки бо мувофиқаи тарафҳо тартиби дигари ҳисоби маводи иҷрокунанда пешбинӣ нагардида бошад.**

**Дар ҳолатҳои пешбинӣнамудаи шартномаи иҷрои кор иҷрокунанда метавонад ба истеъмолкунанда масолеҳро ба тариқи кредит пешниҳод кунад. Тағйирёбии минбаъдаи нархи масолеҳи қарздодаи иҷрокунанда боиси ҳисобу китоби нав шуда наметавонад.**

**Масолеҳи иҷрокунанда, воситаҳои техникӣ, асбобҳо ва маводи дигари барои иҷрои кор зарурро ба маҳалли иҷрои кор иҷрокунанда мерасонад.**

***Тафсир.*** *Моддаи тафсиршаванда танҳо ба иҷрои кор вобаста буда, ба хизматрасонӣ паҳн намегардад. Иҷрокунанда (шахсӣ ҳуқуқӣ ва ё соҳибкори инфиродӣ, ки фаъолияти соҳибкориро ба амал мебарорад) ӯҳдадор аст корро бо супориши истеъмолкунанда барои қонеъ намудани талаботи маишӣ ва дигар талаботи шахсӣи истеъмолкунандаро аз масолеҳ ва*

*воситаҳои худ иҷро намояд. Дар шартнома хислати кор ва шарт оид ба масолеҳ бояд дарҷ гардида бошад, аммо меъёри мазкур диспозитивӣ аст ва дар шартнома метавонад иҷрои кор аз масолеҳи истемолкунанда пешбинӣ шавад.*

*Барои сифати номатлуби масолеҳ тибқи қоидаҳои ҷавобгарии фурӯшанда барои моли сифати номатлуб (боби 2 моддаҳои 18-25 Қонуни мазкур) иҷрокунандаи масолеҳро барои иҷрои кор пешниҳоднамуда ҷавоб мегӯяд. Яъне, дар асоси ин моддаҳо истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад бо интихоби худ талаб намояд, ки:*

*- бе музд камбудии масолеҳ бартараф карда шавад ва ё хароҷоти бартараф намудани камбудии масолеҳ ба истемолкунанда ва ё шахсӣ сеюм ҷуброн карда шавад;*

*- мутаносибан нархи масолеҳ паст карда шавад;*

*- масолеҳ ба масолеҳи монанд иваз карда шавад;*

*- он ба чунин масолеҳи тамгаи дигар, ки ба нархи харид ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ мутобиқ аст, иваз карда шавад;*

*- шартнома бекор карда шавад.*

*Дар баробари ин истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад пурра зарари ба ӯ расидаро дар натиҷаи пешниҳод намудани масолеҳи сифати номатлуб талаб намояд. Зарар дар муҳлати бо Қонуни барои қонеъ намудани чунин талаб муқарраргардида ба истеъмолкунанда ҷуброн карда мешавад.*

*Иҷрокунанда, ки маҳсулотро барои иҷрои кор пешниҳод намудааст, барои сифати он тибқи қоидаҳо оид ба ҷавобгарии фурӯшанда барои моли сифати номатлуб мутобиқи қонунгузории гражданӣ ҷавобгар аст. Бинобар ин иҷрокунанда барои сифати маҳсулот барои иҷрои кор масъул аст.*

*Дар фарқият аз пардохти кор истеъмолкунанда бо маҳсулот ҳангоми бастани шартномаи мазкур пурра ва ё дар ҳаҷми дар шартнома барои иҷрои кор бо шарти пардохти ҳатмӣ ҳангоми қабули иҷрои кори ба анҷом расонида ҷавоб мегӯяд, агар тартиби дигари ҳисоббаробаркунӣ барои маҳсулоти иҷрокунанда бо созиши тарафҳо пешбинӣ нашуда бошад. Ин меъёр манфиатҳои истеъмолкунандаро аз оқибати тағйирёбии нарх ҳифз мекунад. Дар ин маврид тағйири минбаъдаи нархи маҳсулот боиси ҳисобу китоби нав намегардад.*

*Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри монандро дар моддаи 747 муқаррар намудааст, ки тибқи он агар кор оид ба шартномаи пудрати маишӣ аз маводи пудратчӣ анҷом дода*

*шавад, арзиши мавод ҳангоми бастани шартнома пурра ё қисман, чуноне ки дар шартнома зикр шудааст, бо ҳисоббаробаркунии ниҳоӣ баъди аз ҷониби фармоишгар аз пудратчӣ гирифтани мол пардохта мешавад. Мутобиқи шартномаи пудрати маишӣ мавод метавонад ба пудратчӣ ба таври кредит, аз ҷумла бо шарти аз ҷониби фармоишгар давра ба давра пардохтани он пешниҳод карда шавад. Тағйир ёфтани нархи маводе, ки пудратчӣ пешниҳод кардааст, баъди бастани шартнома боиси ҳисобу китоби нав шуда наметавонад. Дар моддаи зикршудаи КГ ҶТ дар фарқият аз Қонун ба қоидаҳои иҷрои корҳои алоҳида ҳаволакунӣ ҷой надорад.*

*Масолеҳи иҷрокунанда,воситаҳои техникии барои иҷрои кор зарурӣ, асбобу анҷом ва ғайра ба макони иҷрои кор аз ҷониби иҷрокунанда оварда мешаванд.*

**Моддаи 33. Иҷрои кор аз масолеҳи (ашёи) истеъмолкунанда**

**Агар кор пурра ё қисман аз масолеҳи (ашёи) истеъмолкунанда ба ҷо оварда шавад, иҷрокунанда барои эҳтиёт кардани ин масолеҳ (ашё) ва истифодаи сарфакоронаи он ҷавобгар аст.**

**Иҷрокунанда вазифадор аст, ки:**

**- истеъмолкунандаро аз корношоямӣ ё бадсифатии масолеҳи (ашёи) супурдаи ӯ огоҳ намояд;**

**- дар бораи сарфи масолеҳ ҳисобот диҳад ва боқимондаи онро баргардонад ё бо розигии истеъмолкунанда музди (сметаи) корро бо назардошти арзиши масолеҳи истифоданашудае, ки дар дасти иҷрокунанда мондааст, камтар кунад.**

**Иҷрокунанда вазифадор аст, ки дар сурати пурра ё қисман гум шудани (осеб дидани) масолеҳи (ашёи) аз истеъмолкунанда гирифтааш дар давоми се рӯз бо ҳамин гуна масолеҳи (ашёи) сифаташ якхела иваз намояд ва бо майлу хоҳиши истеъмолкунанда дар муҳлати мувофиқагардида аз масолеҳи (ашёи) шабеҳи он маснуот созад ва дар мавриди ноилоҷӣ ба истеъмолкунанда арзиши дукаратаи масолеҳи (ашёи) гумшуда (осебдида) ва ҳамчунин хароҷоти истеъмолкунандаро ҷуброн намояд.**

**Арзиши масолеҳи (ашёи) гумшуда (осебдида) дар асоси нархи мавҷудаи масолеҳ (ашё) дар ҷое, ки талаби истеъмолкунанда бояд аз тарафи иҷрокунанда дар рӯзи ихтиёрӣ қонеъгардонӣ ё худ дар рӯзи баровардани қарори суд қонеъ гардонида шавад, муайян карда мешавад, агар талаби истеъмолкунанда ихтиёрӣ қонеъ гардонида нашуда бошад.**

**Дар шартномаи иҷрои кор ва ё дигар ҳуҷҷате (расидае супорише), ки далели баста шудани шартнома аст, бояд ному тавсиф ва нархи аниқи масолеҳ (ашё), ки бо созишномаи тарафайн муайян карда мешавад, зикр шуда бошад.**

**Агар иҷрокунанда исбот намояд, ки истеъмолкунандаро аз хосиятҳои махсуси масолеҳе (ашёе) огоҳонидааст, ки боиси пурра ё қисман гум шудани (осеб дидани) он мегардад, аз масъулияти пурра ё қисман гум шудани (осеб дидани) масолеҳ (ашё) озод мегардад. Агар савияи дониши илмӣ ва техникии иҷрокунанда барои ошкор кардани хосиятҳои махсуси масолеҳ (ашё) имконият надода бошад, ӯ аз ҷавобгарӣ озод намешавад.**

***Тафсир.*** *Кор метавонад на танҳо аз масолеҳи фармоишгар балки аз масолеҳи истеъмолкунанда низ иҷро карда шавад. Ин амалро ҳуҷҷатӣ намудан зарур аст. Масолеҳи истеъмолкунанда пешниҳодкунанда аз ҷониби тарафҳо дар шартнома дарҷ карда мешавад. Истъемолкунанда ба маолеҳи пешниҳоднамудааш ҳуқуқи моликият дорад. Ғайр аз ин имконияти пешниҳоди масолеҳ дар ҷараёни иҷроиш ҷой дорад, ки дар асоси шартномаи пудрати маишӣ бо дархости якбораи фармоишгар сурат мегирад. Тибқи моддаи 748 КГ ҶТ агар корҳо оид ба шартномаи пудрати маишӣ аз маводи фармоишгар анҷом дода шавад, дар квитансия ё ҳуҷҷати дигаре, ки ҳангоми бастани шартнома пудратчӣ ба фармоишгар медиҳад, бояд номи дақиқ, тасвир ва арзиши маводи тибқи созишномаи тарафҳо муқаррургардида зикр карда шавад. Нархгузории мавод дар квитансия ё дигар ҳуҷҷати шабеҳ метавонад минбаъд аз ҷониби фармоишгар дар суд, бо роҳи пешниҳоди далелҳои хаттӣ мавриди баҳс қарор дода шавад.*

*Ба зиммаи иҷрокунанда ҳангоми иҷрои кор аз масолеҳи (ашёӣ)истеъмолкунанда уҳдадории нигоҳдории ин масолеҳ (ашё)ва дуруст истифодабарии он вогузор мегардад. Дар моддаи 725 КГ ҶТ пурратар муқаррар гардидааст, ки пудратчӣ вазифадор аст маводи фароҳамовардаи фармоишгарро сарфакорона ва боэҳтиёт истифода бурда, баъди ба итмом расонидани кор оид ба масрафи мавод ҳисобот дода, бақияи онро баргардонад ё бо мувофиқаи фармоишгар бо назардошти арзиши маводи истифоданашудае, ки дар назди пудратчӣ боқӣ мондааст, арзиши корро пасттар кунад. Агар бо сабабҳои камбудии маводе, ки фармоишгар фароҳам овардааст, натиҷаи кор ба даст наомада бошад, ё натиҷаи бадастовардашуда дорои камбудие бошад, ки*

*истифодаи онро тибқи таъиноти пешбинӣнамудаи шартнома имконнопазир мегардонад ва ҳангоми дар шартнома мавҷуд набудани шарти дахлдор барои истифодаи одӣ номумкин аст пудратчӣ ҳуқуқ дорад пардохти кори анҷомдодаашро талаб намояд. Пудратчӣ, агар исбот карда тавонад, ки камбудии мавод ҳангоми ба таври дахлдор қабул кардани мавод аз ҷониби пудратчӣ ошкор карда шуданаш номумкин буд, метавонад пардохти кори анҷомдодаашро талаб намояд. Масолеҳи корношоям ин масолеҳе аст, ки бо сифат ва хусусияти худ ба талабот ҷавобгӯ нест ва наметавонад сифати зарурии натиҷаи корро таъмин намояд. Масолеҳи бадсифат масолеҳест, ки ба талаботи муқаррааргардида нисбати сифати он мутобиқ намебошад.*

*Иҷрокунандаи пурра ё қисман масолеҳ (ашё)-ро гум карда (осеб расонда) ӯҳдадор аст дар давоми се рӯз бо ҳамин гуна масолеҳи (ашёи) сифаташ якхела онро иваз намояд ва бо майлу хоҳиши истеъмолкунанда дар муҳлати мувофиқ аз масолеҳи (ашёи) шабеҳи он маснуот созад. Уҳдадорие, ки дар муҳлати мувофиқ иҷронагардида, ё муҳлати иҷроишаш ба лаҳзаи талабкунӣ муайян гардидааст, аз ҷониби иҷрокунанда бояд дар давоми ҳафт рӯз аз лаҳзаи талаби он аз ҷониби истеъмолкунанда иҷро шавад, агар дар Қонун, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, шартҳои ӯҳдадорӣ, одатҳои муомилоти корӣ ва моҳияти ӯҳдадорӣ, муҳлати дигари иҷрои ӯҳдадорӣ пешбинӣ нашуда бошад.*

*Дар мавриди набудани масолеҳи шабеҳи дорои сифати мутобиқ иҷрокунанда ӯҳдадор аст ба истеъмолкунанда дар ҳаҷми дукарата арзиши масолеҳи гумшуда (осебдида), инчунин хароҷоти кардаи истеъмолкунандаро ҷуброн намояд. Масалан. ҳангоми таъмири хона иҷрокунанда қандилро, ки ба истеъмолкунанда аз хориҷа оварда буданд афтонда, пурра нобуд сохт. Дар фурӯш чунин қандил ҷой надорад. Дар ин маврид иҷрокунанда ӯҳдадор аст арзиши дукаратаи он ва хароҷоти истеъмолкунандаро оид ба харидории қандили нав ҷуброн менамояд. Нархи масолеҳи (ашёи)ба иҷрокунанда пешниҳодшуда дар асоси шартномаи иҷрои кор ва ё дигар ҳуҷҷати (расид, фармоиш) тасдиқкунандаи бастани он муайян карда мешавад. Арзиш вобаста ба нархи масолеҳ (ашё) дар маконе, ки бояд талаби истеъмолкунанда қонеъ карда мешуд, муайян мегардад.*

*Дар моддаи 726 КГ ҶТ меъёр оид ба масъулияти пудратчӣ барои нигоҳдошти амвол муқаррар гардидааст, ки дар асоси он*

*пудратчӣ барои эҳтиёт накардани маводу таҷҳизоте ки фармоишгар барои коркарди мавод фароҳам овардааст, инчунин дигар амволе, ки вобаста ба иҷрои шартномаи пудрат таҳти ихтиёри пудратчӣ қарор гирифтааст, масъулият дорад. Дар фарқият аз Қонун КГ ҳуқуқи истеъмолкунандагонро ба таҷҳизот ва дигар амволи барои истифодабарӣ пешниҳоднамуда (воситаи нақиёт, бино, инвентари маишӣ ва г.)ҳифз менамояд. Ҷавобгарии иҷрокунанда тибқи асосҳои умумӣ ба вуҷуд меояд. Озод намудан аз ҷавобгарӣ танҳо дар он ҳолате ҷой дошта метавонад, ки агар хусусиятҳои махсус бинобар сабабҳои объективӣ (хислати махфӣ, ҷой надоштан ва тасдиқ нагардидани усулҳо ва ё тарзҳои таъсири чунин хусусиятҳо бо тартиби муқарраршуда ва г.)наметавон ошкор шаванд. Озод намудани иҷрокунанда аз ҷавобгарӣ инчунин дар ҳолати гум кардан (осеб дидани)масолеҳ тибқи асосҳои мукаррарнамудани қисми 3 моддаи 432 КГ ҶТ имконпазир аст, агар тартиби дигар бо қонун ва ё шартнома пешбинӣ нашуда бошад. Агар дар қонун ё шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, шахсе, ки ҳангоми анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ уҳдадориро иҷро накардааст, ё номатлуб иҷро кардааст, агар исбот накунад, ки иҷрои матлуби ӯҳдадорӣ дар натиҷаи қувваи рафънопазир, яъне дар ҳамон шароити фавқулодда ва ногузир имконнопазир гаштааст, масъулият ба зимма дорад. Ба чунин ҳолатҳо, аз ҷумла вайрон кардани ӯҳдадорӣ аз тарафи контрагентҳои қарздор, дар бозор мавҷуд набудани молҳои барои иҷро зарурӣ, маблағи зарурӣ надоштани қарздор дохил намешаванд. Мутобиқи шартнома ё қонун шартҳои дигари аз масъулият озод кардани субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ низ пешбинӣ шуданашон мумкин аст. Яъне агар масолеҳ дар натиҷаи заминларза, обхезӣ, сӯхтор ва дигар ҳолати фавқулода гум гардад (осеб бинад),иҷрокунанда аз ҷавобгарӣ озод мешавад ва таваккали ногаҳон нобудшавӣ ба зиммаи худи молик (истеъмолкунанда) вогузор мегардад.*

**Моддаи 34. Уҳдадории иҷрокунандагон дар бобати огоҳонидани истеъмолкунанда аз ҳолатҳое, ки метавонанд ба сифати иҷрои кор (хизматрасонӣ) таъсир расонанд ё худ боиси сари вақт иҷро нашудани он гарданд.**

**Иҷрокунанда вазифадор аст истеъмолкунандаро сари вақт хаттӣ аз он огоҳонад, ки риоя кардани дастурҳои истеъмолкунанда ва ҳолатҳои дигари вобаста ба истеъмолкунанда метаво-**

**над сифати иҷрои кор (хизматрасонӣ) – ро паст кунад ё худ боиси сари вақт иҷро нашудани он гарданд.**

**Агар истеъмолкунанда, қатъи назар аз сари вақт ва аз ҷониби иҷрокунанда асоснок огоҳонида шуданаш масолеҳи корношоям ё бадсифатро дар мұҳлати мувофиқашуда иваз накунад, дастурҳоро доир ба тарзу усули иҷрои кор (хизматрасонӣ) тағйир надиҳад ё дигар ҳолатҳоеро бартараф нанамояд, ки сифати иҷрои кор (хизматрасонӣ) – ро паст карда метавонанд, иҷрокунанда ҳуқуқ дорад шартномаи иҷрои кор (хизматрасонӣ) – ро бекор кунад ва ҷуброни зарари ба ӯ расидаро талаб намояд.**

***Тафсир.*** *Моддаи тафсиршаванда ба зиммаи иҷрокунанда яке аз уҳдадориҳои асосӣ – пешниҳоди иттилоот ба истеъмолкунандаро вогузор менамояд. Маълумоти зарурӣ ва дуруст оид ба кор, ки имконияти интихоби онро таъмин менамояд, бояд аз ҷониби иҷрокунанда саривақт тибқи асосиҳои умумӣ мувофиқи моддаҳои 9-10 Қонуни тафсиршаванда ба истеъмолкунанда пешниҳод гардад. Ин модда бошад. ба зиммаи иҷрокунанда уҳдадории махсусро оид ба иттилоотонии истеъмолкунанда доир ба ҳолатҳои аз он вобастабуда, мегузорад. Иҷрокунанда ӯҳдадор аст саривақт истеъмолкунандаро дар бораи он ки риояи дастурҳои истеъмолкунанда ва дигар ҳолатҳои аз ӯ вобастабуда метавонанд сифати кори иҷрошавандаро паст намоянд ва ё боиси ғайриимкон гардидани иҷрои кор дар мӯҳлати муайян гарданд, огоҳ намояд. Иҷрокунанда ҳамчун мутахассис ӯҳдадор аст истеъмолкунандаро дар бораи камбудиҳо ва нишондоди амволи аз ӯ гирифташуда, инчунин оқибатҳои ба иҷрои мӯътадили кор таҳдидкунанда огоҳ намояд. Дар ин маврид тамоми ҳолатҳои барои иҷрои кор манфӣ дар назар дошта шудааст. Огоҳии истеъмолкунанда бояд саривақт ва асоснок бошад, дорои хислати умумӣ набуда, бо маълумоти аниқ ва далелҳои техникӣ тасдиқшуда бошад.*

*Дар асоси моддаи 728 КГ ҶТ пудратчӣ вазифадор аст фавран фармоишгарро огоҳ созад ва то аз ӯ гирифтани нишондод корро ҳангоми ошкор намудани ҳолатҳои зайл қатъ намояд: корношоямӣ ё бесифатии мавод, таҷҳизот, ҳуҷҷатҳои техникӣ ё ашёи барои коркард пешниҳоднамудаи фармоишгар; оқибатҳои имконпазири нохушӣ ба иҷрои супориши фармоишгар оид ба усули иҷрои кор вобаста; дигар ҳолатҳои ба пудратчӣ вобастанабудае, ки ба коршоямӣ ё устувории натиҷаҳои иҷрои*

*кор таҳдид мекунанд ё дар муҳлати муайянгардида анҷом додани корро ғайриимкон мегардонанд. Пудратчие, ки фармоишгарро дар мавриди ҳолатҳои зикргардида огоҳ насохтааст ё муҳлати дахлдореро, ки барои гирифтани ҷавоб ба огоҳонӣ зарур аст мунтазир нашуда, корро идома додааст ё сарфи назар аз огоҳонии саривақтии фармоишгар дар мавриди боздоштани корҳо фаъолиятро давом додааст, ҳуқуқ надорад ҳангоми нисбат ба ӯ ё пешниҳод шудани талабот, ё аз ҷониби ӯ пешниҳод кардани талаботи дахлдор ба фармоишгар ба ҳолатҳои зикргардида истинод кунад. Агар фармоишгар, сарфи назар аз огоҳонии саривақтӣ ва асосноки пудратчӣ оид ба ҳолатҳои зикргардида, дар муҳлати муносиб маводи корношоям ё бесифатро иваз накунад, супоришро оид ба усули иҷрои кор тағйир надиҳад ё барои рафъи ҳолатҳое, ки ба коршоямӣ ё устувории корҳо таҳдид менамоянд, чораҳои дигар наандешад, пудратчӣ ҳуқуқ дорад аз шартнома даст кашад ва ҷуброни зарари вобаста ба қатъи шартнома расонидашударо талаб намояд. Дар ин ҷо сухан оид ба зиёни воқеӣ меравад ва дар зери мафҳуми зиён хароҷоте фаҳмида мешавад, ки шахсӣ ҳуқуқаш вайронгардида масраф намудааст ё бояд барои барқарор намудани ҳуқуқи вайронгардида масраф намояд, аз даст рафтан ё хароб гардидани молу мулки ӯ (зиёни воқеӣ), инчунин даромади ба даст наомадае, ки ин шахс, агар ҳуқуқаш вайрон намегардид, дар шароити муқаррарии аҳдҳои гражданӣ метавонист ба даст оварад (фоидаи аз дастрафта).*

## Моддаи 35. Тартиби пардохти музди кори иҷрогардида (хизмати расонида)

**Тартиби пардохти музди кори иҷрогардида (хизмати расонида) бо шартномаи байни истеъмолкунанда ва иҷрокунанда муайян карда мешавад.**

**Истеъмолкунанда вазифадор аст, ки музди кори (хизмати) дар ҳаҷми пурра баҷоовардаи иҷрокунандаро баъди қабул карда гирифтани он пардозад. Бо розигии истеъмолкунанда музди кор (хизмат) ҳангоми бастани шартнома дар ҳаҷми пурра ё ба тариқи пешакӣ метавонад пардохта шавад.**

***Тафсир.*** *Шартнома оид ба иҷрои кор ва ё хизматрасонӣ ба истеъмолкунанда доимо пулакӣ аст, чунки иҷрокунанда субъекти хоҷагидориест ва мақсади гирифтани фоидаро дорад. Моддаи тафсиршаванда муайянкунандаи тартибе мебошад, ки*

*тибқи он истеъмолкунанда бояд музди кори (хизмати) иҷрокунандаро мувофиқи тартиби ҳисобу китоби бо шартнома пешбинӣшуда пардохт намояд.Дар асоси моддаҳои 749 ва 800 КГ ҶТ нархи кор дар шартномаи пудрати маишӣ тибқи созишномаи тарафҳо муқаррар гардида, наметавонад аз нархи дар нархнома (прейскурант) эълоннамудаи пудратчӣ болотар бошад. Корро фармоишгар баъди аз ҷониби пудратчӣ пурра супурдани он мепардозад. Тибқи созишномаи тарафҳо кор метавонад аз ҷониби фармоишгар ҳангоми бастани шартнома пурра ё бо усули додани бунак (аванс) пардохта шавад. Фармоишгар ӯҳдадор аст хизмат (хизматҳо)-и ба ӯ расонидашударо тибқи мӯҳлат ва тартиби дар шартнома зикргардида пардозад. Дар сурати имконнопазирии иҷро, ки бо гуноҳи иҷрокунанда ба миён наомадааст, фармоишгар вазифадор аст бо нигоҳ доштани фоидае, ки иҷрокунанда ба даст овардааст ё метавонист дар натиҷаи озод намудани ӯ аз иҷрои хизматрасонӣ (хизматрасониҳо) ба даст орад, подошпулии муносиб диҳад. Дар сурати бо гуноҳи фармоишгар ба миён омадани имконнопазирии иҷро, агар дар қонун ё шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, арзиши хизматрасонӣ дар ҳаҷми пурра пардохта мешавад.*

*Бо мақсади ҳифзи манфиати иҷрокунанда барои гирифтани маблағи дар шартнома пешбинӣшуда ба ӯ ҳуқуқӣ нигоҳ доштани натиҷаи кор, амвол дода шудааст, ки то ба пардохти маблағи кор (хизмати) иҷрокардааш ба ӯ тааллуқ дорад. Тибқи моддаҳои 388-389 КГ ҶТ иҷрокунанда молу мулкеро, ки дар ихтиёр дорад ва онро бояд ба қарздор ва ё шахсӣ муайяннамудаи қарздор супорад, дар сурати аз ҷониби қарздор дар муҳлати муайяншуда иҷро накардани уҳдадории пардохти ҳаққи мол ё ҷуброни хароҷоти қарзҳо вобаста ба ин ё зиёни дигар ҳақ дорад то иҷро гардидани уҳдадориҳои дахлдор, онро нигоҳ дорад. Бо нигоҳ доштани мол ҳамчунин талаботе қонеъ гардонида мешавад, ки бо пардохти мол ё ҷуброни хароҷоти он ва зиёнҳои дигари аз ӯҳдадорӣ бароянда, ки тарафҳои ин ӯҳдадорӣ ҳамчун соҳибкор баромад мекунанд, алоқаманд нестанд. Иҷрокунанда, сарфи назар аз он, ки баъди соҳиб шуданаш ба ин мол шахсӣ сеюм ба он ҳуқуқ пайдо кардааст, молро нигоҳ дошта метавонад, агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад. Талаботи нигоҳдорандаи мол аз ҳисоби арзиши он баробари ҳаҷм*

*ва мутобиқи тартибе қонеъ гардонида мешавад, ки барои қонеъ намудани уҳдадории бо гарав таъминшуда, пешбинӣ шудааст.*

**Моддаи 36. Қоидаҳои савдо, хӯроки умумӣ, хизматрасонии маишӣ ва дигар намунаҳои хизматрасонии истеъмолкунандагон**

**Қоидаҳои савдо, хӯроки умумӣ, хизматрасонии маишӣ ва дигар намудҳои хизматрасонии истеъмолкунандагон (қоидаҳои иҷрои намудҳои алоҳидаи кор ва қоидаҳои хизматрасонии намудаҳои алоҳида) – ро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.**

***Тафсир.*** *Барои танзими ин ва ё он муносибати ҷамъиятӣ қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ зарур аст, ки яке аз онҳо Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.*

*Дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 июни соли 2005, №209 «Дар бораи чорабиниҳо оид ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон"» Номгӯй ва Қоидаҳои зерин тасдиқ карда шудааст:*

*- Номгӯи намудҳои алоҳидаи мол (кор, хизматрасонӣ) ва тарзи расонидани маълумот ба истеъмолкунанда (замимаи 1);*

*- Номгӯи молҳои аз нигоҳи техникӣ мураккабе, ки ҳангоми дар ин молҳо ошкор шудани камбудиҳои назаррас талаби истеъмолкунанда дар бораи иваз намудани онҳо бояд қонеъ гардонида шавад (замимаи 2);*

*- Номгӯи молҳои истифодаашон дарозмӯҳлат, ки ба онҳо талаботи харидор дар бораи ба шакли бебозгашт ба ӯ пешниҳод намудани моли ба ҳамон монанд дар давраи таъмир ё ивазкуни дахл надорад (замимаи 3);*

*- Номгӯи молҳои ғайрихӯроквории хушсифате, ки ба моли ба ҳамон монанди дорои андоза, шакл, ҳаҷм, намуд, ороиш ва бастааш дигар иваз ё баргардонида намешавад (замимаи 4);*

*- Номгӯи молҳое, ки дар маълумотномаи он норавоии истифодаи онҳо ҳангоми намудҳои алоҳидаи беморӣ зикр шуда бошанд (замимаи 5);*

*- Қоидаҳои пешниҳоди хизматрасониҳо оид ба партовҳои дурушт ва моеи маишӣ (замимаи 6);*

*- Қоидаҳои пешниҳод намудани хизматрасонии меҳмонхонаҳо (замимаи 7);*

*- Қоидаҳои хизматрасониҳои хӯроки умумӣ (замимаи 8):*

*- Қоидаҳои хизматрасониҳои коммуналӣ (замимаи 9):*

*- Қоидаҳои хизматрасонии маишии аҳолӣ (замимаи 10).*

*Баррои мукаммал гардидани тафсири моддаи мазкур ин Қоидаҳоро пурра таҳлил менамоем.*

*1.* ***Қоидаҳои пешниҳоди хизматрасониҳо оид ба партовҳои дурушт ва моеи маишӣ.***

*Қоидаҳои мазкур мутобиқи моддаи 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" тартиб дода шуда, муносибатҳои байни истеъмолкунандагон ва иҷрокунандагонро дар соҳаи хизматрасониҳо оид ба интиқоли партовҳои сахт ва моеъ (минбаъд хизматрасониҳо оид ба интиқоли партовҳои рӯзгор номида мешавад) танзим менамоянд.*

*Мафҳумҳои асосие, ки дар Қоидаҳои мазкур истифода мешаванд:*

*1) партовҳои сахту моеи рӯзгор: а) партовҳое мебошанд, ки дар натиҷаи фаъолияти ҳаёти ҳамарӯзаи аҳоли (омода намудани хӯрок, борҷомабандии молҳо, тоза кардани манзили истиқоматӣ); б) таъмири ҷории биноҳои истиқомати, ашёи бузургҳаҷми хонаводагӣ, тоза кардани канализатсияҳои ғайримарказонида ва ғайра ба вуҷуд меоянд.*

*2) Истеъмолкунанда - шаҳрванди истифодакунанда, фармоишдиҳанда ё ба иҷрокунанда барои эҳтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ, хонаводагӣ ва ғайра барои расонидани хизмат ҷиҳати интиқоли партови рӯзгор мақсади фармоиш дошта мебошад, ки ба анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ вобаста нест.*

*3) Иҷрокунанда - ташкилотест новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқии он, соҳибкори инфиродие, ки ба истеъмолкунанда дар мавриди интиқоли партовҳои рӯзгор аз рӯи шартномаи пардохт хизмат мерасонад.*

*4) Меъёрҳои санитарӣ ва қоидаҳо - ҳуҷҷатҳое, ки мутобиқи қонун талаботи ҳатмиро нисбат ба сифати хизматрасониҳо оид ба интиқоли партовҳои рӯзгор муқаррар менамоянд;*

*5) Камбудии хизматрасониҳо - мувофиқ набудани хизматрасониҳо оид ба интиқоли партовҳои рӯзгор ба стандарт, шартҳои қарордод ё талаботе, ки нисбат ба сифати хизматрасониҳо тақозо мегардад.*

*Иҷрокунанда вазифадор аст ба маълумоти истеъмолкунанда номи фирмавии (унвони) ташкилоти худ, маҳалли ҷойгиршавии вай (нишонии ҳуқуқи) ва тартибу низоми кори он-*

*ро расонад. Иҷрокунанда маълумоти мазкурро дар лавҳа ҷойгир менамояд. Иҷрокунанда - соҳибкори инфиродӣ бояд ба истеъмолкунанда дар бораи бақайдгирии давлатии худ ва номи мақомоти бақайдгирифтааш хабар диҳад. Агар фаъолияти иҷрокунанда оид ба пешниҳоди хизматҳо дар мавриди интиқоли партовҳои рӯзгор таҳти литсензиякунонӣ қарор гирад, бояд ба истеъмолкунанда ахбор дар бораи рақами литсензия, муҳлати амали он, инчунин маълумот дар бораи мақоме дода шавад, ки ин литсензияро вогузор менамояд. Иҷрокунанда (соҳибкори инфиродӣ ё ташкилот) вазифадор аст, ки бо ташкилотҳои дахлдор шартнома барои қабул ва гӯронидани партовҳо дошта бошад. Дар назди иҷрокунанда - ташкилот дар ҷои барои шиносоӣ мувофиқ бояд маълумотҳои зерин оварда шаванд:*

*- қоидаҳои пешниҳоди хизматҳо оид ба интиқоли партовҳои сахту моеи рӯзгор;*

*- маълумот дар бораи муҳлати ҳадди ақали интиқоли партовҳои рӯзгор, ки аз тарафи мақомоти худидоракунии маҳаллӣ муқаррар мегарданд;*

*- тарифҳо оид ба хизматрасониҳо;*

*- уҳдадориҳои кафолатноки иҷрокунандаи хизматрасониҳо;*

*- маълумот дар бораи имтиёзҳо ва бартариҳое, ки аз ҷониби қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои мақомоти худидоракунии маҳалли барои категорияҳои алоҳидаи истеъмолкунандаҳо пешбинӣ шудаанд.*

*Иҷрокунанда - соҳибкори инфиродӣ ахбори ҳатмии зикршударо ба роҳҳои барояш мувофиқ пешниҳод мекунад. Агар ба истеъмолкунанда ҳангоми бастани шартнома имконияти фавран гирифтани ахбор дар бораи хизматрасонӣ муяссар нагардад, вай ҳақ дорад аз иҷрокунанда ҷуброни зарари саркашӣи беасоси бастани шартномаро талаб намояд, агар шартнома баста шуда бошад, дар муҳлати муайян онро бекор намояд ва баргардонидани маблаги барои хизматрасони пардохташуда ва ҷуброни зарарҳои дигарро дархост кунад. Тартибу низоми кори ташкилоти дар мавриди интиқоли партовҳои рӯзгор хизматрасонанда бо қарори мақомоти худидоракунии маҳалли муқаррар мегардад. Тартиби кори ташкилотҳои шакли моликияташон дигар ва соҳибкорони инфиродӣ аз тарафи худи онҳо ба таври мустақилона бо мувофиқаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муқаррар мегардад. Тартиби кори иҷрокунанда бояд ба тартиби муқарраргардида*

*мутобиқат кунад. Иҷрокунанда - ташкилоти тиҷоратӣ ҳақ надорад аз бастани шартнома дар бораи расонидани хизмат оид ба интиқоли партовҳои рӯзгор саркашӣ намояд ва дар сурати доштани имконият ба истеъмолкунандагон хизматрасониҳои дахлдорро пешниҳод намояд. Иҷрокунанда - ташкилоти тиҷоратӣ ҳақ надорад, ки дар мавриди бастани шартнома як истеъмолкунандаро аз истеъмолкунандаи дигар бартар донад, ба ҷайр аз ҳолатҳое, ки қонун ва санадҳои дигари ҳуқуқи пешбинӣ намудаанд. Агар иҷрокунанда - ташкилоти тиҷорати аз бастани шартнома саркашӣ намояд, истеъмолкунанда ҳақ дорад ба суд мурочиат кунад ва маҷбуран бастани шартномаро талаб намояд. Фармоиш барои расонидани хизмат оид ба интиқоли партовҳои рӯзгор дар шакли хатти бо роҳи тартиб додани санад (шартнома, квитансия, талон ва гайра) ба расмият дароварда мешавад, ки дар он бояд маълумот дар бораи номи ташкилоти иҷрокунанда, маҳалли ҷойгиршавии он (нишонаи ҳуқуқи), барои соҳибкори инфиродӣ - номи хонаводагӣ, ном ва номи падар, маълумот дар бораи бақайдгирии давлатӣ ва номи мақоми бақайдгирандаи он бошад, инчунин бояд номи хонаводагӣ, ном ва номи падари истеъмолкунанда, нишони (адрес)-е, ки бояд аз рӯи он хизмат расонида шавад, номгӯи хизматрасониҳо, муҳлати расонидаии хизмат, нарх, тартиби пардохт ва шартҳои дигар зикр гарданд. Нусхаи ҳуҷҷати мазкур бояд ҳатман ба истеъмолкунандаи хизматрасониҳо дода шавад. Шакли ҳуҷҷат аз тарафи иҷрокунанда мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад. Шартҳои шартнома дар бораи хизматрасониҳо оид ба интиқоли партовҳои рӯзгор, ки дар муқоиса ба қоидаҳои аз тарафи қонунҳо ё санадҳои дигари ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон муқарраргардида ҳуқуқҳои истеъмолкунандаро халалдор месозанд, беэътибор дониста мешаванд. Дар ин сурат зиёни дар натиҷаи иҷрои чунин шартнома, бавуҷудомада аз ҷониби иҷрокунанда дар ҳаҷми пурра ба истеъмолкунанда ҷуброн карда мешавад. Иҷрокунанда ҳуқуқ надорад, ки бе розигии истеъмолкунанда хизматрасониҳои иловагии музднокро иҷро кунад. Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад, ки аз пардохти ҳаққи чунин хизматрасониҳо даст кашад, ва агар ҳаққи хизматрасониҳо пардохта шуда бошад, истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад аз иҷрокунанда баргардонидани маблаги пардох-*

*ташударо талаб намояд. Қайду шарт кардани пешниҳоди баъзе хизматрасониҳо бо ҳатман пешниҳод намудани хизматрасониҳои дигар манъ аст. Хароҷоти (зиён) ба истеъмолкунанда дар натиҷаи вайрон кардани ҳуқуқҳои вай ба интихоби озоди хизматрасониҳо расонидашуда аз ҷониби иҷрокунанда дар ҳаҷми пурра ҷуброн карда мешавад. Нархи хизматрасониҳо оид ба интиқоли партовҳои рӯзгор, муҳлати расонидани чунин хизматҳо, тартиб ва шакли пардохт (нақдӣ ва ғайринақдӣ) бо созишномаи байни иҷрокунанда ва истеъмолкунанда муайян карда мешаванд. Нархи хизматрасониҳо аз нархҳои аз ҷониби мақомоти давлатии дахлдор муқарраршаванда ё танзимшаванда баландтар буда наметавонад. Нархи хизматрасониҳо оид ба интиқоли партовҳои рӯзгор, инчунин шартҳои дигари шартнома дар бораи расонидани чунин хизматҳо барои ҳамаи истеъмолкунандагон якхела муқаррар карда мешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки бо қонун ё санадҳои меъёрии дигар ба додани имтиёз барои табақаҳои алоҳидаи истеъмолкунандагон иҷозат дода мешавад. Дар ҳолати ғайриимкон будани иҷрои хизматрасониҳо оид ба интиқоли партовҳои рӯзгор бо айби истеъмолкунанда онҳо бояд дар ҳаҷми пурра пардохта шаванд, агар тадбири дигаре аз тарафи қонун ё шартнома пешбинӣ нашуда бошад. Дар сурати имконнопазир будани иҷро аз ҳолатҳое ба вуҷуд омадааст, ки аз хоҳиши тарафҳо вобастаги надошта бошад, истеъмолкунанда ба иҷрокунанда хароҷоти кардаи онҳоро ҷуброн мекунад, агар тадбири дигаре аз тарафи қонун ё шартнома пешбинӣ нашуда бошад.*

*Сифати хизматрасониҳои аз тарафи иҷрокунанда пешниҳодшаванда оид ба интиқоли партовҳои рӯзгор бояд ба шартҳои шартнома мувофиқат кунад, дар сурати набудан ё нопуррагии шартҳои шартнома бошад, вай бояд ба талаботи одатан ба чунин навъи хизматрасониҳо пешниҳодшаванда мувофиқ бошад. Иҷрокунанда ӯҳдадор аст, ки хизматрасониҳоро дар муҳлати муқарраршуда пешниҳод намояд, ин мӯҳлат бо созишномаи тарафҳо бо назардошти зарурати саривақт тоза кардани партовҳои рӯзгор мувофиқи стандартҳои амалкунанда муайян карда мешавад. Муҳлати интиқоли партовҳои рӯзгори дар созишнома зикршуда бояд аз муҳлати интиҳоии интиқоли партовҳои рӯзгори аз тарафи мақомоти ҳокимияти иҷроияи маҳалли муқарраршуда бештар*

*набошад. Истеъмолкунанда вазифадор аст, ки мувофиқи шартнома ба иҷрокунанда дастрасии озодро ба ҷои хизматрасониҳо оид ба интиқоли партовҳои рӯзгор муҳайё созад, инчунин ба иҷрокунанда барои расонидани хизмат дар ҳолатҳо, ҳаҷмҳо ва тартиби пешбинӣнамудаи шартнома мусоидат намояд. Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад, ки аз иҷрои шартномаи расонидани хизмат оид ба интиқоли партовҳои рӯзгор бо шарти ба иҷрокунанда пардохт намудани хароҷоти воқеии кардааш даст кашад.*

*Агар иҷрокунанда муҳлати пешниҳоди хизматрасониҳо оид ба интиқоли партовҳои маиширо вайрон кунад (муҳлати оғозу анҷом ва муҳлати мобайнии хизматрасониҳо) ё дар вақти хизматрасони муайян гардад, ки онҳо дар муҳлати муқарраршуда иҷро нахоҳанд шуд, истеъмолкунанда аз рӯи интихоби худ ҳуқуқ дорад:*

*- ба иҷрокунанда мухлати нав таъин кунад, ки дар давоми он иҷрокунанда бояд ба хизматрасони оғоз кунад ва (ё) хизматрасониро би охир расонад ва талаб кунад, ки нархи хизматрасониро кам кунад;*

*- пешниҳоди хизматрасониро бо нархҳои мувофиқ ба шахсӣ сеюм вогузор намояд ё онҳоро бо қувваи худӣ иҷро карда, аз иҷрокунанда ҷуброни хароҷоти кардаашро талаб кунад;*

*- кам кардани нархи хизматрасониҳоро талаб кунад;*

*- шартномаи хизматрасониро беэътибор донад.*

*Инчунин истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад, ки ҷуброни пурраи зиёни бинобар сабаби вайрон кардани муҳлати хизматрасониҳо оид ба интиқоли партовҳои рӯзгор ба вай расидаро талаб кунад. Зиёнҳо дар мӯҳлатҳои барои қонеъ сохтани талаботи даххлдори истеъмолкунанда муқарраршуда ҷуброн карда мешаванд. Ҳангоми ошкор шудани камбудиҳо дар хизматрасониҳои пешниҳодшуда оид ба интиқоли партовҳои маиши истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад, ки аз рӯи интихоби худ иҷрои тадбирҳои зайлро талаб кунад:*

*- бемузд бартараф кардани камбудиҳои хизматрасониҳои пешниҳодшуда дар мӯҳлатҳои мувофиқи таъиннамудаи истеъмолкунанда;*

*- ба ҳамон андоза кам кардани нархи хизматрасониҳои пешниҳодшуда;*

*- ҷуброни хароҷоти кардаи вай оид ба бартарафсозии камбудиҳои хизматрасониҳои пешниҳодшуда, ба шарте ки*

*дар шартнома ҳуқуқи истеъмолкунанда дар бораи бартараф кардани онҳо пешбинӣ шуда бошад.*

*Агар дар муҳлати дар шартнома муқарраршуда камбудиҳои хизматрасониҳои пешниҳодшуда аз ҷониби иҷрокунанда бартараф карда нашаванд, он гоҳ истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад, ки шартномаро беэътибор دониста, ҷуброни пурраи хароҷоташро талаб кунад. Камбудиҳои хизматрасониҳои пешниҳодшуда оид ба интиқоли партовҳои рӯзгор, ки ҳангоми пешниҳодашон ошкор шудаанд, бояд дар мӯҳлатҳои мувофиқи таъиннамудаи истеъмолкунанда бартараф карда шаванд. Камбудиҳои хизматрасониҳои пешниҳодшуда бояд аз тарафи иҷрокунанда дар давоми як шабонарӯз аз рӯи пешниҳоди талаботи истеъмолкунанда бартараф гарданд. Талаботҳои дигари истеъмолкунанда бояд ҳатман бо мӯҳлатҳои муайянкардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қонеъ гардонида шаванд. Барои вайрон кардани муҳлати хизматрасони оид ба интиқоли партовҳои рӯзгор, муҳлати бартарафсозии камбудиҳои хизматрасониҳо, инчунин иҷрои талаботи дигари истеъмолкунанда иҷрокунанда барои ҳар як рӯзи ба таъхирафтода ба истеъмолкунанда дар ҳаҷми як фоизи нархи хизматрасониҳо ҷаримаи ноустувори (пеня) месупорад. Иҷрокунанда ҳамчунин барои дигар ҳуқуқвайронкуниҳо нисбати истеъмолкунанда дар мавриди хизматрасони оид ба интиқоли партовҳои рӯзгор мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавоб медиҳад. Ҳангоми аз ҷониби истеъмолкунанда иҷро нагардидани уҳдадориҳо оид ба мусоидат ба иҷрокунанда дар расонидани хизмат барои интиқоли партовҳои рӯзгор мутобиқи шартнома иҷрокунанда ҳақ дорад ҷуброни зарари расонидашуда, аз ҷумла хароҷоти иловагии дар натиҷаи боздошти ҳаққи пардохт бавуҷудомадаро талаб намояд, ё ин ки нархи хизматрасонии дар шартнома зикргардидаро зиёд намояд. Мақомоти идораи давлатӣ зимни мувофиқа бо Вазорати иқтисод ва савдо дар доираи салоҳияташ ҳақ дорад дар асос ва бо мақсади иҷрои Қоидаи мазкур санадҳои меъёрию ҳуқуқиро оид ба расонидани хизматҳои алоҳида содир намояд.*

***2.Қоидаҳои пешниҳод намудани хизматрасонии меҳмонхонаҳо.***

*Қоидаҳои зерин мутобиқи моддаи 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" таҳия гардида, муносибатҳоро дар соҳаи пешниҳод намудани*

*хизматрасонии меҳмонхонаҳо (минбаъд - хизматрасони ) ба танзим медарорад.*

*Мафҳумҳои асосие, ки дар Қоидаҳои зер истифода шудаанд:*

*1) меҳмонхона - иншооти бо молу мулк муҷаҳҳаз (бино, қисми бино, таҷҳизот ва дигар моликият), ки барои зиндагии муваққатӣ пешниҳод намудани хизматрасонӣ равона гардидааст;*

*2) истеъмолкунанда-шахсӣ воқеӣ ё ҳуқуқие мебошад, ки хоҳиши дархост намудан ё талаб кардан ва истифода бурдани хизматрасониро ба эҳтиёҷоти бевоситаи шахсӣ, оилавӣ, манзилӣ ва ғайра дорад, ки бо амали намудани фаъолияти соҳибкорӣ алоқамандӣ надорад;*

*3) иҷрокунанда-ташкилоти новобаста аз шакли сохторию ҳуқуқӣ, ҳамчунин соҳибкори инфиродӣ, ки тибқи шартномаи пардохтшаванда ба истифодабарандагон хизмат мерасонад.*

*Иҷрокунанда-ташкилот вазифадор аст, ки номи фирмавӣ (номи идора), маҳалли ҷойгиршавӣ (нишонии ҳуқуқӣ) ва тартиби кории худро ба маълумоти истеъмолкунанда расонад. Иҷрокунанда ахбороти мазкурро дар лавҳа ҷойгир мекунонад. Иҷрокунанда –соҳибкори инфиродӣ бояд ахборот доир ба қайди давлатӣ ва номи идораи онро ба қайдгирифтаро ба истеъмолкунанда пешниҳод намояд. Иҷрокунанда вазифадор аст, ки ба истеъмолкунанда маълумотҳои зарурӣ ва боэътимодро доир ба хизматрасониҳое, ки имконияти интихоби дурусти онҳоро таъмин менамояд, саривақт пешниҳод намояд. Маълумот дар утоқе, ки барои ба расмият даровардани истиқомат дар меҳмонхона муайян гардидааст, дар ҷои барои шиносоӣ мувофиқ ҷойгир кунонида мешавад ва он ба таври ҳатмӣ бандҳои зеринро дар бар гирад: қоидаҳои мазкур; маълумот доир ба иҷрокунанда ва рақами телефони тамос; шаҳодатномаи муқаррар намудани дараҷаи мувофиқи хизматрасонӣ (агар ба меҳмонхона дараҷа муқаррар шуда бошад); маълумот оид ба тасдиқи мувофиқати хизматрасонӣ бо талаботҳои муқаррааргардида (рақами сертификати мувофиқат, муҳлати амали он, идорае, ки онро ба қайд гирифтааст, рақами бақайдгирии декларатсия оид ба мувофиқат, муҳлати амали он, номи иҷрокунандае, ки декларатсияро қабул намудааст ва идорае, ки онро ба қайд гирифтааст); маълумот оид ба рақами литсензия, муҳлати амали он, идорае, ки литсензияро додааст (агар ин намуди фаъолият ба литсензиякунонӣ зарурият дошта бошад); овардани иқтибосҳо*

*аз стандарти давлатӣ, ки талаботҳоро дар соҳаи хизматрасонӣ муқаррар намудааст; нархномаи ҳуҷраҳои хоб (ҷои хоб дар ҳуҷраҳо); номгӯи хизматрасониҳое, ки ба маблаги нархномаи ҳуҷраи хоб (ҷои хоб дар ҳуҷраҳо) дохил мешаванд; номгӯй ва нархномаи хизматрасонии иловагие, ки бо пардохти алоҳида расонида мешавад; маълумот оид ба шакл ва тартиби пардохти хизматрасонӣ; мӯҳлати ниҳоии истиқомат дар меҳмонхона, агар он аз ҷониби иҷрокунанда муқаррар шуда бошад; рӯйхати гурӯҳи шаҳрвандоне, ки ҳуқуқи гирифтани имтиёзҳоро доранд, ҳамчунин номгӯи имтиёзҳое, ки ҳангоми пешниҳоди хизматрасони тибқи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқи муқаррар шудаанд; тартиби истиқомат дар меҳмонхона; маълумот доир ба фаъолияти корхонаҳои хӯроки умуми, тиҷорат, алоқа, хизмати маиши ва гайра, ки дар бинои меҳмонхона ҷойгир шудаанд; маълумот доир ба идораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар назди маъмурияти меҳмонхона (агар ҳамин гуна идора бошад); маълумот оиди идораҳои болои. Иҷрокунанда вазифадор аст, ки мавҷудияти маълумотҳоро оиди тартиби истиқомат дар меҳмонхона, қоидаҳои бехатарии зидди сӯхтор ва истифода аз асбобҳои барқи дар ҳар як ҳуҷраи хоб таъмин намояд. Маълумотномаи мазкур бояд ба диққати ҳар як истеъмолкунанда ба забонҳои давлатӣ ва иловагӣ бо ихтиёри иҷрокунанда, русӣ ва дигар забонҳои муошрати байналхалқӣ расонида шавад. Иҷрокунанда вазифадор аст, ки пешниҳоди имтиёзҳоро ҳангоми хизматрасони ба гурӯҳи шаҳрвандоне, ки тибқи қонунгузори ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқи ҳамин гуна имтиёзҳо ба онҳо муқаррар шудааст, таъмин намояд. Иҷрокунанда ҳуқуқ дорад, ки барои банд (тайёр) кардани ҷой дар меҳмонхона бо роҳи таҳияи ҳуҷҷати аз ду ҷониб имзошуда шартнома бандад, ҳамчунин бо роҳи қабули талабномаҳо тариқи почта, телефон ва дигар воситаи алоқа, ки бо эътимодии он аз ҷониби истеъмолкунанда тасдиқ шудааст, ба таври пешаки ҷойҳо банд (тайёр) карда мешаванд. Дар ҳолати бе сабаб (асос) дер омадани истеъмолкунанда аз ӯ ба гайр аз маблаги барои банд кардани ҷои муайяншуда, боз маблаги давраи истифода нашудаи ҳуҷраи хоб (ҷои хоб дар ҳуҷра) на зиёдтар аз як шабонарӯз гирифта мешавад. Дар сурати аз як шабонарӯз зиёдтар таъхир намудани истеъмолкунанда дархости банд кардани ҷои хоб бекор карда мешавад. Дар ҳолати аз ҷониби истеъмолкунанда пардохт нагардидани маблаги дархо-*

*сти барои банд кардани ҷой муқарраршуда, ҷойгиркунонии ӯ дар меҳмонхона тибқи навбати умуми амали гардонида мешавад. Иҷрокунанда-ташкилоти тиҷорати вазифадор аст, ки барои пешниҳоди хизматрасони бо истеъмолкунанда шартнома бандад, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки имконияти пешниҳоди хизматрасони вуҷуд надорад, аз ҷумла агар дар санадҳои таъсискунандаи иҷрокунанда ё шартномаҳои шаҳрвандию ҳуқуқии бо ӯ баста шуда дар вазифаҳои иҷрокунанда бо тартиби муайян пешниҳоди хизматрасони ба шахсони дараҷаи мувофиқ пешбинӣ шуда бошад. Шартнома оид ба пешниҳод намудани хизматрасони дар асоси шиноснома ё ҳуҷҷати дигаре, ки тибқи тартиботи муқарраргардида таҳия карда шуда, шахсӣяти истеъмолкунандаро тасдиқ мекунад, баста мешавад. Ҳангоми бақайдгири барои истиқомат дар меҳмонхона иҷрокунанда варақаи ҳисоби (квитансия) ё ҳуҷҷати дигари расмимедиҳад, ки шартномаи басташударо дар хусуси пешниҳоди хизматрасони тасдиқ мекунад ва он бандҳои зеринро дар бар мегирад: номгӯи иҷрокунанда (барои соҳибкорони инфиродi ному насаб, маълумот доир ба бақайдгирии давлатӣ); ному насаби истеъмолкунанда; маълумот дар бораи ҳуҷраи хоби пешниҳодшуда (ҷои хоб дар ҳуҷра); нархномаи ҳуҷраи хоб (ҷои хоб дар ҳуҷра); дигар маълумотҳои зарури вобаста ба хоҳиши иҷрокунанда. Иҷрокунанда бояд ба қайдгирии шабонарӯзии истеъмолкунандагон, ба меҳмонхона воридшавандагон ва аз он хориҷшавандагонро таъмин намояд. Иҷрокунанда ҳуқуқ надорад, ки бе розигии истеъмолкунанда хизматрасонии иловагии пулакиро иҷро кунад. Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад, ки аз пардохти чунин хизматрасони даст кашад ва агар он пардохт шуда бошад, истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад, ки баргардонидани маблаги пардохташударо аз иҷрокунанда талаб намояд. Иҷрои якнамуди хизматрасониро ба ҷои намуди дигари он ба таври шарти пешниҳод намудан манъ аст. Нархномаи ҳуҷраи хоб (ҷои хоб дар ҳуҷра), ҳамчунин шакли пардохти онро иҷрокунанда мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ба ҳисоб гирифтани арзиши аслӣ, меъёри даромадноки ва тартиб додани ҳатмии нархгузори (калькулятсия) барои хизматрасони муқаррар менамояд. Истеъмолкунанда вазифадор аст, ки баъди қабули пурраи хизматрасониҳо ҳаққи онро пардохт намояд. Бо розигии истифодабаранда ҳаққи маблаги хизматрасони тибқи шартномаи басташуда метавонад аз ҷониби ӯ дар ҳаҷми*

*пурра ё ба таври пешпардохт амали карда шавад. Иҷрокунанда метавонад пардохти шабонарӯзи ё соатбайи истиқоматро муқаррар намояд. Иҷрокунанда номгӯи хизматрасониҳоеро, ки ба нархномаи ҳуҷраи хоб (ҷои хоб дар ҳуҷра) дохил мешаванд, муайян мекунад. Маблағи истиқомат дар меҳмонхона мутобиқи ҳисоббаробаркунии ягонаи соати - аз соати 12-и рӯзи ҷори бо вақти маҳалли пардохт карда мешавад. Ҳангоми ҷойгиршави то вақти ҳисоббаробаркуни (аз 0 то соати 12) маблағи истиқомат пардохт карда намешавад. Дар сурати ба таъхир мондани муҳлати аз меҳмонхона рафтани истеъмолкунанда пардохти маблағи истиқомат ба тартиби зерин амали карда мешавад: на зиёда аз 6 соат баъди ҳисоббаробаркуни пардохти соатбайъ; аз 6 то 12 соат баъди ҳисоббаробаркуни пардохт барои ним шабонарӯз ҳисоб карда мешавад; аз 12 то 24 соат баъди ҳисоббаробаркуни пардохт барои шабонарӯзи пурра ҳисоб карда мешавад (агар пардохти соатбайъ ҷори набошад). Ҳангоми истиқомат ба муҳлати на зиёда аз як шабонарӯз (24 соат) маблағ новобаста аз ҳисоббаробаркунии соати барои як шабонарӯз пардохт карда мешавад. Иҷрокунанда бо назардошти хусусиятҳои маҳал ҳуқуқ дорад, ки ҳисоббаробаркунии ягонаи соатиро тағйир диҳад.*

*Сифати хизматрасонии пешниҳодшаванда бояд бо талаботҳои шартнома, вале дар сурати мавҷуд набудан ё пурра набудани талаботҳои шартнома, ба талабатҳое, ки одатан ба ин хизматрасониҳо пешниҳод шудаанд, мувофиқат намояд. Агар тибқи санадҳои меъёриву ҳуқуқи ба хизматрасониҳо талаботҳои ҳатми пешбинӣ шуда бошанд, сифати хизматрасониҳои пешниҳодшуда бояд ба ин талаботҳо мувофиқат намояд. Таъминоти моддию техникии меҳмонхона, номгӯй ва сифати хизматрасониҳои пешниҳодшаванда бояд ба талаботҳои дараҷаи гирифтаи он мувофиқат намояд. Иҷрокунанда бояд ба истеъмолкунанда намудҳои зерини хизматрасониро ба таври ройгон пешниҳод намояд: даъвати ёрии таъҷилӣ: истифодаи доруқуттии тиббӣ; расонидани муросилот (корреспондентсия) ба ҳуҷраи хоб; ба вақти муқаррарнамуда аз хоб бедор намудан; пешниҳод намудани оби ҷӯш, сӯзан, ришта, як баста зарф ва асбобҳои зарури барои истеъмоли хӯрок. Тартиботи истиқомат дар меҳмонхона аз тарафи иҷрокунанда муқаррар карда мешавад. Иҷрокунанда барои ҳифзи моликияти истеъмолкунанда ҷавобгар аст. Дар сурати ошкор гардидани*

*моликияти фаромӯшшудаи истеъмолкунанда иҷрокунанда вазифадор аст, ки соҳиби молро хабардор намояд. Агар фарде, ки ҳуқуқи даъво намудани моликияти фаромӯш шударо дорад ё ҷои истиқоматии ӯ маълум набошад, иҷрокунанда вазифадор аст, ки дар бораи ёфт шудани мол ба милитсия ё сохтори худидоракунии маҳалли хабар диҳад. Ба шахсони дар меҳмонхона истиқоматдошта дар нуқтаҳои хӯроки умумӣ, алоқа ва хизматрасонии маиши, ки дар дохили бинои меҳмонхона ҷойгир шудаанд, бе навбат хизмат расонида мешавад. Истеъмолкунанда вазифадор аст, ки тартиботи муқаррар намудаи истиқомат дар меҳмонхона ва қоидаҳои зидди сӯхторро риоя намояд. Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад, ки қисми маблаги хизматрасонии иҷрошударо то давраи хабар додани маълумот оиди бекор намудани шартнома мутаносибан пардохт намуда дар ҳар ҳолат шартномаро доир ба хизматрасони бекор кунад ва бо мақсади иҷрои шартнома хароҷоти то ин давра иҷрошударо, агар он ба қисми нархномаи хизматрасони дохил набошад, ба пурраги пардохт намояд.*

*Истеъмолкунанда ҳангоми ошкор намудани камбудиҳо дар хизматрасони бо хоҳиши худ ҳуқуқ дорад, ки талаб намояд: ба таври ройгон бартараф намудани камбудиҳо; мутаносибан кам кардани ҳаққи пардохти хизматрасонии иҷрошуда. Истеъмолкунамда ҳуқуқ дорад, ки дар сурати аз ҷониби иҷрокунанда дар муҳлати муқаррар намуда бартараф накардани камбудиҳо шартномаро доир ба пешниҳоди хизматрасони бекор карда товони зарари дидаашро ба пураги аз ҳисоби иҷрокунанда талаб намояд. Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад, кидар сурати ошкор гардидани камбудиҳои ҷидди ҳангоми хизматрасони ё риоя накардани талаботҳои шартнома онро бекор намояд. Қонеъ намудани талаботи истеъмолкунанда дар бораи бартараф намудани камбудиҳо ҳангоми хизматрасони иҷрокунандаро аз масъулияти бемуваффақияти барои зоҳир намудани камбудиҳо дар муҳлати иҷрои хизматрасони озод намекунад. Иҷрокунанда бояд камбудиҳои дар хизматрасони ба миён омадаро дар давоми як соат аз вақти арз намудани истеъмолкунанда доир ба талаботи мазкур бартараф намояд. Дархости истеъмолкунанда дар бораи кам кардани ҳаҷми маблаги хизматрасонии пешниҳодшуда, ҳамчунин пардохти зарар, ки дар натиҷаи бекор кардани шартномаи пешниҳоди хизматрасони оварда шуда аст дар давоми 10 рӯз аз рӯзи арз намудани дархости мазкур қонеъ гардонида ме-*

*шавад. Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад пардохти пурраи зарарро, ки ҳангоми бо камбудиҳо иҷро кардани хизматрасони оварда шудааст, талаб намояд. Ҳаҷми зарар дар мӯҳлате, ки барои қонеъ намудани дархости мазкури истеъмолкунанда муқаррар шудааст, марбут (мансуб) ба сарчашма, аз ҳисоби иҷрокунанда пардохт карда мешавад. Барои вайрон намудани мухлати қонеъкунии дархости ҷудогонаи истеъмолкунанда иҷрокунанда ба ӯ барои ҳар як соати (рӯз, агар мӯҳлат бо рӯзҳо муайян шуда бошад) аз вақти муайяншуда дертар, ҳаққи (музди) ноустувори (пеня) ба андозаи 3%-и нархномаи шабонарӯзии ҳуҷраи хоб (ҷои хоб дар ҳуҷра) ё нархномаи хизматрасонии ҷудогона (агар ин муайян карда шавад) пардохт менамояд. Барои вайрон намудани мухлати огози хизматрасони тибқи шартнома дар бораи банд кардани ҷой дар меҳмонхона иҷрокунанда ба истеъмолкунанда барои ҳар як рӯзи аз вақти муайяншуда дертар дар андозаи 3% аз шартномаи шабонарӯзии ҷойҳои банд кардашуда ҳаққи (музди) ноустувори пардохт менамояд. Агар иҷрокунанда мухлати иҷрои пешниҳоди хизматрасониро дар бораи банд кардани ҷойи хоб дар меҳмонхона вайрон кунад, истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад бо хоҳиши худ талаб намояд; ба иҷрокунанда мухлати нав муқаррар намояд; кам кардани нархномаи хизматрасониро талаб намояд; шартномаро дар бораи пешниҳоди хизматрасони бекор намояд. Истифодабаранда ҳамчунин ҳуқуқ дорад, ки пардохти пурраи зарари дар натиҷаи вайрон намудани мухлати пешниҳоди хизматрасони ба амал омадаро талаб намояд. Ҳаҷми зарар дар мухлати барои қонеъ намудани талаботҳои мазкури истеъмолкунанда муқарраршуда, марбут ба сарчашма, аз ҳисоби иҷрокунанда пардохт карда мешавад. Мухлати нави хизматрасони, ки истеъмолкунанда муайян менамояд, дар шартномаи хизматрасони нишон дода мешавад. Ҳангоми бекор кардани шартнома дар бораи пешниҳод намудани хизматрасони тибқи шартнома барои банд кардани ҷой дар меҳмонхона иҷрокунанда ҳуқуқ надорад, ки хароҷотҳои кардаи худро ҳангоми иҷрои хизматрасони, ҳамчунин пардохтро дар бораи иҷрои хизматрасони, ба истисноии ҳолате, ки истеъмолкунанда аз ин хизматрасони истифода кардааст, талаб намояд. Иҷрокунанда мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба зарари ба ҳаёт, саломати ё молумулки истеъмолкунанда ҳангоми хизматрасонии номукаммал расонидашуда ҷавобгар аст, ҳамчунин зарари маънавиеро, ки ҳангоми вайрон намудани*

*ҳуқуқи истеъмолкунанда расонида шудааст, пардохт менамояд. Дар сурати аз ҷониби иҷрокунанда вайрон намудани Қоидаҳои мазкур дар хусуси ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, истсъмолкунанда ҳуқуқ дорад тибқи тартиботи муқаррааргардида қонеъ намудаии дархости худро талаб намояд. Истеъмолкунанда мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурати нест кардан ё зарар овардан ба моликияти меҳмонхона зарари овардаро пардохт менамояд, ҳамчунин барои вайрон намудани дигар қоидаҳо ба ҷавобгари кашида мешавад.*

***3.Қоидаҳои хизматрасониҳои хӯроки умумӣ.***

*Қоидаҳои мазкур мутобиқи моддаи 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" тартиб дода шуда, муносибатҳои байни истеъмолкунандагон ва иҷрокунандагонро дар соҳаи хизматрасониҳои хӯроки умуми танзим менамояд. Таҳти унвони истеъмолкунанда шахсӣ воқеи ё ҳуқуқие, ки ният дорад мол (иҷрои кор, хизматрасони)-ро фармоиш диҳад ё харидори намояд ё худ онҳоро танҳо барои эҳтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ, рӯзгор ва ғайра, ки бо анҷом додани фаъолияти соҳибкори алоқаманд намебошанд, истифода намояд. Таҳти унвони иҷрокунанда ташкилоте, ки новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқии он, инчунин соҳибкори инфиродие, ки ба истеъмолкунандаи хӯроки умуми хизмат мерасонад, дониста мешавад. Хизматрасониҳои хӯроки умуми (минбаъд хизматрасоинҳо) дар тарабхонаҳо, кафе, барҳо, ошхонаҳо, маҳалли харид ва ҷойҳои дигари хӯроки умумӣ, ки навъу табақаашон (дараҷаашон) мутобиқ ба талаботҳои муайян кардаи Агентии стаидартизатсия, метрология, сертификатсия ва инспексияи савдои назди Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар талаботҳо мебошад, анҷом мегиранд. Низоми кории иҷрокунандаи-ташкилоти давлатӣ боқарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муқаррар мегардад. Низоми кории иҷрокунанда - ташкилоти дорои шакли дигари ташкилию ҳуқуқи, инчунин соҳибкори инфироди ба таври мустақилона аз ҷониби худашон бо мувофиқаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муқаррар мегардад. Дар сурати муваққатан боз доштани хизматрасониҳо (барои гузаронидани рӯзҳои санитари аз рӯи нақша, таъмир ва ҳолатҳои дигар) иҷрокунанда вазифадор аст, ки саривақт ба истеъмолкунанда дар бораи таърих ва муҳлати боз доштани*

*фаъолияти худ маълумот диҳад. Иҷрокунанда ҳақ дорад ба таври мустақилона ба маҳсулоти хӯроки умумии тайёр кардаащ мутобиқи санадҳои меъёриву ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ба ҳисоб гирифтани арзиши аслӣ, меъёри даромадноки ва тартиб додани ҳатмии калкулятсияи истеҳсоли маҳсулот ва таомҳо, нархгузори намояд. Муассисаҳои хӯроки умумӣ, ки дар тавозуни (баланс) дигар муассиса ё ташкилот қарор дошта бошанд, бо мувофиқаи роҳбарияти ҳамон муассиса ё ташкилот нархгузори муқаррар карда мешавад. Иҷрокунанда ҳақ дорад ба таври мустақилона дар ҷойҳое, ки хизмат расонида мешаванд барои истеъмолкунанда қоидаҳои (рафтори) муоширатро, ки ба қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надоранд (маҳдудсозии сигоркашӣ, бо либоси болои қарор надоштан ва ғайра) муқаррар намояд. Иҷрокунанда вазифадор аст қоидаҳои дар стандартҳои давлатӣ муқаррааргардида санитарӣ, қоидаҳои зидди сӯхтор, ҳуҷҷатҳои техникӣ, дигар қоидаҳо ва ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ, талаботҳои ҳатмиро нисбати сифати хизматрасониҳо, бехатарии онҳо барои ҳаёт, саломатии одамон, муҳити зист ва амвол риоя намояд. Иҷрокунанда ба таври мустақилона рӯйхати хизматрасониҳоро дар соҳаи хӯроки умуми муайян менамояд. Вай бояд рӯйхати навъҳои маҳсулоти истеҳсолкардаашро дар соҳаи хӯроки умуми, ки ба талаботи ҳатмии санадҳои меъёрии Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯянд дошта бошад. Иҷрокунанда вазифадор аст дафтари шикояту пешниҳодҳо ва китоби бақайдгирии субъектҳои хоҷагидорро, ки ба истеъмолкунанда бинобар тақозои вай пешниҳод мегардад дошта бошад. Ба муносибатҳое, ки дар ҳолати хизматрасони пайдо мешаванд ва дар Қоидаҳои мазкур танзимнашавандаанд, қоидаҳои фурӯши молҳои алоҳидаи хӯроквори ва ғайрихӯроквори истифода бурда мешаванд. Қоидаи мазкур дар шакли аёни ва дастрас аз тарафи иҷрокунанда ба маълумоти истеъмолкунанда расонда мешавад.*

*Иҷрокунанда вазифадор аст номи фирмавии ташкилоти худ, маҳалли ҷойгиршавии он (нишонии ҳуқуқи), тип, дараҷа (табақа) ва тартиби корашро бо ҷойгир намудаин он дар лавҳаи девори, ба маълумоти истеъмолкунандагон расонад. Соҳибкори инфиродӣ бояд ба истеъмолкунандагон дар бораи бақайдгирии давлатӣ ва номи мақоми бақайдгирифтаи он маълумот диҳад. Маълумоти мазкур дар ҷойҳои барои шиносшавии истеъмолкунанда мувофиқ нигоҳ дошта мешавад. Агар*

*намуди (намудҳои фаъолият) фаъолияти аз тарафи истеҳсолкунанда татбиқшаванда ҳатман литсензия кунонида шавад, ба истеъмолкунанда, бояд оид ба рақами литсензия, муҳлати амали он, инчунин мақоми литсензиядода маълумот пешниҳод карда шавад. Маълумотномаи мазкур дар ҷойҳои мувофиқ барои шинос шудани истеъмолкунандагон ҷойгир карда мешавад. Иҷрокунанда вазифадор аст дар шакли аёни ва дастрас ахбори зарури ва боэътимодро дар бораи хизматҳои расонидашаванда, ки интихоби дурусти истеъмолкунандагонро таъмин карда тавонад ба маълумоти онҳо расонад. Ахбор бояд дорои мазмуни зерин бошад: номгӯи хизматрасониҳо ва шартҳои иҷрои онҳо; нархҳо ва шартҳои пардохти хизматрасониҳо; номи (унвони) фирмавии маҳсулоти пешниҳодшавандаи хӯроки умуми бо нишон додани тарзи омодасозии хӯрокҳо ва ингредиентҳои асосие, ки дар онҳо дохил мешаванд: маълумот дар бораи вазни (миқдори) табақи хӯрокҳои омода намудаи хӯроки умумӣ, гунҷоиши шишаи нӯшокии алкоголии шароби пешниҳод шаванда ва ҳаҷми он; муайян сохтани санадҳои меъёрӣ, ки ба талаботи ҳатмии онҳо бояд маҳсулоти хӯроки умумӣ ва хизматрасониҳо мутобиқат дошта бошанд; маълумот дар бораи сертификатсияи хизматрасониҳо. Ҳангоми расонидани хизмат ахбор дар бораи сертификатсияи онҳо ба маълумоти истеъмолкунандагон бо роҳи бо яке аз ҳуҷҷатҳои зерин шиносонидани онҳо расонида мешавад: нусхаи аслии сертификат; нусхаи сертификате, ки дорандаи нусхаи асли онро ба воситаи нотариус ё мақоми хизматрасониҳои сертификатсионии вогузор намудаи сертификат тасдиқ намудааст. Ахбор дар бораи маҳсулот ва дар бораи хизматрасониҳо ба маълумоти истеъмолкунанда, ба воситаи номгӯи таом (меню), нархнома ва ё бо роҳҳои дигари дар чунин хизматрасониҳо қабулгардида, расонида мешавад. Ба истеъмолкунанда бояд имконияти шиносои бо номгӯи таом (меню), нархнома ва шартҳои хизматрасониҳо, чи дар дохили толор ва чи дар беруни он фароҳам гардад. Ахбор дар бораи иҷрокунанда ва хизматрасониҳои пешниҳод шаванда ба маълумоти истеъмолкунандагон дар маҳалли хизматрасони бозабони давлатӣ, ба таври илова бошад, бо талаби (хоҳиши) иҷрокунанда базабони русӣ ва дигар забонҳои муошырати байналхалқӣ расонида мешавад. Истеъмолкунанда ҳақ дорад ахбори иловагиро дар бораи хусусиятҳои асосии истеъмоли ва сифати маҳсулоти пешниҳод*

*намудаи хӯроки умумӣ, инчунин дар бораи шартҳои омодасозии таом, агар чунин маълумотҳо сирри тиҷорати ба ҳисоб нараванд, дарёфт намояд.*

*Иҷрокунанда вазифадор аст ба ҳар кадом истеъмолкунандаи ба ӯ барои хизматрасони бо шартҳои аз ҷониби тарафҳо мувофиқ шуда мурочиаткунанда, хизмат расонад. Шартҳои расонидани хизмат, аз ҷумла нархи он барои ҳамаи истеъмолкунандагон якхела муқаррар мегарданд, ба истиснои ҳолатҳое, ки мутобиқи қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор намудани имтиёз барои дараҷаи (категорияи) алоҳидаи истеъмолкунандагон имконпазир бошад. Фармоиши қабли барои расонидани хизматметавонад бо роҳи тартиб додани ҳуҷҷат (фармоиш, квитансия ва намудҳои дигар), ки дорои маълумотҳои зарурӣ (номи иҷрокунанда, номи хонаводагӣ, ном ва номи падари истеъмолкунанда, намуди хизматрасонӣ, нархи он ва шартҳои пардохт, таърихи қабул ва иҷрои фармоиш, шартҳои иҷрои хизмат, масъулияти тарафҳо, вазифаи шахсӣ масъули қабул ва ба расмият даровардани фармоиш, имзои қабулкунандаи фармоиш ва дигар маълумотҳо), инчунин бо роҳи қабули фармоиш ба воситаи алоқаи телефонӣ, электронӣ ва алоқаҳои дигар расми гардад. Як нусхаи ҳуҷҷате, ки басташудани шартномаро дар бораи хизматрасони тасдиқ менамояд ба истеъмолкунанда дода мешавад. Иҷрокунанда вазифадор аст, ки ба истеъмолкунанда дар муҳлати ба он мувофиқашуда хизмат расонад. Иҷрокунанда вазифадор аст хизматеро расонад, ки сифати он ба талаботи ҳатмии ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва шартҳои фармоиши мутобиқат намояд. Дар муассисаҳои хӯроки умумие, ки дорои дараҷаҳои (категория): люкс, аввал ва якум ҳастанд, иҷрокунанда ҳақ дорад барои маданияти баланди хизматрасонӣ, дар шакли фоизҳои муқарраршуда, музди иловагӣ талаб намояд. Миқдори музди иловагӣ дар номгӯи таомҳо (меню) зикр гардида, ба ҳисоб гирифта мешавад. Иҷрокунанда ҳақ дорад ба истеъмолкунанда пардохти пешакии хизматрасониҳо, пардохт пас аз интихоби таом ё пас аз истеъмоли таом ё дигар шаклҳои пардохт, инчунин ҳисоббароркунии нақди ё ғайринақдиро барои хизматрасониҳо вобаста ба методҳои хизматрасонӣ, тип, тахассуси иҷрокунанда ва дигар шартҳо пешниҳод намояд. Истеъмолкунанда вазифадор аст ҳаққи хизматрасониҳоро дар мӯҳлат ва тартибе, ки ба иҷрокунанда мувофиқа шудааст, бипардозад. Аз ҷониби иҷрокунанда ҳангоми*

*ҳисоббаробаркуни барои хизматҳои расонидашуда ба истеъмолкунанда санади тасдиқкунандаи пардохт (чеки кассавӣ, варақаи ҳисоб ё намудҳои дигари он) дода мешавад. Иҷрокунанда вазифадор аст ба истеъмолкунанда имконияти тафтиши ҳаҷм (миқдор)-и маҳсулоти ба вай пешниҳодшавандаи хӯроки умумиро диҳад. Иҷрокунанда вазифадор аст сифат ва бехатарии хизматрасонӣ, аз ҷумла маҳсулоти хӯроки умумиро мутобиқи талаботи санадҳои меъёри тафтиш намояд. Ба хизматрасониҳое, ки бевосита бо ҷараёни истеҳсоли маҳсулоти хӯроки умуми ва хизматрасонии истеъмолкунандагон алоқамананд кормандоне роҳ дода мешаванд, ки тайёрии махсус, аттестатсия ва муоинаи тиббӣ мутобиқи талаботи ҳатмии санадҳои меъёрии аз ҷониби Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб додашуда, дошта бошанд. Дар қатори расонидани хизматҳои хӯроки умуми иҷрокунанда ҳақ дорад ба истеъмолкунанда дигар хизматҳои пулакиро пешниҳод намояд. Иҷрокунанда ҳақ надорад бе розигии истеъмолкунанда хизматҳои иловагии пулакиро анҷом диҳад. Истеъмолкунанда ҳақ дорад пардохти чунин хизматрасониҳоро рад намояд, агар онҳо пардохт шуда бошанд боз гардонидани маблағи пардохтшударо талаб кунад. Ҳангоми вайрон кардани муҳлати иҷрои фармоиши пешакии хизматрасони истеъмолкунанда ҳақ дорад аз рӯи интихоби худ: ба иҷрокунанда муҳлати нав таъин кунад; кам кардани нархи хизматрасониро талаб намояд; шартномаи расонидани хизматҳоро бекор созад. Истеъмолкунанда инчунин ҳақ дорад ҷуброни пурраи зарари ба вай бинобар риоя накардани муҳлати хизматрасони ворид гардида роталаб кунад. Зарар дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои қонеъ сохтани талаботи дахлдори истеъмолкунанда ҷуброн мегардад. Агар иҷрокунанда исбот кунад, ки риоя нагардидани муҳлати хизматрасони бинобар сабабҳои (қувваҳои) бартарафнашаванда ё бо гуноҳи истеъмолкунанда ба амал омадааст, талаботи истеъмолкунанда қонеъ карда намешавад. Истеъмолкунанда ҳангоми мушоҳидаи камбудиҳои хизматрасони ҳақ дорад, бинобар интихоби худ инҳоро талаб намояд: ба таври ройгон бартараф кардани камбудиҳои хизматрасонӣ, аз ҷумла маҳсулоти хӯроки умумӣ; ба таври дахлдор кам кардани нархи хизматрасониҳо, аз ҷумла*

*маҳсулоти хӯроки умумӣ; ба таври ройгон дубора тайёр кардани маҳсулоти сифатан мувофиқи хӯроки умумӣ. Истеъмолкунанда ҳақ дорад шартномаро дар бораи расонидани хизмат бекор кунад ва ҷуброни пурраи зарарро талаб намояд, дар сурате, ки дар муҳлати муқаррарнамудаи шартнома камбудиҳои хизматрасони аз тарафи иҷрокунанда бартараф карда нашаванд. Истеъмолкунанда ҳамчунин ҳақ дорад шартномаи хизматрасониро бекор кунад, агар вай дар хизматрасони камбудиҳои ҷидди ё дигар нуқсонҳои назаррасе, ки аз доираи шартҳои шартнома берун меравад, мушоҳида ва ошкор намояд. Истеъмолкунанда ҳақ дорад ҷуброни пурраи зарари бинобар камбудиҳои хизматрасони ба вай расонидашударо талаб намояд. Истеъмолкунанда ҳақ дорад, ки ҳар вақт аз хизматҳои фармудааш ба шарте, ки ба иҷрокунанда хароҷотҳояшро пардохта бошад, даст кашад. Барои иҷро накардан ё ба таври зарури иҷро нашудани уҳдадориҳо ҳангоми расонидани хизмат, иҷрокунанда мутобиқи қонунгузории шаҳрванди ва қонунгузори дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, ба ҷавобгари кашида мешавад.*

*4.* ***Қоидаҳои хизматрасониҳои коммуналӣ.***

*Қоидаҳо бо мақсади ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон барои хизматрасониҳои коммунали дар асоси моддаи 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон" тартиб дода шуда, муносибатҳои байни иҷрокунандагон ва истеъмолкунандагони хизматрасониро оид ба гармитаъминкуни, барқтаъминкуни, обтаъминкуни ва канализатсиони (минбаъд - хизматрасониҳо) танзим менамоянд.*

*Мафҳумҳои асосие, ки дар Қоидаҳои зер истифода шудаанд:*

*1) Иҷрокунанда: корхона ё идорае, ки дар моликияташ, тобеияти пурраи хоҷагиаш ё идораи оперативиаш хазинаи манзили ва иншоотҳои инфраструктураи муҳандиси қарор доранд ва ба вазифаҳояш вогузор намудани хизматрасониҳои коммунали дохил мешаванд ё корхона ва идораҳое, ки ваколатдоранд вазифаҳои иҷрокунандаро барои истеъмолкунандагони дар хазинаи манзилии давлатӣ ё ҷамъияти истиқоматкунанда анҷом диҳанд: корхонаи пешниҳодкунандаи хизматрасониҳои коммунали-барои истеъмолкунандагони дар хазинаи манзилии хусуси истиқоматкунанда; хадамоти манзилию коммунали (ХМК), барои хизматрасони, аз ҷумла таъмини хизматрасониҳои коммунали барои истеъмолкунандагони дар*

*хазинаи манзилии дар моликияти коллективи қарордошта, истиқоматкунанда шартномаҳо мебандад.*

*2) Истеъмолкунанда - шаҳрванди истифодабаранда ё барои эҳтиёҷоти хоҷагию маиши дар асоси шартномаи бо иҷрокунанда дар мавриди кироя, иҷора ё хизматрасонии хонаи истиқомати баста мақсади аз хизматрасони истифодабариро дошта, мебошад.*

*Қоидаҳои мазкур тартиби пешниҳод ва пардохти хизматрасониҳо, ҳуқуқ, уҳдадориҳои истеъмолкунандагон, ҳуқуқ, уҳдадориҳо ва масъулиятҳои иҷрокунандагонро муайян мекунанд. Қоидаҳои мазкур дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон амал намуда, ба истеъмолкунандагон ва иҷрокунандагони хизматрасониҳо оид ба гармитаъминкуни, барқтаъминкуни, обтаъминкуни ва канализатсия новобаста аз мансубияти идории онҳо, шакли моликият ва шакли ташкилию ҳуқуқиашон тааллуқ доранд. Системаи пешниҳоди хизматрасониҳо бояд барои хизматрасонии истеъмолкунандагон дар ҳоли омодагии ҳамешаги бошанд;*

*- ба истиснои замони тафреҳ барои гузаронидани корҳои таъмири ва профилактики (муоинави, ки аз тарафи иҷрокунанда мутобиқи меъёрҳои сохтмонии амалкунанда ва қоидаҳо, қоидаҳои истифодабарии техники, муқаррарот дар бораи гузаронидани таъмири ҷори ва асоси инчунин дигар санадҳои меъёри муқарраргардида);*

*- дар давраи байни гармидиҳи барои системаҳои гармидиҳанда (аз тарафи иҷрокунанда бо назардошти шароити обу ҳаво муқаррар мегарданд);*

*- бинобар офатҳои табий, инчунин ҳолатҳои фавқулоддае, ки аз иҷрокунанда ё корхонаҳои таъминкунандагони захира вобаста нестанд.*

*Иҷрокунанда вазифадор аст ба истеъмолкунанда хизматеро расонад, ки аз рӯи сифаташон ба талаботи ҳатмии меьёрҳо ва стандартҳо, қоида ва меъёрҳои санитари ва шартҳои қарордод, инчунин маълумотҳои пешниҳоднамудаи иҷрокунанда оид ба хизматрасониҳо мутобиқат дошта бошанд. Хусусиятҳои истеъмоли ва низоми пешниҳоди хизматрасони бояд ба меъёрҳои муқарраргардида мутобиқат дошта бошанд:*

*- оид ба гармитаъминкуни-ҳаракати ҳаво дар хонаҳои истиқомати ҳангоми иҷрои чорабиниҳо оид ба гармидиҳии бино бояд мутобиқи меъёрҳои амалкунанда ва қоидаҳо бошанд;*

*- оид ба барқтаъминкуни-бояд параметрҳои нерӯи барқ аз рӯи стандартҳои амалкунанда мувофиқ бошанд;*

*- оид ба таъмини оби хунук-бояд аз рӯи таркиб ва ҳарорати гармкунии оби расондашаванда, инчунин ҳисоби хароҷоти об дар нуқтаи тақсим бояд ба талаботи гигиени ҷавобгӯ бошад;*

*- оид ба таъмини оби гарм-аз рӯи таркиб, хусусият ва ҳаракати гармкунии оби интиқолшаванда, инчунин аз рӯи ҳисоби хароҷоти об дар нуқтаи тақсим ба талаботи гигиени ҷавоб дода тавонад;*

*- оид ба канализатсия-роҳҳои партоби об мувофиқ бошанд;*

*Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки аз рӯи бехатарии хизматҳои ба истеъмолкунанда расонидашавамда назорат мебаранд, мақомоти минтақавии онҳо ҳақ доранд параметрҳои хусусиятҳои истеъмоли, тартиби хизматрасониро аниқ сохта, сатҳи кафолатноки сифатро вобаста ба иқтидори таркиб ва фарсудашавии фондҳои асосии таъиноти коммунали, шароити иқлими ва дигар шароити маҳаллии нуқтаи аҳолинишин муқаррар созанд. Иҷрокунаида дар бораи қарорҳои қабулшуда ва тасҳеҳи дахлдори ҳаҷми пардохти ҳаққи хизматрасони истеъмолкунандаро огоҳ месозад. Иҷрокунанда вазифадор аст, ки дар шакли аёни ва фаҳмо маълумотро дар бораи Қоидаҳои мазкур, хизматҳои расонидашаванда, тарифҳои онҳо, шартҳои пардохт, низом ва тартиби пешниҳоди хизматрасониҳо, таркиби истеъмолии онҳо, мавҷудияти сертификат ба хизматрасониҳое, ки онро талаб мекунанд таъмин намояд.*

*Хизматрасониҳо ба истеъмолкунанда ба таври музднок мутобиқи шартнома ва Қоидаҳои мазкур, расонида мешаванд. Дар шартнома инҳо инъикос мегарданд:*

*- сифати хизматрасониҳо, тартибу низоми хизматрасониҳои пешниҳодшаванда ва ҳаҷмҳои меъёрии истеъмол;*

*- тартиб ва муҳлати бартарафсозии камбудиҳо ва санадҳо;*

*- ҳаҷм ва шартҳои муқарраргардидаи пардохтҳо, давраи ҳисобу китоб ва муҳлати воридсозии пардохт, ҳаққи (музди)*

*дархости (пеня) барои саривақт пардохт накардани ҳаққи хизматрасониҳо;*

*- хусусиятҳои техникии таҷҳизоти муҳандиси (инжинери)-и биноҳои истиқомати, инчунин нишондодҳои муайянкунандаи иқтидори ҳаддиақали мошинҳои барқию маиши, олот, дастгоҳҳо;*

*- ҳуқуқ ва уҳдадориҳою масъулият иҷрокунанда ва истеъмолкунанда;*

*- шарти қатъ гардондани хизматрасониҳо.*

*Номгӯи хизматрасониҳое, ки ба истеъмолкунанда пешниҳод карда мешаванд, аз рӯи дараҷаи мусоидат шароити хонаи истиқомати ё ҳуҷра муайян карда мешавад. Андозаи пардохти ҳаққи хизматрасони аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муқаррар карда мешавад, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигари муайянсозии онро муқаррар накарда бошад. Давраи ҳисобу китоб барои пардохти ҳаққи хизматрасони дар як моҳи тақвими муқаррар карда мешавад, мухлати пардохт то таърихи 10-уми моҳи оянда барои моҳи гузашта ба ҳисоб меравад. Ҳаққи хизматрасони ба таври муназзам дар давоми сол, агар дар шартнома тарзи дигар зикр нашуда бошад, пардохт карда мешавад. Саривақт пардохт нагардидани ҳаққи хизматрасони боиси илова шудани ҳаққи (музди) дархости (пеня) дар ҳаҷми 0,1%, на зиёда аз 5% аз маблағи пардохташ таъсиргузоштошуда, барои ҳар як рӯзи таъхир мегардад. Шакли пардохти ҳаққи хизматрасони бо мувофиқаи истеъмолкунанда ва иҷрокунанда ба таври нақди ё ғайринақди сурат мегирад. Пардохт ба таври нақди ба воситаи ҳуҷҷати махсуси пардохт бо истифодаи мошинҳои назорати-кассави анҷом дода мешавад. Дар сурати мавҷуд будани олоти баҳисобгирии истеъмолкунандагон метавонад пардохти ҳаққи хизматрасони бевосита ба корхонаи таъминкунандаи мавод (захира) сурат гирад, дар айни замон муносибатҳои барои истеъмолкунанда ва иҷрокунанда муқаррарнамудаи Қоидаҳои мазкур дар мавриди уҳдадориҳо (вазифаҳо) ҳуқуқ ва масъулиятҳояшон ҳифз мегарданд, ки он бояд дар шартнома инъикос ёбад. Дар сурати тағйири сифати хизматрасони аз талаботи тибқи шартнома муқарраргардида ҳаққи пардохт аз ҷониби истеъмолкунанда мутаносибан кам мегардад. Феҳристи тағйирот (инҳироф) ва андозаи онҳо, андозаи камшавии онҳо ва тартиби ба қайд гирифтани тағйирот*

*(инҳироф) инчунин шартҳои кам кардани ҳаққи пардохти хизматрасони дар сурати паст гардидани сифати хизматрасониҳои коммунали аз тарафи мақомоти давлатӣ, ки ба бехатарии хизматрасони назорат мебаранд, инчунин аз ҷониби мақомоти минтақавии онҳо якҷоя бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муқаррар карда мешаванд. Агар таваққуф дар расонидани хизмат ба мақсади бартараф сохтани хатар ба саломати, ҳаёти шаҳрвандон, огоҳсозии зарар ба амвол ё бинобар қувваи бартарафнашаванда сурат гирад музди хизматрасони кам карда намешавад.*

*Тартиби истифода аз хизматрасониҳо бояд дар асос ва мутобиқи Қоидаҳои мазкур ва шартнома анҷом гирад. Назорати истифодаи дурусти хизматрасониҳо аз тарафи иҷрокунанда мутобиқи шартнома ё намояндаи корхонаи махсусгардонидашуда, ки дорои ҳуқуқи дахолат ба таҷҳизотҳои гармирасони, барқи, обтаъминкуни ва канализатсия мебошад, амали мегардад.*

*Истеъмолкунанда ҳақ дорад:*

*- аз хизматрасониҳои босифат, барои саломати ва ҳаёти вай ва барои амволаш безарар бархӯрдор гардад;*

*- аз иҷрокунанда ҷуброни зарар ва зиёни ба ҳаёт, саломати ё амволаш дар натиҷаи камбудиҳои хизматрасониҳо воридгардида, инчунин зарари маънавиро дар ҳаҷм ва тартиби мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикнстон муқаррargardida ба таври пурра талаб намояд;*

*- ҳангоми таваққуфи хизматрасониҳо дар асоси муқарраротi шартнома ҳаққи онро напардозад. Дар айни замон қатъи пардохти ҳаққи хизматрасони иҷрокунандаро аз ҷуброни зарар ва зиёни расонидашуда озод созад;*

*- барои бартараф сохтани камбудиҳои ошкоргардидаи хизматрасониҳои иҷрокунанда дар муҳлати муқаррарнамудаи шартнома;*

*- ба ҳимояи давлат ё суд мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурати вайрон кардани ҳуқуқҳои он.*

*Истеъмолкунанда вазифадор аст:*

*- саривақт дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи шартнома ҳаққи хизматрасониҳои пешниҳодшударо пардозад.*

*- аз хизматрасониҳо аз рӯи таъиноти мустақимашон ба таври оқилона истифода барад.*

*- амалҳоеро анҷом надиҳад, ки боиси вайрон кардани тартиби истифодабарии хизматрасониҳои муқаррарнамудаи шартнома ва Қоидаҳои мазкур гардад.*

*- талаботи бехатарии техникиро ҳангоми истифодаи хизматрасониҳо риоя намояд.*

*- ба намояндаи иҷрокунандаи хизматрасониҳо, инчунин корхонаҳои махсусгардонидашуда, ки ҳуқуқ доранд дар ташкили таъминоти барқ, гарми, об, канализатсия кор кунанд, барои бартараф намудани садамаҳо, санҷиши таҷҳизоти муҳандиси, олоти ченкуни ва назорат роҳ додан.*

*Ба истеъмолкунанда иҷозат дода намешавад:*

*- бе иҷозати иҷрокунанда таҷҳизонидани шабакаҳои муҳандисии (инжинери) дохили;*

*- бе иҷозати хаттии иҷрокунанда насб, пайваст ва истифода намудани олоти барқии рӯзгор ва мошинҳои иқтидорашон аз имкониятҳои техникии шабакаҳои барқии дохили бино бештар дошта, сексияҳои иловагии олоти гармидиҳи, симтобҳои (арматураҳои) танзимкунанда ва появи, инчунин насб ва истифодаи олот ва таҷҳизоти рӯзгор аз ҷумла олоти инфиродии софсозии об, ки шиносномаҳои (шаҳодатномаҳои) техники надошта, ба талаботи бехатарии истифодабари ва меъёрҳои санитарию гигиени ҷавобгӯ нестанд;*

*- вайрон кардани ҷадвали мавҷудаи баҳисобгирии хизматрасониҳо;*

*- истифодаи гармкунакҳо дар дохили системаи гармидиҳи (рехтани об аз система ва олоти гармидиҳи).*

*Ҳуқуқ ва вазифаҳои иҷрокунандаи хизматрасониҳо:*

*Иҷрокунандаи хизматрасониҳо ҳуқуқ дорад:*

*- дар сурати аз ҷониби истеъмолкунанда вайрон кардани мухлати пардохтҳо чораҳои дар шартнома пешбинӣгардидаро амали намояд;*

*- ҷараёни истифодаи хизматрасониҳоро бо роҳи муоинаи ҳолати таҷҳизоти муҳандисии дар назди истеъмолкунанда бударо назорат кунад;*

*- дар сурати бештар аз се моҳ ба таъхир гузошта шудани пардохти ҳаққи хизмат ё вайрон кардани талаботи банди 19-и Қоидаҳои мазкур (то барҳам додани қарз ё бартараф намудани камбудиҳои ошкоргардида) хизматрасониҳоро боздорад.*

*Иҷрокунанди вазифадор аст:*

*- оид ба омода намудани лоиҳа ва бастани шартнома барои хизматрасони саривақт чораҳо андешад;*

*- бо сифати муқарраршуда (риояи хусусиятҳои истеъмоли ва низоми пешниҳод) хизматрасониҳоро пешниҳод намояд;*

*- бо мувофиқаи мақомоти худидоракунии маҳалли шакли бақайдгирии дархостҳо (шикоятҳое)-е, ки ба истеъмолкунандагон бинобар вайрон кардани снфати муқарраргардидаи хизматрасони ва муҳлати бартараф кардани камбудиҳо пешниҳод карда мешавад, муқаррар намояд:*

*- дар мавриди огоҳ сохтан ва бартараф кардани нуқсонҳои сифати хизматрасони ба истеъмолкунандагон чораҳои саривақти андешад;*

*- дар мавриди тағйир ёфтани сифати хизматрасони саривақт ба истеъмолкунандаҳо маълумот диҳад;*

*- ба вайрон гардидани протсесҳои технологи ва паст шудани сифати хизматрасониҳо роҳ надиҳад ва дар мавриди баланд бардоштани хусусиятҳои истеъмоли ва сифати хизматҳои пешниҳодшаванда, инчунин истифодаи оқилонаи захираҳои обу барқ тадбирҳо пешбинӣ намояд.*

*Масъулияти иҷрокунанда:*

*- иҷрокунанда барои сифати хизматрасониҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қоидаҳои мазкур ва шартномаҳо масъулият дорад;*

*- агар иҷрокунанда пас аз бастани шартнома саривақт ба хизматрасони оҷоз накунад, истеъмолкунанда ҳақ дорад кам кардани ҳаҷми пардохти хизматрасониҳо ва ҷуброни зарарро талаб намояд;*

*- дар сурати ошкор кардани камбудиҳо дар сифати хизматрасониҳо истеъмолкунанда ҳақ дорад аз иҷрокунанда кам кардани маблағи пардохтро талаб кунад;*

*- барои вайрон кардани муҳлати бартарафсозии камбудиҳо дар сифати хизматрасониҳо ё аз андозаи муайяншуда дар хизматрасони ба таъхири бештар роҳ додан, иҷрокунанда вазифадор аст ба истеъмолкунанда маблағи ноустувории хизматрасониро дар ҳаҷми се фоиз барои ҳар як рӯзи таъхир дар сурати бо рӯз муайян гардидани мӯҳлат ё таваққуфи хизматрасони ва як фоиз барои ҳар як соати таъхир агар мӯҳлат ё таваққуф бо соат муайян шуда бошад, бипардозад:*

*- иҷрокунанда дар сурати расонидани зарар ба ҳаёт, саломати ё амволи истеъмолкунанда дар ҳаҷми пурра, инчунин*

*барои зарари маънави дар ҳаҷм ва тартиби мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайяншаванда ҷавобгар аст.*

*- иҷрокунанда дар ҳолате аз ҷавобгари барои вайрон кардани сифати хизматрасони озод мегардад, ки агар вай исбот намояд, ки он бипобар қувваи сабабҳои рафънашаванда (бартарафнашаванда) ба вуҷуд омадааст.*

*Мақомоти идораи давлатӣ зимни мувофиқа бо Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳияташ ҳақ дорад дар асос ва бо мақсади иҷрои Қоидаи мазкур санадҳои меъёрию ҳуқуқиро оид ба расонидани хизматҳои коммуналии алоҳида содир намояд.*

5. ***Қоидаҳои хизматрасонии маишии аҳолӣ.***

*Қоидаҳои мазкур мутобиқи моддаи 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" тартиб додашуда, муносибати байни истеъмолкунандаю иҷрокунандаро дар соҳаҳои хизмати маиши танзим менамояд. Истеъмолкунанда - шахсони воқеи ё ҳуқуқие мебошанд, ки хоҳиши дархост намудан ё талаб кардан ва истифода бурдани молҳо (кор, хизматрасони) барои эҳтиёҷоти бевоситаи шахсӣ, оилавӣ, манзили ва гайраро дорад, ки ба фаъолияти соҳибкори алоқаманди надорад. Иҷрокунанда - ташкилоти новобаста аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқи, инчунин соҳибкори инфиродие, ки ба истеъмолкунанда тибқи шартномаи пардохташаванда ва пардохтанашаванда хизмат мерасонад. Қоидаҳои мазкур ба муносибатҳое дахл доранд, ки аз шартномаи пудрати маиши ва шартномаи хизматрасониҳои пардохташавандаи маиши бармеоянд.*

*Иҷрокунанда вазифадор аст, ки ба маълумоти истеъмолкунанда, ном (унвон)-и фирмавии корхона, мавқеи ҷойгиршавии он, нишонаи ҳуқуқи ва тартиби кори худро расонад. Маълумоти мазкур дар лавҳа ҷойгир карда мешавад. Иҷрокунанда - соҳибкори инфироди вазифадор аст, ки ба истеъмолкунанда дар бораи бақайдгирии давлатӣ бо зикри мақоми ӯ ба корхонаи бақайдгирифта маълумот пешниҳод намояд. Дар ҳолати муваққатан қатъ гардидани фаъолияти ташкилот барои гузаронидани корҳои санитари, таъмири ва дигар чорабиниҳо иҷрокунанда вазифадор аст ба истеъмолкунанда дар бораи таърихи боздоштан ва мӯҳлате, ки дар давоми он ташкилот фаъолият намекунад, маълумот диҳад. Агар намуди фаъолияти*

*аз тарафи иҷрокунанда татбиқшаванда ҳатман литсензия кунонида шавад, ба истеъмолкунанда бояд рақами литсензия, муҳлати амали он, инчунин мақомоти лнтсензиядода маълумот пешниҳод намояд. Иҷрокунанда вазифадор аст, саривақт ба истеъмолкунанда дар бораи хизматрасониҳо (корҳо)-е, ки ҳатман дорои мазмуни зайл ҳастанд, маълумоти боэътимоду зарури пешниҳод кунад:*

*- номгӯи хизматрасониҳои пешниҳодшаванда (корҳои иҷрошаванда) ва шакли пешниҳоди онҳо;*

*- нишон додани стандартҳое, ки бояд хизматрасониҳо (корҳо) ба талаботи ҳатмии онҳо мувофиқат кунанд;*

*- муҳлати хизматрасони (иҷрои корҳо);*

*- маълумот дар бораи шахсӣ мушаххасе, ки хизмат мерасонад (корро иҷро менамояд), агар ин маълумотҳо муҳим бошанд, бо назардошти хусусияти хизматрасониҳо (корҳо);*

*- муҳлати кафолат, агар онҳо мувофиқи санадҳои меъёриву ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шартномаҳо муқаррар шуда бошанд, ё худ тибқи анъанаи соҳибкори пешниҳод шуда бошанд;*

*- нархҳои расонидани хизматҳо (иҷрои корҳо) инчунин нархи мавод, қисмҳои эҳтиёти ва фурнитураи истифодашудаи иҷрокунанда (дар намунаҳои онҳо таъиншуда) ва маълумот дар бораи тартиб ва шакли пардохт;*

*- маълумот дар бораи тасдиқи мутобиқати хизматрасониҳо (корҳо) бо талаботи муқарраршуда (рақами сертификати мутобиқат, муҳлати амали он, мақомоте, ки онро додааст ё рақами бақайдгирии эъломияи мутобиқат, муҳлати амали он, номи иҷрокунандаи эъломияро қабулкарда ва мақомоти ба қайдгирифтаи он).*

*Иҷрокунанда вазифадор аст ба истеъмолкунанда барои шиносои пешниҳод намояд:*

*- қоидаҳои мазкур;*

*- суроҷа ва рақами телефони муассиса оид ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, мақоми худидораи маҳалли, агар чунин муассиса вуҷуд дошта бошад;*

*- нусхаи шартномаҳо (квитансияҳо, дигар ҳуҷҷатҳо) оид ба хизматрасониҳо (иҷрои корҳо);*

*- намунаи (модел) маснуоти истеҳсолшаванда, албомҳо ва маҷалла бо моделҳои маснуот ва ғайраҳо;*

*- номгӯи гурӯҳҳои истеъмолкунандагоне, ки ҳуқуқи гирифтани имтиёз доранд, инчунин номгӯи имтиёзҳое, ки дар вақти*

*хизматрасони (иҷрои коро) мутобиқи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд;*

*- маълумот бояд дар ҷои намоён ва мувофиқ ҷойгир карда шавад. Иҷрокунанда вазифадор аст, ки ба истеъмолкунанда дар бораи ташкилоти худ ва дар бораи хизматрасониҳои пешниҳодшаванда (корҳои иҷрошаванда) ба тарзи аёни ва фаҳмо саривақт маълумот пешниҳод намояд, инчунин дар ҳолатҳое, ки хизматрасони дар маҳалли доимии ташкилот сурат мегирад, яъне дар утоқҳои муваққати, нуқтаҳои қабули сайёр, бригадаҳои саиёр ва ғайра.*

*Маълумот бо забони давлатӣ ва аз рӯи интихоби (хоҳиши) иҷрокунанда ба забони руси ва дигар забонҳои муоширати байналхалқи ба истеъмолкунанда расонида мешавад. Иҷрокунанда вазифадор аст китоби арзу шикоят ва пешниҳодҳо дошта бошад, ки он бо дархости истеъмолкунанда ба ӯ пешниҳод мегардад. Шартнома дар бораи хизматрасониҳо (иҷрои корҳо) ба таври хатти (квитансия, ҳуҷҷатҳои дигар) тартиб дода мешавад ва бояд маълумотҳои зеринро доро бошад:*

*- номи фирмави (унвон) ва мавқеи ҷойгиршави (суроҷаи ҳуқуқи)-и ташкилоти иҷрокунанда (барои соҳибкори инфироди - номи хонаводагӣ, ному насаб, маълумот дар бораи бақайдгирии давлатӣ);*

*- намуди хизматрасониҳо (корҳо);*

*- нархи хизматрасониҳо (корҳо);*

*- номи аниқ, тавсиф ва нархи маҳсулот (амвол), агар хизматрасони (кор) аз маҳсулоти иҷрокунанда, ё аз маҳсулоти истеъмолкунанда иҷро шавад;*

*- қайд оид ба пардохти нархи пурраи хизматрасониҳо (корҳо) аз тарафи истеъмолкунанда, ё худ пешпардохт ҳангоми бақайдгирии шартнома, агар чунин пардохт сурат гирифта бошад;*

*- таърихи қабул ва иҷрои фармоиш;*

*- мухлати кафолат ба хулосаи корҳо, агар аз тарафи санадҳои меъёриву ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шартнома муқаррар шуда бошаид ё аз рӯи анъанаи муомилоти сохнбкори пешбинӣ гардида бошанд;*

*- дигар маълумотҳои зарури, вобаста ба махсусиятҳои хизматрасониҳои пешниҳодшаванда (иҷрои корҳо);*

*- вазифаи шахсе, ки фармоиширо қабул кардааст, имзои ӯ, инчунин имзои истеъмолкунандае, ки фармоиш додааст.*

*Як нусхаи шартнома аз тарафи иҷрокунанда ба истеъмолкунанда дода мешавад. Шартнома оид ба расонидани хизмат (иҷрои корҳо), ки дар ҳузури истеъмолкунанда иҷро мешавад, инчунин тариқи пешниҳоди чеки хазинавӣ, чипта ва ғайраҳо ба қайд гирифта мешавад. Барои иҷрои корҳое (хизматрасонӣ), ки дар шартнома дар назар дошта шудааст, оид ба иҷрои он сметаи қатъӣ ё тахминӣ, ё ин ки калкулятсия тартиб додан мумкин аст. Маҳсулоти дар ҳуҷҷат нишондодашуда, ки баста шудани шартномаи хизматрасониҳо (иҷрои корҳо)-ро дар сурати гум шудани ин ҳуҷҷат дар асоси аризаи хаттии истеъмолкунанда бо пешниҳоди шиноснома ва ё дигар ҳуҷҷате, ки шахсияти истеъмолкунандаро тасдиқ мекунад дода мешавад.*

*Истеъмолкунанда вазифадор аст дар мӯҳлати муайяншуда ва дар асоси тартиби дар шартнома нишон додашуда хизматрасониҳои аз тарафи иҷрокунанда пешниҳодшударо пардохт намояд. Истеъмолкунанда вазифадор аст, ки баъди пурра ба итмом расонидани корҳо аз тарафи иҷрокунанда ҳаққи корро пардохт намояд. Бо розигии истеъмолкунанда кор мумкин аст дар вақти бастани шартнома пурра ё бо тариқи пешпардохт пардохта шавад. Нархи хизматрасониҳо (корҳо) дар шартнома бо воситаи созишномаи дутарафа муайян карда мешавад. Дар баробари ни нархи хизматрасониҳо (корҳо) назар ба нархҳои аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ муқарраргардида ё танзимшаванда набояд баланд бошад. Иҷрокунанда ҳуқуқ надорад, ки бе розигии истеъмолкунанда хизматрасониҳо (корҳо)-и иловагиро иҷро намояд. Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад, ки аз пардохти ҳаққи ин гуна корҳо (хизматрасониҳо) даст кашад, вале агар онҳо пардохт шуда бошанд, аз иҷрокунанда баргардонидани маблағҳои пардохташударо талаб намояд. Маводи (ашё) иҷрокунанда ҳангоми бастани шартнома аз ҷониби истеъмолкунанда пурра ё қисман пардохта мешавад, чи хеле, ки дар шартнома нишон дода шудааст, ҳисобу китоби ниҳоӣ ҳангоми аз тарафи истеъмолкунанда гирифтани корҳои иҷрошуда пардохта мешавад. Мувофиқи шартнома мавод (ашё) аз тарафи иҷрокунанда ба*

*тариқи қарз низ метавонад пешниҳод шавад, аз ҷумла ба шарти дар мӯҳлатҳои ҷудогона пардохтани ҳаққи маҳсулот аз ҷониби истеъмолкунанда.*

*Иҷрокунанда вазифадор аст, хизматро (иҷрои корро) босифат ба иҷро расонад, ки он ба шартнома мутобиқ бошад. Ҳангоми набудани шартҳо оид ба сифатнокии хизматрасониҳо (корҳо) дар шартнома иҷрокунанда вазифадор аст, ки хизматро (иҷрои корро) ҳамон тавр анҷом диҳад, ки онҳо барои мақсадҳои одатан барои чунин хизматҳо (корҳо) истифодашаванда мувофиқ бошанд. Агар иҷрокунанда дар вақти бастани шартнома аз ҷониби истеъмолкунанда аз мақсади мушаххаси хизматрасони (иҷрои кор) огоҳ шуда бошад, пас иҷрокунанда вазифадор аст, ки хизматрасониро (иҷрои кор) ҳамон тавре анҷом диҳад, ки он ба мақсади гузошташуда мувофиқ бошад. Агар бо санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар асоси қонун ба сифати хизматрасони (корҳо) қабул шуда ва талаботҳои ҳатми пешбинӣ шуда бошанд, иҷрокунанда вазифадор аст, ки хизматро (иҷрои кор) мувофиқи ин талаботҳо анҷом диҳад. Иҷрокунанда вазифадор аст хизматрасониро (иҷроиши кор) дар муҳлати муайяншуда, ки дар шартнома нишондода шудааст иҷро намояд. Дар шартнома оид ба таърихи воқеии расонидани хизматҳо (иҷрои корҳо) қайд карда мешавад. Дар вақти расонидани хизмат (иҷрои кор) дар манзили истеъмолкунанда ё дар ҷое, ки истеъмолкунанда нишон додааст, иҷрокунанда ҳозир шудани коргарони худро дар вақти бо истеъмолкунанда мувофиқашуда таъмин менамояд, истеъмолкунанда бошад вазифадор аст, ки барои расонидани хизматҳо (иҷрои корҳо) шароити мусоид муҳайё намояд. Иҷрокунанда вазифадор аст барои иҷрои фармоиш маҳсулотеро истифода барад, мутобиқате, ки он ба талаботи муқарраршуда бо ҳуҷҷатҳо тасдиқ карда шуда бошад (сертификат, эъломияи мутобиқат), агар ин мутобиқати вай мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, бояд ҳатман тасдиқ карда шавад. Иҷрокунанда ҳангоми ошкор сохтани камбудиҳо вазифадор аст зуд истеъмолкунандаро огоҳ намояд ва то аз ӯ гирифтани супоришҳо иҷрои кор (расонидани хизмат)-ро қатъ намояд:*

*- корношоям ё бесифат будани маҳсулот, таҷҳизот, ҳуҷҷатҳои техники аз тарафи истеъмолкунанда додашуда ё чизу чораи барои коркард (аз нав кор карда барои) додашуда;*

*- оқибатҳои барои истеъмолкунанда ногувори иҷрои супоришҳои вай оид ба тарзи иҷрои корҳо (расонидани хизматҳо);*

*- ҳолатҳои дигари аз иҷрокунанда вобаста набуда, ки онҳо ба дурустию мустаҳкамии натиҷаи корҳои иҷрошаванда таҳдид мекунанд ё худ имкон намедиҳанд, ки онҳо дар мӯҳлаташон анҷом дода шаванд.*

*Иҷрокунандае, ки истеъмолкунандаро дар бораи ҳолатҳои мазкур огоҳ накардааст, ё ба муҳлати дар шартнома ҳангоми дар шартнома набудани мӯҳлат ба муддати мувофиқ барои ҷавоб ба огоҳиаш нигоҳ накарда иҷрои корро (хизматрасониро) идома додааст, ё худ сарфи назар аз супориши саривақтии истеъмолкунанда дар бораи қатъи корҳо (хизматрасониҳо) ҳангоми аз ҷониби истеъмолкунанда пешниҳод шудани талаботи дахлдор ба вай онҳо ҳуқуқ надоранд, ки ба ҳолатҳои мазкур такя кунанд. Агар истеъмолкунанда новобаста аз огоҳии саривақти ва асосноки иҷрокунанда маҳсулот, таҷҳизот, ҳуҷҷатҳои техникии корношоям ё бадсифат ё ашёҳои иҷрокунанда додашударо дар муҳлати мувофиқ иваз накунад, супоришҳои дар бораи тарзи иҷрои корҳоро (расонидани хизматҳо) тағйир надиҳад ё худ барои бартараф кардани ҳолатҳои ба коршоями таҳдидкунанда дигар тадбирҳои зарури наандешад, иҷрокунанда ҳуқуқ дорад шартномаро оид ба иҷрои корҳо (расонидани хизматҳо) қатъ гардонад ва ҷуброни зарари ба ӯ расидаро талаб кунад. Агар кор пурра ё қисман аз маводи (ашё) истеъмолкунанда иҷро карда шавад, иҷрокунанда барои беосеб нигоҳдории ин маводҳо (ашёҳо) ва истифодаи дурусти онҳо ҷавобгар аст. Баъди ба итмом расонидани кор иҷрокунанда вазифадор аст, ки ба истеъмолкунанда дар бораи сарфи маҳсулотҳо ҳисобот дода, боқимондаи онҳоро баргардонад ё худ бо розигии истеъмолкунанда арзиши корро бо назардошти маводи истифоданамудаи дар назди иҷрокунанда боқимонда кам кунад. Дар ҳолати пурра ё қисман нобуд (осеб дидан) шудани маводи (ашё) аз истеъмолкунанда қабулкарда иҷрокунанда вазифадор аст, ки дар муҳлати се рӯз онро бо мавод (ашё)-и монанди сифатан мувофиқ иваз намояд ва бо хоҳиши истеъмолкунанда маснуотро аз мавод (ашё)-и монанд дар муҳлати мувофиқ тайёр кунад, дар сурати мавҷуд набудани мавод (ашё)-и монанди сифатан мувофиқ бошад, ба истеъмолкунанда нархи дукаратаи мавод (ашё)-и нобудшуда*

*(осебдида), инчунин харочоти истеъмолкунандаро чуброн кунад. Агар истеъмолкунанда аз чониби ичрокунанда оид ба хусусиятҳои махсуси мавод (ашё)-е, ки метавонанд боиси пурра ё қисман нобуд шудан (осеб дидан) гардад, огоҳ шуда бошад, пас ичрокунанда аз масъулияти пурра ё қисман нобуд шудан (осеб дидан)-и мавод (ашё)-и аз истеъмолкунанда қабулгардида озод мешавад. Надонистани хусусиятҳои махсуси мавод (ашё) ичрокунандаро аз чавобгари озод намекунад. Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад дар ҳар вақт то ба вай супоридани кор аз ичрои шартнома дар борaи ичрои корҳо бо пардохти қисми нархи муқарраршуда баробари қисми корҳои ичрошуда ба ичрокунанда то расидани огоҳи оид ба рад намудани ичрои шартнома даст кашад. Истеъмолкунанда инчунин вазифадор аст, ки ба ичрокунанда харочоти то ин лаҳза бо мақсади ичрои шартнома кардаашро чуброн намояд, агар онҳо ба қисми мазкури нархи кори ичрошуда дохил нашаванд. Истеъмолкунанда ҳақ дорад, ки ба шарти ба ичрокунанда пардохтани харочоти воқеан кардааш аз ичрои шартнома оид ба хизматрасони даст кашад. Истеъмолкунанда вазифадор аст, ки дар мӯҳлату тартиби дар шартнома пешбинӣшуда бо иштироки ичрокунанда корҳои ичрошударо (натичаи онро) аз назар гузаронад ва қабул кунад. Дар сурати ошкор гардидани аз доираи шартҳои шартнома берун баромадан, ки натичаи корро бад мекунад ё дигар камбудиҳоро маълум мекунад, истеъмолкунанда бояд дар ин бора ҳатман ба ичрокунанда арз кунад. Камбудиҳои мазкур бояд дар санад (акт) ё ҳуччати дигари тасдиқкунанда қабул ва қайд карда шаванд. Истеъмолкунанда баъди қабул кардани кор дар он вайрон карда шудани шартнома ё дигар камбудиҳоеро ошкор созад, ки онҳо ҳангоми усули оддии қабул (пинҳон кардани камбудиҳо) муқаррар шуда наметавонистанд, аз чумла чунин камбудиҳое, ки аз чониби ичрокунанда дидаю дониста пинҳон карда шудаанд, ҳангоми ошкор шудани онҳо вазифадор аст, дар ин бора ичрокунандаро дар мухлати мувофиқ огоҳ созад. Дар сурати ҳозир нашудани истеъмолкунанда барои гирифтани натичаи корҳои ичрошуда ё саркашӣҳои дигари истеъмолкунанда аз қабули он ичрокунанда ҳуқуқ дорад, ки истеъмолкунандаро ба таври хатти огоҳ карда, баъди гузаштани ду моҳ аз рӯзи чунин огоҳи натичаи корро бо нархи мувофиқ фурӯшад, маблаги бадастомадаро бошад, ба ҳисоби ҳамаи пардохтҳои ба ичрокунанда дахлдошта*

*мувофиқи тартиби дар моддаи 352 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣшуда ба депозит дохил намояд.*

*Дӯхтани пойафзол аз рӯи эскизҳои истеъмолкунанда, моделҳо аз албомҳо, маҷаллаҳо ва намунаҳо сурат мегирад. Аз рӯи хоҳиши истеъмолкунанда ба иваз намудани намуд, пошна, фурнитура, омезиши рангҳо ва маводҳо иҷозат дода мешавад, дар ин бора бояд ҳатман дар шартнома (квитансия, ҳуҷҷати дигар) қайди дахлдор карда шавад. Интихоби мавод ҳангоми дӯхтани пойафзол аз маводи истеъмолкунанда аз ҷониби истеъмолкунанда аз рӯи намунаҳои дар назди иҷрокунанда мавҷудбуда сурат мегирад. Таъмир ва дӯхтани маснуотҳои дӯзандаги, пашмин ва чармин, каллапӯшҳо ва маснуоти галантереяи нассоҷи, таъмир, дӯхт ва бофтани маснуоти нассоҷи аз рӯи маҷаллаҳои мӯд ё намунаҳо, инчунин аз рӯи нақшаҳои (эскизҳо) истеъмолкунандагон анҷом дода мешавад. Бо хоҳиши истеъмолкунандагон метавон аз маҷаллаҳои мӯд, намунаҳо ва технологияи омодасози инҳироф сурат гирад, агар он ба ҳаёт ва саломатии истеъмолкунанда зарар ворид насозад. Ҳангоми ба расмият даровардани шартнома дар бораи иҷрои корҳо оид ба таъмиру дӯхтани маснуот аз пашми табий маводи истеъмолкунанда, инчунин аз маводи иҷрокунанда маснуоти нимтайёри пашмин ва порчаҳои пӯст бояд дар иштироки ҳарду тараф нишонагузори шаванд. Ҳангоми қабули маснуот дар хушкашӯи дар шартнома (квитансия, ҳуҷҷати дигар) номгӯи маснуот, ранги он, таркиби ашёи, комилии он, фурнитура (масолеҳ), нуқсонҳои мавҷуда, доҷҳои ҳангоми хушкашӯи тозанашаванда, музди иловагии хизматҳои бо мувофиқати истеъмолкунанда расонидашаванда (ампретирсози, дезодоратсия, коркарди зиддистатӣ ва ғайра) зикр мегарданд. Иҷрокунанда навъи коркардро мутобиқи рамзҳои мувозибати дар тасмачаи (лентаи) нишонагузории маснуот зикргардида ва дар сурати вуҷуд надоштани он бо ризоияти истеъмолкунанда муайян мекунад. Дар сурати зарурат иҷрокунанда вазифадор аст масолеҳ (фурнитура)-ро, ки метавонад ҳангоми хушкашӯи осеб бинад канда гирифта, ба маснуот ҷузъҳои ивазшаванда дӯзад. Ҳангоми қабули маснуот аз хушкашӯи истеъмолкунанда вазифадор аст, ки ҳифзи шаклу намуди пешина, пурраги, андоза, ранг, нақшу нигор ва намуди зоҳирии онро тафтиш намояд. Ҳангоми додани дастгоҳи радиоэлектронии маиши, мошину асбобҳои рӯзгори таъмиршу-*

*да, иҷрокунанда вазифадор аст, ки онҳоро тафтиш кунад ва корашонро намоиш диҳад. Ба кор даровардан, хомӯш кардан ё иваз кардани канали дастгоҳи радиоэлектронии маиши, мошин ва асбобҳои рӯзгор бояд бо осони, муназзам, бе таваққуф ва ҳаракати такрори сурат гирад. Асбобҳое, ки аз шабакаи барқи қувва мегиранд бояд аз рӯи андозаи муқовимати изолятсияи электронии барояшон зарури тафтиш карда шаванд. Ҳангоми ба расмият даровардани шартнома дар бораи иҷрои корҳо оид ба таъмир ва тайёр кардани мебел истеъмолкунанда, ҳақ дорад нақшаи (эскизи) маснуоти худро пешниҳод кунад, инчунин аз намунаҳои таҳиянамудаи иҷрокунанда истифода барад. Ҳангоми қабули кор оид ба таъмир ва тайёр кардани мебел истеъмолкунанда вазифадор аст мутобиқати конструкция, андоза, намуди зоҳири, рӯйкаш ва коркарди маснуотро аз рӯи нақша (эскиз, намуна), ки ҳангоми ба расмият даровардани шартнома мувофиқат шудааст тафтиш намояд. Ҳангоми хизматрасони дар сартарошхона, шахсӣ хизматрасонанда вазифадор аст, ки пеш аз кор бо ҳар як истеъмолкунандаи нав дасташро бо собун шӯяд. Хизматрасони бояд бо асбобҳои дезинфексияшуда сурат гирад. Барои хизматрасони ба ҳар як мизоҷ бояд рӯйпуш ва сачоқи тоза истифода шавад. Ҳангоми истифодаи моводи кимёи (химияви) ва рангубори мӯй, шахсӣ хизматрасонанда бояд дар мавриди таъсири биологии мавод оид ба ҳассосияти истеъмолкунанда санҷиш гузаронад. Дар шартнома (квитансня, ҳуҷҷати дигар) оид ба иҷрои корҳои таъмир ва тайёркунии маснуоти металҳои қимматбаҳо ва сангҳои нодир рӯйхати корҳо (бо замимаи нақша ва имзои истеъмолкунанда), инчунин сангҳои қимматбаҳо бо зикри шакл, андоза, вазн, ранг, нуқсонҳояшон тартиб дода мешавад. Дар сурати қабули маснуоти заргари барои таъмир ё тайер карданашон аз металҳои қимматбаҳои ба истеъмолкунанда тааллуқдошта, иҷрокунанда бояд санҷишҳои муайянсозии сифату маҳакашонро ба воситаи сангҳои санҷиши ва ёрдами реактивҳои аз ҷониби бозрасии давлатӣ тайершуда анҷом гиранд. Дар маснуоти заргарии аз металҳои қимматбаҳо тайершуда, бояд мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тамғаи маҳак (проба) гузошта шавад, яъне аз ҷониби Нозироти давлатӣ (Госпробнадзор) Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи тартиби муқарраргардида аз рӯи намунаи тамғаи нозироти тамғагузори сурат гирад. Ҳангоми тайёр*

*кардани маснуоти заргари аз металҳои қимматбаҳо иҷрокунанда вазифадор аст, ки намунаи нақшҳоеро, ки дар маснуоти тайёргардида гузошта мешаванд, дошта бошанд.*

*Барои иҷро накардан ё ба таври зарури иҷро нагардидани уҳдадориҳо аз рӯи шартнома дар мавриди хизматрасони (иҷрои корҳо) иҷрокунанда мутобиқи муқарраротн пешбинӣнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартнома ҷавобгар аст. Дар сурати ошкор сохтани камбудиҳои хизмати расонидашуда (корҳои иҷрогардида) истеъмолкунанда ҳақ дорад аз рӯи интихоби худ чунин талаботро ба миён гузорад;*

*- ба таври ройгон бартараф намудани камбудиҳои хизмати расонидашуда (кори иҷрогардида);*

*- ба таври мувофиқ кам кардани нархи хизмати расонидашуда (кори иҷрогардида);*

*- ба таври ройгои тайёр кардани чизи дигари аз метали якхелаи дорои чунин сифат ё иҷрои дубораи кор. Дар ин ҳолат истеъмолкунанда вазифадор аст, ки ашёи қаблан додаи иҷрокунандаро баргардонад;*

*- ҷубронн хароҷотҳои он дар мавриди бартараф кардани камбудиҳои хизмати расонидашуда (кори иҷрогардида) бо қувваи худ ё ба воситаи шахсӣ сеюм.*

*Истеъмолкунанда ҳақ дорад шартномаи хизматрасони (иҷрои кор)-ро бекор кунад ва ҷуброни пурраи зарарро талаб намояд, ба шарте, ки дар муҳлати муқаррарнамудаи шартнома камбудиҳои хизмати расонидашуда (кори иҷрогардида) аз тарафи иҷрокунанда бартараф карда шавад. Истеъмолкунанда инчунин ҳақ дорад шартномаи хизматрасони (иҷрои кор)-ро бекор созад, агар вай камбудиҳои назарраси хизмати расонидашуда (кори иҷрогардида) ё дигар инҳирофҳои назаррасро дар шартнома ошкор созад. Истеъмолкунанда инчунин, ҳақ дорад ҷуброни пурраи зарари ба вай бинобар камбудиҳои хизматрасони (иҷрои кор) воридшударо талаб намояд. Зарар дар муҳлати муқарраргардида ҷиҳати қонеъ сохтани талаботи дахлдори истеъмолкунанда ҷуброн карда мешавад. Талаботҳо нисбати камбудиҳои хизмати расонидашуда (кори иҷрогардида) метавонанд ё дар ҷараёни хизматрасони ё ҳангоми қабули хизмати расонидашуда (кори иҷрогардида), ё ин ки агар ҳангоми қабули хизмати расонидашуда (кори иҷрогардида) камбудиҳо ошкор нагарданд дар даво-*

*ми мӯҳлатҳое, ки бо банди мазкур муқаррар гардидаанд, ба миён гузошта шавад. Истеъмолкунанда ҳақ дорад талаботеро, ки ба камбудиҳои хизмати расонидашуда (кори иҷрогардида) вобастаанд, дар муҳлати кафолатнок, агар чунин мӯҳлат вуҷуд надошта бошад, дар муҳлати қобили қабул, дар ҳудуди ду сол аз рӯзи қабули хизмати расонидашуда (кори иҷрогардида) ё панҷ сол, агар камбудиҳо дар сохтмон ва ашёи дигари ғайриманқул ошкор шуда бошанд ба миён гузорад. Иҷрокунанда барои камбудиҳои хизматрасони (корҳо), ки брояшон муҳлати кафолатнок таъин нашудааст ҷавобгар аст, агар истеъмолкунанда исбот кунад, ки онҳо то қабули он ба вуҷуд омадаанд ё бо сабабҳое, ки то ин лаҳза рӯй додаанд. Нисбати хизматрасони (корҳо), ки ба онҳо муҳлати кафолатнок таъин шудааст, иҷрокунанда барои камбудиҳояш ҷавоб медиҳад, агар исбот карда натавонад, ки онҳо пас аз қабули хизматрасониҳо (корҳо) аз ҷониби истеъмолкунанда бинобар вайрон кардани қоидаҳои истифодаи хизматрасони (корҳо), амали шахсӣ сеюм ва ё ҳолатҳои бартарафнашаванда ба вуҷуд омадаанд. Дар ҳолате, ки муҳлати кафолатноки пешбинӣнамудаи шартнома камтар аз ду солро ташкил диҳад (панҷ сол барои амволи ғайриманқул) ва камбудиҳои хизматрасони (корҳо) аз ҷониби истеъмолкунанда пас аз хатми муҳлати кафолатнок вале дар ҳудуди ду сол (панҷ сол барои амволи ғайриманқул) ошкор гардида бошад, истеъмолкунанда ҳақ дорад дархостеро, ки бо банди 24 Қоидаи мазкур пешбинӣ шудааст талаб намояд, дар сурате исбот карда тавонад, ки чунин камбудиҳо то қабули натиҷаҳои хизматрасони (корҳо) аз ҷониби вай ва ё бо сабабҳои то ин лаҳза бавуҷудомада ба амал омадаанд. Агар иҷрокунанда муҳлати оғоз, хатм ва муҳлати миёнаи хизматрасони (иҷрои кор)-ро вайрон кунад ё ҳангоми хизматрасони (иҷрои кор) шоҳиди он бошад, ки он хизмат дар мӯҳлаташ расонида (иҷро карда) намешавад истеъмолкунанда аз рӯи интихоби ҳақ дорад:*

*- ба иҷрокунанда муҳлати нав таъин кунад;*

*- расонидани хизмат (иҷрои кор) - ро ба шахсӣ сеюм бо нархи қобили қабул супорад ё онро бо қувваи худ иҷро карда, аз иҷрокунанда ҷуброни хароҷоти ба амаломадаро талаб намояд;*

*- кам кардани нархи хизмати расонидашуда (кори иҷрогардида)-ро талаб кунад;*

*- шартномаи хизматрасони (иҷрои кор)-ро бекор кунад.*

*Истеъмолкунанда ҳақ дорад ҷуброни пурраи зарареро талаб кунад, ки ба вай бинобар риоя накардани муҳлати хизматрасони (иҷрои кор) расонида шудааст. Дар асоси банди мазкур аз ҷониби истеъмолкунанда таъин гардидани мӯҳлатҳои нав иҷрокунанда ба истеъмолкунанда барои ҳар як рӯзи (соати, агар мӯҳлат бо соат муайян шуда бошад) таъхир ҳаққи ноустувори (пеня)-ро дар ҳаҷми се фоизи нархи хизматрасони (иҷрои кор) мепардозад, агар нархи расонидани хизмат (иҷрои кор) аз рӯи шартномаи хизматрасони (иҷрои кор) муайян нашуда бошад аз нархи умумии фармоиш пардохта мешавад. Мувофиқи шартномаи хизматрасони (иҷрои кор) байни истеъмолкунанда ва иҷрокунанда метавонад андозаҳои баландтари ҳаққи ноустувори (пеня) муқаррар гардад. Ҳаққи ноустувори (пеня) барои вайрон кардани оғози хизматрасони (иҷрои кор) ва ё иҷрои марҳила барои ҳар як рӯзи (соати, агар мӯҳлат бо соат муайян шуда бошад) таъхир пешаки то ҳатми хизматрасони (иҷрои кор) ва ё иҷрои марҳилаи он ё талаботи пешниҳоднамудаи истеъмолкунанда, ки банди мазкур пешбинӣ намудааст, рӯёнида мешавад. Ҳаққи ноустувори (пеня) барои вайрон кардани муҳлати хатми хизматрасони (иҷрои кор) ва ё иҷрои марҳилаи он барои ҳар як рӯзи (соати, агар мӯҳлат бо соат муайян шуда бошад) таъхир пешаки то хатми хизматрасони (иҷрои кор) ва ё иҷрои марҳилаи он ё талаботи пешниҳод намудаи истеъмолкунанда, ки аз тарафи банди мазкур пешбни шудааст, рӯёнида мешавад. Андозаи ҳаққи (музди) ноустувори (пеня)-и рӯёнидашуда наметавонад аз нархи намуди алоҳидаи хизматрасони (кор) ё нархи умумии фармоиш бештар бошад, агар нархи иҷрои намудҳои алоҳидаи хизматрасони (корҳо) мувофиқи шартномаи хизматрасони (иҷрои кор) муайян нашуда бошад. Андозаи ҳаққи ноустувори (пеня) бо назардошти нархи хизматрасони (иҷрои кор), агар ин нарх нишон дода нашуда бошад бо назардошти нархи умумии фармоиш дар ҳамон ҷое (маҳалле) ҳисоб карда мешавад, ки бояд талаботи истеъмолкунанда аз ҷониби иҷрокунанда дар рӯзи қонеъсозии ихтиёрии он ё рӯзи таъминнамудаи қарори суд қонеъ гардад дар сурате, ки талаботи истеъмолкунанда ихтиёри қонеъ нагардида бошад. Дар сурати беэътибор донистани шартномаи хизматрасони (иҷрои кор) иҷрокунанда ҳақ надорад, ҷуброни хароҷотҳояшро, ки дар ҷараёни хизматрасони (иҷрои корҳо) сарф намудааст, инчунин ҳаққи хизмати расонидашуда (кори*

*иҷрогардида)-ро талаб намояд, ба истисnoи ҳолатҳое, ки истеъмолкунанда хизмати расонидашуда (кори иҷрогардида)-ро қабул карда бошад. Дархостҳои истеъмолкунанда, ки бо банди мазкур муқаррар гардидаанд дар сурате қонеъ карда намешаванд, ки мӯҳлатҳои хизматрасони (иҷрои кор) бинобар ҳолатҳои бартарафнашаванда ё бо айби истеъмолкунанда риоя нашуда бошад. Иҷрокунандае, ки барои хизматрасони (иҷрои кор) мавод пешниҳод мекунад, барои сифати он мувофиқи қоидаҳои масъулияти фурӯшанда барои молҳои бадсифат мутобиқи қонунгузории шаҳрванди ҷавоб медиҳад. Тартиб ва мӯҳлатҳои аз ҷониби иҷрокунанда қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунанда, инчунин масъулияти риоя нагардидани ин мӯҳлатҳо аз тарафи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим мегардад.*

**Моддаи 37. Танзими намудҳои алоҳидаи хизмат**

**Оқибати вайрон кардани талабҳои шартнома дар бораи намудҳои алоҳидаи хизматрасонӣ, агар чунин шартнома бо хусусияти худ ба доираи амали Қонуни мазкур дохил нагардад, бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.**

***Тафсир.*** *Моддаи тафсиршаванда оқибати вайрон кардани талабҳои шартнома дар бораи намудҳои алоҳидаи хизматрасониро муқаррар мекунад. Дар навбати худ моддаи мазкур доираи васеи муносибатҳоро дар бар гирифта муайян намудани онҳоро ба дигар меъёрҳои санадҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии амалкунанда вогузор менамояд. Аз ин лиҳоз моддаи мазкур меъёрҳои хусусияти умумидоштаро мушаххас мегардонад, тартиби танзими ин ва ё он намудҳои алоҳидаи хизматрасониро дақиқ муайян наменамояд.*

*Барои танзими ин ва ё он намудҳои алоҳидаи хизматрасонӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқие қабул ва таҳия гардидаанд, ки онҳо дар моддаи 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" тафсири амиқ дода шудааст.*

*Бояд тазаккур дод, ки оқибатҳои ҳуқуқвайронкунии баъзе аз хизаматрасонӣ нисбати шаҳрвандон мутобиқи КГ ҶТ муқаррар карда мешаванд (мукаммал оид ба оқибати вайрон кардани талабҳои шартнома дар бораи намудҳои алоҳидаи хизматрасонӣ нигаред ба тафсири моддаи 36 Қонуи мазкур).*

# БОБИ 4. ҲИФЗИ ДАВЛАТӢ ВА ҶАМЪИЯТИИ ҲУҚУҚИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОН

## Моддаи 38. Ваколатҳои мақоми давлатии зиддиинҳисорӣ

Риояи қонунгузориро дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон мақоми давлатии зиддинҳисорӣ (минбаъд – мақоми зиддиинҳисорӣ) назорат мекунад.

Мақоми зиддиинҳисорӣ амрияҳоро ирсол менамояд:

- ба истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) ҷиҳати хотима додани ҳуқуқвайронкуниҳои истеъмолкунандагон, аз ҷумла оид ба нафурӯхтани моли муҳлати коршоямиаш гузашта, инчунин оид ба нафурӯхтани моле (иҷрои коре), ки бояд муҳлати коршоямиаш муқаррар карда мешуд, вале он муқаррар нашудааст ва оид ба боздоштани фурӯши мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) ҳангоми мавҷуд набудани маълумоти дурусту кофӣ дар бораи мол (кор, хизматрасонӣ);
- маводи риоя нашудани ҳуқуқи истеъмолкунандагонро ба мақоме, ки барои амалӣ намудани шакли дахлдори фаъолият иҷозатнома додааст, ҷиҳати ҳалли масъалаи боздоштани амали иҷозатномаи мазкур ё оид ба пеш аз мӯҳлат бекор кардани он;
- маводро ба мақомоти прокуратура, дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз рӯи тобеият барои ҳалли масъалаҳои оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятӣ аз рӯи аломатҳои ҷиноят, ки бо вайрон намудани ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон алоқаманданд.

Мақоми зиддиинҳисорӣ ҳуқуқ дорад дар ҳолатҳои ошкор гардидани вайронкуниҳои ҳуқуқи истеъмолкунандагон барои ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба суд муроҷиат намояд, ба манфиати гурӯҳи номуайяни истеъмолкунандагон, аз ҷумла оид ба қатъи фаъолияти истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) ё фаъолияти соҳибкори инфиродӣ барои вайронкунии бисёркарата ва дағалонаи ҳуқуқҳои бо қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқарраршудаи истеъмолкунандагон, инчунин ба соҳибкорони инфиродӣ оид ба маҷбурӣ ситонидани ҷарима барои саркашӣ аз иҷрои амрияҳо ё барои сари вақт иҷро накардани онҳо ба суд даъво пешниҳод кунад.

Мақоми зиддиинҳисорӣ метавонад аз ҷониби суд барои иштирок дар мурофиаи судӣ ҷалб карда шавад ё бо ташаббуси худ бо мақсади ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон барои додани хулосаҳо аз рӯи парванда дар мурофиаи судӣ иштирок намояд.

***Тафсир.*** *Қисми аввали моддаи тафсиршаванда назорати риояи қонунгузориро дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ба мақоми зиддиинҳисорӣ вогузор мекунад. Мақомоти давлатии сиёсати зиддиинҳисорӣ мақомоти идоракунӣ буда, барои татбиқи сиёсати зиддиинҳисорӣ дар соҳаи инкишофи бозорҳо, рақобати соҳибкорӣ масъул мебошад ва дар салоҳияти ваколатҳои худ амрияҳоро ирсол менамояд, ки дар сархатҳои моддаи мазкур муқаррар карда шудаанд.*

*Сархати аввали моддаи тафсиршаванда мақомоти давлатии сиёсати зиддиинҳисорӣ ваколатҳои дар доираи салоҳияти худ ба истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) ҷиҳати хотима додани ҳуқуқвайронкуниҳои истеъмолкунандагон, аз ҷумла оид ба нафурӯхтани моли муҳлати коршоямиаш гузашта, инчунин оид ба нафурӯхтани моле (иҷрои коре), ки бояд муҳлати коршоямиаш муқаррар карда мешуд, вале он муқаррар нашудааст ва оид ба боздоштани фурӯши мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) ҳангоми мавҷуд набудани маълумоти дурусту кофӣ дар бораи мол (кор, хизматрасонӣ)- ро муқаррар намудааст.*

*Доир ба ваколати вогузоршаванда бояд қайд намуд, ки парвандаҳои бо аломатҳои вайрон кардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар асоси аризаҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, мақомоти ҳокимият ва идора, ҷамъиятҳо ва иттифоқҳои истеъмолкунандагон бо ташаббуси худи мақомоти ваколатдор огоз ва баррасӣ мегарданд. Мақомоти ваколатдор (раёсати минтақавӣ) парвандаро бо ташаббуси худ дар сурати аз ҷониби шахсони мансабдори вай ба даст овардани маълумоте, ки дар бораи аломатҳои вайрон кардани қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон шаҳодат медихад, аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, тавассути воситаҳои ахбори омма, аз рӯи натиҷаҳои санҷишҳои гузаронидашуда баррасӣ менамояд. Ариза ба мақомоти ваколатдор (раёсати минтақавӣ) дар шакли хаттӣ бо замимаи ҳуҷҷатҳое (нусхаи аслӣ ё нусхаҳои ба дараҷаи зарурӣ тасдиқшуда), ки дар бораи далелҳои вайрон кардани қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон шаҳодат медиҳанд, пешниҳод карда мешавад. Дар ариза бояд маълумоти зерин дарҷ гардад: маълумот дар бораи аризадиҳанда; номи субъекти хоҷагидоре, ки нисбати он ариза*

*дода шудааст; шарҳи вайронкуниҳои қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва моҳияти талабот ва пешниҳодот. Ҳуҷҷатҳо ва аризаҳое, ки сирри тиҷоратиро доранд, набояд ошкор карда шаванд.*

*Мақомоти ваколатдор (раёсати минтақавӣ) аризаи воридшударо дар муҳлати як моҳ аз рӯзи ворид шудани он баррасӣ менамояд. Дар сурати нокифоя ё мавҷуд набудани далелҳое, ки имконияти натиҷагирии вуҷуд доштан ё надоштани аломатҳои вайрон кардани қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагонро собит месозанд, ин маълумоти иловагиро аз аризадиҳанда талаб менамояд. Мақомоти ваколатдор (раёсати минтақавӣ) барои ҷамъоварӣ ва таҳлили далелҳои иловагӣ, ҳуқуқ дорад муҳлати баррасии аризаро то ду моҳ аз лаҳзаи ворид шудани он давом диҳад. Дар мавриди мавҷуд набудани аломатҳои вайрон кардани қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, мақомоти ваколатдор (раёсати минтақавӣ) вазифадор аст, ки аризадиҳандаро дар муҳлати як моҳ аз рӯзи ворид шудани он ба шакли хаттӣ огоҳ намояд. Парвандаҳои бо аломатҳои вайрон кардани қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон аз ҷониби мақомоти ваколатдор ва раёсатҳои минтақавии мутобиқ, дар маҳалли содир гаштани ҳуқуқвайронкунӣ баррасӣ мегарданд. Тартиби баррасии парвандаҳои бо аломатҳои вайронкунии қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва нисбати онҳо қабул кардани қарорҳоро мақомоти ваколатдори амаликунандаи сиёсати зиддиинҳисорӣ бо тариқи зайл амалӣ мегардонад. Таҳияи ҳамаи корҳои барои баррасии аризаҳо, санадҳо (сураткмаҷлисҳо)-и дар бораи аломатҳои вайронкунии қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон аз тарафи воҳидҳои сохтории дахлдори мақомоти ваколатдор ва раёсатҳои минтақавӣ анҷом дода мешавад.*

*Роҳбари (сарпараст - муовини вазир) мақомоти ваколатдор , сардори раёсати минтақавӣ дар муҳлати понздаҳ рӯзи баъди баррасии ариза, дар асоси хулосаҳои дар шакли хаттӣ, дар бораи огоз намудани истеҳсолоти парвандаи бо аломатҳои вайронкунии қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон таъинот содир менамояд, ки бо огоҳиномаи фармоишӣ ба тарафайн ирсол ё ба намояндагони боэътимоди онҳо таҳти имзо супурда мешавад. Ҳамзамон, ҳуҷҷатҳои почта ё дигар*

*санадҳо, ки аз қабул шудани таъинот шаҳодат медиҳанд, ба маводҳои парванда замима мегарданд.*

***(Намунаи бланкаи таъинот дар бораи оғози парванда).***

**ТАЪИНОТ**
**дар бораи оғоз кардани истеҳсолоти доир ба парвандаи бо аломатҳои вайрон кардани қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон**
**баррасии парвандаи №_____**

«___»_________с.20__ ______________
(ҷои баррасӣ)

________________________________________________________
(номгӯи мақомоти ваколатдор)
дар шахсӣ______________________________________________
(вазифа, ному насаби роҳбар)
аризаи_________________________________________________
(номгӯи аризадиҳанда)
ва далелҳои пешниҳодшударо баррасӣ намуда, онҳоро барои оғоз намудани истеҳсолоти доир ба парванда аз рӯи Тартиби баррасии парвандаҳои бо аломатҳои вайрон кардани қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, кифоя донист.

**ТАЪИН КАРД:**

1. Истеҳсолоти оид ба парванда дар бораи вайрон кардани моддаи ____ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», нисбати ________________________
(номгӯи субъекте, ки нисбати он истеҳсолоти____________________________ оғоз карда шавад.
оид ба парванда оғоз карда шудааст)

2.Баррасии парванда ба ______________ таъин карда шавад.
(вақт, таърих ва суроға)

Ҳозиршавии аризадиҳанда____________________________

(номгӯи аризадиҳанда)

ва шахсе, ки нисбати он истеҳсолоти оид ба парванда оғоз карда шудааст,

______________________________________________

(номгӯи субъект)

ё намояндагони онҳо (бо ваколатномаи ҳақиқӣ барои иштирок дар баррасии парванда) ҳатмист.

3.Субъекти хоҷагидор_________________________________

(ном)

то ___________ ҳуҷҷатҳо ва маводҳои зеринро пешниҳод намояд:

______________________________________________

(номгӯи ҳуҷҷатҳо ва маводҳо)

1.
2.
3.

Роҳбар
(муовин,сардори раёсат) __________________________

*Дар ҷараёни таҳияи корҳо барои баррасии парванда мақомоти ваколатдор (раёсати минтақавӣ) ҳуқуқ доранд ҳуҷҷатҳои заруриро барои омӯзиш, баёноти хаттӣ оид ба парванда, оид ба далелҳое, ки боиси баррасии парванда гардидаанд, аз ҷумла аз роҳбарони (шахсони мансабдори) онҳо дархост намоянд, мутахассисон (коршиносон) – ро ба иштироки кор ҷалб намоянд.*

*Парвандаҳои вайронкуниҳои қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар муҳлати як моҳ, аз лаҳзаи содир шудани таъинот дар бораи оғоз кардани парванда бо аломатҳои вайрон кардани қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон баррасӣ мегарданд.*

*Дар мавридҳои алоҳида муҳлати муқарраршудаи баррасӣ боз ба муҳлати як моҳи дигар тамдид дода мешавад.*

*Баррасии пурраи ариза (санад, суратмаҷлис) ва аз рӯи он қабул кардани қарорҳо аз ҷониби роҳбари (сарпараст - муовини вазир) мақомоти ваколатдор, сардори раёсати минтақавӣ дар ҳузури аризадиҳанда, вайронкунанда ё намояндагони боэътимоди онҳо, инчунин шахсони манфиатдор ба амал бароварда мешавад. Баррасии парванда дар суратмаҷлис, ки онро роҳбари (сар-*

*параст - муовини вазир) мақомоти ваколатдор, сардори раёсати минтақавӣ ба имзо мерасонад, сабт карда мешавад.*

**(*Намунаи бланкаи суратмаҷлис*).**

**СУРАТМАҶЛИС №_____**

«___»_________с.20__

________________________

(ҷои баррасӣ)

__________________________________________________________

(номгӯи мақомоти ваколатдор)

Дар шахсӣ_________________________________________________

(вазифа, ному насаби роҳбар)

Дар ҳузури намояндагони___________________________________

(номгӯи субъекте, ки нисбати он истеҳсолот

____________________________________________________

оид ба парванда оғоз карда шудааст, ному насаби намояндагон)

маводҳои парвандаи №________- ро аз «___»____________________20__ дарбораи вайронкунии ___________________________

____________________________________________баррасӣ намуд.

(истинод ба санади меъёрӣ, модда, банди вайроншуда)

Шунида шуд:_____________________________________________

__________________________________________________________

(номи шахсони шунидашуда бо баромади мухтасари онҳо)

аз рӯи натиҷаҳои баррасии парванда қарор содир шуд:

__________________________________________________________

(мундариҷаи мухтасари қарор)

Роҳбар

(муовин, сардори раёсат) _________________________________

***(Намунаи бланкаи таъинот дар бораи мавқуф гузоштани парванда).***

**ТАЪИНОТ**
**дар бораи мавқуф гузоштани шунидани парвандаи №_____**

«___»_________с.20__ _____________
(ҷои баррасӣ)

_______________________________________________________
(номгӯи мақомоти ваколатдор)
дар шахсӣ_______________________________________________
(вазифа, ному насаби роҳбар)

мувофиқи моддаи _____ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»,

**МУҚАРРАР НАМУД:**

_______________________________________________________
(сабабҳои мавқуф гузошта шудан: дархостҳои тарафайн, зарурати талаб намудани маводҳои иловагӣ),

_______________________________________________________
___________________________________

_______________________________________________________
___________________________________

(ҷалб кардани шахсони манфиатдор барои иштирок дар парванда ва ғайра)

Мутобиқи банди _____ Тартиби баррасии парвандаҳо бо аломатҳои вайрон кардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон,

**ТАЪИН НАМУД:**

1.Шунидани оиди ба парвандаи №_____то «____»_______20__

мавқуф гузошта шавад.

2. Баррасии парванда ба «___» ______________с. 20__ таъин карда шавад.

3. Ба
_______________________________________________________________

(ба кӣ?)

ҳуҷҷатҳои иловагии:
_____________________________________________

дар муҳлати то «____» ________________с.20__ пешниҳод намояд.

4. Барои иштирок дар баррасии парванда ______________________

_______________________________________ҷалб карда шавад.

Роҳбар

(муовин, сардори раёсат)___________________________

*Баррасии парванда аз ҷониби роҳбар (сарпараст- муовини вазир), сардори раёсати минтақавӣ тавре сурат мегирад, ки дар он таҳлили нисбатан пурра ва ҳаматарафа, инчунин арзёбии ҳолатҳои парванда, бартараф ва пешгирии вайронкунии қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсоне, ки дар парванда иштирок менамоянд, таъмин карда шавад.*

***Баррасии парванда бо сабабҳои зерин ё мавқуф (бо нишон дода шудани мӯҳлат) ё боздошта шуда метавонад:*** *бо сабаби дархости далелноки тарафи парванда дар бораи мавқуф гузоштани баррасии парванда ҷиҳати имконнопазир будани ҳозиршавии намояндаи он ба маҷлис бо сабаби узрнок, ки бо ҳуҷҷатҳои дахлдор тасдиқ карда шудааст; бо сабаби зарурати ба даст овардани далелҳои иловагӣ; бинобар сабаби зарурати ба иштироки парванда ҷалб намудани коршиносон ё дигар шахсоне, ки иштироки онҳо дар парванда ҳатмист; бинобар сабаби таҳти баррасии мақомоти ваколатдор, суд, мақомоти тафтишотӣ қарор доштани дигар парванда, ки хулосаҳои он барои натиҷаҳои баррасӣ аҳамият доранд; бинобар зарурати*

*гузаронидани экспертиза ё хулосаҳои мутахассиси ташкилоти мустақил; ва дар мавридҳои дигаре, ки ҳалли парванда дар он маҷлис имконнопазир аст.*

*Зимни мавқуф гузоштан ё боздоштани баррасии парванда таъинот содир карда мешавад, ки онро роҳбари (сарпараст - муовини вазир ) мақомоти ваколатдор, сардори раёсати минтақавӣ ба имзо мерасонад ва нусхаи он дар муҳлати се рӯз ба ҷонибҳои парванда, инчунин шахсони манфиатдор фиристода мешавад.*

**(*Намунаи бланкаи таъинот дар бораи боздоштани парванда*).**

**ТАЪИНОТ**
**дар бораи боз доштани истеҳсолоти доир ба баррасии парвандаи №_____**

«___»_________с.20__ __________________
(ҷои баррасӣ)

_____________________________________________________
(номгӯи мақомоти ваколатдор)

дар шахсӣ_______________________________________________
(вазифа, ному насаби роҳбар)

парвандаи №____-ро бо аломатҳои аз ҷониби_____________
(номгӯи субъект)

вайрон кардани қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, мувофиқи моддаи _____ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»,

**МУҚАРРАР КАРД:**

_____________________________________________________

_____________________________________________________
(сабабҳои боз доштан дарҷ мешаванд)

Мувофиқи банди ____ Тартиби баррасии парвандаҳо бо аломатҳои вайрон кардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон,

## ТАЪИН НАМУД:

1.Истеҳсолоти оиди парвандаи

№_____то____________________

___________________________________боз дошта шавад.

(муҳлати ба итмом расидани амалҳое, ки барои баррасии парванда монеа шудаанд)

2.Гузаронидани экспертизаи_________________________

(кадом? ва барои чӣ?)

таъин карда шавад, ки барои ин мақсадҳо ҷиҳати иштирок дар баррасии парванда _______________ба сифати коршинос

(кадом?)

ҷалб карда шавад, ба вай супориш дода шавад, ки ба саволҳои зерин __________________________ҷавоб гардонад.

Роҳбар

(муовин, сардори раёсат)_____________________________

*Дар маҷлис ҷонибҳои парванда, инчунин шахсоне, ки дар парванда бо қарори мақомоти ваколатдор (раёсати минтақавӣ) иштирок менамоянд, шунида мешаванд.*

***Ҷонибҳои парванда, инчунин шахсоне, ки дар парванда иштирок менамоянд, ҳуқуқ доранд:*** *бо маводҳои парванда аз рӯзи содир шудани таъинот дар бораи огоз кардани парванда шинос шаванд; далелҳоро пешниҳод намоянд; дар таҳқиқи далелҳо иштирок кунанд; ба шахсони дигаре, ки дар парванда иштирок мекунанд, аз он ҷумла ба коршиносон ва мутахассисон савол диҳанд; дархостҳо арз намоянд; баёноти хаттӣ ва шифоҳӣ диҳанд.*

*Дар мавриди гоиб будани тарафҳо (намояндагони онҳо) парванда дар сурате баррасӣ мешавад, ки маълумоти дар бораи сари вақт огоҳонида шудани онҳо аз маҳал ва вақти баррасии парванда мавҷуд бошад ва агар аз ҷониби онҳо дар бораи мавқуф гузоштан ё боз доштани баррасии парванда дархости асоснок пешниҳод нашуда бошад.*

*Аз рӯи натиҷаҳои баррасии парванда аз рӯи моҳият, аз ҷониби роҳбари (сарпараст– муовини вазир) мақомоти ваколатдор, сардори раёсати минтақавӣ қарор қабул карда мешавад, ки дар он вазъиятҳои парванда дарҷ мегарданд.*

*Қарор аз қисмҳои муқаддимавӣ, баёнӣ, далеловарӣ ва хулосагӣ иборат аст.*

*Қарори қабулшуда бе таъхир, баъд аз тамом шудани баррасии парванда эълон карда мешавад. Ҳамзамон, дар маҷлис танҳо қисми хулосавии он эълон шуда метавонад.*

*Қарор аз лаҳзаи эълон шуданаш эътибор пайдо мекунад.*

***(Намунаи бланкаи қарор).***

**ҚАРОР**

«___»_________с.20__ _________________

(ҷои баррасӣ)

_______________________________________________________

(номгӯи мақомоти ваколатдор)

дар шахсӣ

_______________________________________________________

(вазифа, ному насаби роҳбар)

парвандаи №_____-ро дар бораи аз ҷониби_________________________

(номгӯи субъект)

вайрон кардани моддаи________ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», ки аз рӯи ариза (ташаббуси худ)_______________________________оғоз карда шудааст,

дар ҳузури _______________________________________________

(ному насаби намояндагони тарафҳо)

бо иштироки______________________________________________

(дигар ашхос, ки барои иштирок ба парванда ҷалб шудаанд )

баррасӣ намуда,

МУҚАРРАР КАРД:

_______________________________________________________

(ҳолатҳои парванда, ки дар ҷаласа муқаррар карда шудаанд, далелҳое, ки хулосаҳои ин ҳолатҳо аз онҳо)

_______________________________________________________

______________________________

асос ёфтаанд, далелҳое, ки аз рӯи онҳо ин ё он бурхонҳо рад карда мешаванд, дарҷ мешаванд)

Моддаи ______ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»-ро таҳти роҳбарӣ

қарор дода, тибқи Тартиби баррасии парвандаҳо бо аломатҳои вайрон кардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон

ҚАРОР КАРД:

1.________________________________________________

(номгӯи субъект)

вайронкунандаи моддаи _____ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» дониста шавад (дониста нашавад).

2. Амрияи дар бораи қатъ кардани вайронкунии қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон содир карда шавад.

3. Маводҳои парванда ба________________________ирсол шавад.

Роҳбар
(муовин, сардори раёсат)_____________________________

*Дар сурати дар ҷараёни баррасии парванда ошкор шудани аломатҳои ҷиноят аз ҷониби роҳбарони субъектҳои хоҷагидор, шахсони мансабдори мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, роҳбари (сарпараст- муовини вазир) мақомоти ваколатдор (раёсати минтақавӣ) қарор қабул мекунад, ки ба мақомоти дахлдори ҳифзи ҳуқуқ маводҳои парвандаро пешниҳод намояд. Ҳамзамон, нусхаҳои ҳуҷҷатҳои пешниҳодшаванда дар мақомоти ваколатдор боқӣ мемонад.*

***Истеҳсолоти оид ба парванда метавонад пеш аз содир шудани қарор аз рӯи моҳият дар мавридҳои зерин қатъ карда шавад:***

*1.Довталабона бартараф намудани вайронкунии қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон аз ҷониби шахсе, ки онро содир кардааст.*

*2.Тасдиқ нашудани мавҷудияти далелҳои вайронкунии қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон.*

*Таъинот дар бораи қатъи истеҳсолот доир ба парванда аз ҷониби роҳбари (сарпараст – муовини вазир) мақомоти ваколатдор, раёсати минтақавӣ имзо мешавад ва ба ҷонибҳои парванда ва дигар шахсони манфиатдоре, ки дар парванда иштирок доранд, бо*

*тартиб ва дар мухлати як моҳ, аз лаҳзаи содир шудани таъинот ирсол мегардад.*

***(Намунаи бланкаи таъинот дар бораи қатъи истеҳсолот доир ба парванда).***

**ТАЪИНОТ**
**дар бораи қатъ кардани истеҳсолоти оид ба парвандаи №_____**

«___»_________с.20__

________________________

(ҷои баррасӣ)

____________________________________________________________

(номгӯи мақомоти ваколатдор)

дар шахсӣ__________________________________________________

(вазифа, ному насаби роҳбар)

парвандаи №____- ро дар бораи аз ҷониби________________

(номгӯи субъект)

вайрон кардани қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, мувофиқи моддаи _____ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»,

**МУҚАРРАР КАРД:**

____________________________________________________________

(далелҳое, ки аз иҷрои қарор шаҳодат медиҳанд ё дар бораи аз талаботи худ даст кашидани

____________________________________________________________

____________________________аризадиҳанда дарҷ мегарданд)

Банди ____ Тартиби баррасии парвандаҳо бо аломатҳои вайрон кардани қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагонро таҳти роҳбарӣ қарор дода,

**ТАЪИН НАМУД:**

Истеҳсолоти оид ба парвандаи №______ доир ба аломатҳои вайрон кардани моддаи ____ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» нисбати

_______________________________________________

(аз ҷониби кӣ вайрон карда шудаст)

қатъ карда шавад.

Роҳбар

(муовин, сардори раёсат) ____________________________

*Қарор дар муҳлати се рӯз аз лаҳзаи содир шуданаш ба ҷонибҳои парванда ирсол мегардад ё таҳти имзо супурда мешавад.*

*Дар асоси қарор роҳбари (сарпараст – муовини вазир) мақомоти ваколатдор, раёсати минтақавӣ мутобиқи моддаи 38 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» дар бораи қатъ намудани вайронкунии қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон амрия содир менамояд, ки ба тартиби муқарраршуда ба шахсе, ки ба ин вайронкунӣ роҳ додаст, фиристода ё супурда мешавад. Амрияе,ки дар он бояд мӯҳлатҳои пешбинӣнамудаи қонунгузорӣ ва амалҳои мушаххаси доир ба қатъ кардани вайронкуниҳо ва (ё) оқибатҳои вайронкунии қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дарҷ карда шаванд, аз ҷониби роҳбари (сарпараст – муовини вазир) мақомоти ваколатдор , раёсати минтақавӣ ба имзо мерасад.*

***(Намунаи бланкаи амрия)***

**АМРИЯ**

**дар бораи қатъ кардани вайронкунии қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон**

«___»_________с.20__ _________________

(ҷои баррасӣ)

_______________________________________________

(номгӯи мақомоти ваколатдор)

дар шахсӣ__________________________________________

(вазифа, ному насаби роҳбар)
дар асоси қарори худ аз «____» ____________с. 20___оид ба

парвандаи №____ дар бораи аз ҷониби___________________
(номгӯи субъект)
вайрон кардани моддаи _______ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»,

**АМР МЕДИҲАМ:**

_______________________________________________
(номгӯи субъект)
_______________________________________________
(мундариҷаи амалҳое, ки вайронкор бояд иҷро намояд)
_______________________________________________
(муҳлати иҷро ва пешниҳод кардани далелҳо дар бораи иҷро)
Дар сурати дар муҳлатҳои муқарраргардида иҷро накардани амрия,

_______________________________________________
(номгӯи мақомоти ваколатдор)
ҳуқуқ дорад, мутобиқи қонунгузории амалкунанда ҷарима бандад.

Роҳбар
(муовин, сардори раёсат)___________________________

*Амрия бояд дар муҳлате, ки дар он муқаррар шудааст, иҷро карда шавад.*

*Дар муҳлатҳои муқарраршуда иҷро нашудани амрия боиси оқибатҳои пешбинӣнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад.*

*Дар сурати иҷро накардани амрия мақомоти ваколатдор ҳуқуқ дорад ба субъектҳои хоҷагидори барои саркашӣ аз иҷро накардани амрияҳои қонунии он дар бораи қатъ кардани вайронкунии ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон то 100(сад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима бандад.*

***(Намунаи бланкаи қарор дар бораи бастани ҷарима).***

**ҚАРОР**

**дар бораи бастани ҷарима**

«___»_________с.20___

____________________

(ҷои баррасӣ)

____________________________________________________________

(номгӯи мақомоти ваколатдор)

дар шахсӣ____________________________________________________

(вазифа, ному насаби роҳбар)

маводҳои парвандаи №____-ро дар бораи саркашӣ аз иҷрои амрияи

______________________________________________________________

(номгӯи мақомоти ваколатдор)

нисбати______________________________________________________

(номгӯи субъект)

шаҳодат медиҳанд, баррасӣ намуда,

**МУҚАРРАР КАРДА ШУД:**

______________________________________________________________

**(далелҳои иҷро нашудани қарори (амрияи) мақомоти зиддиинҳисорӣ дарҷ мегарданд)**

Моддаи ______ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»-ро тахти роҳбарӣ қарор дода, мувофиқи тартиби баррасии парвандаҳои вайронкунии қонунгузории зиддиинҳисорӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Аз _________________________________________________________

(номгӯи субъект)

ба андозаи ________________________________ сомонӣ ҷарима ситонида шавад.

2. Маблағи ҷаримаро бояд ба буҷети_______________________ тавассути бонки хизматрасонӣ ин субъект дар муҳлати 30 рӯз аз лаҳзаи содир шудани ин қарор гузаронида, дар бораи ин дар муҳлати 3 рӯз ба ______________________________________

(номгӯи мақомоти ваколатдор)

маълумот пешниҳод намояд.

Нисбати қарори дар бораи бастани ҷарима тибқи қонунгузории амалкунанда мумкин аст ба суд бо аризаи норизогӣ муроҷиат карда шавад.

Аз ҷониби вайронкор пардохтани ҷарима онро аз иҷрои амрияи дар бораи қатъ намудани вайронкуниҳои қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон озод намекунад.

Роҳбар
(муовин, сардори раёсат) ________________________

*Маблаги ҷарима ба субъектҳои хоҷагидор ба ҳисоби андозаи зарари расонидашуда ва ҳолатҳои дигар муайян карда мешавад. Ба шахсони мансабдор ҷарима мутобиқи қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон баста мешавад.*

*Ҷаримае, ки бо мақомоти ваколатдор (раёсати минтақавӣ) ба субъекти хоҷагидор баста мешавад, ба истиснои ҷарима бастани соҳибкори инфиродӣ, бо тартиби муайяншуда дар муҳлати сӣ рӯз аз рӯзи содир шудани қарор дар бораи ситонидани он, ситонида мешавад.*

*Таҳти мафҳуми дар мӯҳлатҳои муқарраршуда иҷро нашудани амрия, саркашӣ аз иҷрои он ё қисман иҷро шудани амрия, ё сари вақт иҷро нашудани амрия фаҳмида мешавад.*

*Назорат аз рӯи иҷрои амрия аз ҷониби роҳбари (сарпараст – муовини вазир) мақомоти ваколатдор, раёсати минтақавӣ ба зиммаи яке аз кормандони воҳидҳои сохтории дахлдор гузошта мешавад ва дар ин бора дар суратмаҷлиси ҷаласа сабт карда мешавад.*

*Аз рӯи дархости далелноки шахсе, ки амрияро қабул намудааст ва ба мақомоти ваколатдор (раёсати минтақавӣ) пеш аз 10 рӯзи ба итмом расидани муҳлати иҷрои амрия (дархост) фиристодааст, аз ҷониби роҳбар (сарпараст – муовини вазир) дар бораи тамдид кардани ин мӯҳлат, вале на бештар аз як моҳ, қарор қабул карда мешавад.*

*Ситонидани ҷарима шахсонеро, ки ба вайронкунии қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон роҳ додаанд, аз ӯҳдаи иҷрои амрияи мақомоти ваколатдор (раёсати минтақавӣ) ё ба амал баровардани дигар амалҳои пешбинӣнамудаи қонунгузории зидиинҳисорӣ озод намекунад.*

*Мақомоти ваколатдор (раёсати минтақавӣ) иҷрои қарорҳои худро дар бораи бастани ҷарима назорат мекунад.*

*Дар сурати иҷро накардани амрияи дар бораи қатъ кардани вайронкунии қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, қарори дар бораи бартараф кардани вайронкуниҳои талаботи оид ба сифат ва бехатарии молҳо (корҳо, хизматрасониҳо), қарори дар бораи аз истеҳсолот бардоштан, қатъ кардани тавлидот ва фурӯши молҳои (корҳо, хизматрасониҳо) бесифат ва хатарнок, боз хондани онҳо аз истеъмолкунандагон, инчунин қарори дар бораи бастани ҷарима, мақомоти ваколатдор (раёсати минтақавӣ) ҳуқуқ дорад бо тартиби судӣ ҷарима ситонад.*

*Дар сурати иҷро накардани амрияи дар бораи ба буҷети ҷумҳуриявӣ гузаронидани фоидае, ки дар натиҷаи вайрон кардани қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба даст оварда шудааст, мақомоти ваколатдор (раёсати минтақавӣ) ҳуқуқ дорад ба суд аризаи даъвогӣ дар бораи ба буҷет ситонидани фоидаи ба дастовардашудаи беасос пешниҳод намояд.*

*Тартиби додани аризаи норизоӣ аз рӯи қарорҳои мақомоти зиддиинҳисорӣ.*

*Шахсоне, ки нисбати онҳо истеҳсолоти оид ба парванда амалӣ гаштааст, метавонад пурра ё қисман аз рӯи қарор ва амрияи раёсати минтақавӣ ба дастгоҳи марказии мақомоти зиддиинҳисорӣ ё суд ва аз рӯи қарори дастгоҳи марказӣ ба суд шикоят пешниҳод намоянд.*

*Аз рӯи қарори дар бораи бастани ҷарима ва амрияи мақомоти ваколатдор (раёсати минтақавӣ) дар муҳлати даҳ рӯз аз лаҳзаи қабул шудани онҳо аризаи норизоӣ пешниҳод карда мешавад.*

*Пешниҳоди ариза иҷрои қарори (амрияи) раёсати минтақавиро дар давоми вақти баррасии он дар ташкилоти болоӣ ва иҷрои қарори (амрияи) мақомоти зиддиинҳисориро суд боз медорад.*

*Роҳбари мақомоти ваколатдор (вазир, сарпараст – муовини вазир) ҳуқуқ дорад, қарорҳо ва амрияҳои муовинони худ, инчунин роҳбарони раёсатҳои минтақавиро, ки аз ҷониби онҳо бо вайронкунии қонунгузории амалкунанда ё ҳудуди ваколатҳои ба онҳо вогузор шудаанд, бекор кунад. Қарорҳо ва амрияҳое, ки бо*

*вайронкунии қонунгузории амалкунанда қабул шудаанд, бо фармон бекор карда мешаванд.*

*Шикоятҳо аз рӯи қарор ё амрия баррасӣ намуда, роҳбари мақомоти ваколатдор (вазир, сарпараст – муовини вазир), яке аз қарорҳои зеринро қабул мекунад:дар бораи бетағйир мондани қарор, амрия ва қонеъ накардани шикоят, пешниҳод; дар бораи тағйир додани қарор, агар дар ин ҳолат вазъи шахсе, ки нисбати вай қарор содир шудааст, бадтар нашавад; дар бораи бекор кардани қарор ва баргардонидани парванда барои баррасии нав ва дар бораи бекор кардани қарор ва қатъ намудани парванда дар мавриди мавҷуд набудани аломатҳои вайронкунии қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон.*

*Нусхаи фармон дар баррасии шикоят аз рӯи қарор оид ба парвандаи дар бораи вайронкунии қонунгузории дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар муддати се рӯз ба шахсе, ки нисбати он содир гаштааст, фиристода мешавад.*

*Дар радифи „Тартиби барассии парвандаҳо бо аломатҳои вайрон кардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон“ замимаҳои зерин пешниҳод карда шудаанд.*

*Сархати дуюми моддаи тафсиршаванда маводи риоя нашудани ҳуқуқи истеъмолкунандагонро ба мақоме, ки барои амалӣ намудани шакли дахлдори фаъолият иҷозатнома додааст, ҷиҳати ҳалли масъалаи боздоштани амали иҷозатномаи мазкур ё оид ба пеш аз мӯҳлат бекор кардани онро муқаррар намудааст.*

*Ваколатҳои назоратию иҷозатдиҳии соҳаҳои алоҳидаро дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» аз 17 майи соли 2004, № 37 ва инчунин дар Низомномаҳои мақомотҳои дахлдор бо пуррагӣ баён гардидаанд.*

*Дар сархати сеюми моддаи тафсиршаванда яке аз ваколатҳои фаъолияти мақоми зиддиинҳисорӣ муқаррар карда шудааст- маводро ба мақомоти прокуратура, ки назорати риояи дақик ва иҷрои якхелаи қонунҳоро амалӣ мегардонад ва ба дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз рӯи тобеият барои ҳалли масъалаҳои огоз намудани парвандаҳои ҷиноятӣ аз рӯи аломатҳои ҷиноят, ки бо вайрон намудани ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон алоқамандand ирсол намояд.*

*Бо ин мақсад мақомоти прокуратура аз рӯи парвандаҳои ҷиноятӣ, ки қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ба салоҳияти ӯ*

*вогузоштааст, тафтишот мегузаронад, инчунин дигар мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ дар ҳудуди салоҳияти ваколатҳои худ тадбирҳо меандешанд.*

*Бо мақсади амалигардонии ҳифзи ҳуқуқии истеъмолкунандагон суд вазифадор аст қонунияту адолатро, ки санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти меъёрӣ доранд муқаррар намудаанд, ҳифз намояд.*

*Бо ҳамин васила мақоми зиддиинҳисорӣ ҳуқуқ дорад дар ҳолатҳои ошкор гардидани вайронкуниҳои ҳуқуқи истеъмолкунандагон барои ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба суд муроҷиат намояд, ба манфиати гурӯҳи номуайяни истеъмолкунандагон, аз ҷумла оид ба қатъи фаъолияти истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) ё фаъолияти соҳибкори инфиродӣ барои вайронкунии бисёркарата ва дағалонаи ҳуқуқҳои бо қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқарраршудаи истеъмолкунандагон, инчунин ба соҳибкорони инфиродӣ оид ба маҷбурӣ ситонидани ҷарима барои саркашӣ аз иҷрои амрияҳо ё барои сари вақт иҷро накардани онҳо ба суд даъво пешниҳод кунад.*

*Қисмати дохилии моддаи тафсиршаванда вайронкунии бисёркарата ва дағалонаи ҳуқуқҳои бо қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқарраршудаи истеъмолкунандагонро муқарар намудааст, дар ин ҷода агар аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ (истеҳсолкунанда,иҷрокунанда) чунин кирдор содир гардад, тибқи банди 2, сархати 2-и моддаи 62 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори суд барои дағалона вайронкунии қонун, агар чунин вайронкунӣ хусусиятиислоҳнопазир дошта бошад ё бе иҷозатномаи дахлдор машғул шудан ба фаъолият ё фаъолияти манъ намудаи қонун, ё амалӣ намудани фаъолияти вайронкунии якчандмаротиба ва дағалонаи дигари қонунгузорӣ барҳам дода мешавад.*

*Ҳангоми баррасии мурофиаи судӣ мақоми зиддиинҳисорӣ метавонад аз ҷониби суд барои иштирок дар мурофиаи судӣ ҷалб карда шавад ё бо ташаббуси худ бо мақсади ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон барои додани хулосаҳо аз рӯи парванда дар мурофиаи судӣ иштирок намояд.*

**Моддаи 39. Ваколатҳои мақомоти давлатие, ки назорати сифат ва бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) – ро анҷом медиҳанд**

**Бо мақсади таъмини бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) мақоми давлатии оид ба стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назорати санитарию эпидемиологӣ, мақомоти экспертиза ва сертификатсияи маҳсулоти фармасевтӣ ва молҳои таъиноти тиббӣ, мақомоти ҳифзи муҳити зист ва захираҳои табиӣ ва дигар мақомоти идоракунии давлатӣ, дар доираи салоҳияти худ назорати сифат ва бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) - ро анҷом медиҳанд:**

**- назорати риояи талаботи бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) – ро анҷом медиҳанд;**

**- барои бартараф намудани талаботи бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ), талаботи аз истеҳсолот гирифтани чунин мол (кор, хизматрасонӣ), истеҳсол накардан ва нафурӯхтани чунин мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ), нафурӯхтани моли муҳлати коршоямиаш гузашта ва моле (коре), ки бояд ба он муҳлати коршоямӣ муқаррар мешуду вале муқаррар карда нашудааст, инчунин талаботи боздоштани фурӯши мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) ҳангоми мавҷуд набудани маълумоти дурусту кофӣ оид ба мол (кор, хизматрасонӣ), оид ба гирифтани онҳо аз истеъмолкунандагон ва дар ин хусус хабардор намудани истеъмолкунандагон амрия ирсол мекунанд;**

**- ҳангоми аз ҷониби истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) риоя нагардидани талаботи бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) нисбати онҳо ба суд даъво пешниҳод мекунад.**

**Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, ки назорати сифат ва бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) - ро анҷом медиҳанд, инчунин ташкил ва иҷрои корҳои тасдиқи ҳатмии мувофиқати мол (кор, хизматрасонӣ) ба талаботи муқарраршуда ба зиммаи мақоми давлатии оид ба стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта мешавад.**

**Мақоми давлатии оид ба стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи салоҳияташ чунин вазифаҳоро баҷо меоварад:**

**- тартиби сертификатсия кардани мол (кор, хизматрасонӣ) – ро муайян менамояд;**

**- мақомоти сертификатсияи намудҳои мушаххаси мол (кор, хизматрасонӣ) ва ҳамчунин лабораторияҳои (марказҳои) озмоиширо барои санҷишҳои дахлдор ваколатдор месозад;**

**- ба дуруст сертификатсия шудани мол (кор, хизматрасонӣ) назорат мекунад;**

**- феҳристонии давлатии моли (кори, хизматрасонии) сертификатсияшуда, мақомоти ваколатдорро доир ба сертификатсия, лабораторияҳои (марказҳои) озмоиширо ба роҳ мемонад;**

**- дар бораи эътирофи сертификатсияҳое, ки ба мақомоти хориҷӣ ва байналмилалӣ додааст, қарор қабул менамояд, дар муносибатҳои мутақобила бо ташкилотҳои хориҷӣ ва байналмилалӣ аз рӯи масъалаҳои сертификатсияи мол (кор, хизматрасонӣ) аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагӣ мекунад;**

**- риояи қоидаҳои савдо, хӯроки умумӣ, сифат ва бехатарии молҳои ниёзи мардумро назорат мекунад.**

***Тафсир.*** *Моддаи тафсиршаванда, бо мақсади таъмини бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ), ваколатҳои он мақомотҳои давлатиеро, ки назорати сифат ва бехатарии мол (иҷрои кор ва хизматрасонӣ) – ро анҷом медиҳанд муқаррар менамояд.*

*Дар моддаи мазкур ваколатҳои як зумра мақомотҳои давлатие, ки назорати сифат ва бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) – ро анҷом медиҳанд баён карда шудаанд.*

*Дар асоси қисми 2 моддаи тафсиршаванда Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 июни соли 2005, №209 «Дар бораи чорабиниҳо оид ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон"» Номгӯйи мақомотҳои давлатие, ки назорати сифат ва бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) – ро анҷом медиҳанд, тасдиқ карда шудааст, аз инҳо иборат мебошанд:*

*Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;*

*Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва инспексияи савдои назди Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон;*

*Маркази Ҷумҳуриявии назорати давлатии санитарию эпидемиологии Вазорати тандурустии Маркази давлатии экспертиза, сертификатсияи маҳсулоти фарматсевтӣ, техникаи тибби, таҷҳизоти таъиноти тиббӣ ва санитарию гигиенӣ, маҳсулоти истеъмоли ғизоии табобатию профилактикӣ,*

*иловагиҳои ғизоӣ ва маводи косметикии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон;*

*Кумитаи давлатии ҳифзи муҳити зист ва хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва инчунин мақомотҳои дигаре, ки дар доираи салоҳияташон иҷрои талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикргардидаро таъмин менамоянд.*

*Мақсади мақомотҳои мазкур бо ҳам алоқамандии зич ва якхела доштa: баҳри таъмини бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) равона гардидааст.*

*Аммо хусусияти талаботҳои конкретие, ки ҳар яке аз ин мақомотҳо муқаррар намудаанд, тартиби талаботи ҳуқуқӣ, инчунин меъёри салоҳияти назоратӣ, ва усулҳои амалигардонии онҳо бо салоҳдиди худи мақомотҳои мазкур, ки қонунҳо ва низомномаҳои бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудаанд, мавриди амал қарор мегиранд.*

*Дар айни ҳол як зумра Қонунҳо ва Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди амал қарор доранд, ки салоҳдиди мушаххаси мақомотҳои давлатии дахлдорро дар назорати сифат ва бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) муайян менамоянд аз ҷумлаи онҳо:*

*1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳавои атмосфера» аз 1 феврали соли 1996, № 228;*

*2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими давлатии истеҳсолу муомилоти спирти этилӣ ва машрубот» аз 15 май соли 1997, № 452;*

*3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маводи доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ» аз 6 августи соли 2001, № 39;*

*4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ» аз 10 майи соли 2002, № 54;*

*5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи йоднокгардонии намак» 2 декабри соли 2002, №85;*

*6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи партовҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ» аз 10 майи соли 2002 , № 44;*

*7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарфаҷӯии энергия» аз 10 майи соли 2002 , № 29;*

*8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ» аз 8 декабри соли 2003, № 49;*

*9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» аз 17 майи соли 2004, № 37;*

*10. Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи кино» аз 9 декабри соли 2004, № 67;*

*11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ғалла» аз 28 июли соли 2006, № 200*

*12. Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи монополияҳои табиӣ» аз 5 марти соли 2007, № 235;*

*13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ»,19 майи соли 2009, № 522 қабул ва аз 1 январи соли 2010 мавриди амал қарор дода шудааст.*

*14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартонӣ» 13 декабри соли 1996 №313 аз 29 декабри соли 2010, № 668;*

*15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи оби нӯшокӣ ва таъмини он» аз 29 декабри соли 2010, № 670;*

*16. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия» аз 12 январи соли 2010, № 587;*

*17. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат» аз 2 августи соли 2011, №759;*

*18. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» аз 2 августи соли 2011 №760;*

*Қисми сеюми моддаи тафсиршаванда аз як зумра сархатҳое иборат мебошад, ки дар доираи салоҳиятҳои худ вазифаҳои баҷомеовардаи яке аз мақомотҳои муқаррарнамудаи қонун - Мақоми давлатии оид ба стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои Ҷумҳурии Тоҷикистонро баён намудааст.*

*Мақсаду ваколатҳои онро бошад, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартонӣ», «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат», «Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ» ва Низомномаи он, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006, № 615 тасдиқ шудааст, пешбинӣ менамояд.*

*Тибқи муқаррароти қисми 1, моддаи 3-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартонӣ» мақсади асосии стандартонӣ қабл аз ҳама таъмини ҳифзи ҳаёт, саломатӣ ва бехатарии инсон ва шаҳрванд, ҳайвонот, растанӣ ва ҳифзи муҳити зист, инчунин, таъмини сифату бехатарии маҳсулот*

*ва ҷараёнҳои ба он вобаста, иҷрои кор, хизматрасонӣ ва ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагон мебошад.*

*Ваколатҳое, ки дар «Низомнома»-и Агентии давлатӣ оид ба стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри солл 2006 № 615 тасдиқ шудааст, пешбинӣ менамояд.*

*-амалӣ сохтани сиёсати давлатӣ дар соҳаи стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва аккредитатсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;*

*-таҳия ва такмили низоми стандартизатсия, метрология, сертификатсия, аккредитатсия ва қоидаҳои савдо, мутобиқгардонии онҳо бо меъёрҳои байналхалқӣ;*

*-таҳияи пешниҳодот оид ба такмили низоми миллии сертификатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;*

*-таҳияи пешниҳодот оид ба сиёсати сертификатсияи маҳсулот вобаста ба воридот ва содироти он;*

*-ташкил ва гузаронидани корҳо оид ба сертификатсия ва шаҳодатномадиҳии хизматрасонӣ;*

*-ташкил ва гузаронидани корҳо оид ба сертификатсияи маҳсулот;*

*-дастрас гардонидани стандартҳои байналхалқӣ, қоидаҳо ва тавсияҳо оид ба стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва сифат;*

*-амалӣ сохтани назорати давлатӣ оид ба иҷрои талаботи стандартҳо, дастурҳои техникӣ, таъмини ченаки ягона ва назорат оиди иҷрои қоидаҳои сертификатсияи ҳатмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмин намудани бехатарии ҳаёт, саломатӣ ва амволи шаҳрвандон, ҳифзи муҳити зист, қоидаҳои савдо, қобилияти ҳамдигарро ивазкунӣ ва рақобатнокии маҳсулот, ягонагии усулҳои назорат ва тамгазанӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва манфиатҳои давлатӣ;*

*-ташкили корҳо оид ба ҳамкории байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва аккредитатсия;*

*-ташкил ва гузаронидами корҳо оид ба сертификатсияи ҳатмӣ, муқаррар намудани шаклҳои сертификатсияи ҳатмӣ бо дарназардошти таҷрибаи мавҷудаи байналхалқӣ;*

*-бо тартиби муқарраршуда гузаронидани қайди давлатии низоми сертификатсия;*

*-гузаронидани корҳо оид ба аккредитатсияи озмоишгоҳҳои (марказҳои) санҷишӣ ва мақомот оид ба сертификатсияи маҳсулот, ва иттиҳодияҳо ва ташкилотҳо новобаста аз шакли моликият барои иштирок дар гузаронидани корҳо оид ба сертификатсияи ҳатмӣ, инчунин аккредитатсияи лабораторияҳои метрологии корхонаҳо ва ташкилотҳо оид ба санҷиши воситаҳои ченак ва додани иҷозат ба онҳо барои гузаронидани корҳо мутобиқ ба соҳаи аккредитатсия;*

*-ҳамоҳангсозии байниминтақавӣ ва байнисоҳавии фаъолият оид ба таъмини ченаки ягона, муқаррар намудани қоидаҳои ташкил, тасдиқ, нигоҳдорӣ ва татбиқи эталонҳои воҳидҳои бузургӣ;*

*-амалӣ сохтани ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти идораи давлатӣ, ки назоратро оид ба бехатарии маҳсулот (корҳо, хизматрасонӣ) инчунин ташкил ва гузаронидани корҳо оид ба тасдиқи ҳатмии мувофиқати молҳо ба талаботи муқарраршуда;*

*-амалӣ сохтани назорати давлатӣ оид ба риояи қонунгузорӣ дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон;*

*-амалӣ сохтани назорати давлатии метрологӣ;*

*-гузаронидани назорати давлатии метрологӣ дар соҳаи тасдиқи воситаҳои ченак;*

*-ташаккул амалисозии сиёсати давлатӣ дар соҳаи гузаронидани сертификатсия дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешниҳоди иттилооти расмӣ дар ин бора;*

*-иштирок дар якҷоягӣ бо дигар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар такмили тартиби тасдиқи мувофиқати молҳои истеъмолӣ ва хизматрасониҳо ба талаботи муѕарраргашта;*

*-гузаронидани экспертизаҳо ва тасдиқи стандартҳои миллӣ, паҳн намудани стандартҳои байналхалқӣ ва байнидавлатӣ, қоидаҳо ва тавсияҳо оид ба стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва аккредитатсия;*

*-дар мувофиқа бо талаботи стандартҳои давлатӣ қабул намудани қарорҳои оид ба бекор, таҷдиди назар кардан ва ё маҳдуд намудани муҳлати амали санадҳои меъёрӣ - техникие, ки баландбардории сатҳи техникӣ ва сифати маҳсулотро таъмин менамоянд;*

*-амалӣ сохтани чорабиниҳои таъсиррасонандаи ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ аз рӯи натиҷаҳои назорати давлатӣ ва нозирот, қоидаҳои савдо нисбати ҳамаи субъектҳои хоҷагидорӣ, новобаста аз тобеияти идоравӣ ва шаклҳои моликият мутобиқи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;*

*-бо тартиби муқаррарнамуда ширкат варзидан дар таҳияи лоиҳаҳои санадҳои қонунгузорӣ ва даигар санадҳои меъёрӣ оид ба стандартизатсия, таъмини ченаки ягона, сертификатсия, аккредитатсия ва савдо;*

*-иштирок дар таҳия ва амалисозии барномаҳои давлатии рушди пахтакорӣ ва кирмакпарварӣ дар ҷумҳурӣ;*

*-созмон додани марказҳои ташхиси минтақавӣ оид ба ташхису сертификатсияи маҳсулоти хӯрокворӣ, кишоварзӣ ва дигар намудҳои маҳсулот дар шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;*

*-қабул намудани қарорҳо оид ба тасдиқи намудҳои воситаҳои ченак ва дохил намудани онҳо ба реестри давлатӣ;*

*-додани шаҳодатнома оид ба омодагии корхона ба истеҳсоли маҳсулоти дахлдор;*

*-додани сертификат ё аломатҳои мувофиқат;*

*-созмон додани низоми сертификатсияи маҳсулоти якхела ва муқаррар намудани қоидаҳои барасмиятдарорӣ ва идоракунӣ барои гузаронидани сертификатсия дар ин низомҳо (соҳаҳо);*

*-ба роҳ мондани назорати миқдори маҳсулоте, ки ҳангоми гузаронидани амалиёти савдо мусодира мешаванд, миқдори молҳои дар борбандиҳои гуногун пешакӣ баркашида ва савдои он;*

*-амалӣ намудани интихоби тарзи тасдиқи мувофиқати маҳсулот ба талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ (шакл, сертификатсия);*

*-аккредитатсияи мақомот оид ба сертификатсия ва лабораторияҳои (марказҳои) озмоишӣ ва додани иҷозат барои гузаронидани муайяни корҳо;*

*-муқаррар намудани тартиби ва додани иҷозат барои гузаронидани корҳои сертификатсионӣ;*

*-ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти идораи давлатӣ, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо дар соҳаи стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва аккредитатсия;*

*-ташкили таъмини мақомоти идораи давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо бо иттилооти илмӣ-техникӣ, инчунин расонидани хизмат (дар асоси шартнома) дар соҳаи стандартизатсия, метрология, сертификатсия, аккредитатсия, савдо ва сифати маҳсулот, ташкил ва гузаронидани ҷамъомадҳо, семинарҳо, конференсияҳо вобаста ба ин самтҳои фаъолият;*

*-нашри иттилооти расмӣ дар бораи низоми дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунандаи сертификатсия ва аломатҳои мувофиқат ва бо тартиби муқарраршуда пешниҳод намудани онҳо ба ташкилотҳои байналхалқӣ (минтақавӣ) оид ба сертификатсия;*

*-муайян намудани тартиби сертификатсия ва гузаронидани қайди давлатии низоми сертификатсияи лабораторияҳои (марказҳои) озмоишӣ ва амалӣ сохтани назорат оид ба дуруст гузаронидани сертификатсияи молҳо (кор, хизматрасонӣ);*

*-бо тартиби муқарраршуда пешниҳод намудани таклифҳо оид ба ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми байналхалқии сертификатсия;*

*-намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкилотҳои байналхалқӣ оид ба масъалаҳои стандартизатсия, метрология, сертификатсия, аккредитатсия ва нозироти савдо;*

*-пешниҳоди иттилоот ба ташкилотҳои байналхалқӣ (минтақавӣ) оид ба сертификатсия дар бораи низоми дар кишвар амалкунандаи сертификатсия ва мақомот оид ба сертификатсия;*

*-амали сохтани назорати давлатӣ ва муқаррар намудани тартиби назорати нозирӣ (инспексионӣ) оид ба риояи қоидаҳои сертификатсия ва маҳсулоти сертификатсияшуда;*

*-муқаррар намудани тартиби ҳамкории мақомот оид ба сертификатсия ва воҳидҳои санҷишӣ бо мақомоти идораи давлатӣ ва мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ оид ба масъалаҳои сифат ва бехатарии маҳсулот;*

*-муқаррар намудани шакли сертификатсияи ҳатмии маҳсулот бо дарназардошти таҷрибаи байналхалқӣ ва хориҷӣ;*

*-муқаррар намудани тартиби эътирофи сертификатiои хориҷӣ, аломатҳои мувофиқат ва натиҷаҳои санҷишҳо;*

*-амалӣ сохтани бақайдгирии давлатии стандартҳои миллӣ ва шартҳои техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон;*

*-ташаккул додани хазинаи ҳуҷҷатҳои меьёрӣ - техникӣ ва амалӣ сохтани нигоҳдории давлатии стандартҳои байналхалқӣ, байнидавлатӣ, стандартҳои миллӣ, дастурҳои техникӣ ва шартҳои техникие, ки аз қайди давлатӣ гуштаанд ва расман нашр гардидаанд;*

*-амалӣ сохтани идоракуниш давлатӣ оид ба таъмини ченаки ягона;*

*-таъмин ва гузаронидани мониторинги сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ дар асоси низомномае, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст;*

*-иштироки ҳатмӣ дар кори комиссияи байниидоравие, ки назоратро оид ба бехатарии маҳсулот, инчунин партов ё ин ки несту нобуд кардани маҳсулоти зараровар амалӣ менамояд;*

*-бо тартиби муқарраршуда таъсис додани экспертизаи судҳ дар соҳаи стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва савдо;*

*-пешниҳоди таклифҳо оид ба тағйир додани Номгӯи молҳо (кор, хизматрасонӣ), ки бояд аз сертификатсияи ҳатмӣ гузаранд, барои тасдиқи минбаъдаи он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;*

*-пешниҳод намудани ҳисобот дар бораи ичрои корҳо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳар семоҳа;*

*-бурдани (тартиб додани) реестри иштирокчиён ва объектҳои сертификатсия;*

*-дар доираи ваколати худ таъин намудани ҳифзи маълумоте, ки сирри давлатӣ дорад;*

*Агентии давлатӣ оид ба стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад:*

*-шикояти (аппелятсияи) аризадиҳандагонро оид ба амали мақомот оид ба сертификатсия, лабораторияҳои (марказҳои) озмоишӣ дар низоми миллии аккредитатсия баррасӣ менамояд;*

*-нисбати корхонаҳо (истифодабарандагон, фурӯшандагон) чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ ва иқтисодиро оид ба натиҷаи назорати давлатӣ дар соҳаи стандартизатсия, метрология, сертификатсия, аккредитатсия, нозироти савдо ва пахта мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ менамояд;*

*-ба мақомоти судӣ бо аризаи шикоятӣ нисбати истеҳсолкунандагон (иҷрокунандагон, фурӯшандагон) ҳангоми*

*аз ҷониби онҳо риоя нашудани қонунгузорӣ дар бораи стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо, талаботи стандартҳо ва дастурҳои техникӣ оид ба сифат ва бехатарии маҳсулот (кор, хизматрасонӣ) муроҷиат намояд;*

*-қарорро дар бораи муқаррар намудани муҷозоти ҷаримавӣ нисбати субъектҳои хоҷагидорӣ ва ҷарима шахсони мансабдор барои саркашӣ аз иҷро ва ё саривақт иҷро накардани нишондод ва қарорҳо ҳангоми расонидани зарар ба истеъмолкунандагон бо маҳсулоте, ки ҷавобгӯи талаботи сифат ва бехатарӣ нест, аз ҷумла барои риоя накардани қоидаҳои сертификатсия ва савдо, метрология ва аккредитатсия, инчунин дар дигар ҳолатҳои пешбинӣнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул намояд (Ба тафсири моддаи 40 нигаред).*

*-қарорро оид ба боздоштани истеҳсол ва фурӯши маводи хӯрока, озуқа ва маводи дигар, расонидани хизмат ва иҷрои корҳо дар давраи ислоҳи камбудиҳо ошкоргардида ва дигар имкони бартараф намудани камбудиҳоро қабул намуда, дар сурати имкон надоштани ислоҳи камбудиҳо амали сертификатсияи дахлдор ё дигар ҳуҷҷати иҷозатномадиҳандаро бекор кунад;*

*-ба субъектҳои хоҷагидор дар бораи аз муомилот баровардани маҳсулоти хӯрокаи бесифат ва хатарнок, маводҳо ва дигар маҳсулот амрияҳои барои иҷрои ҳатмӣ диҳад;*

*-дар якҷоягӣ бо мақомоти идораи давлатӣ ва мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ки ба ҳайати комиссияҳои махсус шомиланд, дар бораи истифодаи партов ё нест кардани маҳсулоти хӯрокаи бесифати хатарнок, маводҳо ва дигар маҳсулот, инчунин аз муомилот бо мақсади муайянкунии имконияти минбаъдаи истифодаи партови ин гуна маҳсулот қарорҳои барои иҷрои субъектҳои хоҷагидор ҳатмӣ қабул намояд;*

*-дар бораи бартараф намудани камбудиҳои ошкоршудаи қоидаҳои савдо, интизоми технологӣ, сертификатсия, стандартизатсия ва метрология ҳангоми истеҳсол ва фурӯши маҳсулот (кор, хизматрасонӣ) ва аз фурӯш гирифтани маҳсулоти барои ҳаёт, саломатӣ ва моликияти шаҳрвандон хатарнок (зараровар) санадҳо тартиб дода, амрияҳои ҳатмӣ барои иҷрои субъектҳои хоҷагидор (истеҳсолкунандагон, тайёркунандагон, интиқолдиҳандагон ва фурӯшандагон) диҳад;*

*-маводҳоро оиди ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони мансабдор, ки чандин маротиба ба вайронкунии қоидаҳои савдо, истеҳсол, фурӯш роҳ додаанд, инчунин моли бадсифат, ки манфиати истеъмолкунандагонро халалдор месозад, таҳвил кардаанд, ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ супорад;*

*Дигар муқарраротиi моддаи тафсиршавандаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" ваколатҳои мақомоти давлатии назорати сифат ва бехатарии мол (иҷрои кор ва хизматрасонӣ) анҷом диҳандаро пешбинӣ намудааст, ки ин мақомоти назорати санитарию эпидемиологӣ мебошад.*

*Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ» аз 8 декабри соли 2003, № 49 қабул шуда, оид ба тадбирҳои вобаста ба таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатҳои мақомоти давлатӣро муқаррар менамояд.*

*Моддаҳои 4,5,6 Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақоми ваколатдори давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣро дар соҳаи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ.*

*Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2003 № 575 Низомномаи Хадамоти давлатии санитарию эпидемиологии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст ва мавриди амал қарор дорад.*

*Низомномаи Хадамоти давлатии санитарию эпидемиологии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ваколатҳо, вазифаҳою функсияҳои мақомоти мазкурро чунин муқарар намудааст.*

*Мутобиқи Низомнома вазифаи асосии Хадамот ошкор, огоҳкунӣ ва андешидани чораҳое мебошанд, ки ба паст намудани таъсири омилҳои хатарнок ва зиёновари муҳити зист ба саломатии инсон равона шудааст.*

*Дар ташаккули самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ иштирок менамоянд;*

*Фаъолияти дигар вазорату идораҳо, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва худидоракунии шаҳраку деҳот, ташкилоту корхонаҳо ва муассисаҳоро, сарфи назар аз шакли моликият ва тобеияти идоравии онҳо, доир ба масъалаҳои татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ ва анҷом додани назорати истеҳсолӣ ва*

*ҷамъиятии риояи меъёру қоидаҳо ва иҷрои чорабиниҳои гигиенӣ ва зиддиэпидемӣ, ҳамоҳанг месозанд;*

*Дар таҳия ва татбиқи барномаҳои мақсадноки давлатӣю минтаавӣ, инчунин илмӣ, илмию техникӣ дар соҳаи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ, иштирок менамоянд;*

*Дар доираи салоҳияти худ назорати иҷрои талаботи қонун ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ро оид ба таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ анҷом медиҳанд;*

*Кори комиссияҳои фавқулоддаи зиддиэпидемиявии ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявиро таъмин мекунад ва иҷрои қарорҳои онҳоро назорат менамоянд;*

*-харидорӣ ва таъминоти доруҳои тиббии иммунобиологӣ, маводи дезинфексионӣ, асбобҳои ченкунандаи гигиенӣ ва маводи лабораторию ташхисиро барои мақомот ва муассисаҳои Хадамот ба роҳ мемонанд;*

*-оид ба гузаронидани чорабиниҳои санитарию гигиенӣ ва зиддиэпидемӣ, ки иҷроишон барои мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, сарфи назар аз тобеияти идоравӣ ва шакли моликият, шахсони мансабдор ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчуннн шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ ҳатмӣ мебошад, қарорҳо қабул менамоянд;*

*-назорати санитарию эпидемиологиро дар гузаргоҳҳои сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади пешгирӣ намудани воридшавӣ ва паҳншавии бемориҳои карантинӣ (тоун, вабоҳ вараҷаи тропикӣ) ва днгар бемориҳои сироятӣ, ки барои аҳолӣ хатар доранд, анҷом медиҳанд, инчунин доир ба пешгирӣ намудани воридшавии молҳо, моддаҳои химиявӣ, биологӣ ва радиоактивӣ, партовҳо ва дигар борҳои барои инсон хатарнокбуда ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳо меандешанд;*

*-бо хадамоти давлатии байтории ҷумҳурӣ оид ба гузаронидани чорабиниҳои бартараф кардани сироятҳои антропозоонозӣ ҳамкорӣ менамоянд;*

*-нисбати беморони гирифтори бемориҳои сироятӣ (паразитӣ) тадбирҳо меандешанд, сабабҳо, омилҳо ва шароитҳои пайдоиш ва паҳншавии бемориҳои сироятӣ, паразитӣ, касбӣ, заҳролудшавӣ аз маводи озуқа, инчунин дигар бемориҳои оммавии одамонро, ки ба таъсири бади омилҳои*

*муҳити зисти инсон вобастаанд, бо роҳи доир намудани тадқиқотҳои махсуси санитарию эпидемиологӣ, муқаррар намудани алоқамандии сабабу натиҷаҳои байни вазъӣ саломатӣ ва муҳити зисти инсон дар асоси мониторинги иҷтимоию гигиенӣ, ошкор ва муқаррар менамоянд;*

*-тартиб ва пешбурди бақайдгирии давлатӣ ва ҳисоботи бемориҳои сироятӣ, аз ҷумла штампҳои истеҳсолии микроорганизмҳо, бемориҳои паразитӣ, касбӣ, бемориҳои ғайрисироятии оммавӣ, (заҳролудшавӣ аз маводи озуқа), дигар бемориҳои одамонро, ки ба таъсири бади омилҳои муҳити зисти инсон вобаста мебошанд, муқаррар менамоянд; ва тибқи тартиби муқарраргардида ҳисоботи давлатӣ пешниҳод мекунанд;*

*-доир ба сари вақт огоҳонидани аҳолӣ аз пайдоиши бемориҳои сироятӣ, бемориҳои ғайрисироятии оммавӣ (заҳролудшавӣ), вазъи муҳити зист ва чорабиниҳои санитарию зиддиэпидемие (пешгирикунандае), ки гузаронида мешаванд, тадбирҳо меандешанд;*

*-тадқиқотҳои илмӣ ва дигар тадқиқотҳо, инчунин сертификатсияи навъҳои алоҳидаи маҳсулотро дар соҳаи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ ташкил ва ҷорӣ менамоянд;*

*-тафтишот, тадқиқот, муоина, санҷишҳо, инчунин ташхис ва дигар навъи баҳодиҳиро мегузаронанд;*

*-корҳоро оид ба тарбияи гигиении аҳолӣ, кормандони корхонаҳои саноатӣ, кишоварзӣ ва хусусӣ ташкил менамоянд, дар омӯзондани аҳолӣ, аттестатсия, тарбияи гигиении кормандоне, ки фаъолияти онҳо бо истеҳсолот, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ва фурӯши маҳсулоти озуқа ва оби нушокӣ, тарбия ва омӯзонидани кӯдакон, хизматрасонии коммуналӣ ва маишии аҳолӣ вобаста аст, иштирок менамоянд;*

*-таҳия, интишор ва паҳн намудани маводи айёнӣ ва дигар иттилоотро оид ба омӯзиши тарбияи гигиении аҳолӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ, ба таври истисно ба воситаи мақомот ва муассисаҳои Хадамот мувофиқи супориши сардухтури давлатии санитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд;*

*-номгӯйи бемориҳоеро, ки ба муқобили онҳо эмкуниҳои ҳатмии пешгирикунанда гузаронида мешаванд, тартиб, мӯҳлатҳои гузаронидани онҳо ва гурӯҳи аҳолиро муайян менамоянд;*

*-тартиби гузаронидани муоинаҳои пешакӣ ва мунтазами тиббиро муқаррар менамоянд;*

*-тартиби баҳисобгирӣ, пешбурд ва ба коргарон додани дафтарчаҳои тиббии шахсӣро муайян менамоянд;*

*-тибқи тартиби муқаррааргардида бо супориши сардухтурони давлатии санитарӣ, инчунин тибқи аризаҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, оид ба арзёбии таъсири омилҳои муҳити зист ба саломатии инсон экспертизаҳои санитарию эпидемиологӣ ва машваратҳо доир менамоянд;*

*-назорати моддаҳои радиоактивӣ, манбаъҳои афканишоти ионизатсиякунанда ва ионизатсиянакунандаро дар соҳаи ҳифзи саломатии аҳолӣ анҷом медиҳанд.*

*Қонуни мазкур ваколати дигари мақомотро муқаррар намудааст, ки ба мақомоти экспертиза ва сертификатсияи маҳсулоти фармасевтӣ ва молҳои таъиноти тиббӣ махсуб мебошад.*

*Дар ин ҷода бештар бояд ба ваколатҳои дар «Низомнома»-и Хадамоти назорати давлатии фаъолияти фармасевтӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2008, № 483 тасдиқ шудааст ва мавриди амал қарор дорад, рӯ овард.*

*Вазифаҳои асосии Хадамот дар ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар вазорату идораҳо барномаи рушди соҳаи давлатии экспертиза, стандартонӣ, сертификатсияро дар қисмати кафолати таъмини давлатии аҳолӣ бо маводи доруворӣи хушсифат, ашёи хоми доруворӣ, маводи нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо, молҳои тиббӣ, маводи санитарию гигиенӣ, иловаҳои фаъоли биологӣ ва воситаҳои ороиши дорои хусусияти табобатию пешгирӣ бо татбиқи стандартҳои байналмилалӣ амалӣ менамояд;*

*-назорат ва санҷиши фаъолияти ташкилотҳои фармасевтӣ, новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравиашон, инчунин муомилоти қонунии маводи доруворӣ, маводи нашъадор, психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо, молҳои тиббӣ, маводи санитарию гигиенӣ, иловаҳои фаъоли биологӣ ва воситаҳои ороиши дорои хусусияти табобатию пешгирӣ;*

*-ҳамоҳангсозии байнисоҳавӣ ва назорати давлатии фаъолияти ташкилотҳои фармасевтӣ, новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравиашон оид ба масъалаҳои истеҳсол, тайёркунӣ, воридот, содирот, санҷиши сифат, нигоҳдорӣ,*

*фурӯш ва истифодабарии маводи доруворӣ, маводи нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо, молҳои тиббӣ, маводи санитарию гигиенӣ, иловаҳои фаъоли биологӣ ва воситаҳои ороиши дорои хусусияти табобатию пешгирӣ;*

*-таҳия ва пешбурди феҳристи давлатии маводи доруворӣ, ашёи хоми доруворӣ ва молҳои тиббӣ, маводи санитарию гигиенӣ;*

*-тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намудани корҳои омодасозӣ, барасмиятдарорӣ ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои рухсатномадиҳии воридот ва содироти маводи доруворӣ, молҳои тиббӣ, ашёи хоми доруворӣ, маводи санитарию гигиенӣ ва воситаҳои ороишии дорои хусусияти табобатию пешгирӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;*

*-тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намудани корҳои омодасозӣ, барасмиятдарорӣ ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои рухсатномадиҳии воридот ва содироти иловаҳои фаъоли биологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси хулосаи санитарию эпидемиологӣ;*

*-иҷрои корҳои бақайдгирии давлатии дорувории истеҳсоли ватанию хориҷӣ, ашёи хоми доруворӣ, молҳои тиббӣ, маводи санитарию гигиенӣ, иловаҳои фаъоли биологӣ ва воситаҳои ороишии дорои хусусияти табобатию пешгирӣ, бо тартиби муқарраргардида бекор кардани гувоҳномаҳои бақайдгирии онҳо;*

*-манъи истеҳсол, фурӯш ва аз муомилот бозпас гирифтани маводи доруворӣ, маводи нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо, молҳои тиббӣ, маводи санитарию гигиенӣ, иловаҳои фаъоли биологӣ ва воситаҳои ороишии дорои хусусияти табобатию пешгирие, ки ба талаботи стандартҳои амалкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат намекунанд;*

*-бо тартиби муқарраргардида таҳия ва тасдиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки соҳаи фаъолияти фармасевтиро ба танзим медароранд;*

*-назорати фаъолияти муассисаҳои соҳаи тандурустӣ бо мақсади аттестатсия ва аттестатсияи такрорӣ оид ба ҳуқуқи гузаронидани озмоиши клиникии маводи доруворӣ, ашёи хоми доруворӣ ва молҳои тиббӣ;*

*-гузаронидани аккредитатсия, аттестатсия ва санҷиши назоратии лабораторияҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият, ки ба фаъолияти фармасевтӣ машғуланд;*

*-гузаронидани аккредитатсияи муассисаҳои фармасевтӣ, корхона ва нуқтаҳои савдои маҳсулоти табобатию профилактикӣ, маводи ороишию гигиенӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла намояндагиҳои тиббии корхонаҳои истеҳсолии фармасевтии хориҷие, ки ба фаъолияти фармасевтӣ машғуланд;*

*-ташкил ва гузаронидани санҷишҳои назоратӣ дар муассисаҳои фармасевтӣ, табобатию профилактикӣ, нуқтаҳои фурӯш, новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравиашон оид ба иҷрои тартиб ва қоидаҳои нигоҳдорӣ, истифодабарӣ, тақсимот, истеҳсол ва фурӯши маводи доруворӣ, маводи нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо, молҳои тиббӣ, маводи санитарию гигиенӣ, иловаҳои фаъоли биологӣ ва воситаҳои ороиши дорои хусусияти табобатию пешгирӣ;*

*-гузаронидани санҷишҳои назоратии фаъолияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, сарфи назар аз шакли моликият ва тобеъияти идоравиашон, инчунин ташкилотҳои байналмиллалӣ оид ба иҷрои тартиб ва қоидаҳои воридот ва содирот, нигоҳдори ва тақсимоти ёрии башардӯстонаи маводи доруворӣ, маводи нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо, молҳои тиббӣ, маводи санитарию гигиенӣ, иловаҳои фаъоли биологӣ ва воситаҳои ороиши дорои хусусияти табобатию пешгирӣ;*

*-назорати давлатии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба фаъолияти фармасевтӣ машғуланд, новобаста аз шакли моликият ва тобеъияти идоравиашон оид ба риоя гардидани талаботи стандартҳои давлатӣ ва соҳавӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, инчунин талабот оид ба бастабандӣ ва тамғагузории маводи доруворӣ, молҳои тиббӣ, маводи санитарию гигиенӣ, иловаҳои фаъоли биологӣ ва воситаҳои ороиши дорои хусусияти табобатию пешгирӣ;*

*-назорати давлатии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба фаъолияти фармасевтӣ машғуланд, новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравиашон оид ба иҷро гардидани амрномаҳои Хадамот доир ба бартараф кардани қонуншиканиҳо, беҳтар намудани сифат, пешгирӣ намудани истеҳсол ва фурӯши маводи доруворӣ, маводи нашъадор,*

*моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо, молҳои тиббӣ, маводи санитарию гигиенӣ, иловаҳои фаъоли биологӣ ва воситаҳои ороиши дорои хусусияти табобатию пешгирие, ки ба талаботи стандартҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй нестанд;*

*-таҳия ва нашр намудани Фармакопеяи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;*

*-ташкили экспертизаи озмоиши токлиникӣ ва клиникии маводи доруворӣ, молҳои тиббӣ, маводи санитарию гигиенӣ, иловаҳои фаъоли биологӣ ва воситаҳои ороиши дорои хусусияти табобатию пешгирӣ, маводи нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо;*

*-ташкили назорати давлатӣ ва санҷиши истифодаи мақсадноки маводи доруворӣ, ашёи хоми доруворӣ, маводи нашъадор, моддаҳои психотропӣ, прекурсорҳо, молҳои тиббии аз ҳисоби маблагҳои буҷетӣ ва гайрибуҷетӣ дастрасшаванда;*

*-амалӣ намудани санҷиши фаъолияти базаҳои тадқиқотӣ ҳангоми тадқиқоти маводи доруворӣ ва молҳои тиббӣ, маводи санитарию гигиенӣ дар шароити клиникӣ, инчунин ҳангоми гузаронидани озмоишҳои токлиникии маводи нави доруворӣ ва молҳои тиббӣ дар миқёси Ҷумҳурии Тоҷикистон ;*

*-санҷиши (пешакӣ, минбаъдӣ, интихобӣ, арбитражӣ) сифати маводи доруворӣ, маводи нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо, молҳои тиббӣ, маводи санитарию гигиенӣ, иловаҳои фаъоли биологӣ ва воситаҳои ороиши дорои хусусияти табобатию пешгирӣ;*

*-назорат, бақайдгирӣ, сертификатсиякунонӣ ва дигар амале, ки ба муомилоти маводи доруворӣи сахттаъсир, маводи доруворӣи нашъадор, моддаҳои психотропӣ, прекурсорҳо, моддаҳои заҳрнок ва реактивҳои ташхисӣ вобаста мебошад;*

*-санҷиши назоратии таҳвилгарони хориҷӣ ва корҳои истеҳсолкунанда, новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравишон, аз ҷумла хориҷӣ ҳангоми бақайдгирии маводи доруворӣ, молҳои тиббӣ, маводи санитарию гигиенӣ ва иловаҳои фаъоли биологӣ ва воситаҳои ороиши дорои хусусияти табобатию пешгирӣ дар асоси созишнома ва шартномаҳои дутарафа;*

*-тибқи тартиби муқарраргардида ҳангоми воридоту содирот ва пеш аз фурӯш додани сертификати мутобиқат ва хулосаи сифати маводи доруворӣ, маводи нашъадор, моддаҳои*

*психотропӣ ва прекурсорҳо, молҳои тиббӣ, маводи санитарию гигиенӣ, иловаҳои фаъоли биологӣ ва воситаҳои ороишии дорои хусусияти табобатию пешгирӣ;*

*-муайян намудани тартиби гузаронидан, арзиш, маблаггузорӣ ва мухлати ҳамаи давраҳои экспертизаи токлиникӣ ва озмоишҳои клиникӣ, бақайдгирии давлатӣ, озмоиши маводи доруворӣ ва молҳои тиббӣ, сертификатсияи онҳо, бо тартиби муқаррааргардида амалӣ намудани назорати риояи онҳо;*

*-ташкили мақомоти давлатии экспертии машваратӣ (шӯроҳо, комиссияҳо ва гурӯҳҳо) дар соҳаи фаъолияти муқарраршуда;*

*-дар асоси қарордод таъмин намудани кормандони соҳаи тибб бо иттилооти касбии фармасевтӣ;*

*Тибқи муқаррароти «Низомнома» Хадамоти назорати давлатии фаъолияти фармасевтӣ ҳуқуқ дорад, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ бемамоният ва дар ҳар маврид дар тамоми корхонаҳо, муассиса ва дигар ташкилотҳо, новобаста аз шакли моликият ва тобеъияти идоравиашон, инчунин дар ташкилотҳои байналмилалӣ санҷиш ва назорати сифат ва безарарии маводи доруворӣ, маводи нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо, молҳои тиббӣ, маводи санитарию гигиенӣ, иловаҳои фаъоли биологӣ ва воситаҳои ороишии дорои хусусияти табобатию пешгириро гузаронад;*

*-намунаҳои маводи доруворӣ, маводи нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо, молҳои тиббӣ, иловаҳои фаъоли биологӣ ва воситаҳои ороишии дорои хусусияти табобатию пешгириро барои гузаронидани таҳлили (озмоиши) сифат бо тартиби муқарраршуда, аз ҳисоби корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо ройгон гирад;*

*-ҳангоми назорати ташкилотҳои фармасевтӣ, табобатию профилактикӣ ва дигар муассисаҳо, маводи дорувор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бақайдгирифтанашуда, агар ин баҳри пешгирии зиён ба саломатии аҳолӣ зарур бошад ва ё агар воситаҳои доруворӣ тибқи нишондодашон фоидаовар набошанд, ва ё сифати воситаҳои доруворӣ ба талаботи стандарти амалкунанда ҷавобгӯ набошад ва ё мухлати истифодаи воситаҳои доруворӣ ва молҳои тиббӣ гузашта бошад воситаҳои доруворӣ ва молҳои тиббии қалбакӣ, ки сертификати мувофиқати сифат надоранд тибқи тартиби*

*муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки комиссияи босалоҳият нобуд (сӯзонида) мешаванд;*

*-истеҳсол, ҳамлу нақл ва муомилоти маводи доруворӣ, маводи нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо, молҳои тиббӣ, маводи санитарию гигиенӣ, иловаҳои фаъоли биологӣ ва воситаҳои ороишии дорои хусусияти табобатию пешгириеро, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд нагирифта нашудаанд ва ё иҷозат дода нашудаанд ё ҳуҷҷатҳои меъёриашон мувофиқи тартиби муқарраргардида тасдиқ карда нашудаанд ё сертификати мутобиқат надоранд боздорад ва ё манъ намояд;*

*-тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пешбурди мурофиаи парвандаҳоро оид ба ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ анҷом диҳад ва муҷозоти маъмуриро татбиқ намояд;*

*-тибқи тартиби муқарраргардида фаъолияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиеро, ки ба фаъолияти фармасевтӣ машғуланд, инчунин лабораторияҳои соҳаи фармасевтиро, новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравиашон, ки талаботҳои қонунгузории вобаста ба ҳифзи саломатии аҳолиро риоя намекунанд, боздорад;*

*-барои қабул намудани қарорҳое, ки ба салоҳияти Хадамот марбут аст, маълумоти заруриро тибқи тартиби муқарраргардида талаб намояд ва гирад;*

*-маводи доруворӣ, маводи нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо, молҳои тиббӣ, маводи санитарию гигиенӣ, иловаҳои фаъоли биологӣ ва воситаҳои ороишии дорои хусусияти табобатию пешгириро, ки сертификати мутобиқат ё хулосаи ташхис надоранд ва ба талаботи стандартҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат намекунанд, аз муомилот гирад;*

*-барои гузаронидани санҷиш нусхаҳои ҳуҷҷатҳои заруриро гирад;*

*-ба Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ошкор намудани қонуншиканиҳои ҷиддӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ба фаъолияти фармасевтӣ машғулбуда, ҷиҳати роҳ надодани онҳо ба амалӣ намудани фаъолияти фармасевтӣ таклифҳо пешниҳод намояд;*

*-назорати рекламаи маводи доруворӣ, молҳои тиббӣ ва иловаҳои фаъоли биологӣ ва ороишӣ, ки хусусияти табобатию пешгирӣ доранд ба амал мебарорад;*

*-мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо мақсади пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо чораҳои маҳдудкунӣ, огоҳкунӣ ва пешгирикуниро ҷиҳати роҳ надодан ва ё барҳам додани оқибатҳои вайронкунии талаботи ҳатмии фаъолияти соҳаҳои муқараргардида аз тарафи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ қабул ва татбиқ намояд;*

*-ба дорухонаҳо, муассисаҳо, корхонаҳо ва дигар ташкилотҳои табобатию профилактикие, ки ба фаъолияти фармасевтӣ машғуланд, новобаста аз шакли моликият ва тобеъияти идоравиашон, инчунин ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ташкилотҳои байналмилалию хориҷӣ, ҷиҳати бартараф намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ва камбудиҳои ҳангоми санҷиш ошкоргардида, дастур ва амрнома диҳад;*

*-чорабиниҳоро оид ба тайёр намудан, таҷрибаомӯзӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси мутахассисон барои Хадамот ва дигар муассисаҳои фармасевтӣ амалӣ намояд;*

*-мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои байналмилалиро дар соҳаи стандартонӣ, сертификатсиякунонӣ, экспертизаи маводи доруворӣ, аз ҷумла нашъаовар, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо, молҳои тиббӣ, маводи санитарию гигиенӣ, иловаҳои фаъоли биологӣ ва воситаҳои ороишии дорои хусусияти табобатию пешгирӣ, инчунин баланд бардоштани тахассуси мутахассисон анҷом диҳад.*

*Қисми аввали моддаи тафсиршаванда ҳамчун мақоми ваколатдор мақомоти ҳифзи муҳити зист ва захираҳои табииро пешбинӣ намудааст, ки дар доираи салоҳияти худ назорати сифат ва бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) - ро анҷом медиҳад.*

*Қонунгузории соҳаи ҳифзи муҳити зист, хусусан Боби 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» салоҳияту ваколатҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зистро муқаррар менамояд.*

*Дар қонуни мазкур ваколатҳои мақомотҳо дар алоҳидагӣ бар души онҳо вогузошта шудааст, яъне ваколати вогузоршаванда, муштарак ва истисноӣ, масалан моддаи 8 салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаҳои 9,10,11 ваколатҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ, мақомоти маҳаллии*

*ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳотро дар соҳаи ҳифзи муҳити зист пешбинӣ менамояд.*

*Инчунин моддаи тафсиршаванда дигар мақомотҳои идоракунии давлатиеро, ки баҳри бехатарии маҳсулот, мувофиқати маҳсулот, ҷараёни коркард, истеҳсол, истифодабарӣ, нигаҳдорӣ, интиқол, фурӯш, коркарди партовҳои он, иҷрои кор ва хизматрасонӣ ба талаботи техникии вуҷуд надоштани хатари норавои овардани зарар ба ҳаёту саломатӣ ва ирсияти инсон, молу мулк ва муҳити зист пешбинӣ шударо ваколатдор ҳастанд, ишора намудааст.*

**Моддаи 40. Чораҳои ҷазои таъиннамудаи мақоми зиддиинҳисорӣ, мақоми давлатии оид ба стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти давлатӣ, ки назорати сифат ва бехатарии молро анҷом медиҳанд**

**Мақоми зиддиинҳисорӣ ҳуқуқ дорад истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) - ро барои саркашӣ намудан аз иҷро ё дер иҷро кардани амриҳои қонунии ӯ оид ба қатъи вайронкуниҳои ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар ҳаҷми то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳоҷарима намояд.**

**Ҷаримаро шахсӣ мансабдори мақоми зиддиинҳисорӣ таъин мекунад.**

**Мақоми давлатии оид ба стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти давлатӣ, ки назорати сифат ва бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) - ро дар доираи салоҳияти худ анҷом медиҳанд, ҳуқуқ доранд дар ҳолатҳои зерин ҷарима намоянд:**

**- саркашӣ намудан аз иҷро ё дер иҷро кардани амриҳои қонунии онҳо аз ҷониби истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) дар ҳаҷми то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо;**

**- бо моле (коре, хизматрасоние), ки ба талаботи пешниҳодгардидаи бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) ҷавобгӯ намебошад, ба истеъмолкунанда расонидани зарар - дар ҳаҷми то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо;**

**- фурӯши мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ), аз ҷумла моли воридотӣ, бе ҳуҷҷатҳои тасдиқи ҳатмии мувофиқати мол (кор, хизматрасонӣ) ба талаботи ҳатмии стандартҳо - дар ҳаҷми арзиши моли фурӯхташуда (кори иҷрогардида, хизмати расонидашуда);**

**- аз тарафи мақомоти сертификатсия риоя накардани қоидаҳои тасдиқи ҳатмии мувофиқати мол (кор, хизматрасонӣ), инчунин ба лабораторияи (маркази) озмоишӣ пешниҳод кардани натиҷаҳои нодурусти озмоиши мол (кор, хизматрасонӣ) ҳангоми тасдиқи ҳатмии мувофиқати он - дар ҳаҷми арзиши дукаратаи иҷрои кор (хизматрасонӣ) оид ба тасдиқи мувофиқат.**

**Ҳаҷми ҷаримаи пешбинӣгардидаи моддаи мазкур дар ҳар як ҳолати мушаххас бо назардошти андозаи зарари расида ва ҳолатҳои дигар муайян карда мешавад. Ҷарима аз рӯзи баровардани қарор дар хусуси рӯёнидани он дар муҳлати сӣ рӯз пардохта мешавад.**

**Ҷаримаҳои пешбинӣгардидаи моддаи мазкур, ки барои соҳибкорони инфиродӣ таъин гардидаанд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида мешаванд.**

**Маблағи ҷаримаҳои мутобиқи Қонуни мазкур ситонидашаванда ба буҷети давлатӣ ворид карда мешавад.**

**Истеҳсолкунандагони (иҷрокунандагони, фурӯшандагони) мол (кор, хизматрасонӣ), мақомоти сертификатсиякунонӣ, лабораторияҳои (марказҳои) озмоишӣ ҳуқуқ доранд дар хусуси пурра ё қисман нодуруст эътироф намудани амрияҳои мақоми зиддиинҳисорӣ, мақоми давлатии оид ба стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти давлатӣ, ки назорати сифат ва бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) - ро анҷом медиҳанд ва оид ба бекор кардан ё тағйир додани қарорҳои дахлдор доир ба ҷаримаситонӣ бо ариза ба суд муроҷиат намоянд.**

**Амрияҳо ва қарорҳои ҷаримаситонӣ метавонанд аз рӯзи баровардани онҳо дар муддати даҳ рӯз мавриди шикоят қарор дода шаванд.**

**Пардохти маблағи ҷаримаи басташуда аз иҷрои талаботи амрияи додашуда озод намекунад.**

***Тафсир.*** *Дар моддаи тафсиршаванда сухан дар бораи чораҳои чазоеки аз чониби макомоти зиддиинхисори барои бесифат истехсол намудани мол татбик карда мешаванд меравад. Кабулшудани конунхои зиёде дар ин самт моро водор мекунад, ки махсулоти хушсифати аз чихати экологи тозаро истехсол намоем. Бинобар хамин хам мақомоти зиддиинҳисорӣ ҳуқуқ дорад истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) - ро барои саркашӣ намудан аз иҷро ё дер иҷро кардани амрияҳои қонунии ӯ оид ба қатъи вайронкуниҳои ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар ҳаҷми то*

*сад нишондиҳанда барои ҳисобҳоҷарима намояд. Кобили зикр аст, ки Мувофики моддаи 20. Конуни Чумхурии Точикистон «Дар бораи ракобат ва махдудкунии фаъолияти инхисори дар бозорхои мол» аз 28-уми июли соли 2006 чавобгарии субъектҳои хоҷагидор пешбинӣ намудааст. Бинобар хамин хам Аз субъектҳои хоҷагидор барои вайронкориҳои зерин ҳамчун чораи ҷазо ҷарима ситонида мешаванд:*

*- барои дар муҳлати муқарраргардида иҷро накардани амри мақоми давлатии зиддиинҳисорӣ – ба андозаи 500 (панҷсад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо;*

*- барои ба мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ пешниҳод накардани дархост ва аризае, ки дар моддаҳои 15 ва 16 Қонуни мазкур пешбинӣ шудааст – ба андозаи 500 (панҷсад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо;*

*- барои иҷро накардани талаботи қарори мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ, ки мувофиқи қисми чоруми моддаи 15 ва қисми ёздаҳуми моддаи 16 Қонуни мазкур пешниҳод шудааст – ба андозаи 1000 (як ҳазор) нишондиҳанда барои ҳисобҳо;*

*- барои дар муҳлати муқарраргардида пешниҳод накардани ҳуҷҷат ё дигар ахбор, ки дар моддаҳои 15 ва 16 Қонуни мазкур нишон дода шудааст, ба андозаи 1000 (як ҳазор) нишондиҳанда барои ҳисобҳо;*

*- барои ба мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ пешниҳод намудани маълумоти носаҳеҳ – ба андозаи 100 (сад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо;*

*- барои ба мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳо мутобиқи моддаи 14 Қонуни мазкур – ба андозаи 200 (дусад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо.*

*Соҳибкорони инфиродӣ дар мавридҳои зерин гунаҳкор ҳисобида мешаванд агар:*

*- дар муҳлати муқарраргардида ҳуҷҷат ё ахбори дигарро, ки барои амалӣ гардонидани фаъолияти мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ зарур аст, пешниҳод накунанд – ҷавобгарии маъмурӣ дар намуди огоҳӣ ё ҷарима ба андозаи 20 (бист) нишондиҳанда барои ҳисобҳо;*

*- барои содир намудани амале (беамалие), ки тартиби пешбинӣ намудаи моддаҳои 15 ва 16 Қонуни мазкурро вайрон менамояд, дар давоми ду моҳ ошкор намудани чунин амал (беамалӣ) аз тарафи мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ –*

*ҷавобгарии маъмурӣ дар намуди огоҳӣ ё ҷарима ба андозаи 20 (бист) нишондиҳанда барои ҳисобҳо;*

*- барои иҷро накардани талаботи мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ, ки мувофиқи моддаҳои 15 ва 16 Қонуни мазкур пешбинӣ шудаанд – ҷавобгарии маъмурӣ дар намуди огоҳӣ ё ҷарима ба андозаи 30 (сӣ) нишондиҳанда барои ҳисобҳо.*

*Пардохти ҷарима субъекти хоҷагидорро аз ӯҳдаи иҷрои қарори (амри) мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ озод намекунад. Ҷаримаро шахсӣ мансабдори мақоми зиддиинҳисорӣ мувофики конунгузори таъин мекунанд. Мақоми давлатии оид ба стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки назорати сифат ва бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) - ро дар доираи салоҳияти худ анҷом медиҳанд, ҳуқуқ доранд дар ҳолатҳои зерин ҷарима намоянд.*

*Кобили зикр аст, ки дар холати саркашӣ намудан аз иҷро ё дер иҷро кардани амрияҳои қонунии онҳо аз ҷониби истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) дар ҳаҷми то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо чарима карда мешавад. Дар холатеки бо моле (коре, хизматрасоние), ки ба талаботи пешниҳодгардидаи бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) ҷавобгӯ намебошад, ба истеъмолкунанда расонидани зарар - дар ҳаҷми то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо. фурӯши мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ), аз ҷумла моли воридотӣ, бе ҳуҷҷатҳои тасдиқи ҳатмии мувофиқати мол (кор, хизматрасонӣ) ба талаботи ҳатмии стандартҳо - дар ҳаҷми арзиши моли фурӯхташуда (кори иҷрогардида, хизмати расонидашуда).аз тарафи мақомоти сертификатсия риоя накардани қоидаҳои тасдиқи ҳатмии мувофиқати мол (кор, хизматрасонӣ), инчунин ба лабораторияи (маркази) озмоишӣ пешниҳод кардани натиҷаҳои нодурусти озмоиши мол (кор, хизматрасонӣ) ҳангоми тасдиқи ҳатмии мувофиқати он - дар ҳаҷми арзиши дукаратаи иҷрои кор (хизматрасонӣ) оид ба тасдиқи мувофиқат. Ҳаҷми ҷаримаи пешбинӣгардидаи моддаи мазкур дар ҳар як ҳолати мушаххас бо назардошти андозаи зарари расида ва ҳолатҳои дигар муайян карда мешавад. Ҷарима аз рӯзи баровардани қарор дар хусуси рӯёнидани он дар муҳлати сӣ рӯз пардохта мешавад. Ҷаримаҳои пешбинӣгардидаи моддаи мазкур, ки барои соҳибкорони инфиродӣ таъин гардидаанд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида мешаванд. Маблағи ҷаримаҳои мутобиқи*

*Қонуни мазкур ситонидашаванда ба буҷети давлатӣ ворид карда мешавад.*

*Истеҳсолкунандагони (иҷрокунандагони, фурӯшандагони) мол (кор, хизматрасонӣ), мақомоти сертификатсиякунонӣ, лабораторияҳои (марказҳои) озмоишӣ ҳуқуқ доранд дар хусуси пурра ё қисман нодуруст эътироф намудани амрияҳои мақоми зиддиинҳисорӣ, мақоми давлатии оид ба стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти давлатӣ, ки назорати сифат ва бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) - ро анҷом медиҳанд ва оид ба бекор кардан ё тағйир додани қарорҳои дахлдор доир ба ҷаримаситонӣ бо ариза ба суд муроҷиат намоянд. Амрияҳо ва қарорҳои ҷаримаситонӣ метавонанд аз рӯзи баровардани онҳо дар муддати даҳ рӯз мавриди шикоят қарор дода шаванд. Пардохти маблаги ҷаримаи бастанюда аз иҷрои талаботи амрияи додашуда озод намекунад.*

**Моддаи 41. Аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳимоя карда шудани ҳуқуқи истеъмолкунандагон**

**Бо мақсади ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ сохторҳои дахлдор ташкил карда мешаванд, ки онҳо:**

**- шикояти истеъмолкунандагонро баррасӣ мекунанд ва ба онҳо оид ба масъалаҳои ҳуқуқи истеъмолкунандагон маслиҳат медиҳанд:**

**- шартномаҳои бо фурӯшандагон (иҷрокунандагон, истеҳсолкунандагон) бастаи истеъмолкунандагонро бо мақсади ошкор намудани шартҳое, ки ҳуқуқи истеъмолкунандагонро маҳдуд месозанд, таҳлил мекунанд;**

**- ҳангоми ошкор намудани моли (кори, хизматрасонии) дорои сифати номатлуб, инчунин барои ҳаёт, саломатӣ ва амволи истеъмолкунандагон ва барои муҳити зист хатарнок мақомоти ҳокимияти иҷроияро, ки назорати сифат ва бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) - ро амалӣ мекунанд, фавран огоҳ месозанд;**

**- дар ҳолати ошкор намудани фурӯши мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ), ки маълумоти дуруст ва кофӣ надорад ё муҳлати коршоямиаш гузаштааст ё худ муҳлати коршоямиаш зикр нашудааст, агар муқаррар намудани ин мӯҳлатҳо ҳатмӣ**

**бошад, фурӯши мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) - ро то пешниҳод намудани маълумот боз медоранд ё қатъ мекунанд;**

**- ба суд ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон (доираи номуайяни истеъмолкунандагон) муроҷиат мекунанд.**

***Тафсир.*** *Дар моддаи тафсиршаванда сухан дар бораи сохторхои алохидаеки дар назди макомотхои махаллии хокимияти давлатӣ барои химоя намудани хукукхои истеъмолкунандагон меравад.Чихати ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ сохторҳои дахлдор ташкил карда мешаванд, ки онҳо арзу дархост ва шикоятхои истеъмолкунандагонро кабул, мухокима, баррасӣ мекунанд ва ба онҳо оид ба масъалаҳои ҳуқуқи истеъмолкунандагон маслиҳат лозимаро медиҳанд. Инчунин макомотхои ичроияи махаллии хокимияти давлатӣ хукук доранд, ки шартномаҳои бо фурӯшандагон (иҷрокунандагон, истеҳсолкунандагон) бастаи истеъмолкунандагонро бо мақсади ошкор намудани шартҳое, ки ҳуқуқи истеъмолкунандагонро маҳдуд месозанд, таҳлил кунанд. Дар инчо барои макомоти давлатӣ мукаррароти конунгузории граждании Чумхурии Точикистон дар бобати шартномахо зарур мебошад.*

*Макомотхои ичроияи махаллии хокимияти давлатӣ ҳангоми ошкор намудани моли (кори, хизматрасонии) дорои сифати номатлуб, инчунин барои ҳаёт, саломатӣ ва амволи истеъмолкунандагон ва барои муҳити зист хатарнок мақомоти ҳокимияти иҷроияро, ки назорати сифат ва бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) - ро амалӣ мекунанд, фавран огоҳ месозанд. Мақомоти ҳокимияти иҷроияро дар ҳолати ошкор намудани фурӯши мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ), ки маълумоти дуруст ва кофӣ надорад ё муҳлати коршоямиаш гузаштааст ё худ муҳлати коршоямиаш зикр нашудааст, агар муқаррар намудани ин мӯҳлатҳо ҳатмӣ бошад, фурӯши мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) - ро то пешниҳод намудани маълумот боз медоранд ё қатъ мекунанд. Мақомотхои ҳокимияти иҷроияро ба суд ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон метавонанд муроҷиат кунанд.*

**Моддаи 42. Ҳуқуқи иттиҳодияҳои ҷамъиятии истеъмолкунандагон (ассотсиатсия, иттифоқҳои онҳо)**

**Шаҳрвандон ҳуқуқи ихтиёран дар иттиҳодияҳои ҷамъиятии истеъмолкунандагон (ассотсиатсия, иттифоқҳои онҳо) муттаҳид шуданро доранд.**

**Иттиҳодияҳои ҷамъиятии истеъмолкунандагон (ассотсиатсия, иттифоқҳои онҳо) дар мавридҳои пешбинӣнамудаи оинномаи иттиҳодияҳои мазкур (ассотсиатсия, иттифоқҳои онҳо) ҳуқуқ доранд, ки:**

**- дар таҳияи талабот ба бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) ва ҳамчунин ба стандартҳое, ки талаботи ҳатмиро дар ин соҳа муқаррар менамоянд, ба лоиҳаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки муносибатҳоро дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунанда танзим менамоянд, иштирок кунанд;**

**- экспертизаи мустақилонаи сифат ва бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) – ро аз рӯи супориш дар ташкилотҳои дахлдор ё дар мавриди доштани лабораторияҳои худӣ гузаронанд, ба шарте, ки мақомоти дахлдор барои салоҳияти техникӣ доштани онҳо иҷозат дода бошанд;**

**- риоя шудани ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва қоидаҳои хизматрасонии тиҷоратӣ, маишӣ ва дигар намудҳои ба истеъмолкунандагон хизматрасониро тафтиш намоянд, бо супориши истеъмолкунандагон дар гузаронидани экспертиза доир ба риоя нашудани ҳуқуқи истеъмолкунандагон иштирок кунанд;**

**- ба мақомоти идоракунии давлатӣ ва ташкилотҳо доир ба беҳтар кардани сифати мол (кор, хизматрасонӣ), истеҳсол накардан, аз муомилот гирифтани моле (коре, хизматрасоние), ки барои ҳаёт, саломатӣ, амволи истеъмолкунанда ва муҳити зист хавфу хатар доранд, таклифҳо пешниҳод намоянд;**

**- ҳамроҳи мақомоти идоракунии давлатӣ дар назорати татбиқи нархҳои идорашаванда ширкат варзад, тарифҳоеро, ки мақомоти давлатӣ барои ба ҷо овардани хизмати аҳолӣ (истеъмолкунандагон) муқаррар менамояд, мустақиман экспертиза кунад;**

**- ба мақомоти прокуратура ва мақомоти идоракунии давлатӣ дар бораи ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони барои истеҳсолу фурӯши моли (иҷрои кори, хизматрасонии) ба талаботи муқаррргардида нисбати бехатарӣ ва сифати мол (кор, хизматрасонӣ) номувофиқ ва ҳамчунин барои риоя накардани ҳуқуқи истеъмолкунандагон айбдоранд, мавод пешниҳод намоянд;**

**- аз мақомоти прокуратура хоҳиш намоянд, ки дар бораи беэътибор донистани санадҳои мақомоти идоракунии давлатӣ ва санадҳои мақомоти худидораи маҳаллӣ, ки хилофи қонунҳои танзимкунандаи муносибатҳои соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагонанд, эътироз баён кунанд;**

**- барои ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ( доираи номуайяни истеъмолкунандагон) ба суд муроҷиат намоянд.**

***Тафсир.*** *Чунонеки ба мо маълум аст иттиҳодияи ҷамъиятӣ – иттиҳоди ихтиёрӣ, худидора ва ғайритиҷоратии шаҳрвандон мебошад, ки дар асоси умумияти манфиатҳо барои амалӣ намудани мақсадҳое муттаҳид гардидаанд, ки дар оинномаи иттиҳодияи ҷамъиятӣ нишон дода шудаанд. Дар Чумхурии Тоҷикистон шахрвандон хукук ба муттахид шуданро доранд. Бинобар хамин хам ҳуқуқи шаҳрвандон ба муттаҳидшавӣ ҳуқуқи дар асоси ихтиёрӣ бо мақсади ҳифзи манфиатҳои умумӣ ва ноил гардидан ба мақсадҳои умумӣ таъсис додани иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шомил шудан ба иттиҳодияҳои ҷамъиятии мавҷуда ё худдорӣ кардан аз шомилшавӣ ба онҳо, инчунин аз ин иттиҳодияҳо бе мамониат баромаданро дар бар мегирад. Шаҳрвандон ҳуқуқ доранд мустақилона, бе иҷозати пешакии мақомоти давлатӣ иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ таъсис диҳанд, инчунин ба ин гуна иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо шарти риоя кардани меъёрҳои оинномавии онҳо дохил шаванд.*

*Иттиҳодияҳои ҷамъиятии истеъмолкунандагон, ассотсиатсия ва иттифоқҳои онҳо дар мавридҳои пешбинӣнамудаи оинномаи иттиҳодияҳои мазкур ва дигар санадхои меъёри хукуки (ассотсиатсия, иттифоқҳои онҳо) ҳуқуқ доранд, ки:*

*Дар таҳияи талабот ба бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) ва ҳамчунин ба стандартҳое, ки талаботи ҳатмиро дар ин соҳа муқаррар менамоянд, ба лоиҳаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки муносибатҳоро дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунанда танзим менамоянд, иштирок кунанд. Ин кисмати меъёри конун маънои онро дорад, ки иттиходияхои чамъиятии истеъмолкунанда дар дар раванди кабули пешниходхо чихати мукаммал намудани конунхо бояд иштирок кунанд.*

*Моли истехсолшуда бояд аз экспертизаи мустақилонаи сифат ва бехатарии мол, кор , хизматрасони гузаронида, шавад ва барои босифат будани он аз чониби макомоти давлатӣ сертификати мутобикат дода шавад. Мувофики моддаи 17 Конуни*

*Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи баходихии мутобикат» аз 2-уми августи соли 2011 мақсад ва принсипҳои сертификатсиякуниро мукаррар намудааст. Сертификатсия бо мақсадҳои зерин амалӣ карда мешавад:*

*- тасдиқ намудани мутобиқати объектҳои баҳодиҳии мутобиқат ба талаботи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳаи стандартонӣ;*

*- мусоидат намудан ба истеъмолкунандагон дар интихоби дурусти маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ.*

*Принсипҳои сертификатсия инҳо мебошанд:*

*- ошкоро ва дастрас будани қоида ва расмиёти сертификатсия;*

*- мустақил будани мақомоти аккредитатсияшуда оид ба сертификатсия ва озмоишгоҳ (марказ)-ҳои санҷишии аккредитатсияшуда аз дархосткунандагони сертификатсия;*

*- ҳифзи манфиатҳои молумулкии дархосткунандагони сертификатсия, аз ҷумла бо роҳи риояи махфияти маълумоте, ки дар раванди расмиёти сертификатсия дастрас мегарданд.*

*Инчунин сертификатсия метавонад ҳатмӣ ё ихтиёрӣ бошад.*

*Истеъмолкунандагон ҳуқуқи доранд қоидаҳои хизматрасонии тиҷоратӣ, маишии истеъмолкунандагонро тафтиш намоянд, бо супориши истеъмолкунандагон дар гузаронидани экспертиза доир ба риоя нашудани ҳуқуқи истеъмолкунандагон озодона иштирок кунанд. Инчунин ба мақомоти идоракунии давлатӣ ва ташкилотҳо доир ба беҳтар кардани сифати мол (кор, хизматрасонӣ), истеҳсол накардан, аз муомилот гирифтани моле (коре, хизматрасоние), ки барои ҳаёт, саломатӣ, амволи истеъмолкунанда ва муҳити зист хавфу хатар доранд, таклифҳо пешниҳод намоянд. Хамроҳи мақомоти идоракунии давлатӣ дар назорати татбиқи нархҳои идорашаванда ширкат варзад, тарифҳоеро, ки мақомоти давлатӣ барои ба ҷо овардани хизмати аҳолӣ (истеъмолкунандагон) муқаррар менамояд, мустақиман экспертиза кунад. Ба мақомоти прокуратура ва мақомоти идоракунии давлатӣ дар бораи ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони барои истеҳсолу фурӯши моли (иҷрои кори, хизматрасонии) ба талаботи муқаррааргардида нисбати бехатарӣ ва сифати мол (кор, хизматрасонӣ) номувофиқ ва ҳамчунин барои риоя накардани ҳуқуқи истеъмолкунандагон айбдоранд, мавод пешниҳод намоянд;*

*Мақомоти прокуратура бораи беэътибор донистани санадҳои мақомоти идоракунии давлатӣ ва санадҳои мақомоти худидораи маҳаллӣ, ки хилофи қонунҳои танзимкунандаи муносибатҳои соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагонанд, мебошанд эътироз баён мекунад. Бинобар хамин хам мувофики моддаи 25 Конуни констимтутсионии Чумхурии Точикистон «Дар бораи макомоти пракуратура» аз 25-июли соли 2005 макомоти пракуратура барои бартараф намудани конунвайронкуни этироз меорад.*

*Эътироз доир ба санад, супориш ва дигар ҳуҷҷатҳои мақомот ва шахсони мансабдоре, ки хилофи қонун мебошанд, аз ҷониби прокурор ё муовинонаш ба мақомоти интишордодаи ин санад ё мақомоти болоӣ оварда мешавад.*

*Прокурор дар эътирози худ масъалаҳои бекор кардани санад, ба қонун мутобиқ гардонидани он, инчунин қатъ кардани амали ғайриқонунии шахсони мансабдор, барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшударо ба миён мегузорад.*

*Эътирози прокурор амали санади аз болояш эътирозовардашударо бозмедорад ва онро бояд мақомоти дахлдор ё шахсӣ мансабдор на дертар аз даҳ рӯзи баъди ворид шуданаш ҳатман баррасӣ намояд.*

*Дар ҳолати овардани эътироз нисбати қарори мақомоти маҳаллии намояндагии ҳокимияти давлатӣ он бояд дар иҷлосияи наздиктарин баррасӣ шавад. Дар ҳолатҳои истисноӣ, ки бартараф намудани ҳолатҳои вайронкунии қонунро талаб мекунад, прокурор ҳуқуқ дорад барои баррасии эътироз муҳлати кӯтоҳтар муқаррар намояд. Аз натиҷаи баррасӣ ба прокурор фавран хаттӣ хабар дода мешавад.*

*Дар сурати баррасӣ кардани эътироз дар мақомоти машваратӣ дар бораи рӯзи маҷлис ба прокуроре, ки эътироз овардааст, хабар дода мешавад.*

*Эътироз мумкин аст то баррасӣ шудани он аз ҷониби прокурори эътирозоварда ё прокурори болоӣ бозхонда шавад.*

*Дар сурати бесабаб рад кардани эътироз ё дар муҳлати муқарраршуда дида набаромадани он прокурор метавонад дар бораи ғайриқонунӣ донистани санад ба суд бо аризаи даъвогӣ мурожиат намояд. Пешниҳоди чунин ариза амали санади ҳуқуқиро бозмедорад.*

*Инчуни истеъмолкунандагон барои ҳимояи ҳуқуқхои худ метавонанд ба суд мурочиат кунанд.*

*Дар моддаи 24-уми Конуни ЧТ дар бораи «Иттиходияхои чамъияти» хукукхои иттиходияхои чамъияти мукаррар карда шудаанд. Бинобар он кобили зикр аст, ки барои амалӣ намудани мақсадҳои оинномавӣ иттиҳодияи ҷамъиятӣ ҳуқуқҳои зеринро доранд:*

*- дар бораи фаъолияти худ озодона ахбор паҳн намояд;*

*- дар таҳияи қарорҳои мақомоти давлатӣ бо тартиб ва дар доираи пешбиникардаи Қонуни мазкур ва дигар қонунҳо иштирок намояд;*

*- маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, намоишҳо, роҳпаймоиҳо ва дигар чорабиниҳои оммавиро бо тартиби пешбиникардаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронад;*

*- мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон воситаҳои ахбори оммаро таъсис ва фаъолияти нашриро анҷом диҳад;*

*- дар мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, суд ҳуқуқҳои худ, манфиатҳои қонунии аъзо ва иштирокчиёни худ, инчунин дигар шаҳрвандонро намояндагӣ ва ҳифз намояд;*

*- аз рӯи масъалаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ бо ташаббусҳо баромад намояд, ба мақомоти давлатӣ пешниҳодҳо кунад;*

*- аз мақомоти давлатӣ маълумоте гирад, ки барои иҷрои вазифаҳои оинномавӣ зарур аст, ба истиснои ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;*

*- тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти истеҳсолӣ ва хоҷагиро, ки он ба иҷрои мақсаду вазифаҳои оинномавӣ мусоидат менамояд, анҷом диҳад, аз он ҷумла бо ёрии ташкилотҳои тиҷоратие, ки барои ин мақсадҳо таъсис дода мешаванд;*

*- барои татбиқи фаъолияти оинномавӣ дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ бо мақсади гирифтани фармоишҳои иҷтимоӣ, грантҳо, стипендияҳо ва дигар афзалиятҳои бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъна-гардида иштирок намояд;*

*- бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар бораи ҳамкории илмию техникӣ, иқтисодӣ, молиявӣ ва истеҳсолӣ дар бораи расонидани хизмат ва иҷрои корҳое, ки ба татбиқи мақсад ва иҷрои вазифаҳои оинномавӣ нигаронида шудаанд, созишномаҳо бандад;*

*- мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои илмию тадқиқотӣ ва лоиҳавию конструкториро амалӣ гардонад,*

*лоиҳаю барномаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятнокро аз санҷиши ҷамъиятӣ гузаронад, дар кори комиссияҳои муштарак оид ба баррасии онҳо иштирок намояд, ба шарте ки ин намудҳои фаъолият дар оинномa пешбинӣ шуда бошанд.*

**Моддаи 43. Ҳифзи манфиати гурӯҳи номуайяни истеъмолкунандагон**

**Мақоми зиддиинҳисорӣ, мақомоти идоракунии давлатӣ, ки назорати сифат ва бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) - ро анҷом медиҳанд, ҳуқуқ доранд дар бораи эътирофи амали фурӯшандаҳо (истеҳсолкунандагон, иҷрокунандагон) ё ташкилоте, ки дар асоси шартнома бо онҳо вазифаи фурӯшанда (истеҳсолкунанда) - ро иҷро мекунад, нисбати гурӯҳи номуайяни истеъмолкунандагон ва қатъи ин амалҳо ба суд даъво пешниҳод намоянд.**

**Ҳангоми қонеъ гардонидани чунин даъво суд қонуншиканро вазифадор месозад, ки дар муҳлати муқаррарнамудаи суд аз тариқи воситаҳои ахбори умум ё бо тарзи дигар қарори судро ба маълумоти истеъмолкунанда расонад.**

**Қарори эътибори қонунӣ пайдокардаи суд нисбати гурӯҳи номуайяни истеъмолкунандагон оид ба зиддиҳуқуқӣ эътироф намудани амалҳои фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) ё ташкилоти тибқи шартномаи бо ӯ басташуда вазифаи фурӯшанда (истеҳсолкунанда) - ро иҷрокунанда, барои суде, ки даъвои истеъмолкунандаро дар хусуси оқибатҳои ҳуқуқии граждании амали фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда) ё ташкилоти дар асоси шартномаи бо ӯ басташуда вазифаи фурӯшанда (истеҳсолкунанда) - ро иҷрокунанда баррасӣ менамояд, оид ба масъалаҳои ҷой доштан ё надоштани ин амалҳо ва аз ҷониби шахсони мазкур содир гардидан ё нагардидани ин амалҳо ҳатмӣ мебошад.**

***Тафсир.*** *Моддаи мазкур ҳуқуқҳои истеъмолкунандагонро тавассути мақомоти давлатии ваколатдор муайян намуда ҳифз менамояд. Мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ мақомоти идоракунӣ буда, барои татбиқи сиёсати зиддиинҳисорӣ дар соҳаи инкишофи бозорҳо ва рақобати соҳибкорӣ масъул мебошад. Дар баробари ин қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозори мол"28.07.2006 муқаррар менамояд, ки Санадҳои (қарор, амрия, фармоиш, дастури хаттии) мақомоти ҳокимияти давлатӣ,*

*мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин мақомоти ваколатдоршуда, ки ба субъектҳои алоҳидаи хоҷагидор афзалият ва (ё) имтиёз фароҳам меоранд, бо тартиби судӣ аз рӯи даъвои мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ беэътибор дониста мешаванд. Аз ин рӯ, қайд кардан мумкин аст, ки мақомоти зиддиинҳисорӣ дар татбиқнамоии ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон нақши муайянро мебозад.*

*Қисми дуюми моддаи мазкур муайян менамояд, ки ҳангоми қонеъ гардонидани чунин даъво суд қонуншиканро вазифадор месозад, ки дар муҳлати муқаррарнамудаи суд аз тариқи воситаҳои ахбори умум ё бо тарзи дигар қарори судро ба маълумоти истеъмолкунанда расонад, яъне қонуншикан вазифадор аст, ки тавассути воситаҳои ахбори омма(газета, радио, телевезион) ё ин ки истеъмолкунандаро ёфта, дар бораи қарори суди ба ӯ маълумот диҳад.*

*Дар қисми сеюм сухан дар бораи иҷро намудани қарори эътибори қонунӣ пайдокардаи суд нисбати фурӯшанда ё истеъмолкунанда меравад. Яъне, аз лаҳзаи эътибори қонунӣ пайдо намудан фурӯшанда, ташкилот е истеъмолкунанда ӯҳдадоранд онро бевосита иҷро намоянд. Қарори қабулнамудаи судӣ нисбати ҳамаи иштирокчиён (фурӯшанда, истеъсолкунанда, истеъмолкунанда ё ташкилоти дар асоси шартнома бо истеҳсолкунанда фаъолияткунанда) ҳатмӣ мебошад.*

**Моддаи 44. Дар бораи беэътибор донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»**

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 майи соли 1997 «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1997, № 10, моддаи 135) беэътибор дониста шавад.**

***Тафсир.*** *Аз эътибор соқит донистани санади меъёрии ҳуқуқӣ (қисми таркибии он) ё боздошти амали санади меъёрии ҳуқуқӣ (қисми таркибии он) аз ҷониби мақомоте (шахсӣ мансабдоре), ки санади мазкурро қабул намудааст, ё дигар мақомоти (шахсӣ мансабдори) барои ин амал ваколатдор. Санади меъёрии ҳуқуқие, ки ба он тағйиру иловаҳои зиёд ворид карда шудаанд, бо қарори мақоми ҳуқуқэҷодкунандае, ки санади мазкурро қабул кардааст, метавонад дар нашрияи расмӣ бо на-*

*зардошти тағйиру иловаҳо дар таҳрири нав интишор шавад. Қонуне, ки аз эътибор соқит дониста мешавад, дар нашрияи расмии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр мешавад. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» нашрияи расмии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки ҳар моҳ як маротиба бо забони давлатӣ ва забони русӣ ҳамчун забони муошират байни миллатҳо чоп мешавад. Қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки дар «Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷой дода ва нашр шудаанд, чун асоси маҷмӯи хронологии қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф мешаванд. Аз ин рӯ, муайян мегардад, ки қонуне, ки 15 майи соли 1997 "Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон" қабул карда шуда буд, аз рӯзи амали қонуни мазкур (аз 9.12.2004) беэътибор дониста мешавад.*

**Моддаи 45. Мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

**Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.**

***Тафсир.*** *Моддаи 62 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 28.06.11с., №730 муқаррар менамояд, ки тартиби мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқиро Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни мазкур, худи санади меъёрии ҳуқуқӣ ё санади меъёрии ҳуқуқӣ оид ба тартиби мавриди амал қарор додани он муқаррар менамояд. Агар дар худи санади меъёрии ҳуқуқӣ муҳлати мавриди амал қарор додан муқаррар нашуда бошад, пас ин санад аз рӯзи имзо, қабул ё тасдиқ мавриди амал қарор дода мешавад. Санади меъёрии ҳуқуқие, ки муқаррар ё пурзӯр намудани ҷавобгарии ҳуқуқиро пешбинӣ менамояд, андози навро муқаррар мекунад ва ё шароити андозсупорандагонро вазнин менамояд, баъд аз як моҳи интишори расмӣ мавриди амал қарор мегирад, агар дар санади меъёрии ҳуқуқӣ ҳолати дигар муқаррар нашуда бошад. Аз ин рӯ, қонуни мазкур аз лаҳзаи интишори расмӣ қувваи ҳуқуқӣ пайдо менамояд. Қувваи ҳуқуқии санади меъёрии ҳуқуқӣ гуфта – хусусияти санади меъёрии ҳуқуқии мавриди амал қарордошта, ки ҳатмӣ будани татбиқи онро ба муносибатҳои ҳуқуқии ҷамъиятии дахлдор, инчунин тобеияти байниҳамдигарии онро бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян мекунад.*

# МУНДАРИҶА

Сарсухан ............................................................................ 3
БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ ............................. 5
Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ ....................................... 5
Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ............................ 11
Моддаи 3. Ҳуқуқи истеъмолкунанда ............................ 15
Моддаи 4. Таъмини ҳуқуқи истеъмолкунанда ба маърифатнокӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунанда 15
Моддаи 5. Ҳуқуқи истеъмолкунанда ба интихоби озоди мол (кор, хизматрасонӣ) .................................................... 17
Моддаи 6. Сифат ва микдори мол (кор, хизматрасонӣ) ...... 19
Моддаи 7. Ҳуқуқ ва ухдадориҳои истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) ҷиҳати муқаррар намудани мӯҳлатҳои хизмат, коршоямӣ ва кафолати мол (кор) ......... 24
Моддаи 8. Ҳуқуқи истеъмолкунанда ба бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) .......................................................... 30
Моддаи 9. Маълумот дар бораи мол (кор, хизматрасонӣ) ... 39
Моддаи 10. Маълумот дар бораи истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) ......................................... 44
Моддаи 11. Тартиби кори фурӯшанда (иҷрокунанда) ......... 45
Моддаи 12. Масъулияти истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) барои маълумоти нодуруст доир ба мол (кор, хизматрасонӣ) ва оид ба истеҳсолкунанда (иҷрокунанда, фурӯшанда) ........................................................ 47
Моддаи 13. Масъулияти фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷро-кунанда) барои вайрон кардани ҳуқуқи истеъмолку-нандагон ........................................................... 49
Моддаи 14. Ҷавобгарии амволӣ барои зараре, ки дар натиҷаи нуқсони мол (кор, хизматрасонӣ) расидааст ......... 52
Моддаи 15. Ҷуброни зарари маънавӣ ............................ 55
Моддаи 16. Беэътибор донистани шартҳои шартномае, ки ҳуқуқи истеъмолкунандагонро маҳдуд месозад .............. 56
Моддаи 17. Ҳимояи судии ҳуқуқи истеъмолкунандагон ...... 58
БОБИ 2. ҲИМОЯИ ҲУҚУҚИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДА-ГОН ҲАНГОМИ ФУРӮШИ МОЛ .................................. 60
Моддаи 18. Оқибати фурӯши моли дорои сифати номатлуб 60
Моддаи 19. Муҳлати пешниҳоди талаботи истеъмолкунан-дагон нисбати нуқсони мол........................................ 63

Моддаи 20. Аз ҷониби истеҳсолкунанда (фурӯшанда) бартараф намудани нуқсони мол........................................ 67
Моддаи 21. Иваз намудани моли дорои сифати номатлуб... 70
Моддаи 22. Муҳлати қонеъ гардонидани талаботи алоҳидаи истеъмолкунанда ................................................ 72
Моддаи 23. Масъулияти фурӯшанда (истеҳсолкунанда) барои таъхири иҷрои талаботи истеъмолкунанда............... 74
Моддаи 24. Ҳисоббаробаркунӣ бо истеъмолкунанда ҳангоми харидани моли дорои сифати номатлуб .............. 75
Моддаи 25. Ҳуқуқи истеъмолкунанда барои иваз намудани моли дорои сифати матлуб......................................... 78
БОБИ 3. ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОН ҲАНГОМИ ИҶРОИ КОР (ХИЗМАТРАСОНӢ) .............. 81
Моддаи 26. Муҳлати иҷрои кор (хизматрасонӣ) ............... 81
Моддаи 27. Оқибати аз ҷониби иҷрокунанда риоя нашудани муҳлати иҷрои кор (хизматрасонӣ) ......................... 82
Моддаи 28. Ҳуқуқи истеъмолкунанда ҳангоми ошкор гардидани камбудии иҷрои кор (хизматрасонӣ) .................... 85
Моддаи 29. Муҳлати бартараф намудани камбудии кор (хизматрасонӣ) ...................................................... 90
Моддаи 30. Муҳлати қонеъ гардонидани талаботи алоҳидаи истеъмолкунанда ................................................ 92
Моддаи 31. Сметаи иҷрои кор (хизматрасонӣ) ................. 93
Моддаи 32. Ичрои кор аз масолеҳи иҷрокунанда............... 96
Моддаи 33. Ичрои кор аз масолеҳи (ашёи) истеъмолкунанда 98
Моддаи 34. Уҳдадории иҷрокунандагон дар бобати огоҳонидани истеъмолкунанда аз ҳолатҳое, ки метавонанд ба сифати иҷрои кор (хизматрасонӣ) таъсир расонанд ё худ боиси сари вақт ичро нашудани он гарданд.................... 101
Моддаи 35. Тартиби пардохти музди кори иҷрогардида (хизмати расонида) ................................................ 103
Моддаи 36. Қоидаҳои савдо, хӯроки умумӣ, хизматрасонии маишӣ ва дигар намунаҳои хизматрасонии истеъмолкунандагон ............................................................................... 105
Моддаи 37. Танзими намудҳои алоҳидаи хизмат .............. 142
БОБИ 4. ҲИФЗИ ДАВЛАТӢ ВА ҶАМЪИЯТИИ ҲУҚУҚИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОН ........................ 143
Моддаи 38. Ваколатҳои мақоми давлатии зиддиинҳисорӣ ... 143
Моддаи 39. Ваколатҳои мақомоти давлатие, ки назорати сифат ва бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) – ро анҷом

медиҳанд ........................................................................ 163
Моддаи 40. Чораҳои ҷазои таъиннамудаи мақоми зиддиинҳисорӣ, мақоми давлатии оид ба стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти давлатӣ, ки назорати сифат ва бехатарии молро анҷом медиҳанд ............................ 183
Моддаи 41. Аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳимоя карда шудани ҳуқуқи истеъмолкунандагон ....................................................................... 187
Моддаи 42. Ҳуқуқи иттиҳодияҳои ҷамъиятии истеъмолкунандагон (ассотсиатсия, иттифоқҳои онҳо) ................... 188
Моддаи 43. Ҳифзи манфиати гурӯҳи номуайяни истеъмолкунандагон ....................................................................... 194
Моддаи 44. Дар бораи беэътибор донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ........................................................... 195
Моддаи 45. Мавриди амал карор додани Қонуни мазкур ... 196

# ТАФСИРИ
# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# «ДАР БОРАИ ҲИМОЯИ ҲУҚУҚИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОН»

Ба матбаа 11.04.2013 таҳвил гардид. Чопаш 19.04.2013
ба имзо расид. Коғази офсет. Андозаи 60х84 1/16.
Ҷузъи чопии шартӣ 12,5. Адади нашр 100 нусха.
Супориши № 71. Нархаш шартномавӣ.

Дар матбааи ҶДММ «Эр-граф» ба табъ расидааст.
734036, ш.Душанбе, кӯчаи Р.Набиев 218.